*Юнуси Имомназар*

# *Марзи умед*

***(қисса ва ҳикояҳо)***

Muharrir nashriyoti
MN
Тошканд – 2024

**УЎК**
**821.222.8-**
**32**
**КБК**
**84(5Тож)-**
**44**
**Юнуси Имомназар**
Марзи умед [Матн] / Юнуси Имомназар. – Т.: Muharrir nashriyoti, 2024. – 324 саҳ.

ISBN 978-9910-9437-1-3

Дар китоби мазкур намунаҳои тоза аз қиссаю ҳикояву лавҳаҳои адиби шинохта Юнуси Имомназар гирд омадааст. Сужаи ҳар як асари нависанда аз зиндагии мардум, аз ҳаёти иҷтимоӣ ва фарозу нишебҳои рӯзгори одамони мухталиф гирифта шудааст.

“Қиссаи ҳоҷӣ” дар пӯшиши бадеӣ офарида шуда, барои ҳар касе, ки майлу хоҳиши анҷом додани маносики ҳаҷ ва умраро дорад, метавонад ҳамчун роҳнамои хубе хидмат кунад.

Қиссаи тамсилии “Армон” падидаи тоза дар адабиёти навини кишвари мост. Рӯйдодҳои онро метавон дар ҳама ма- кону қишрҳои зиндагии одамон мушоҳида кард.

Нависанда бо ҳикоя ва лавҳаҳои худ саҳнаҳои гуногуни ҳаётиро ба тасвири бадеӣ мекашад ва ба ин васила инсонро бо вуҷуди ҳар гуна тазйиқу садҳои мавҷуд аз ноумедӣ ба ҷаҳони орзуҳо ва таваққуъ, аз бечорагӣ ба зинаҳои худкифоӣ, аз рукуду танбалӣ ба остонаи ғайрату ҳамийят, аз худбохтагӣ ба худшиносӣ раҳнамун месозад.

Ин китоб бо муҳтавои рангин, гирумони қолиби бадеӣ ва баёни хос ба дӯстдорони воқеии адабиёт, хонандагони синну соли мухталиф пешниҳод мегардад.

*Муҳаррири масъул:*
**Абдулло Субҳон,**
шоир, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон

*Муҳаррир:*
**Норхоҷа Чориев,**
шоир, файласуф

ISBN 978-9910-9437-1-3

© Юнуси Имомназар
© “Muharrir nashriyoti”,
Тошкент, 2024

# Қиссаи ҳоҷӣ



# ҚИССАҲО

## ҚИССАИ ҲОҶӢ

Ҳавопаймои мо озод бар фарози осмон баланд шуда, ба самти Мадина парвоз кард. Аҷаб, бовари кас намеояд, наход ки ман ба ҳаҷ меравам? Магар мешавад ба сафаре барои, ки на дар хоб дида бошиву на ба хаёлат омадааст?

«Шумо бояд Ҳоҷибобо шавед! – боре гуфта буд ҳамсарам. – Он гоҳ ман бо сари баланд мегардам, зани ҳоҷӣ шудан бароям шараф аст!» Ҳеч дар сарам намегунҷид, ки чӣ гуна обрӯю шараферо мехост ӯ. Суханашро шӯхӣ пиндошта беэътино гаштам.

Қазоро, аз он суҳбат моҳе гузашту раиси маҳалла маро садо зад ва хабар дод: «Арбобака, омодагиатонро бубинед, шумо низ ба рӯйхати ҳаҷкунандаҳо афтидед». Сари ҷо шах шудам. Шунидани ин пайғом бароям ғайримунтазира буд. Ҳарчанд сухани ҳамсарам перомуни зеҳнам давр мезад, ба ин зудӣ рӯйи об омадани ҳавасҳои ӯ маро гиҷ кард…

Акнун мани даҳрӣ бояд ба ҳаҷ равам! Ҳеч, дунёро воруна мебинам. Оё мане, ки як калима аз фармудаҳои Эзиду расули Вай намедонам, мане, ки либоси коммунистӣ ба бар мӯйи сарамро бо таъқиби диндору худоҷӯён ва кӯфтану озор додани намозгузорон сапед кардаам, ба чунин як сафари муқаддас лоиқам? Магар инсонеро мисли мани бадбин, ки ба сӯхтану аз байн бурдани китобу ҷонамозҳо иштиёқи бепоён доштам, ба хостгоҳи Каломуллоҳ роҳ медиҳанд? Фикр мекунаму ба поёни андешаҳоям намерасам. Дар рӯзи равшан мани олудаву ошиқ ба маю шароб дар роҳи тавофу зиёрати

хонаи Худо ҳастам… Ба худ наомада, аз хаёл мегузаронам: «Бешубҳа, ё ман инсони хуб ҳастаму худам намедонам, ё одамон кӯру гӯлу гаранг шудаанд. Наход ки дидаю дониста як нафар бенамозеро, ки ҳатто аз таҳорату таяммум хабар надорад, ба ҳаҷ мефиристанд?»

Нигаронихои маро дида, ба рӯйи ҳама нопокиҳо хок кашида, ҳамсарам ба ман дил медод. Ӯ то ҳадде бо итминон ҳарф мезад, ки ҳеч наметавонистам ба гуфтаҳояш бовар накунам. «Ҳар чӣ буд, ҳар кори нобобе кардаед, дар гузашта монд, – мегуфт вай бо руҳияи беғубор. – Кадом мусалмон иштибоҳ намекунад? Ҳама гуноҳкорем, ҳеч бандаеро намеёбед, ки кори хато накарда бошад. Инак, фурсати муносиб дар даст доред, замони тавбаву тазарруъ дар ихтиёри шумост. Мегӯянд, ки амалҳои ҳаҷ ҳазор-ҳазор ширку ҷурмро аз байн мебарад, Худо бо шунидани тавбаю истиғфор кӯҳ-кӯҳ гуноҳи бандаҳои хатокори худро мағфират мекунад!»

Ин гуна суханҳои ҳамсарам рӯз ба рӯз бештар маро аз шигифтзадагии ногаҳонӣ раҳо мекард. Гузашта аз ин, бо илтифоту ҷонибдории дӯстону наздиконам низ гӯё аз хоби ғафлат бедор мешудам: «Ту одами Худо ҳастӣ, Арбоб! – мегуфтанд онҳо бо ҳавас. – Фариштаҳо ба ту омин кардаанд, ки ба ҳаҷ биравӣ! Сиҳат раву саломат баргард, моро низ дуо кун!» Во-аҷаб, мани бедин бояд ба ҳаҷ равам ва дар ҳаққи дӯстонам дуо кунам…

Медидам, ки дар ҳақиқат ман хоб нестам ва ин ҳамаро дар бедорӣ, равшан бо чашми сар мебинам. Хуршед меояду аз соат намепурсад, ҳаш-паш нагуфта вақту замони азимат даррасид. Бо гузаштан аз муоинаи духтурон, ки ҳама рӯякиву хасакӣ буд, ва таҳияи ҳуҷҷатҳои лозим аспи сафарро қамчин задем. Панҷоҳ нафар марду зани ҳаҷкунанда дар гурӯҳи бисту сеюм ҷамъ омада, бо парвози навбатӣ ба ҷониби Мадина парвоз кардем.

Аз нахустин қадаме, ки ба хоки Арабистони Саудӣ ниҳодам, бар замми ҳайрату шигифти доимӣ ларзиши аҷибе тану ҷонамро фаро гирифт. Ҳамин ки дар

фурудгоҳ пиёда шудем, аз ҳамҳамаю ҳилҳила[1] ва бар замми ин, доду фарёди ҳамсафарон шах шудам. Ҳама хурсандӣ мекарданд, шодию шааф то ҳадде буд, ки гирякунон ашки шодӣ мерехтанд. Ба маҳзи фуромадан аз пиллакони ҳавопаймо, ҳамсафари бағалдасти ман Дарвеш низ дар канори дигарон зону ба замин зада, бо саҷда ба шаҳри Мадина бағал кушод. Фурӯ дар тааҷҷубу ҳайрат пурсидам:

– Бародар, ин ҳама таъзиму ниёиш барои чист?

Ӯ бо оҳанги сарзаниш гуфт:

– Эй бехабар, ҳанӯз хобӣ мегӯям?! Мо ба меодгоҳи расули акрам, ба шаҳри мунаввари Мадина расидем!

Ин ҷо ба ёдам омад, ки раҳорах домуллои гурӯҳамон қиссаҳое мегуфт. Ҳарчанд мағзи аз донистаниҳои динӣ палағдаи ман ёрои нигаҳ доштани ҳадису нақлҳоро надошт, ҷо-ҷо чизҳоеро мешунидам ва дарк мекардам. Ӯ мегуфт, исми пешинаи Мадина Ясриб аст ва маънии «мадина» – шаҳр. Биллоҳ, на шаҳри одӣ, балки Мадинатуннабӣ, яъне шаҳри паёмбар! Аз ҳиҷрати расули акрам ба ин шаҳр таърихи мусалмонон оғоз гаштааст. Маҳз дар ҳамин ҷо масҷид ва марқади Ҳазрати Муҳаммад, хокҷойи саҳобаҳояш – қабристони Бақеъ ва чандин макони муқаддас қарор доранд. Ин шаҳр дар ибтидо пойтахти ҳукумати исломӣ буд…

Моро бо як автобуси баланди хушнамо ба ҳутели «Замзам» бурданд. Медидам, ки ҳанӯз дар хонаҳои худ ҷойгир нашуда, ҳамсафарон бо бесабрӣ ба ҷое бедасту по ҳастанд. Ин бор ҳам Дарвеш мани ҳайратзадаро ҳушёр кард:

– Зуд бош, таҳорат гир, ба намози бомдод меравем!

«Сар шуд, – дар худ андешидам ман, – он чӣ, ки бароям ошно нест, як-як пеш меояд. Намоз… Шинухезҳое ҳаст, аммо ман аз куҷо донам?..»

– Чаро шах шудӣ, биҷунб, дер мешавад.

---

[1] **Ҳамҳамаю ҳилҳила** – сарусадо ва шавқуне, ки аз ниҳояти хурсандӣ ё расидан ба нияту ҳадаф ҳосил шавад

Хидматкорон ҳавои моро доштанд, борҳои калонамонро ба дохили ҳутел мекашонданд. Ду чашм ба онҳо дӯхта, ба Дарвеш базӯр ҷавоб додам:

– Ҳолам хуб нест, бародар, ман ҳамин ҷо мемонам.

– Худат медонӣ, – дар ҳоле, ки бо шитоб аз пайи ҳамраҳони дигар мерафт, гуфт Дарвеш. – Агар меомадӣ хуб мешуд, Масҷиди Набавӣ аз кӯча он тараф будааст, як қадам роҳ.

Ҳамин ҷо боз ҳиссае аз нақлҳои домуллоямон ба ёдам омад. Ӯ аз қавли пайғомбари Худо мегуфт, ки намози гузошта дар Масҷиди Набӣ баробар бо ҳазор намози масҷидҳои дигар аст, ба ҷуз Масҷид-ул-ҳаром, ки намоз дар он баробар бо сад ҳазор бошад. Ба ростӣ, аз ин гуфтаҳо чизеро дарк накардам.

Дар берун ҳавои гармсел мевазид. Домани сиёҳи шаб аз чароғҳои бешумори хиёбонӣ равшан мешуд. Барои ман ҳавои дохили ҳутел хуш омад, аз тариқи ҳавосозҳои сақфӣ сарду матбуъ буд. Каме дар роҳравҳои атрофи меҳмонхона қадам зада дубора ба дохил даромадам. Азбаски сарвари гурӯҳамон ҳанӯз калиди утоқҳоро надода буд, наметавонистам ба хона дароям. Танҳо коре, ки аз дастам омад, чамадонамро аз миёни борҳои дигар пайдо кардам ва рӯ ба рӯйи меҳмондори ҳутел дар курсии роҳатӣ мунтазири ҳамсафарон нишаста мондам.

Вақте ки рӯз даромаду Хуршеди оламтоб аз шишаҳои баланди ҳутел ба нурпошӣ сар кард, аъзои гурӯҳи мо бо пешгомии домулло сару дӯш нишон доданд. Зану мард шоду хурсанд буданд, табассуму лабхандҳои ҳар яке хеле муносиб бо либосҳои сапеди ҳоҷиёна ба дилҳо фараҳ мебахшид. Бо дидани онҳо сари по хестам, ёрои пинҳон кардани хиҷолати худро надоштам, гӯё то буногӯш баданам ҷиззас мезад. Аммо касе ба ман таваҷҷуҳ накард, ҳама гӯшу ҳуш ба суханҳои домулло буданд, ки ӯ бо хушҳолӣ мегуфт:

– Бубинед мо чӣ қадр одамҳои хушбахт ҳастем! Нахустин рӯзи сафарамон ба ҷумъаи бофазилат рост омад.

Бидонед, ки намози ҷумъа ҳамчун ибодати бузурги дастҷамъӣ боиси латиф кардани руҳу ҷон, шустани дил аз олудагиҳои гуноҳ ва зудудани маъсият аз қалб мегардад. Худованд ба касоне, ки намози ҷумъаро муҳим мешуморанд, савоби ҳақиқӣ ва доимиро иноят мекунад, – ӯ роҳравон ба сӯйи меҳмондор, илова кард: – Инак, василаҳои худро мегирем, дар хонаҳоямон ҷойгир мешавем, нағзакак ҳаммом карда, либосҳои тозаамонро мепӯшем ва вақти пешин ба масҷид мебароем. Намози ҷумъаамонро дар саҷдагоҳи паёмбар ҳамроҳ бо садҳо нафар муъмину мусалмоне, ки аз чор сӯйи ҷаҳон омадаанд, мегузорем.

Ҳамин ки домулло аз суханронӣ бозистод, Дарвеш гуфт:

– Дар ҳақиқат, Худованд намози ҷумъаро барои мусалмонон воҷиб кардааст, инро расули акрам дар яке аз хутбаҳояш ошкор намуда…

Домулло бо иштиёқи бештар ба сухани худ идома дод:

– Оре, ҳамин тавр. Паёмбари гиромӣ фармуда, ки ҳар кас ин намозро дар ҳаёти ман ё пас аз вафоти ман сабук шуморида ва рад намуда раҳо созад, Эзид ӯро парешон кунад ва ба кораш баракат надиҳад. Бидонед, намозаш пазируфта намешавад! Бидонед, закоту рӯзааш қабул намегардад! Бидонед, ҳаҷҷаш мабрур нест! Бидонед, корҳои неки ӯ писандидa ва пазируфта нахоҳад шуд!

Ин таъкидҳо гӯё чун хору тир бар қалбам мехалиданд. Ба гумонам, ҳама суханони домулло ба ҷониби ман равона аст. Сарам хам, тавонам кам, ба зиқиам тангии дам зам шуд. Ҷаҳолати бединӣ чун ҳалқаи таранг гулуямро мефишурд…

То вақти пешин мисли калобаи беҷон аз пайи Дарвеш гаштам. Бо ҳам дар як утоқ ҷойгир шудем. Ҳар коре мекард, ман низ онро анҷом медодам, дигар чорае корагар ба назар наменамуд. Дар майнаам фақат як андеша буд: аз чолаи таку танҳоӣ бояд роҳи наҷот ҷуст!

Ниҳоят, хабар доданд, ки ҳама дастҷамъ ба намози ҷумъа мебароем. Ба Дарвеш, ки комилан либоси поку тоза пӯшида, зери забон дуоҳое хонда, ба кашу гардани худ мушки анбар мезад, худро бемор вонамуд карда гуфтам:

– Ҳолам хуб нест, ман намеравам.

Дарвеш ногаҳон чашмонашро мисли пиёла кушода, бо ҳайрат ба ман рӯ овард.

– Рафиқ, ин чӣ мунофиқӣ аст?! – умедаш наомада бо зарда гуфт ӯ. – Маълум ки сари ҳолӣ, ин саркашиҳо барои чӣ?

Аз он, ки калимаи намозро шунида баданам ба ларза меомад ва худро ноҳинҷор ҳис мекардам, бо забони гирифта афзудам:

– Хоҳиш мекунам... маро танҳо гузор...

Дарвеши ҳайратзада лаҳзае гаранг монд. Аз хаёлаш чиҳо мегузашт – фақат ба худаш аён. Якравии маро дида, лоилоҷ даст афшонду рафт.

Ба ин минвол, гурӯҳи мо намозҳои асру шому хуфтани он рӯз ва субҳи дигар намози бомдодро низ ба иттифоқи ҳам дар Масҷиди Набӣ гузошта омаданд. Дар роҳравҳо, дар зинаҳо, дар ошхона – ҳар куҷо онҳоро медидам, бениҳоят шоду масрур буданд. Пайваста аз лутфу марҳамати Худованди бузургу меҳрабон ҳарф мезаданд, шукронаҳо мегуфтанд. Аз он меболиданд, ки бо инояти Ҳақ ба зиёрати Равзаи пок, ба тавофи марқади Ҳазрати Муҳаммад Мустафо салаллоҳу алайҳи вассалом расидаанд ва ниёишу саҷдаҳои худро дар намозгоҳи бузурги он ҳазрат мегузоранд.

Ман бошам, тайи ин муддат танҳо будам. На Худоро мешинохтам, на ёрони ҳамсафарро. Бароям на Равзаи мутаҳҳара маънӣ дошт, на марқади Расулуллоҳ. Дар хона намонда, дӯконҳои атрофи ҳутелро давр зада баромадам, ба як дӯкон чандин бор сар задам. Бо ин ҳол, сари зиққиам намешикаст, аҳёнан дилам ҳавл меовард, буғзе гулуямро мегирифт. Ҳавои дамгири Мадина беш-

тар маро пакар мекард, худ аз худ асабонӣ мешудам. Панҷаҳоямро мушт карда ба зонуҳоям, ба шақоиқам мезадам. Бехаёл, занамро нафрин мекардам: «Мӯйдарози аҷлкӯтоҳ, маро ба чӣ ҳол афкандӣ?! Маро ба чӣ дунёе фиристодӣ?!..»

Бо ин ҳол, ба гурӯҳамон пайвастам. Рӯзи дигар, пас аз чойи субҳ ҳама дар назди ҳутел савори автобус шудем. Домулло эълон кард:

– Мо ба зиёрати қабристони Уҳуд меравем!

Автобуси қоматбаланд, ки бар хилофи гармию гирифтагии фазои берун ҳавои сарди дилосое дошт, бе сарусадои гӯшгир ором ба роҳ баромад. Аз пушти шишаи он манзараҳои монанд ба ҳамдигар – иморoти чорпанҷошёна, ки аксаран бо рангҳои хокиву хокистарӣ рӯнамой мекарданд, дарахтони нахл, аҳёнан кӯҳу теппагиҳои начандон баланд бо пӯшиши сангу шахҳои сиёҳ, ки бо нури Офтоб ҷило медоданд, ба дид мерасид. Ҳамхонаам Дарвеш дар паҳлуи ман менишаст, пайваста ҳавои маро дошт, аз муомилаю ҳаракатҳояш пайдо буд, ки хеле мехоҳад мани «кавдану танбал» низ ҳамеша дар гурӯҳ бошам. Ба хотири дилгармӣ доштанам ба ин зиёрат, мегуфт:

– Уҳуд номи риштакӯҳест, ки дар шимолу шарқии Мадина, дар минтақаи Ҳиҷоз қарор дорад. Мегӯянд, аз Масҷиди Набавӣ то он ҷо панҷу ним километр фосила аст. Чун Мадина бо мурури замон васеъ мегардад, ин баландиҳо дар дохили шаҳр мемонад. Кӯҳҳои Уҳуд дар асл аз сангҳои азим ва қуллаҳои гуногуни хурду калони аз ҳам ҷудо шакл гирифтаанд, ки ба назари бинанда ҳамчун хӯшаи ангур ва бештар бо ранги сурх ҷилва мекунанд. То баландтарин қуллааш аз сатҳи дарё ҳазор метр аст...

Ба доманаи Уҳуд хеле зуд расидем. Дар ҳоле, ки шикамий калони тӯрбамонанди худро ба дарун кашида, бо поҳои кӯтоҳ базӯр мефуромадам, «хӯшаи ангур»-ро дар зеҳнам тасаввур карда, аз Дарвеш пурсидам:

– Мо дар ин кӯҳ чиро гум кардаем?

Дарвеш ин лоқайдии маро дар дарун хӯрда, оромона гуфт:

– Рафиқ, ғазваи[2] Уҳуд миёни мусалмонон ва мушрикони Макка дар ҳамин ҷо рух додааст. Дар он ҷанг бисёре аз ёрони паёмбарамон ба шаҳодат расидаанд, аз ҷумла, амакашон Ҳамзаи диловар. Бо амри расули Худо ҳамаи онҳо дар пояи кӯҳи Уҳуд дафн шудаанд. Мусалмонон ба ин кӯҳу гӯристони он алоқаи бемисл доранд ва паёмбар фармудааст: «Уҳуд кӯҳест, ки моро дӯст дорад ва мо низ онро дӯст медорем... Дар рӯзи қиёмат солори шаҳидон дар назди Худо Ҳамза аст».

Медидам, ки сари гурӯҳи мо дар роҳи васеи дастрасӣ ба доманаи кӯҳ хеле пеш рафтааст. Бо ишораи Дарвеш ман ҳам маҷбур шудам тезтар по ёзонам. Сесад ё бештар қадам ниҳода, аз паҳлуи теппаи на он қадар баланде, ки пур аз одам буд, ба назди як қабристон расидем. Он гирдогирд панҷараи баланди оҳанӣ дошт. Домуллои мо аллакай ваъз мегуфт. Ҳама малулу сархам, бо руҳияи гирифта дар канори ӯ ҷамъ шуда, бо диққат ба суханҳояш гӯш медоданд.

– Хоҳишан, ба ин навиштаҷот бингаред, – ба сӯйи овезаи калоне, ки бар сари панҷара насб шуда буд, ангушти ишора нишон дода гуфт ӯ. – Ин катиба роҳнамоии зарурӣ барои боздидкунандагон аст, ки ба забонҳои арабӣ ва форсӣ китобат шудааст. Хеле мехостам Мулло Дарвеш онро бихонад ва мазмунашро баён кунад.

Аз ин муроҷиати домулло ман шод шудам. То ин ҷо намедонистам, ки ҳамроҳу ҳамхонаи ман мулло асту аз хеле чиз огоҳ. Ҳама гӯшу ҳуш ба ӯ шудем. Дарвеш аз овезаи форсӣ ба хондану маънидод кардани навиштаҳои рӯйи он пардохт:

– Ин ҷо омада, ки зиёрати қабристонҳо дар пайравӣ аз паёмбар суннат аст. Расули акрам ҳангоми расидан ба

[2] **Ғазва** – ин истилоҳ ба ҷангҳое гуфта мешавад, ки дар онҳо паёмбар фармондеҳӣ кардааст

гӯристонҳо гуфтаанд: «Салом бар шумо, эй муъминину муслимин – сокинони ин диёр! Иншоаллоҳ, мо ҳам ба шумо мепайвандем. Аз Аллоҳи таоло барои шумо ва барои худамон офият хоҳонем». Боз ҳам омада, ки чизеро талаб кардан аз мурдаҳо, ёрӣ хостан, талаби шафоат ва талаби ҳоҷот аз онон ширки акбар аст ва сабаби хориҷ шудан аз доираи ислом мегардад. Пас, барои раҳоӣ аз душвориҳо ва бароварда шудани ниёзмандиҳои худ ба сӯйи Аллоҳи бениёз руҷуъ кунед. Паёмбар фармудаанд: «Ҳар гоҳ талабе кардӣ, аз Аллоҳи таоло биталаб ва ҳар гоҳ кумаке хостӣ, аз Аллоҳи таоло бихоҳ!»

Дарвеш як дам хомӯш шуд. Домулло сар боло карда гуфт:

– Хоҳишан, он ду ҷумлаи поёниро ҳам бихонед, мулло, донистани онҳо низ хеле зарур аст.

Дарвеш идома дод:

– Даст бурдану молидани рӯйи қабрҳо ҷоиз нест. Чаро ки ин амал бидъат аст, боиси ширк мегардад. Боло рафтан ба кӯҳи Уҳуд ва кӯҳи Румот[3] кори ҷоиз нест, барои табаррук ҷустан ва бардоштани хоку санг ба он ҷо нашитобед...

Пуштамро ба рӯйи таҳкурсии мармарӣ гузошта менишастам. Домулло низ ба ман пайравӣ карда дар паҳлуям ҷо хуш кард ва ҳамаро наздиктар ба гирдамон фаро хонда гуфт:

– Мебинам, ки ҳар яки шумо майл доред ба ин гӯристон даромада сари қабри шуҳадоро бо даст бимолед, ё ба мисли он ҷамъи одамон ба теппаи Айнайну кӯҳи Уҳуд бароеду хокашро бибӯсед, сангреза бичинед ва ташнагии дидору ёдкарди шаҳидонро бишканед. Бо ин кор, азизонам, ҳеч мақсуде ба каф наояд, беҳтар аст аз он амалҳои ноҷоиз парҳез кунед.

Ман бори аввал дар канори домулло нишаста суханҳояшро равшан мешунидам. Беихтиёр кунҷковиам рӯ гирифту аз ӯ пурсидам:

---

[3] **Румот** – кӯҳи Айнайн низ хонда шавад

– То ин ҷо, ки фаҳмидем, ин гӯристони шаҳидон будааст. Магар ҷанге буда, ки онҳо дар роҳи Худо кушта шудаанд?

Дарвеш нигоҳе барқосо ба сӯйи ман афканд, зоҳиран ҳеч дар пиндораш набуд, ки ман чунин суоле медиҳам. Аз чеҳрааш ҷилои мамнуниятро ҳис кардам. Домулло бошад, чун одати ҳамешагӣ, риши мишкии гирдашро бо ду ангушт хилолкунон ба қиссагӯйӣ пардохт:

– Бояд донед, ки дини мусалмонон ҳам бар ивази саъю талошҳои фаровон ва набардҳо ба даст омадааст. Дар ин роҳ паёмбари мо ва ҳаммаслаку ёваронаш бисёр ҷонбозиҳо кардаанд, ки ҷанги Уҳуд аз он ҷумла аст. Вақте ки мушрикони Макка дар ҷанги Бадр шикасти дандоншикан мехӯранд, барои интиқом гирифтан ба сӯйи Мадина сипоҳ мекашанд. Ба муқобили онҳо паёмбар бо ёрони ҳамнабарди худ дар канори кӯҳи Уҳуд мавзеъ мегирад. Чанд нафар тирандози худро бар сари теппае мегузорад, то ки мушрикон натавонанд аз пушт ба неруҳояш ҳамла кунанд. Ҷанг оғоз мешавад, пас аз муддати кӯтоҳе мусалмонон пирӯз меоянд…

Овози домулло каме гирифт. Ду-се бор сурфа кард ва бо докаи гарданаш аз сурату чашмони сурхшудааш кашид. Дарвеш ба хомӯшии ӯ тоқат наоварда гуфт:

– Аммо дар ин ҷанг Расулуллоҳ ва аскаронаш шикаст мехӯранд…

Ҳама бо тааҷҷуб ба домулло рӯ овардем. Ӯ орому ботамкин изҳор кард:

– Оре, қариб ки ҳамин тавр. Нафси бад – балои ҷон, ҳирси соҳиб шудан ба ғаниматҳои майдони ҷанг сарбозонашро ба бероҳа бурд. Вақте ки аскарони ӯ пас аз пирӯзии худ ба молу василаҳои душмани замингазида дармеуфтанд, як идда тирандозаш низ сангарҳои худро тарк карда, аз сари теппа ба поён мефуроянд. Ана ҳамон дам сипоҳиёни Макка майдонро холӣ мебинанд! Онҳо бо даст додани ин фурсати муносиб, теппаро давр зада, аз ду ҷониб ба муҳосираи мусалмонон менишинанд.

Дар ниҳоят, беитоатии ёварони Расулуллоҳ барояшон гарон тамом мешавад, онҳо аз сӯйи мушрикон зарбаҳои ҳалокатбор мебинанд. Ба бахти бад, он дам аз даҳон ба даҳон паҳн мешавад, ки паёмбар ба шаҳодат расидааст. Бо шунидани ин хабари наҳс сарбозони мусалмон пароканда шуда, бисёре аз онҳо саҳнаи корзорро тарк мекунанд ва ба самти қуллаи кӯҳ даргурез мешаванд.

«Э вой!», «Дардо!», «Чӣ бадбахтие!», аз ҳар сӯ баланд шуд садоҳои таассуфомези ҳамсафарон. Домулло иродаашро муҳкам гирифта, ба нақлаш идома дод:

– Аммо... он дам паёмбар зинда буд! Ӯ бо сарбозони ангуштшумораш муқовиматро давом медиҳад. Дар ин набарди хунин Ҳазрати Алӣ аз расули акрам муҳофизат мекард. Ҳар ду сахт захмӣ мешаванд, аз чандин ҷойи бадан. Вақте ки шоеъ шуд паёмбар зинда аст ва бо сипоҳиёни боқимондааш ба бехи теппа ақаб нишастааст, мушрикони Макка аз ҷанг даст мебардоранд. Мусалмонон шикаст мехӯранд, вале мушрикон низ пирӯз намеоянд. Ин разм ба андозае душвор буд, ки он рӯз мусалмонон намози худро нишаста хондаанд. Пас аз хилват шудан, ба хотири хастагии шадид ва зиёд будани майитҳо, паёмбар дастур медиҳад, ки дар як қабр ду ё се шаҳидро дафн кунанд. Дар канори ҳафтод нафар мусалмони кушташуда амаки паёмбар Ҳамза низ буд. Агар қиссаи қатли он ҳазратро гӯям хеле асафнок аст...

Домулло дар ин ҷойи сухан ҳиқ-ҳиқ гиря кард. Ҳамсафарон ғарқи шунидани қисса хомӯш менишастанд, нолаю шевани ӯро дида ҳама андӯҳгин шуданд. Домулло худро ба даст гирифт, суханашро давом дод:

– Дар он ҷанг ҷавони сиёҳпӯсте ба исми Ваҳшӣ[4] дар камин менишаст. Қарор ба ин буд, ки агар ӯ сипаҳсолореро аз неруҳои Муҳаммад-паёмбар бикушад, аз бандагӣ наҷот хоҳад ёфт. Бо ин ният Ваҳшӣ дар гармогармии набардҳо тавонист фурсати муносибро дарёфта, бо найза Ҳамза алайҳиссаломро ба шаҳодат расонад. Аз-

[4] Ғуломи Ҷубайир бин Мутъим

баски ҳамсари Абӯсуфиён бонуи ниқоргир Ҳинд барои ситондани хунбаҳои падару бародари худ ба шиддат аз пайи қасд мегашт, ба ғуломи худ амр дод, ки синаи Ҳамзаро шикофта ҷигарашро берун кашад. Ваҳшӣ ҳамоно аз пайи иҷрои дастур шуда, ҷигари паҳлавонро канда ба ӯ медиҳад. Нақл мекунанд, ки он зани малъуну хабис, ки дар оташи қасос месӯхт, тиккае аз ҷигари ҳанӯз гарми муслими шуҷоъро ба даҳон мебарад. Саъй мекунад онро бихояд, вале, қудрати Худоро гардам, ҷигар мисли устухон сахт мешавад! Зан онро бо хашм аз даҳон берун меандозад. Бо ин ҳол, бешармона аз кори зишти худ ситоиш карда, дар миёни мардум месарояд: «Доди худро дар Уҳуд аз Ҳамза гирифтам, чандон ки ҷигарашро аз ҷигаргоҳ шикофтам!»... Аз он пас паёмбар ӯро «ҷигархор» меномад, ки баъдан дар таърих он зани малъун бо номи «Ҳинди ҷигархор» шинохта мешавад. Ҳатто фарзандони ӯро бачаҳои ҷигархор меномидаанд. Таассуфовар он буд, ки мушрикон қатли Ҳамзаро кам дида, ҳамчунин бадани ӯро мусла[5] мекунанд...

Дубора ҷамъи мо даст ба хомӯшӣ дод. Маълум буд, ки ҳар кас аз қиссаҳои ғамангези домулло ба риққат омадааст. Ҳатто мани беларво сахт дар ҳошияи ғаму ғусса фурӯ рафтам, хаёлан ба ҳоли мазлумонаи паёмбару шариконаш дар он замон, дилам сӯхт. Каме баъд, лаҳзаи ҳасрату сарафкандагиро домулло шикаст, ӯ бо овози маҳину ширадори худ ба хондани фотиҳа пардохт. Зану мард гӯшу ҳуш ба ӯ шудем.

Ғусса кӯҳро об мекунад, пас аз дуою ниёишҳо ҳама сархаму малул доманаи кӯҳи Уҳудро тарк кардем. Савори автобус шуда, то хеле ҷо хомӯшу дар худ гирифта рафтем, ман саргарми тамошои манзараҳои ду ҷониби роҳ будам. Ниҳоят, домулло дар паҳлуи ронанда рӯ ба мо нишаста, ба сухан пардохт:

– Аз ин пас бештар аз як моҳ дар шаҳрҳои муқаддаси Мадинаю Макка хоҳем монд ва дар ин муддат,

[5] **Мусла** – буридани гӯшу бинӣ *(ҳамчун ҷазо барои ибрати дигарон)*

иншоаллоҳ, ҳаҷҷи таматтуъро анҷом медиҳем. Аввал амалҳои умра ва бо гузарондани чанд рӯзи зиёрату тавофҳо маносики ҳаҷро адо хоҳем кард. Ин даму рӯзҳое, ки дар ихтиёр дорем, бароямон ғанимат аст, саъй кунед аз ҳар лаҳзаи ба сар бурдан дар ин диёри биҳиштӣ босамар баҳра баред. Дар ин ҷо буда аз тоату ибодат дурӣ ҷустан, намозро қазо кардан, дар зиёрату тавоф кӯтоҳдастӣ намудан ба шаъни ҳоҷӣ намезебад. Аз ҳамин рӯзҳои нахуст то поёни сафар амалҳои худро чунон бо дили пур анҷом диҳем, ки дар поён иҷобат шудани дуои «ҳаҷҷи мабрур, саъйи машкур ва зунби мағфур» ба мо муяссар гардад.

Дар миёни суханҳои домулло Дарвеш нигоҳе ба сӯйи ман афканд. Оҳиста-оҳиста ба ин гуна чашмандозиҳо одат мекардам. Дар ин дам низ аз нигоҳҳояш хондан мушкил набуд, ки мехост бигӯяд, «бубин, танбалию канорачӯйӣ хоси мо нест!» Ман бошам, ҳанӯз наметавонистам асли ҳақиқатро бипазирам. Ҳар гуна тоату саҷдаю намоз дар зеҳнам ҳамчун афсона метофт, ба одами дигар шуданам шак мебурдам. Ин дам равшан ҳис кардам, ки дар дарунам гӯё ду аждаҳо ба ман амр медиҳанд – яке мегуфт: «бо худ бимон», дигаре талаб мекард: «бо ҷамоа бирав». Дар миёни гурроси мошин садои домулло риштаи хаёлангезиҳои маро гусаст, ӯ мегуфт:

– Минтақаи Қубо аз ҷумлаи маҳалҳои хушбоду ҳавои атрофи Мадина аст. Қубо нахустин масҷидест, ки онро бо амри расули Худо бино кардаанд. Дар ҳадис аз қавли паёмбар омада: «Касе, ки дар хонааш вузӯ гираду аз он пас ба масҷиди Қубо дарояд ва ду ракъат намоз хонад, савоби як умраро мебарад». Инак, мо ин саҷдагоҳи табаррукиро, ки «Масҷиди тақво» низ меноманд, зиёрат карда, ду ракъат намози таҳияи масҷидро мегузорем!

Азбаски роҳбаладамон бисёр дилпазир сухан мегуфт, ман ҳар гоҳ саропо мафтуни қиссаҳои ӯ мешудам. Беш аз пеш ҳиссиёти аҷибе вуҷудамро фаро мегирифт, саъй

мекардам ҳеч чиз аз нақлҳояш ношунида намонад. Бо ин ангеза пурсидам:

– Барои чӣ аввалин масҷидро маҳз дар Қубо сохтаанд? Оё сабаби ҷиддие будааст?

Домулло ба дурустии пурсиши ман бо ангушт ишора карда, бо иштиёқ суханашро пай гирифт:

– Аз ҳиҷрати паёмбар ба Ясриб, ки ҳамин Мадина аст, мардуми шаҳр огоҳ буданд. Аз ин рӯ, бисёре аз бузургони маҳаллӣ ба ҷануби Ясриб меоянд ва дар рустои Қубо интизори омадани он ҳазрат мемонанд. Хеле мехостанд расули акрамро то шаҳр ҳамроҳӣ кунанд. Ниҳоят, он лаҳзаи деринтизор фаро мерасад, паёмбар дар Қубо пиёда мешавад, вале аз рафтан ба шаҳр худдорӣ мекунад. Ӯ изҳор медорад: «То Алӣ наояд, ман ба Мадина нахоҳам рафт!» Он дам Ҳазрати Абубакр мегӯяд: «Шояд Алиро кушта бошанд, шояд ба ин зудиҳо нарасад? Бузургони Мадина дар интизори шумо ҳастанд». Аммо паёмбар бо таъкид гуфтааст: «Худо ба ман хабар дода, ки Алӣ сари ҳол аст ва ба зудӣ ба ман ҳамроҳ мешавад».

– Пас, ҳамаро маътали як Алӣ мекунад? – ҳисси донотарошӣ маро ба ин пурсиш водор кард.

– Эҳ бародар, агар медонистӣ Ҳазрати Алӣ дар назди расули Худо то чӣ ҳад қадр дошт! Оре, паёмбар он замон дар Қубо мунтазири расидани амирулмуъминин мемонад. Вале ҷолиб ин аст, ки ӯ ба хотири бардоштани дилтангии мардум он дам ба сохтани масҷид камар мебандад ва онҳо ҳамон вақт то омадани Алӣ алайҳиссалом масҷиди поки Қуборо месозанд.

Дарвеш ба сухан ҳамроҳ шуд:

– Аз ин ҷо маълум мешавад, ки сабаби мондани паёмбари Худо сохтани масҷид набуд, балки намехостанд бе амирулмуъминин Алӣ вориди Мадина шаванд. Чун пай бурданд, интизориашон то чанд рӯз тӯл хоҳад кашид, аз фурсат истифода бурда, ба кори арзишманде ҳиммат гузоштанд ва аввалин масҷидро дар дунёи ислом бино намуданд.

– Оре, ҳамин тавр, – афзуд домулло, – ногуфта намонад, ки Ҳазрати Алӣ дар роҳ танҳо набуд. Ӯ бо худ Фотимаҳоро[6] ба Мадина меовард. Ҳамчунин бо амри паёмбар мебоист то се рӯз дар Макка бимонад ва амонатҳои мардумро баргардонад. Ҳазрати Алӣ ҳар амонатеро, ки мардум дар назди паёмбар доштанд, бозгардонда, бонувонро савори маркаб мекунад ва ба сӯйи Ясриб ба роҳ мебарояд. Роҳашон осон набуд, ба хотири раҳоӣ аз таъқиби душман рӯзҳо пинҳон мешуданду шабҳо ҳаракат мекарданд. Бонувон савора, вале он ҳазрат пиёда, бо шитоб меомад. Ҳамин ки ба наздики Қубо расид ва донист, ки Расулуллоҳ дар инҷост, дигар аз по уфтод. Дар ҳақиқат, дигар қодир набуд роҳ гардад!

Яке аз ҳамсафарони мо бетоқатона суол кард:

– Яъне, то расиданашон сохтусози масҷидро ҳам ба анҷом мерасонанд?

Домулло як истакон об хӯрд, нафас рост карда ба нақли худ идома дод:

– Бале! Пас аз сохта шудани масҷид ба паёмбар хабар доданд, ки Алӣ алайҳиссалом омадааст. Он ҳазрат бисёр хушнуд шуда, бо шодмонӣ мегӯяд: «Пас, куҷо аст? Чаро ӯро намебинам?» Мегӯянд: «Ҳазрати Алӣ тавони ҳаракат надорад». Бубинед, ки паёмбар он замон худаш ба истиқбол мебарояд. Дар он ҷо поҳои амирулмуъмининро маҷруҳ мебинад ва бениҳоят андуҳгин мешавад, гиря мекунад. Он лаҳза бо ихлосу ҳамдардӣ даст аз рӯйи поҳои хасташудаи ҷавон мекашад... Баъдан худи Алӣ алайҳиссалом ёдовар шудааст: «Пас аз он, ки пайғомбар поҳоямро молид, дар баданам дигар дардеро ҳис накардам».

Ҳамсафарон беихтиёр даст ба гиребон бурданд. Аз ҳар сӯ садоҳои «эй аҷаб», «шигифто»... шунида шуд. Дар ин лаҳза садои гур-гури автобус коҳиш ёфт, давр

---

[6] **Фотимаҳо**: ин ҷо манзур Фотима бинти Асад (модари Алӣ), Фотима духтари Зубайр бин Абдулмуталиб ва Фотимаи Заҳро духтари Ҳазрати Муҳаммад аст

зада дар мошинпойгоҳе канори чанд автобуси дигар таваққуф намуд. Домулло бо ишора ба чор манори баланди сапедранг, ки дар қисмати болоии худ дутоӣ маъзана[7] доштанд ва аз чор гӯшаи бинои бузурге қад алам мекарданд, суханашро хотима бахшид:

– Вақте ки Ҳазрати Алӣ ба паёмбар пайваст, онҳо ҳамроҳ бо одамони интизорбуда ба сӯйи Мадина раҳсипор шуданд. Акнун бошад, мо ба ҳамон масҷиди машҳури Қубо, ба масҷиде, ки дар он ҳазрати Расулуллоҳ ҳафтае як бор намоз мехонд ва ду ракъат намози худро аз ду маротиба сафар ба Байтулмуқаддас бартар медонист, расидем. Бифармоед!

Маро дубора ғам зер кард. Худро ба гӯлию гарангӣ зада, шитобу саросемагии ҳамсафаронро нодида гирифта, аз ҳама дар қафо мондам. Намехостам ба масҷид дароям, хондани намоз бароям чун кӯҳи мир менамуд, ки бар дӯшам менишаст. Бонувон аз зинапояҳои назди масҷид ба самти поин рафта ба тарафи чап печиданд, барои онҳо масҷиди занона дар он ҷониб буд. Саҳни биноро чандин гурӯҳи зиёраткунанда ва даста-даста кабӯтарон дар ҳоли парвозу донхӯрӣ пур мекарданд. Ҳамраҳони ман аз дари дулингаи асосӣ ба дохил даромада рафтанд. Гӯё ки ба поҳоям вазнаҳоеро баста бошанд, барои дохил шудан ба масҷид иродаам сустӣ кард, по чида-по чида дар саҳни мармарии масҷид ба қадамзанӣ даромадам. Ду-се нафар ходими интизомӣ барои зиёраткунандагон роҳ нишон медоданд, ба ҳар чизу одамони машкук синчакорона назар меафканданд. Аз ҷумла, паскашии маро ҳам аз нӯфи нигоҳ гузаронда, бо шубҳа ба ҳаракатҳои номутаносибам диққат медоданд. «Хӯрад гови нодон зи паҳлуи хеш» – ман дар худ набудам, торафт таҳлукае вуҷудамро фаро мегирифт. Дарунам гӯё месӯхт, аз шарикон ҷудо истодан ва нотавониам дар роҳи зиёрат ба тану ҷонам фишор

[7] **Маъзана** – ҷойи азон; айвонаки гирде, ки маъмулан дар қисми болоии манораҳо барои дидбонӣ ва гуфтани азон дуруст мешавад

меовард. Гиреҳи руҳияи сарбасти маро на парвози кабӯтарони озоду фориғбол мекушод, на бурҷҳои баланди нақшинкору намои хуштарҳи чаҳоргӯшаи масҷид ва на тараддуди бемайлони одамони саҷдагузор. Ба сахтӣ ҷуссаи фарбеҳ ва вазнини худро бар поҳои кӯтоҳам нигаҳ дошта, бо рӯмолаки аллакай таршуда дубора обу араќи сарди дар пешонию чаккаҳоям ҷамъшударо пок карда, ба як гӯшаи хилваттари самти рости масҷид гузаштам ва курсии чӯбинеро дида беихтиёр бар рӯйи он нишастам. То берун омадани ҳамсафарон ҷуз интизорӣ чораи дигар надоштам...

Рӯям сиёҳ. Шодмонии ҳамсафарон маро бештар ба риққат овард. Ҳеч намефаҳмидам, ки чаро онҳо ҳар бори баромадан аз масҷид бениҳоят шоду масрур ҳастанд, гӯё ки неруи тоза мегиранд, чун кабӯтарҳои озод дар фазои руҳӣ болу пар мезананд. Дар ҳоле, ки ҳама аз шукуҳу ҳишмати масҷиди Қубо, ба вижа, аз таҳоратхонаю вузухонаҳои покиза, ҷонамозҳои густурдаи пок ва тиловати дилнишини имоми масҷид ба якдигар таъриф мекарданд, зану мард савори автобус шудем ва бо эълони раҳбари гурӯҳамон ба самти масҷиди маъруфи Зуқиблатайн роҳ пеш гирифтем.

Аз пайи одати якравиам чандин бор ба ҳолати ногувор уфтодаам. Чун ғазабу хашми худро нигаҳ дошта наметавонистам, бо тақозои пешаи худ борҳо ба сари одамҳои дастгиршуда доду фарёд задаам, онҳоро лату кӯб кардаам. Ҳампешаҳоям мегуфтанд, «асабонӣ нашав, худатро ба даст гир», ман гӯш намедодам. Ба назарам ҳар як хатокори ба шаҳрбонӣ[8] расида гуноҳкор буд, мебоист ҷазо бигирад. Фикр мекардам, барои ман, ки посдори қонун ҳастам, ҳама кор равост. Боре намозхонеро аз хонааш берун кашида, пас аз задану латукӯби фаровон ба кунҷи зиндон равона кардам. Он замон ҳеч ба хаёлам наомада буд, ки ин бадрафториам бароям гарон тамом мешавад. Шаби ҳамон рӯзе, ки намозхонро ба ҳафт сол

[8] **Шаҳрбонӣ** – идораи пулиси шаҳр

бурианд, маро ду бародараш аз дари хонаам дуздида бурданд. Дар канори шаҳр ба оғилхонае дароварда, даст ба даст то замоне, ки аз ҳуш нарафтам, мушту лагадкорӣ карданд. Дар поёни ин зӯригарӣ зарбаи яке аз онҳо ба коси поям чунон сахт расида буд, ки садои шақарросие гӯшҳоямро кар кард, аз чашмонам оташак парид ва бо як оҳи дардолуди баланд худро гум кардам. Рӯзи дигар соҳиби оғилхона мани беҳушу абгорро дида ба бемористон мебарад... То имрӯз осори он қасос бо ман аст, пойи печу мухрашудаам[9] мудом дард дораду ранҷ медиҳад. Дар айни ҳол банда дар роҳи ҳаҷ қарор дорам, мебояд тавба кунам, аз Худо омурзиши гуноҳҳоямро бихоҳам... Ба ин маънӣ занак ҳам ёдрас карда буд: «Инак, фурсати муносиб дар даст доред, замони тавбаву тазарруъ дар ихтиёри шумост. Мегӯянд, ки амалҳои ҳаҷ ҳазор-ҳазор ширку ҷурмро аз байн мебарад...»

– Рафиқ! – садои нобаҳангоми ҳамхонаам Дарвеш маро ба по хезонд, ки бо либосҳоям ба рӯйи тахтхоб пинак рафта будаам. – Ту аз хоб сер мешавӣ ё не? Бубин, мо шомро хондем, дар айни ҳол хуфтанро ҳам гузошта омадем, ту бошӣ саратро аз болин намебардорӣ, ҳазён мегӯйӣ!

Аз доду фарёди ӯ ногаҳон асабонӣ шудам, каме монд, ки аз хӯйи бад ҳарфи беҷо занам, вале ба худ омадам ва мулзамона гуфтам:

– Чӣ кор кунам, иродаам дасти худам нест, бародар.

– Он чӣ иродаест? Бо мой, аммо бо мо нестӣ! Имрӯз масҷиди Зуқиблатайнро зиёрат кардем, намози асрамонро дар он ҷо хондем. Ту бошӣ, наомадӣ ба дохил!

Дарвеш асабонӣ менамуд. Ба ҷойи хоби худ рафту дубора ба пас гашт. Дар ҳоле, ки ба чеҳрааш ҷойи ғазаб изҳои ноумедӣ менишаст, дуруст ба чашмонам нигоҳ карда афзуд:

– Ту намедонӣ, Зуқиблатайн ҳамон масҷиди табар-

---

[9] **Печ ва мухра** – ба ҷойи ин вожаҳо «болт» ва «гайка» низ гуфта мешавад

рукиест, ки Ҳазрати Муҳаммад бо нозил шудани ояи «Қибла» дар он ҷиҳати қиблаи мусалмонҳоро тағйир додааст. Бале, аз он дам инҷониб, мо на ба Байтулмуқаддас, балки ба Каъбатуллоҳ саҷда мекунем!

– Ман... – мехостам шарҳи ҳол кунам, вале ҳамхонаам дигар ба ман гӯш намедод.

– Ту аз ҳама ҷо саркашӣ мекунӣ! Ҳатто аз зиёрати гӯристони Бақеъ, ки дар он чандин саҳобаи паёмбар ва аҳли байти ӯ дафн шудаанд! Магар нашунидаӣ, ки ин аввалин қабристони мусалмонон аст?! – бо таъкиди бештар гуфт Дарвеш ва роҳравон дар пешорӯям афзуд: – Рафиқ, ту ки имон надоштаӣ, истиғфорро намедонӣ, гуноҳу хатоҳоятро тан намегирӣ, чаро омадӣ ба ҳаҷ? Ту тасбеҳ нагӯйӣ, намоз нахонӣ, чӣ кор мекунӣ дар ин ҷо? Гумон мекунӣ, фақат бо либоси фохира пӯшидан кас ба ҷое мерасад?

Аз ин итобу сарзаниши ҳамхона мӯйҳои баданам рост хест. Ӯ ҳақиқатро мегуфт, он чиро бо чашми худ медид ба забони маломат меовард. Дигар ҷойи пинҳон кардани ҳолу аҳвол намонд. Ҳақирона ба сӯяш дида дӯхта, ниҳоят, «кафидам»:

– Бародар, ҳар чӣ мегӯйӣ, рост аст. Афсус ки, ман ҳеч кадоме аз ин амалҳоро ёд нагирифтаам. Мани осиро бубахш, агар донӣ, ба ин сафар омаданам як амри тасодуф буд. Мехостам дар ин хусус бо ту суҳбат кунам, лекин то ҳол рӯям нашуд.

– Наход ки...

– Оре, аҳволи ман ҳамин аст, ки воқиф шудӣ. Хоҳишан, роҳ нишон деҳ, бигӯ, ки ман аз ин тангно чӣ хел раҳоӣ ёбам?

Дарвеш мустамандии маро дида ором шуд. Дар гӯшаи тахтхоби ман нишаста даст аз пешониву мӯйҳояш кашид. Чанд муддат ба нуқтаи номаълуме дида дӯхта, охирсар гуфт:

– Туро Худо бубахшад... Ман фикр кардам, бо коҳилию танбалӣ ба коре даст намезанӣ. Магар қабл аз

омадан ба масҷиди маҳаллаатон нарафта будӣ, суҳбате бо муллоҳои масъул надоштӣ?

– Не, ҳама кори маро ҳамсарам дуруст кард. Акнун кам-кам мефаҳмам, ки беҳуда ба ин сӯ омадаам.

Дарвеш бо лабханд ба ҷониби ман рӯ гардонд.

– Пас ин тавр гӯй... – гуфт ӯ ва бо ирода афзуд: – Лекин ҷойи афсусу надомат нест! Шояд толеи неки ту аст, ки бо бандаи фақир ҳамхонаю ҳамнишин шудаӣ. Ҳамааш нағз мешавад, ман туро худоҷӯй мекунам!

Аз ин бархӯрди Дарвеш ба шигифт омадам, чун ба ислоҳи одат боварам намеомад, суоломез ба ӯ нигаристам. Андешаманд ба суханаш идома дод:

– Агар тавонам фароизи динамонро бароят ёд диҳам, ин кори савобе аз сӯйи ман хоҳад буд. Танҳо чизе ки лозим аст, ваъдаи туст, рафиқ!

– Бародар, ту аз ман бузургтарӣ – ҳам ба солу ҳам ба илм. Ҳар чӣ мефармоӣ, ман дар хидматат ҳастам. Саъй мекунам дигар бо худ наболида, аз ғуруру такаббури қаблиам фориғ шавам. То ин ҷо донистам, ки дигар ба қафо роҳ нест, аз ҷамоат ҷудо шудану танҳо гаштан сахту сангин будааст.

Дарвеш бо мамнуният гуфт:

– Хеле хуб, дар оғози кор ту бояд имон оварӣ ва ба забону дар дил тасдиқ кунӣ, ки Худо яккаву ягона аст ва ҷуз Худованди меҳрабону бахшоянда Худои дигаре нест. Ман бароят гузоштани намозро ёд медиҳам ва ҳамин пагоҳ намози бомдодро дар Масҷиди Набавӣ бо ҳам мехонем, чӣ гуфтӣ?

– Ба чашм!

– Чашмат бебало бошад! Хуб шуд, ки сари вақт худро ошкор кардӣ. Қарор аст, пасфардо ба сӯйи Макка раҳсипор шавем, раҳораҳ бояд барои анҷоми амалҳои умра намоз гузошта ният бикунем. Ҳеч дар тасаввурам намеғунҷад, ки ту бо ин ҳол амали ниятро чӣ гуна анҷом медодӣ. Бигӯ, алҳамдулиллоҳ!

– Алҳамдулиллоҳ!

* * *

Тамоми шаб бо бедорхобӣ гузашт. Ҳарчанд дар оғози дарс маро ғанаб мебурд, Дарвеш нагузошт, ки мижа таҳ кунам. Бо талоши ӯ хобам париду дигар то субҳ ҳушёру сари ҳол нишастам. Сахт дар ҳайрат будам, чаро ки дар умрам ҳеч шаберо бедор нагузарондаам. Бо вуҷуди ин ҳама ҳаракат, фақат тавонистам риволи шинухез дар намоз, ибороти ду тасбеҳ ва ҷумлаи ниятро, ки ба забони худамон буд, ёд гирам. Дарвеш аз ин «пешрафт»-и банда хушҳол шуд, бо мамнуният коғазеро ба дастам дода гуфт:

– Сари кор бад нест, одам зина-зина ба бом мебарояд. Акнун метавонӣ натарсида ба намоз дароӣ. Ин навиштаҳоро бо худ гир, дар пешорӯят гузошта, ҳама дуою сураву салавотҳои дохили намозро аз рӯйи он мехонӣ.

– Дар ҳақиқат, метавонам? Амалҳо пасу пеш шуда сарам гиҷ намеравад?

– Ҳамон тавре ки гуфтам, ҳавосатро ҷамъ кун, аслан ба касеву ба чизе хаёлпарешон нашав. Фаромӯш накун, ки розу ниёзи ту бо Худованд аст, ин саҷда ва ибодати ту аз имони ҳақиқиат гувоҳӣ медиҳад.

Бо ҷунбондани сар ризояту омодагии худро баён кардам. Дарвеш сари по хеста хамёза кашид ва сачоқашро ба даст гирифта гуфт:

– Биё, таҳорат мегирем, пас аз ним соат вақти намози бомдод медарояд.

– Ба масҷид меравем?

– Ҳатман! Сухани домулло аз ёдат рафт? Ҳар рӯзу ҳар лаҳза бароямон ғанимат аст. То замоне, ки дар Мадина ҳастем, дар Масҷиди Набавӣ бисёртар намоз хону бештар савоб гир!

Бори аввал ба масҷид медаромадам. Албатта, аз ин пеш чанд бор рафтаам, вале барои пурсишу бозҷӯйӣ. Акнун бошад, нахустин бор барои ибодат. Бо худ гуфтам: «Арбоб, бо нияти нек қадам гузор, худро бисозу

Худоро биҷӯй!» Ҳарчанд дар канори Дарвеш иродаам қавӣ буд, кам-кам ларзиши дасту поямро ҳис мекардам. Масҷиди Набӣ хеле бузургу беохир намуд. Саҳни калони он дар зери ҳазорон чароғ бо ҳар гуна ранг ҷило медод. Ин саҳни мармарпӯш чандин рад сутуни баланду зебо дошт, ки бар сари ду ради мобайниаш чатрҳое боз мешуданд. Бо тааҷҷуб пурсидам:

– Устод, ин сутунҳои бесақф чӣ асту инҳое, ки чатр доранд чист?

Дарвеш аз «устод» гуфтани ман лаззат бурд магар, бо табассум даст ба дӯшам гузошта гуфт:

– Феълан ки субҳи зуд аст, кулоҳҳои парвонамонанди радҳои канориро боз накардаанд. Дар дили гармо ин ҳама сутун бо чатрҳои худ вазифаи соябонро адо мекунанд. Мардум дар зери онҳо нишаста намоз мехонанд. Ин аз фановариҳои олмониҳост, пардаи соябонии ҳар як сутун ба таври худкор бозу баста мешавад.

– Аҷаб чатрҳое... Офаринашон!

Мо вориди масҷид шудем. Пас аз сутунҳои муъҷизавӣ дар рӯ ба рӯям, бе муболиға, шаҳраки чароғоне чеҳра боз кард. Роҳравҳои ин масҷиди бовиқор то ҳадде тӯлонӣ буд, ки поёни ҳеч кадоме ба назар намерасид. Ҳар як роҳравро сутунҳои баланди сапедранг бо сарсутунҳои кунгурадору муқарнасӣ ва тилоранги муҷалло оро медоданд. Аз ду ҷониби роҳравҳо чандин даббаи оби Замзам ва дар канори ҳар як сутун ҷокитобиҳои хурду калон ба чашм мехӯрд. Фарши масҷидро саросар бо қолиҳои ҷонамозии сабзранги мунаққаш пӯшиш дода буданд. Ҳавои гарму дамгири берун дар ин саҷдагоҳ бо ҳавои матбуи ҳаловатбахш иваз мешуд. Ҳайрати маро дида, Дарвеш нақл кард:

– Бо омадани Расулуллоҳ ба Ясриб, бисёре аз мардуми шаҳр мехостанд, ки ӯро дар хонаи худ нигаҳ доранд. Паёмбар ба хотири наранҷондани касе шутурашро раҳо мекунад ва қарор ба ин мегузорад, ки ҳар ҷое шутур биистад, он маконро ҳамчун маҳалли зист ин-

тихоб намояд. Чун чорпо дар маҳалли ҳозираи масҷид зону мезанад, аҳд мекунад дар ҳамин ҷо хонаю масҷиди худро бисозад... – Аз ниҳояти ба ҳам часпида роҳ гаштани одамон як лаҳза устод хомӯш шуд. Медидам, ки дар канори мо ҳар гуна одам ба дарун по мениҳод, гузашта аз ҷуссаю кавора, ранги пӯсту либосҳояшон низ гуногун буд. Ҳама барои гузоштани намоз мешитофтанд. Бо ин ҳол, ҳамроҳам роҳравон ба ман ҷафс шуда, ба суханаш идома дод: – Паёмбарамон дар масҷиди нав намозҳои ҷамоатро иқома мекард. Аз рӯйи шунидаҳо, ӯ ин саҷдагоҳро «масҷиди ман» гӯён ном бурда, аксари корҳои идорию раҳбариашро дар ҳамин ҷо пайрезӣ кардааст. Пас аз тарки дунёи фонӣ, ӯро дар манзилаш дафн мекунанд. Бо гузашти замон хонаю меҳроб ва минбару марқадаш низ дар дохили масҷид мемонад. Ҳамин тавр, Масҷиди Набӣ ё Набавӣ рӯйи забонҳо меояд ва шуҳрат пайдо мекунад. Он пас аз Масҷид-ул-ҳароми Макка дувумин саҷдагоҳи муқаддас ва бузурги олами исломӣ аст.

Дар ҳавои ҳикоятҳои Дарвеш мо то миёнаҳои масҷид расидем ва ба самти чап печида, дар сафи намозгузорон, ки ҷое холӣ буд, нишастем. Ҳамин вақт садои баланди муаззин дар фазои бепоёни масҷид пахш шуд. Устодам нахустин сабаққҳои амалиро ёдрас кард:

– Пас аз хонда шудани дуои азон омин карда сари по мехезем. Ту коғазатро дар пешорӯ бар замин гузор, дар дил барои гузоштани ду ракъат суннати намози бомдод ният кун ва идомаашро мустақилона, ҳамон тавре ки омӯзондаам, адо намо.

– Аз коғаз хонам айб нест, гуноҳ намехарам ба худ?

– На! Муҳим ният аст, идомааш дар зинаи навомӯзӣ раво бошад.

Баробари намозгузорони дигар ман низ баланд шудам. Баданамро ҳаяҷон фаро гирифт. Ба назарам чунин менамуд, ки гӯё ҳамроҳ бо дастҳоям шиками варамидаам низ меларзад. Дарвеш ва намозхонҳои дигар пасу пеш ният карда, дастҳояшонро ба зери

шикам рӯйи ҳам гузошта, бо сарҳои хам, бесадо ба намозхонӣ оғоз намуданд. Масҷид ба коми хомӯшӣ фурӯ рафт. Пас аз чанд лаҳзаи гарангӣ ба худ омадам, чун дидам устод аллакай ба рукуъ ва саҷда меравад, ман низ ният кардам. Бо гуфтани такбири «Аллоҳу акбар» кафҳои дастонамро ба сӯйи қибла нигаронда ду нарангуштро ба нармии гӯш расондам ва дасти ростро ба болои банди дасти чап ниҳода, поинтар аз ноф рӯйи ҳам қуфл задам. Аз рӯйи коғазам Сано, аз паси он сураи Фотиҳаро хонда, сураи Ихлосро зам кардам. Бо гуфтани «Аллоҳу акбар» ба рукуъ рафтам. Ин ҷо се бор «Субҳона раббийал-ъазим»-ро, ки онро аз ёд медонистам, хонда ба қавма рост шудам. Сипас бо баёни «Самиъаллоҳу лиман ҳамида» дубора «Аллоҳу акбар» гуфта ба саҷда рафтам. Ин дам бароям сахт буд, пеш аз он, ки сарам ба ҷойнамоз расад, аввал шиками калони ба пеш баромадаам ба замин нишаст, маҷбур шудам поҳоямро ба ду ҷониб васеъ намоям. Ду дафъа пешониро ба замин гузошта, тасбеҳи «Субҳона раббийал-аъло»-ро, ки онро низ медонистам, баён кардам. Аз он пас лаҳзаи мушкилтарин фаро расид. Мебоист ба чизе такя накарда, аз нав ба қиёми ракъати дуюм бархезам. Э вой! Бо чӣ забон гӯям, ки ҳангоми хестан мувозанатам гум шуд, ҷуссаамро дошта натавонистам. Ғайри интизор, якпаҳлу шуда ба самти рост, ки устодам Дарвеш намоз мегузошт, чаппа шуда рафтам. Мисли гавдаи гӯсолае, ки барои забҳ воруна мекунанд, поҳоям ба осмон шуд. Хубии кор дар он буд, ки ба тарафи устод ғелидам, агар ба ҷониби дигар меуфтодам, Худо медонад чӣ иттифоқе рух медод. Намози ӯ низ шикаст. Дам дар дарун ба мане, ки ба осонӣ наметавонистам ҷуссаамро баланд кунам, ёрӣ расонд. Бо азоб сари по хестам. Устод оромона бо садои кам гуфт:

– Шитоб накун, ҳангоми хестан ту дастҳоятро ба замин тиргак карда сари по шав. Дар оғози кор бахшоянда аст.

Устод бо гуфтани ин пора сухан дубора босуръат ба

адои намози суннат пардохт. Ман низ аз нав ният кардам...

Аз он пас гузоштани ду ракъат фарзи намози бомдод бо иқтидо ба имоми масҷид бароям осон гузашт. Осон ҷӣ, аз ракъатҳои аввала осонтар буд. Ҳарчанд тану ҷуссаам барои шинухез вазнинӣ мекард, коре карда намозро то охир бурдам. Пас аз салому дуоҳои хатми намоз устодам Дарвеш ба ман даст дода гуфт:

– Дар урфият мегӯянд, то танӯр гарм аст, нонро бичаспон. Аз он фурсате, ки барои дуою ниёиш дилгарм шудӣ, сари вақт истифода кардем. Ту дар роҳи ҳаҷ қадами нек гузоштӣ, муборак аст!

– Ман шармандаам. Намедонам, бо ин ноуҳдабарой ба таҳнияти ту меарзам ё не, – ҳамон лаҳзаи афтидан аз пеши назарам дур намешуд. – Бо ин пайкари хандаовар намозҳои тӯлониро хонда метавонам?

– Мо дастури низомӣ анҷом намедиҳем, рафиқ. Ҳам амр дар ихтиёри мост, ҳам вақт. Зарра-зарра пашм қолӣ мешавад, ба оҳистагӣ ба мақсудамон хоҳем расид. Агар имону иродаат қавӣ бошад, пайкарат чизе нест!

Ба якдигар даст дода аз масҷид баромадем. Устод Дарвеш аз тараддуди беохири одамон дар саҳни масҷид чашм наканда беихтиёр гуфт:

– Мо фардо субҳ ба роҳи Макка мебароем, то он замон хеле вақт дорем. Пас аз ноништа ба зиёрати Равзаи пок ва тавофи марқади Ҳазрати Муҳаммад бармегардем, чӣ гуфтӣ?

– Ҳар чӣ устод фармояд!

– Баъдан, аз Макка ба ин ҷо намеоем, дар армон намонӣ мегӯям.

– Мамнунам.

– Дар назди меҳробу минбари паёмбар ҳам намоз мегузорем, омода бош!

Аз ин ишораи маънидори устод ҳар ду ба завқ омадем. Чун ба сӯйи ҳутел роҳ пеш гирифтем, бори нахуст худамро осуда ва руҳан сабук ҳис кардам. Масҷиди Набӣ

дар назарам хонаи падариро мемонд – ман дар овони кӯдакӣ аз дарвозаи манзиламон беғаму бехаёл ба берун по мениҳодам ва остонаамон ҳамеша чун оҳанрабо маро ба пас мекашид...

Ихлосу иродати ман ҳанӯз то он ҳад нарасида буд, ки бо дарки дуриву пазмонӣ ва ёди паёмбару муқаррабони даргоҳи Илоҳӣ гиря кунам. Вале нолаю шевани беохири муъминон дар Равзаи пок маро ба шигифт овард. Онҳо хомӯшона намоз мегузоштанд, дар ҳолате, ки ашки дидагонашон пайваста ба гунаҳояшон ҷорӣ мешуд. Ҳангоми зиёрати ин макони муқаддас, аз ҷумла, оромгоҳи пайғамбару марқадҳои Абӯбакру Умар ва Фотима, бо чашмони пурнам арзи дуруду ниёишҳо мекарданд. Устодам Дарвеш дар ин боздид ҳоли фақиронае дошт. Ашки чашмонаш шашқатор ба гунаҳояш мешорид, беовоз, пайи ҳам дуою салавотҳо мехонд. Чун дар миён ҳоилҳои[10] сӯрох-сӯрохи чӯбин меистоданд, ба назди қабрҳо рафтан мумкин набуд, ночор аз берун бо додани ишораву бӯсидани кафи даст тавофи ҳавоӣ анҷом медодем. Устод бо вуҷуди бисёр будани одамон, пас аз салому дуруд дар муқобили оромгоҳи Ҳазрати Муҳаммад хеле тӯлонӣ рост истод ва кафи дастҳояшро ба боло бардошта дурудароз фотиҳа хонд. Чун дидам зиёраткунандагон ба тану дӯши ӯ фишор меоваранд, дар канораш қарор гирифтам ва ҷуссаамро ба садди чӯбин часпонида муҳкам истодам. Дар сурате ки намегузоштам касе ба ниёишҳои ӯ халал расонад, худам низ дастҳоямро боло бардошта, мунтазири оминаш мондам.

Вақте ки зиёрати мо хотима ёфт ва пасу пеш ба саҳни масҷид баромадем, ман аз устоди то ба ҳол сокит пурсидам:

– Дар оромгоҳ чиҳо аз дилат гузашт?

– Бубин, ҳар рӯз панҷ вақт пешонӣ ба ҷонамоз гузошта, дар канори анбиё пайғамбарамон Ҳазрати Муҳаммадро низ ба ёд меоварем. Ин замон барои

[10] **Ҳоил** – монеа (дар байни ду чиз), девораки ҷудокунанда

мо муяссар гардидааст, ки бо либоси сапед, бо имону эътиқод ва оромишу виқор зиёрати ин макони покро анҷом диҳем. Ба чунин даргоҳи боарзиш по ниҳодан ба ҳар кас насиб намегардад, вале мо ин имконро дар даст дорем. Агар донӣ, зиёрати қабри паёмбари акрам мустаҳаб аст, ҳатто дар баъзе ривоёт ин амалу ибодатро, ба хусус, пас аз ҳаҷ воҷиб донистаанд.

– Ту ки ин чизҳоро мефаҳмӣ, бароят ҳар лаҳза хушоянд аст...

– Ин як ҳолати табиист, ки ба ҳар як мусалмони боҳуш пеш меояд. Одоби зиёрат ҳамин аст, ки ба Равзаи мунаввари Расули Худо бо хузуъу хушуъ[11] дохил шуда, аз таҳи дил дуруду салавотҳо мефиристанд. Ҳамин гуна эътиқоди самимӣ дар зеҳни ту низ бояд ҷо гирад. Лозим аст, ки ҳангоми ниёишҳо худро аз ин рӯшноӣ биканӣ ва ба олами нурбори илоҳӣ фурӯ равӣ. Танҳо дар ин ҳолат тамоми хостаҳои ту, нияту орзуҳое, ки аз Офаридгор мехоҳӣ, бароварда мегардад. Заминҳои Мадинаю Макка макони саҷдаҳо ва шафоатхоҳиҳост!

* * *

Эҳром маро девона кард. Пас аз ғуслу ҳаммом чанд бор саъй кардам ин ду тикка матоъро ба тани худ печонаму ба назди устод бароям, вале сахт буд. Бадбахтона, ҳамин ки ду қадам мениҳодам, пораи эзорӣ кушода шуда ба поин мелағжид ва ҳама талошам зоеъ мерафт. Устод аз дер мондани ман тоқаташ тоқ шуд магар, аз хона овоз баровард:

– Ҳой, рафиқ, дар ҳаммом хоб мондӣ? Чӣ хабар?

Мани арақшору сурхшуда базӯр ошуфтагиамро ба дарун кашида ҷавоб додам:

– Ин эзори лаънатиаш даст намедиҳад, ҳай боз шуда-боз шуда ба поин меуфтад!

– Сухана дониста зан, рафиқ! Эзор саги хонаат нест, ки лаънатӣ гӯйӣ, либоси табаррукисто-о!

[11] **Хузуъ ва хушуъ** – фурӯтанӣ ва итоат

– Хуб, чӣ кор кунам?

– Биё, берун!

Порчаи эзориро, ки аз зери шикам печонида будам, муҳкам бо як даст дошта аз ҳаммом баромадам. Метарсидам, ки дубора аз дастам уфтода дар назди устод шарманда шавам. Ӯ эҳром ба бар, озод меистод ва ҳоли маро дида аз таҳи дил хандида фиристод. Ханда бар лаб, бо завқ гуфт:

– Чаро дастат дар банди эзорат аст, сар деҳ.

– Не-е…

– Ту бо ин синну сол ҳеч ба ҳаммомҳои суннатиамон рафтаӣ?

– Барои чӣ?

– Оё медонӣ лунгӣ чист?

– Лунгиро шунидаам… Ба фикрам, ҳамон латтаи сабукест, ки ҳаммомдор ба одамон медиҳад, бо он аз миён поинро баста ба дохили гармоба меравад.

– Бубин, медонӣ, вале ба кор набурдаӣ! Ин порчаи эзории эҳром низ дақиқан мисли ҳамон лунгиҳост. Бояд интиҳои ду канорашро рӯйи ҳам гузошта, гирдогирд бо фишори даст лӯла карда таҳ занӣ. Наздиктар биё, аз ин эзории ман биқап!

Ман гуфтаашро кардам, аз як канори эзор бо мушт дошта гирифтам. Гуфт:

– Бикаш ба поин!

Ман домани дар дастам бударо сахт ба зер кашидам. Ҳеч, эзор муҳкам сари ҷо меистод. Дубора саъй кардам, боз ҳам такон нахӯрд. Ҳайрону шигифтзада пурсидам:

– Ин лунгии ту эзорбанд дорад-мегӯям? Чӣ хел бастаӣ ки аз ҷояш намеҷунбад?

– Инак, ба ту низ ёд медиҳам, пуштатро гардон то хиҷил нашавӣ, – гуфт ӯ ва беибо порчаи эзории маро аз дастам гирифт: – Аввал ин ки, лунгиро аз болои шикам бояд печонид, чунки шиками ту калон аст. Каме поҳоятро васеъ гир, то ки пас аз бастан роҳгардиат осон шавад.

Устод лабаи болоии порчаи эзориро дуруст аз рӯйи синаҳоям гузошта, як бор дар атрофи танам давр занонд ва ҳамон лабаи болоиро бо ду даст тобдеҳон мунтазам ба поин бурд. Чун то қисмати баромадагии шикам расид, қаткуниро қатъ карда гуфт:

– Ёд гирифтӣ, рафиқ? Ана ҳамин тавр, дигар аз ҷо такон намехӯрад!

Ман даст ба рӯйи эзорӣ гузошта ду-се қадам гузоштам. Муҳкам буд он. Акнун донистам, ки сирри эзорпӯшӣ дар чист. Мани бечора зӯр зада аз зери шикам мепечондаму ночор мемондам. Ҷони нодон дар азоб!

– Яке аз амалҳои муҳим барои анҷоми умра эҳром бастан аст, – дар идома порчаи дигарро, ки «ридо» номида буд, аз рӯйи шонаҳои ман печонида ба суханаш давом дод устод. – Акнун ки тоза шуда эҳром пӯшидем, бо дӯстон ба роҳи Макка мебароем. Дар масҷиди Зулҳулайфа, ки яке аз миқотҳои ҳаҷ ва умраи ҳоҷиён дар ҳарами Макка аст, намоз хонда, барои умра ният мекунем. Ман дуои ниятро навиштам, онро бояд азёд кунӣ.

Устод Дарвеш як коғази чорқатро ба дастам дод. Ман онро гирифта дарҳол боз кардам ва ба навишта чашм давондам: «Аллоҳумма, инни уридул-умрата, фаяссирҳо ли ва тақаббалҳо минни». «Худоё! Инак, ман иродаи умраро дорам, онро бароям осон гардон ва аз ман қабул фармо».

– Ҳар дуро?

Устод гуфт:

– Аз ду якеро. Агар дуои арабиро ҳифз кунӣ ҳамон кофист, – ӯ боз як барг коғази дуқатро ба дастам дод ва афзуд: – Ҳамин ки ин ниятро мекунӣ, билофосила бо овоз ба талбия гуфтан шуруъ менамоӣ. Матни онро ҳам навиштам, ки то он замон бояд ба ёд супорӣ.

Ман коғази дуюмро низ боз кардам, дар он бо ҳарфҳои хоно меомад: «Лаббайка-л-лоҳумма лаббайк, лаббайка ло шарика лака лаббайк. Иннал-ҳамда ван-ниъмата,

лака вал-мулк, ло шарика лак».[12] Устод ба суханаш илова кард:

– Вақте ки аз масҷиди Зулҳулайфа ба роҳ мебароем, ин дуои талбияро ҳамроҳи домулло, ҳама бо ҳам мехонем то расидан ба Каъбуталлоҳ...

Сари ҳар қадам медидам, ки устодам муллои ҳақиқӣ аст. Ҳар як амали тоату ибодатро аз сидқ анҷом медод, вақти дуохонӣ бо чашмони нимапӯш дунёи ҳастиро билкул фаромӯш мекард. Аз лаҳзае, ки донист ман дар ин ҷода пиёдаам, бо камоли мамнуният ва ихлоси баланд ба таълим сар кард. На худам, на каси дигареро дар тӯли ҳаётам то ин ҳад содиқ надидаам. Ӯ аз худ бештар ҳавои маро дошт. Зоҳиран чунин мепиндошт, ки ба одамият, ба роҳи дин кашидани ман уҳдадории ӯст. Мудом дар зеҳнам ваъдаи нахустинаш давр мезад: «Ман туро худоҷӯй мекунам!»

Бо ҳидояти устод василаҳоямонро ҷамъ карда ба поён фуромадем. Мо дар остонаи яке аз суннатҳои неки исломӣ – умра қарор доштем. Зану мард ҷиддан, бо алоқаи бисёр омодаи рафтан буданд, ҳама ба ҳамдигар ёридеҳон чизучораи худро ба сӯйи автобусамон мебурданд. Дар миёни ин тараддуд бо эҳром роҳ гаштан бароям сахт буд. Чамадони борамро ба даст гирифта базӯр қадам мезадам. Бо вуҷуди ин, ҳис мекардам, ки дар аҳди худ устуворам. Чун мефаҳмидам ба зиёрату тавофи даргоҳи муқаддас – хонаи Худо меравем, завқу иштиёқи ниҳоне ба ман неру мебахшид, бо ҷаҳд аз пайи устод по мебардоштам.

Ба маҳзи ин ки автобусамон овози маҳини гардонаашро сар дода, мулоим ба самти Макка ба роҳ баромад, домулло садобари бесимро ба даст гирифт ва гуфт:

– Роҳи мо то масҷиди Зулҳулайфа ҳашт километр.

[12] Тарҷумаи дуои талбия:

*Гӯш ба фармони Ту ҳастам, Худоё, гӯш ба фармонам, гӯш ба фармони Ту ҳастам, ҳеч чизе ҳамтои Ту нест, гӯш ба фармонам, фақат Ту ҳастӣ сазовори ситоиш ва тамоми неъматҳо аз ҷониби Туст, ҳама чиз ба Ту тааллуқ дорад, ҳеч чизе ҳамтои Ту нест.*

Чун дар ҳарами Макка қарор дорад, аз ҷумлаи миқотҳои мусалмонон аст. Мо ҳам дар он ҷо намоз мегузорему барои анҷоми амалҳои умра ният мекунем.

– Мегӯянд, он масҷид чанд номи дигар ҳам доштааст, – беихтиёр дар миёни сухани домулло тохт устодам Дарвеш.

– Рост. Шумо бояд донед, ки онро масҷиди Шаҷара ва Масҷид-ул-эҳром низ меноманд. Ҳазрати паёмбар дар се сафари умра ва соли даҳуми ҳиҷрӣ барои ҳаҷҷи видоъ маҳз дар ҳамон намозгоҳ эҳром пӯшидааст.

– Он дар минтақаи Абёри Алӣ воқеъ будааст, дар водии Ақиқ.

– Бале, ҳамин тавр! «Абёри Алӣ» ба маънии чоҳҳои Алӣ мебошад, ки замоне бо ҳафри чанд чоҳ заминҳоро обёрӣ ва нахлистонҳо бунёд кардаанд, – дарҳол суханро пай гирифт домулло. – Он яке аз миқотҳои ҳаҷҷу умраи ҳоҷиён аст, аз Расулуллоҳ ба мерос мондааст. Инак, мо ҳам эҳром мебандем, муҳрим мешавем ва фарёди «Лаббайк»-ро сар медиҳем!

Домулло аз сухан гуфтан бозистод. Садои якмароми гур-гури автобус ба гӯшҳо нишаст. Ҳама ҳушу ҳавос ба домулло ва дида ба манзараҳои пешу ду канори ҷода дӯхта менишастанд. Аз ду самт паҳнои хушку хокӣ ва ҳар ҷо-ҳар ҷо санглох, ки то доманаи кӯҳҳои теппамонанд рафта мерасид, аҳёнан дарахтони нахлу садр ба чашм мехӯрд.

Дар ҳавои нақлҳои домулло ба Абёри Алӣ ва то масҷиди Зулҳулайфа расидем. Автобуси баландқомати мо ба истгоҳи масҷид тоб хӯрда, нафаси амиқе кашиду хомӯш шуд. Ҳамсафарон бо руҳияи болида аз он фуромаданд, вуҷуди маро низ ҳиссиёти аҷибе фаро мегирифт, дар остонаи амалҳои умра шӯру шаафе ба тану ҷонам чира мешуд. Аз ҳар сӯ сели одамон ба маҳалли миқот фурӯ мерехт. Ин ҷо низ ба мисли Масҷиди Набавӣ ва Қубо сертараддуд буд, касе ба касе коре надошт, ҳама сархаму андешаманд барои ниёишу саҷда мешитофтанд.

Бо вуҷуди он ҳама дарсҳои устод, ин бор ҳам охирин шуда аз паси ҳамсафарон ба самти даромадгоҳи масҷид қадам ниҳодам. Аз ду ҷониби дар қафасаҳои се-чортабақае меистоданд, ки намозгузорон кафшҳои худро кашида дар дохили онҳо мегузоштанд. Устод паскашии маро дида помониашро суст кард, то ба ӯ расида гирам. Ҳамин ки ба назди ҷокафшиҳо омадем, ӯ дампойиҳояшро ба рӯйи як қафаса гузошт. Ман бошам, кафше доштам, ки мебоист аввал бандакҳояшро боз кунам. Ҳамон лаҳзае, ки сар хаму босан тик гиреҳи бандак боз мекардам, касе аз қафоям тела дода фиристод. Шиками тарбузию сангин кори худро кард, натавонистам ҷуссаамро нигаҳ дорам. Бо вазни азим сарнагун ба замин уфтодам, дасту поҳои нимҷонам ёрои муқовиматро надоштанд. Як бор ба рӯйи каф ғел зада ҳаракати хестан кардам, нашуд. Сарусадои ноҳинҷори маро шунида устодам ва чанд нафар мусофири гирду барам ба ёрӣ шитофтанд. Бо мадади онҳо сари по хестам. Хайрият, роҳрави кошифарш гилам дошт, ҳеч гарду хоке ба чашм намехӯрд. Дар ҳоле, ки аз дарунам гӯё ҳаври оташ мебаромад ва аз дигарон хиҷолат мекашидам, доманҳои эҳромамро афшондам. Устод бо шигифт ба ман нигоҳ карда гуфт:

– Арбоб, чӣ шуд ба ту? – ӯ дастамро раҳо накарда ба ду чашмам дида медӯхт: – Тамоми суратат мисли анор сурх шудааст, фишори хун дорӣ?

Гуфтам:

– Акнун дорам, зоҳиран, – аз ғояти талвосаи бисёр базӯр нафас мебаровардам. – Кадом як даюс аз пуштам зад!

– Ҳақорат накун, одам ки бисёр аст, ин гуна ҳолатҳо пеш меояд. Ҳаяҷон накарда, роҳат нафас бикаш, ором бош.

– Кошки намеомадам, ба ҷону ҳолам нагузоштӣ, устод. Бо дасти худ ангушт дар сӯрохи занбӯр задам.

– Аз каҳ кӯҳ насоз, бубин, ҳама мисли ту одаманд!

Касе наменолад, шикоят намекунад, пешпо намехӯрад. Гавдаи чун фил дорию ҷуръати мӯрча, дигар беирода набош, худро ба даст гир!

Нафас дар дарун мондам, дам назада аз паси устод ба масҷид даромадам. Дар ҳақиқат, ҳама бо ихтиёри худ, орому сари ҳол ба саҷда мерафтанд. Дар ин намозгоҳ сафҳои рост ба назар намерасид. Ҳар кӣ ҷойи холиеро медид, он ҷо ба намоз мепардохт. Устод пеш-пеш рафта, чун дид ман по чида базӯр роҳ мегардам, абрӯ кашид, вале бо забони мулоим гуфт:

– Ин намозамон бисёр муҳим аст, рафиқ, ҳар кас барои худ ду ракъат суннат хонда барои умра ният мекунад. Мебинам, ки хеле ошуфтаӣ, коғазатро гиру дар пешат гузор ва пас аз фуровардани ду ракъат намоз ба ду ҷониб салом дода дуои умраро бихон.

Дар воқеъ, танише вуҷудамро меларзонд. Ҳар чӣ медонистам гӯё аз ёдам парид, тани сарду мағзи сахтшудаам имкон намедод, ки ҳатто як калимаро ба хотир оварам. Бо дасти ларзон аз ҷайби камарбанди паҳни сапедранг, ки аз зери лӯлагии «эзор» баста будам, коғази дуодорро гирифтам. Дар паҳлуи устод истода, коғази бозро рӯ ба рӯям бар замин гузоштам ва бо садои кам, чида-чида барои ду ракъат намоз ният кардам…

Ба маҳзи итмоми намоз, устодам Дарвеш бо овози баланд, ба гӯши ман расонида, дуои «Талбия»-ро хонд ва бо ишораи сар аз ман хост, ки пушти ӯ такрор кунам. Ман ҷон гирифтам, дар канори ҳамсафарони дигар «Лаббайка…»-гӯён, ба автобус баромадем. То ин ҷо каме ба худ омадам. Ба хусус, вақте ки домулло низ аз бозуям дошта офарин хонд, ғайратам афзуд. Ҳарчанд гуфтани талбия бароям сахт буд, беист ба Худо салавот мефиристодам.

Автобус бо нишастани умрапешагон болу пар баровард. Мехост мусофирони худоҷӯйро ҳарчи зуд ба Маккаи мукаррама, ба даргоҳи Аллоҳи мутаол расонад. Домулло аз нав садобарро ба даст гирифт ва дар ҷойи

нишасти худ «бисмиллоҳ» гуфта, бо оҳанги хос ба тараннуми талбия пардохт. Беист, ба маҳзи баёни ҳар як ҷумла дигарон низ аз дунболи ӯ овозбардорӣ мекарданд: «Лаббайка-л-лоҳумма лаббайк...» Барҳақ, ин овозхонӣ содаю маъмулӣ наменамуд, садои илтиҷохоҳу хӯриомезе буд, ки аз қаъри дилҳо берун меомад. Ихлосмандони роҳи умра тамоми алоқаро аз ҳастии равшан канда, ғарқи дунёи руҳиву малакутӣ шуда, ба қасди расидан ба лутфу марҳамати Парвардигор саъй мекарданд.

То як санг раҳ ман хомӯш рафтам, барои талбия гуфтан иродаам даст намедод. Равшан дарк намудам, ки дар роҳи тоату ниёиш ҳанӯз нопухтаам. Гӯшам мешунид, ҳар як сухан дар зеҳнам мечархид, қалбам туғён мекард, вале ба он чӣ мебоист гӯям, забонам намепечид. Устод Дарвеш гоҳ-гоҳ аз зери чашм ба сӯйи ман менигарист, аз хомӯшиам ҳавсалааш сар рафт магар, бо садои кам гуфт:

– Рафиқ, талбия ҳамин лаббайк гуфтан аст. Мо ки дар роҳи умраю ҳаҷ қарор дорем, ба такрор «Лаббайка-л-лоҳумма лаббайк...» мегӯем, яъне ба нидои Парвардигорамон, ки моро ба зиёрати хонаи худ хондааст, бо ризоят ҷавоб медиҳем.

Дар ин ҷойи сухани устод пай бурдам, ки гиреҳи сарбастае дар зеҳну ҳушам боз мешавад. Беихтиёр ба худ омадам: «Ман ба суроғи хонаи Худо меравам!» Устод кушода шудани ожангҳои пешониамро дида ба суханаш афзуд:

– Ҳар неъмате моли Ӯст ва танҳо Аллоҳи воҳид молики ҳама чиз аст. Ҳар кӣ нидои Ӯро мепазирад ва ба Ӯ паймони бандагӣ мебандад, аз ҳар банде худро раҳо месозад ва дигар ба ҳеч нидое лаббайк намегӯяд. Биё, рафиқ, ба мо ҳамроҳ шав!

Гӯё қафаси синаам боз шуд, дар шабакияи чашмонам равшанӣ дамид, худро осуда ва сари ҳол дидам, забонам дар ком ҷунбиду лабҳоям ба имдод расид: «Лаббайка-л-лоҳумма лаббайк, лаббайка ло шарика лака лаббайк.

Инна-л-ҳамда ва-н-ниъмата, лака ва-л-мулк, ло шарика лак».

Устод низ шоду хуррам тасбеҳ гардонду ба дуою талбия гуфтан идома дод.

* * *

– Салом Макка! Салому дурудҳо ба шаҳри мукаррама! Моро ба оғӯш бигир, ай шаҳри поку мутаҳҳари қудсӣ! – баробари даромадан ба кӯчаҳои софу обзадаи шаҳри тозанигоре, ки аз пайи сохтмонҳои пасту баланди аксаран хокиранг кӯҳҳои санглохи атрофаш низ аз партави Офтоб ҷило медоданд, ба сухан омад домулло. – Мо ба водии Раб, ба хонаи Аллоҳ, ба макone, ки аз ҳама наздиктар ба Худованд аст ва чун оҳанрабо муъмину мусалмонҳои ҷаҳонро пайваста ба сӯйи худ ҷазб мекунад, расидем!

Ҳама даст бардошта, «Сипосу ситоиш бод Худоро!», «Алҳамдулиллоҳ!» гуфтанд, фазои автобус пур аз ҳавои шодмонӣ шуд. Аз ҷойи нишаст дигаронро намедидам, аммо устодам дуоҳоеро зери лаб хонда-хонда ашк мерехт, ошуфтагии меҳромези қалбашро наметавонист пинҳон кунад. Дубора ба берун чашм давондам, сару гӯш об дода, мехостам дар атроф ҳусну намоеро бубинам, ки хоси худ бошад, бо ҷаззобияташ биболаду тафохур кунад. Хиёбонҳои васеъ, нахлҳои сарсабзу кокулҳои овезони онҳо ба монанди чашмандозҳои Мадина буданд, вале сохтусозаш, имороти хурду бузургаш бештар ба назар мерасид. Дар ин вақти рӯз паҳнои шаҳр нурборон ба дида метофт, ҳама чиз – аз ҷадвалҳои лаби роҳ гирифта то қуллаҳои сангпӯши кӯҳҳои камиртифоъ дар зери лашкари анвори Хуршед монда, тобишу ҷилои беохир чашмҳоро мебурд…

Инак, автобус ҳуштаки баланде зада хидматгузорони ҳутели «Ал-Ҳидоя»-ро ба по хезонд. Медидам, ки ҷавонони сиёҳпӯсти танутӯшдоре пасу пеш давида, дар назди мо ҳозиру нозир мешуданд. Онҳо кӯлбору

василаҳои вазнини моро аз бордони автобус гирифта ба дохил бурданд. Ҳамсафарон боз ҳам бетоқат буданд, нафас рост накарда ҳама аз пайи домулло шитофтанд. Ман бо эҳроме, ки ба роҳгардӣ имкон намедод, аз зинапояҳои автобус базӯр фуромадам ва бо шитоб аз устод қафо намонда вориди ҳутел шудам. Ҳайрати маро, ки ба давуғеҷи беохири ҳамроҳон доштам, устод Дарвеш дида гуфт:

– Ба мо ним соат вақт додаанд, рафиқ, бояд корт-калиди хонаҳоямонро гирифта шустушӯ кунем ва худро ба тартиб дароварем. Аз ин пас моро автобусҳои махсус ба Каъба, ба Масҷид-ул-ҳаром мебаранд. Бояд ҳамин рӯз амалҳои умраро ба охир расонем.

Ибораи «масҷид-ул-ҳаром» ба назарам ғайриодӣ тофт. Роҳравон пурсидам:

– Чаро «ҳаром»?

– Каъба ва атрофи он ҳурмату эҳтироми хос дорад ва баъзе корҳо дар он манъ аст, яъне ҳаром. Аз сӯйи дигар, медонӣ, ки Байтуллоҳ дар миёнҷойи Масҷид-ул-ҳаром воқеъ аст ва атрофи ин масҷид ҳарам хонда мешавад. Овардаанд, дохил шудани мушрикони нопок ба Байтуллоҳ ва ҳарами масҷид ҳаром аст.

– Ҳоло донистам! Дар масҷиду атрофи он набояд корҳои бад кард, по гузоштани одамони ноҷинс ба он манъ аст.

– Дуруст, дар ин маҳалли поку муқаддас ба якдигар дашному ҳақорат додан, муштзӯрӣ кардан, душманӣ варзидан, ҳатто куштани ҷонвару шикори онҳо раво нест. Бино ба омӯзаҳои исломӣ, ҳар инсон ва мавҷуди зиндае, ки вориди Масҷид-ул-ҳаром мешавад, аз ҳама хатар эмин аст, осебе ба ӯ намерасад…

Бори аввал манзараи аҷибу ғариберо медидам, манзарае иборат аз сурату ҷилоҳои ранг ба ранг. Манзарае, ки дар зери як Офтобу як осмон чандин рангу наморо ба ҷилва меандохт. Гӯё замин кафида одам баромада буд, бо рангу суратҳои гуногун – гандумгуну зардпӯст, зан-

гию сиёҳфом, сурхрӯю қаҳваиранг. Зану мард рӯйи ҳам рехта буданд, дар либосҳои якранги сапеду сиёҳ ва низ рангину нақшдор. Дар ин таҷаммуъ эҳромпӯшидагон кам набуданд, онҳо гуруҳ-гуруҳ ба самти Каъба мешитофтанд. Барои эҳромиҳо ҳама дарҳои саҷдагоҳи бузург боз буд.

Дастаи мо забон аз «Лаббайк»-гӯйӣ канда накарда, ба остонаи Масҷид-ул-ҳаром наздик шуд. Медидам, ки ба маҳзи расидан бештари ҳамраҳон зону ба замин ниҳода, гиряомез дуоҳо хонда, зинаю остонаҳои масҷидро ба такрор бӯса мезаданд. Ҳарчанд домулло мегуфт, ин кори дуруст нест, касе ба ӯ гӯш намекард, иштиёқи ба масҷиду хонаи Худо расидан онҳоро бехуду бехаёл карда буд. Ба мисли ҳамсафарони мо одамони дигар низ ҳамин гуна нолаю ниёишҳо ва дасту бӯсазаниҳо доштанд.

Дар назди дарвозаҳои вурудӣ кафшҳоямонро аз по даровардем ва дар кӯлбору халтачаҳои ҷудогона гузошта бо худ бурдем. Мо аз паси домулло канда нашуда, аз миёни долонҳои тавилу дарози масҷид, ки комилан кошипӯш ва аз тариқи ҳавосозҳои бешумор ҳавои сарду матбуъ доштанд, ба самти Каъба ҳаракат кардем.

Одам бисёр буд, аз ҳар сӯ ба рӯямон фишор меомад, гоҳе дастаҳои зиёраткунандаи дигар моро миёнбур карда мегузаштанд, аз ҳар ҷониб гоҳ ба росту гоҳ ба чап тела медоданд. Бо ин ҳол, мо бо истодагарӣ ҷамъулҷамъ то васати Масҷид-ул-ҳаром, то майдоне, ки дар он Байтуллоҳ, хонаи чоргӯшаи сиёҳпӯшу муҷалло аз хатту навиштаҳои заррин – меодгоҳи муборакӣ мусалмонони дунё қарор дошт, расидем. Гирдогирди Каъбатуллоҳ пур аз одам буд, пур аз тавофкунандагоне, ки дар гирди он бар хилофи ақрабаи соат ба таври муназзаму муратгаб давр мезаданд. Мо ҳамгурӯҳон низ бо роҳбаладии домулло, бисмиллоҳ гуфта, аз хатту чароғҳои сабз, ки оғози тавоф аз он шуруъ шуда дар он ҷо хотима меёфт, ба гардиш сар кардем. Ин ҷо, дигар, таърифи авзои ҳамсафарон аз имкон берун аст. Ба Худо, то ҳадде дар

зикру дуою ниёиш фурӯ рафта буданд, ки на ба касе нигоҳ мекарданд, на лом-мим мегуфтанд. Танҳо устод Дарвеш аз ман дур намешуд. Дар сурате ки аз дидану бӯйидани ҳавои Байтуллоҳ шоду масрур буд ва аз хурсандӣ дар гунаҳояш нами ашк ҷило медод, қабл аз оғози тавоф гуфт:

– Ҳамон тавре ки барои об хӯрдану роҳ рафтан қасд мекунӣ, тавофро бо мақсади қурбат, яъне наздикӣ ҷустан ба Худованд анҷом бидеҳ. Ин чароғи сабз ишораи Ҳаҷаруласвад аст, ё бисмиллоҳ, ибодатат қабул гардад, рафиқ!

– Қабули Ҳақ гардад, ё бисмиллоҳ!

Ба ёдам ҷумлаҳое аз гуфтаҳои домулло омад. «Ҳаҷаруласвад ҳамон санги сиёҳи муқаддасест, ки дар як гӯшаи Каъба насб гардидааст, – нақл мекард ӯ. – Мусалмонҳо тавофи худро аз он оғоз намуда, дар наздаш ба охир мерасонанд. Ин тавоф амали воҷибест, ки беист ҳафт даври комилро дар атрофи хонаи Худо дарбар мегирад. Гузаштаи тавоф аз замони Ҳазрати Одам об мехӯрад. Вақте ки Одам Абулбашар аз биҳишт ронда шуд, назди Каъба омад ва онро ба мисли гардиши малоика дар арш, зиёрат намуд. Қабл аз ислом ҳар одаме, ки вориди ҳарам мешуд ё бо қасди мусофират ба ин ҷо меомад, аввалин амалаш тавофи байт буд. Он замонҳо ҳар қавме бо диду пиндошти худ сангҳоеро ҷамъ оварда хонае ба монанди манора месохтанд ва дар гирди он давр мезаданд, яъне тавоф мекарданд. Ин амалашон ном ҳам дошт – даввор. Аз рӯйи одат, ҳар касе, ки ба ибодатгоҳ медаромад, дар гирди ҳар буте, ки он ҷо буд, ҳафт бор давр мезад. Аммо иҷрои ин амал замон ва макони хосе надошт. Фақирон бо пойи бараҳна ва одамони сарватманд бо кафш ба даввор мерафтанд...»

– Субҳоналлоҳ, валҳамдулиллоҳ, ва ло Илоҳа илаллоҳу валлоҳу акбар!

Ин садои устод Дарвеш буд, ки ногаҳон аз паҳлуям баланд шуд. Мо ба ростии Ҳаҷаруласвад расида будем.

Дар канори тавофкунандагони дигар ӯ ҳам даст ба сӯйи Каъба боло карда, ба Худои мутаол изҳори қаробат ва шукрона менамуд. Устод шунаво мегуфт: «Парвардигоро! Адои амонат кардам ва ба мисоқам[13] вафо кардам, то ин ки ба вафодорӣ ба аҳдам гувоҳӣ диҳӣ. Парвардигоро! Китоби Ту ва суннати паёмбаратро тасдиқ мекунам ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҷуз Худои якто ва беҳамто маъбуде нест ва ба ростӣ, Муҳаммад салаллоҳу алайҳи ва олиҳи банда ва фиристодаи Ӯст. Ба Аллоҳ имон овардам ва ба ҳар маъбуде ҷуз Ҳақ – ба Тоғуту Лот, ба парастиши шайтону парастиши ҳар он чи ҳамтои Худо хонда мешавад, куфр меварзам».

Дар ин саҷда касе даст ба санги муқаддас намерасонд, дуртар аз он, шояд дар фосилаи яку ним-ду метр, девори пилостикӣ меистод, ки ҳамчун сад пеши одамонро мегирифт. Ҳар ҷо-ҳар ҷо нозиру нигаҳбонҳо низ аз болои ҳам рехтани мардум чашм наканда, бо тамоми вуҷуд побанди риояти тартибу интизом буданд. Фарогирии куруновирус ҳанӯз таъсири худро дар зеҳну хотири одамон дошт, аз ин рӯ, масъулони хонаи Худо ҳам аз рӯйи эҳтиёт ба ламсу бӯйидану бӯсидани чашмии санги сиёҳ роҳ намедоданд.

Аз пайи устод ман низ дуруд фиристодам, ҳар чӣ ӯ гуфт, такрор кардам. Мо саъямонро барои даври дуюм идома додем. Ба назарам чунин менамуд, ки ҳама зану мард дар гирди Каъба давр зада беш аз пеш неру мегирифтанд, бо дастбардориҳои беист дуоҳо мехонданд, бо садои баланд ба номи Худову расул дурудҳо мефиристоданд. Дар ҷамъи тавофкунандагон аз ҳама миллати дунё буданд, бо вуҷуди гуногунии забону рангу либос, ҳама бо тавҳиду тамҷид аз Офаридгор ситоиш мекарданд ва ба домани Вай паноҳ меҷустанд. Дар миёни онҳо танҳо ман гӯё аз ҳол мерафтам, роҳравӣ бароям сахт мегузашт, ҳамин як гардиш маро хастаю лакот кард. Ҳарчанд кошии гарми фарш ба поҳоям мефорид,

[13] **Мисоқ** – аҳду паймон

аз боло нури сӯзони Хуршед сари урёнамро месӯзонд, аз зери эҳром муттасил рехтани оби баданамро ҳис мекардам. Шиками калон то метавонист ҷуссаамро ба зер мекашид, қадам задан бароям мушкил мегардид. Даврагардӣ кори ҳар бӯзина нест, ҳамин дам нигоҳе афкандани устодро дидаму шунаво ба ӯ гуфтам:

– Ҳолам бад мешавад, аз маърака мебароям…

– Ҳеч гоҳ! – нидо дардод устодам Дарвеш. – Биҷунбу ба ман наздик шав, ҳар чӣ гӯям такрор кун!

Чорае ҷуз итоат надоштам. Азбаски худоҷӯйӣ ҳанӯз то мағзи ҷон нарафта буд, тавофу ниёиш бароям бегона менамуд. «Рабанно отино фиид-дунё ҳасана!» – ба гӯши ман расонда гуфт устод, то ки ман ҳам гуфтаашро такрор кунам. Базӯр аз кунҷи лабонам баромад: «Рабанно отино…». Дубора устод шунаво гуфт: «Ва фил-охирати ҳасана!» ва ман такрор кардам: «Ва фил-охирати…» Устод: «Ва қино азобан-ноор!» Аз кунҷи даҳони ман базӯр баромад: «Ва қино азоба…» Ба паскашиам нигоҳ накарда, устод аз сари нав ба хондани «Рабанно» пардохт…

Дар ин лаҳза як гӯшаи чашмам ба ду нафар пиразани қадкӯтоҳи фарбеҳак уфтод, ки ҳамин дуоро бо садои баланд мегуфтанд ва бо ҷадал роҳравон тавоф мекарданд. Ба назарам, қиёфаашон ба қабилаҳои той ё банголӣ мехӯрд, синнашон ҳам ба маротиб аз ман бештар буд. Онҳоро дида, ногаҳон ғайрате дар вуҷудам ҷӯш зад, бо дили пур қадам бардошта аз пайи устод ба гуфтани дуо даромадам. Ва бо ин саъю зикрҳо аз нав ба ростои Ҳаҷаруласвад расидани худро надониста мондам: «Бисмиллоҳи валлоҳу акбар, ва лиллоҳил-ҳамд!»

Мо даври сеюмро дар гирди Каъба оғоз намудем. Дигар, тавонам меафзуд, худам намефаҳмидам, ки неруи тоза аз куҷо ба тану ҷонам роҳ меёбад. Устодам тезрафтории маро дида нигоҳе бо табассум ба сӯям афканд ва ман ҳам лабханд задам. «Арӯс ки наметавонист бирақсад, мегуфт, замин каҷ аст», беихтиёр ин зарбул-

масал аз гӯшаи хаёлам гузашт. Бо итминон қадамзанон домани устодамро раҳо накардам ва бо ин саъй сабуру побарҷо то поёни даври ҳафтуми тавоф расидем. Дар поёни даврзанӣ муддате рӯ ба рӯйи Ҳаҷаруласвад, ки ин гӯшаи шарқии Каъба бо номҳои «рукни асвад» ё «рукни ҳаҷар» низ маъруф будааст, қарор гирифтем. Устод ин лаҳза ману атрофиёни худро билкул аз ёд бурда буд. Ӯ буду Худояш, беист, бо садои нимшунаво дуоҳо мехонд. Муттасил ашк мерехт, гӯё қатраҳои дурдонаӣ аз зери мижгонҳои тар ҷорӣ мешуданд. Саъй мекардам ҳарчи мегӯяд бишнавам, аммо аз дасти ғалоғулаи занбӯрвори атроф чизе равшан ба гӯш намерасид. Бо ин ҳол, ҳар зикреро медонистам, ба такрор вирди забон гардонида, ду чашм ба санги пок дӯхта истодам. Мегуфтанд, Ҳаҷаруласвади Каъба муаллақ аст, ба замин нарасида дар фазои озод қарор дорад. Домулло бошад, дар ваъзҳои худ нақлҳои дигар кард ва ҳақиқати гуфтаҳояшро бо чашми худ дидем. Он санги сиёҳрангест, ки дар рукни шарқии Каъба яку ним метр баландтар аз замин насб шудааст. Ҳаҷаруласвадро санги биҳиштӣ хондаанд, ки ҳадяи Худованд барои заминиён аст. Ин бор мо наметавонистем одати марсумии мусалмонон, яъне бо дасти рост ламс кардану бӯсидану бӯйидани он санги муқаддасро анҷом диҳем, ба хотири эҳтиёт ва пешгирӣ аз бемориҳои эҳтимолӣ, аҳду паймонамон танҳо бо ишораи даст ба сӯяш сурат гирифт. Мегӯянд, паёмбар дар умратулқазо, дар ҳоле, ки савори шутур буд, Каъбаро тавоф ва Ҳаҷаруласвадро бо асои худ истилом кардааст[14]...

Аз ҳаёти[15] Каъба канортар баромадем. Бо ин ки ҷойи саҷда ба чашм намехӯрд, пасу пеш дар байни одамон ҷо шуда-ҷо шуда намози тавофро гузоштем. Ин ҷошавӣ барои мани серпаҳлуи шикамдор сахт гузашт. Дастҳоямро ба тан часпонида, бо азобе нишаста хестам ва дар рак-

---

[14] **Истилом кардан** – бисудан, ламс кардан, бӯса задан

[15] **Ҳаёт** – *ин ҷо:* майдони гирди Каъба

ъати аввали намозам сураи «Кофирун»-ро аз варақ хонда зам намудам ва сипас, дар ракъати дуюм сураи «Ихлос»-ро. Садақаллоҳул азим, дар поён гӯшу ҳуш ба устод шудам, ки шунаво мегуфт: «Парвардигоро! Моро бубахшой ва бар мо раҳм кун, аз он чӣ медонӣ даргузар. Ба дурустӣ, Ту аз ҳар кас тавонотар ва бахшандатарӣ!» Бо ҳам даст ба омин бардоштем.

Сар кафад таҳи тоқӣ, устодам аз ҳар гуна камукостии ман мегузашт, бо ишораҳо, бо пешонӣ чин кардану бо лабхандҳо маро водор месохт ҳар як амалро сари вақт ба сомон расонам. Ҳис мекардам, ки чи аз пешам равад, чи аз қафоям, пайваста бо нигоҳҳои зеричашмӣ ҳавои маро дорад. Пас аз намоз бо ҳидояти ӯ ба назди даббаҳои қатори оби Замзам омадем – даббаҳои хуштарҳи хокиранге, ки ба назарам ҳар яке панҷоҳлитрӣ буд, бо навиштаҳое «сард» ва «гарм» ба инглисӣ.

Оби Замзам! «Оби поке аз муъҷизаҳои Офаридгор, ки ҳазорон сол пеш дар дили биёбон ҷӯш зада баромадааст, – яке аз нақлҳои домулло ба зеҳнам омад. Оре, аз ҳофизаи худ хеле дар шигифтам, ки ҳар чӣ домуллою устод мегуфтанд, чун сабте бар рӯйи коғази сапед дар ёдам мемонд. Гаҳ-гоҳе ба худам боварам намеомад – оё ман ҳамон Арбобам? Вале чӣ кор кунам, ки ҳангоми ҳар амале сухане дар зеҳнам зинда мешуд! – Гузаштаи чоҳоби Замзам ба замони Ҳазрати Иброҳим бармегардад. Бино ба ривоёти паҳншуда, Иброҳим ҳамсараш Ҳоҷар ва фарзандаш Исмоилро дар макони беобу алафи Макка раҳо мекунад. Ҳоҷар ба хотири ёфтани об барои писараш, бо дидани саробҳо дар байни кӯҳҳои Сафо ва Марва ҳафт бор равуо кард. Ҳарчанд барои ҷустани об шитофт, вале нокому хастаю гирифтор ба назди фарзанд баргашт. Баргашту ба чашми худ бовараш наомад: он лаҳза аз зери пойи Исмоил об равон мешуд! Ҳоҷар бо шитоб гирди обро баст ва ба такрор гуфт: «Замзам, замзам, замзам!»

Пас аз тавоф ба серӣ хӯрдани оби Замзам чӣ қадр лаззат дорад! Бо ин ки тамоми ҳамсафарони мо ҳанӯз ҷамъ наомада буданд, ману устодам ва чанд каси дигар чандин бор бо истаконҳои якмасрафӣ аз даббаҳои дарчидаи канори тавофгоҳ об хӯрдем. Сипас дар зери толорҳои сард қадам зада, аз боби Сафо гузаштем ва ба саргаҳи теппаи ҳамноми он расидем. Дар ин қисмат одам беҳад зиёд буд, ғалоғула дар сақфи толорҳои тӯлонӣ акси садо дода, ғуввоки беист гӯшҳоро кар мекард. Устод Дарвеш гуфт:

– Каме ҳамин ҷо биистем, домулло ҳам бо дигарон биёянд. Баъдан меравем ба саъйи миёни теппаҳои Сафо ва Марва, амали Момо Ҳоҷарро такрор мекунем.

Ман эҳроми танамро ба тартиб дароварда, дар бехи девор ба рӯйи зина нишастам. Шамолаки мулоими хунуке, ки дар фазои Сафо мевазид, арақҳои танамро хушк кард. Ба хусус, ҳавои сардро аз буҷулак то бехи поҳоям ҳис мекардам. Ин эҳсоси маро пай бурд магар, устод бо шумханд гуфт:

– Поҳоятро зич кун, доманатро сахттар бигир, накунад ки ҳама ҷоят сармо бихӯрад?!

Ба шӯхии ӯ хандидам.

– Ин қадр по задему роҳ рафтем, ки аз димоғам ҳаври гармӣ мебарояд, – гуфтам ман.

– Ин по заданҳо тавофи хонаи Худост, рафиқ! Бубин, чӣ гавҷумест инҷо, миёни одамон сӯзан ҷо намешавад. Ҳама барои саҷдаю зиёрат омадаанд, ҳама аз Офаридгори якто паноҳ меҷӯянд, ҳама тавба мекунанд, бахшиши гуноҳони худро мехоҳанд. Ба ин мегӯянд – мусалмонӣ!

Беихтиёр пӯсти баданам ларзида рафт. Аз он ки ман ҳам дар ин диёри дуру дурдаст, дар канори ҳазор-ҳазор мусофири роҳи Ҳақ даст ба Каъба медодаму дар дили Масҷид-ул-ҳаром ҷо хуш мекардам, ба ваҷд омадам. Хушҳолу масрур аз таҳи дил дуо хондам: «Худоё Худовандо! Ниёишҳои ин бандаи ҳақири худро бипазир, бо бузургиат ин бандаи пур аз гуноҳи худро маъзур дор.

Ман ки фаровон кору аъмоли бад кардаам, тавбаамро қабул фармо, маро ба роҳи росту рафтору кирдору гуфтори нек ҳидоят намо!»

Ниҳоят, нӯку думи гурӯҳи мо аз даромадгоҳи Сафо намоён шуд. Аз ҳама қафо сару сурати домулло падид омад. Ранги ҳама қирмизӣ метофт, хаста менамуданд, вале касе рӯ намекард. Бо ин ҳол, дурахшиши дидагони зану мард аз расидан ба марраи мурод гувоҳӣ медод.

Дар ин ҷо ман воқиф шудам, ки ду нафар аз ҳамсафарони мо бонуҳои барҷомонда ҳастанд. Домулло аз ҳоли онҳо нигарон буд, зоҳиран, метарсид, ки дар нимароҳ монда аз дасти бисёргардӣ уфтода монанд. Вақте ки ӯ ду холаро низ дар канори дигарон орому сари ҳол дид, бо садои баланд гуфт:

– Ҳамон доманакӯҳе, ки Ҳоҷармомо аз пайи об сарсон шуда буд, ҳамин ҷост! Ин ҷо теппаи Сафо аст ва дар поёни толор, ки сели одамон ба он тараф меравад, теппаи Марва қарор дорад. Мо дар байни ду кӯҳак ҳафт бор саъй мекунем ва дар охир намоз хонда ба мӯйсаргирӣ мегузарем.

– Худоё, дигар дармонам намонд, домуллоҷон, – ногаҳон гуфт яке аз холаҳои калонсол, ки ба шиддат зонуҳои худро молида менишаст. – Намешавад ман ягон соат дам гирифта баъд саъй кунам?

– Албатта, мешавад, вале мо метавонем ба шумо ёрӣ диҳем!

Ҳама ду чашм ба домулло шудем. Шояд ҳар кӣ аз дил мегузаронд, ки ин ёрӣ чӣ гуна метавонад бошад. Ӯ моро маътал накарда афзуд:

– Аз ин дучархаҳои мусофиркаш ба иҷора мегирем. Худамон бо навбат шуморо дар байни Сафою Марва мечархонем, чӣ гуфтед, Муҳаббатхола?

Бонуи солманд сурх шуд. Хиҷолатомез гуфт:

– Оё ин кор хуш меояд ба Худо?

– Набошад чӣ! Ҳам саъйи шумо қабул мегардад, ҳам мо савоб мегирем.

Аз маҳалли истодаи мо, аз пушти тирезаҳои баланди шишакоришуда бинои чоргӯшаи Байтуллоҳ ба дида мехӯрд. Ҳарчанд умрагузорон тавофи онро анҷом дода ба дохил барои саъй омада буданд, боз ҳам чашм аз он сӯй намекananд. Дар теппаи Сафо қарор гирифта, бо оромии дилу бадан ба рукни Ҳаҷаруласвад рӯ менамуданд, даст ба боло бардошта бо тавофи ҳавоӣ кафҳои худро мебӯсиданд, бо саҷдаи маҷозӣ ашк мерехтанд, ба Худои мутаол шукронаҳо мегуфтанд. Дар дили ин саргармӣ домулло ва устод Дарвеш ба назди ҷавонҳои ҳабашсурат, ки дар канори толор бо дучархаҳои мусофиркаши худ мунтазири муштариёни навбатӣ меистоданд, рафта бо як ҷуфт аробачаи дучархадор баргаштанд.

– Яке барои Муҳаббатхола ва дигаре ҳам барои Шукрияапа! – баробари расидан бо хушҳолӣ изҳор кард домулло ва ба ҷамъи мо бо меҳр дида афканда афзуд: – Расули акрам фармудаанд: «Ҳар кӣ ба нотавону уфтодае кумак кунад, Худо ба корҳои ӯ кумак диҳад ва дар қиёмат фариштаҳое мегуморад, ки ба ӯ дар гузаштан аз ҳаросҳо ва хандаққҳои оташ ёрӣ мерасонанд, ӯро солим аз Сирот ба биҳишт мегузаронанд».

Ба маҳзи адои ин сухани домулло, ду нафар ҳамсафари мо, ки нисбатан ҷавон буданд, дарҳол ба пеш по ниҳоданд ва бо табассум аз дастаки аробачаҳо дошта ба назди ду зани куҳансол, ки ҳанӯз аз ниҳояти хастагӣ ба сутуне пушт дода менишастанд, омаданд. Ҳама бо меҳр ба онҳо назар меафканданд, аз нуру шарораи чашмонашон хондан мушкил набуд, ки гуфтанианд, «бихезед, холаҳо, мо дастёри шумо ҳастем!»

Ду толори бузург дар миёни теппаҳои Сафо ва Марва тӯл мекашид, ки зиёраткунандагон дар онҳо ба ду самти муқобил тараддуд доштанд. Мо саъйи худро ба ҷониби Марва оғоз кардем. Рӯйи фарши кошикоришуда пойлуч гаштан чӣ мазае дорад! Аз як сӯ сардии фарш ва аз тарафи сақф низ ҳавои сарди ҳавосозҳои сақфӣ ба нафаска-

шии якмаром ва роҳгардии муназзам мусоидат мекард. Дар ин ҷо гармои даври Каъба набуд, Офтоб сару гарданро намесӯзонд. Ман домани ридои эҳромиро ба поён сар дода, сари диламро боз мегузоштам. Аз ҳавои сарди матбуъ то таҳи дил нафас кашида, аз паси устод Дарвеш бо ғайрат қадам мезадам. Ду толор ба назарам чун ду дараи кӯҳӣ ҷилвагар мешуд, ки аз онҳо сели одамон ҷорӣ буд. Ғурришу ғалоғулаи ин сел дар сақфҳои қабурғаӣ, ки ҳамчун харсангу теғаҳои сангии сари дараҳо дар назар метофт, акси садо медод. Бе муболиға, ду толори саъй бештар аз ҳусну намои дараҳои кӯҳӣ, ки бо гулҳои лолаву тоқибофаку шохибафо ва шохаку баргҳои сарсабзи бодому каҷҷаку норанҷ диданӣ аст, бо одамони рангинлибосу гуногунпӯст ҷаззобтар менамуданд.

Дар миёни аҳли соъӣ[16], ки чун мӯру малах доманаи байни Сафою Марваро фаро гирифта буданд, устодам Дарвеш маро ба мисли ширеш ба худ ҷазб мекард, аз дунболи ӯ канда намешудам. Роҳгардии мо аҳёнан душвор мегардид. Бо рӯйи ҳам рехтани мусофирони роҳи умра гоҳе ба тараддуди сусти пиронсолон, гоҳе низ ба лавандию бепарвоии бонувон пеш омада, маҷбур мешудем по чидаву қадам шумурда ҳаракат кунем. Дар даври дуюм, ҳамин ки то чароғакҳои маҳтобии сабзранг расидем, устод садо баланд кард:

– Биё, то поёни ин чароғакҳои сабз ҳарула[17] меравем, аз ин ҷо тез қадам зада гузаштан барои мардҳо суннат аст, – ва ӯ ором давида бо садои баландтар афзуд: – «Рабби-ғ-фир варҳам ва таҷоваз аммо таълам, иннака антал аъаззу-л-акрам!»[18]

Ҳарчанд барои мани чорпаҳлуи вазнин мушкил буд, ночор ба дав гузаштам. Гӯё ки аз поҳоям пештар шикамам «медавид». Бо ин вазъ, ба такрори гуфтаҳои устод

[16] **Соъӣ** – саъйкунанда

[17] **Ҳарула рафтан** – як навъ ҳаракат байни роҳ рафтан ва давидан

[18] Ба тоҷикӣ: «Парвардигоро! Маро бубахшой ва бар ман раҳм кун ва аз он чӣ огоҳӣ (аз хатоҳоям) даргузар, ба ростӣ ки, Ту бартар ва гиромитар ҳастӣ!»

нарасидам. Ӯ бори дуюм дуоро хонд, ба забони худамон. Онро пештар шунида будам: «Парвардигоро! Маро бубахшой ва бар ман раҳм кун...»

То замоне, ки ҳафт маротиба дар хушкзамини миёни Сафою Марва дасту панҷа нарм кардем, аллакай вақти аср гузашта буд. Тибқи маъмул, дар давоми ин саъй низ ман аз ҳама қафо мондам, ҳатто устод Дарвеш ба сустиам тоб наоварда, бо тамҷиду такрими Худо дар васати сели издиҳом ғарқ шуда рафт. Охирин бор рӯ ба Марва аз зери чароғакҳои сабз бо ҳарула гузаштам. Баданам арақшор буд, эҳром ба танам чун наворчасп мечаспид. Аз камар то нӯки ангуштони поҳоям хастагӣ чира меомад, аз даҳону биниям мисли ин ки ҳаври оташ мебаромад. Бо докаи гарданам зуд-зуд обу арақи шӯрро аз даври чашмону лабҳоям поккунон ба пеш мехазидам. Бо ин ҳол, аз забонам ниёиш қатъ намешуд, канда-канда зери лаб мегуфтам: «Худовандо! Ҳар гуноҳеро, ки содир кардаам, бубахшой... Эй Он, ки ман ниёзманди раҳматат ҳастам, маро мавриди раҳмати худ қарор бидеҳ... Худоё, ба ҳолате расидаам, ки аз адлат ҳаросонам ва аз ситам намуданат тарсе надорам... Эй Он, ки адли ту пойдор асту ситам намекунӣ, бар ман раҳм кун...»

Дар ин лаҳзаи саъй ногаҳон чашмам ба дучархаи мусофиркаш уфтод, ки Сироҷи ҳамгурӯҳамон дар он Муҳаббатхоларо мебурд. Чӣ гӯям, ҷавони ҳимматбаланд ҳоли хари испоркашро дошт! Оре, ҳоли ҳамон гӯшдарози сахткӯшеро, ки ҳангоми шудгор ба обу арақ ғӯтида испору мола мекашад. Ба ӯ раҳмам омад. Чеҳраи гулгунаш, рагу пайҳои барҷастаи гардану бозувон ва чашмони хунгирифтааш маро ба риққат овард. Аз ниҳояти мондагӣ дуқат шуда, сари дастгираҳои дучархаро ба ду паҳлуи шикамаш халонда, бо вазни ҷуссаи худ аробачаро тела медод. Муҳаббатхола сурати ӯро намедид, беғаму бехаёл ду поро ба пеш кашол карда, беохир тасбеҳ гардонда менишаст. Ба он ду нафар – яке мустаманду дигаре савобҷӯйи мустамандшуда, расида гирифтам. Бе

истиҳола, даст ба сӯйи дастгираҳои дучархаи мусофиркаш бурдам. Сироҷи ҷавон гӯё ки ин лаҳзаро интизор буд, нафаси амиқе кашиду қоматашро рост кард, аз бехи чашмони қирмизиаш нури сипосу сано медурахшид, базӯр лаб ба сухан кушод:

– Худоро шукр!

Ман аз Сироҷ ҳоли беҳтар надоштам, аммо ҳарчи неруе дар бадан буд, ба нӯки ангуштону муштҳоям равона кардам. Аз куҷое овози ношинос дар табираи гӯшҳоям менишаст: «Ту аҳмақӣ, Арбоб! Худат аз по меафтию ароба тела медиҳӣ...» Ҳалқаи таноби мошинкаше низ аз банди поҳоям муҳкам дошта меистод гӯё, худро аз камар поин беҷон ҳис мекардам. Вале... ин ҳама васвасаро нигоҳҳои гарму чеҳраи ҷиддии устодам барҳам зад. Дар зеҳнам суханҳои амромези ӯ зинда шуд: «Ту метавонӣ, ман туро худоҷӯй мекунам!» Беихтиёр дучархаи мусофиркаш дар байни издиҳом суръат гирифт, ғиж-ғижи чархҳояш то сақфи кунгурадор расид, бе ишораву пӯшт-пӯшт ҳама барояш роҳ мекушоданд...

Дар поёни толори пуродам, паҳлуи теппаи Марва баъзе аз ҳамсафаронамон намози саъй мехонданд, баъзе ҳам бо зикру саногӯйӣ дар канори сутунҳои боби хуруҷӣ мунтазири ҳамраҳони худ меистоданд. Ҳамин ки Муҳаббатхола пиёда шуд, аробачаро ба назди онҳо бурдам. Устодам Дарвеш ҳиммати маро дида, бо лабханди латиф ба наздам омад ва даст ба рӯйи дӯшам ниҳода, дар ҳоле ки аз чашмонаш нури сипосу шукр меламъид, гуфт:

– Боракаллоҳ! Ҳар кас ниёзи муъминеро раво созад, Худованд ҳоҷатҳои фаровони ӯро раво созад, ки камтарини он биҳишт аст. Ту, рафиқ, ба ин таҳсини расули акрам сазоворӣ!

Аз таърифи устод хушҳол шудам. Ӯро то ба ҳол ин қадар шоду мамнун надида будам, мисли ин ки худаш кори савоб карда бошад, бо завқ ба ману ба ҳамраҳон дида медӯхт. Домулло ба шодии ӯ шарик шуда гуфт:

– Ҳеч фикр намекардам ин рафиқат ҷавонмардӣ мекунад, метарсидам, ки бо ин филҷуссагӣ дар нимароҳ мемонад. Иншоаллоҳ, муваҳҳиди[19] хубе мешавад!

– Рафиқ марди боирода аст, – дар тақвияти сухани ӯ гуфт устодам, – аз куфр даст шуста, ба дин даст медиҳад. Ӯ Худоро меҷӯяд ва ба лутфу марҳамати Худованд мерасад.

Ҳарчанд аз ин ситоишҳо болу пар мебаровардам, ёрои хурсанд шудан надоштам, араќи баданам сард шуда дар ҷо меларзидам. Чун пай бурдам ҳарфи дуруст зада наметавонам, ба аломати қуллуқ даст рӯйи сина гузошта, ба гӯшаи намозгузорон гузаштам. Мебоист саъямро бо ду ракъат намоз ба тасдиқ расонам. Эҳ, чӣ рӯзи сахте ба сарам омад! Ин ду бор шинухези мухтасар маро ба чархи осиёб парт кард гӯё. Ба назарам, ҳама узви танам кандаву аз ҳам ҷудо буданд, на банди даст ҷоне дошту на миёну на устухонҳои по. Аз шиддати дарди ноҳинҷоре, ки зонуҳоям доштанд, аз чашмонам ашк мешорид. Ба ҳар қимате шуда, ду ракъат намозро хондам, вале «сарашро зада чашмашро кашидам», Худои бузург худаш бубахшад...

Навбати ҳалқ расид. Вақте ки устод ин вожаро аз ҳалқ талаффуз мекард, ба шигифт омада будам. Шарҳи ӯро дар ёд дорам: ҳалқ ба маънии тарошидан ё кӯтоҳ карданимӯйи сар аст, ки аз ҷумлаи фароизи ҳаҷу умра бошад. Ба қасди ибодат сарҳоро тарошида аз эҳром мебароем. Ҳоло ҳама дар гирди домулло ҷамъ шудем. Чун атрофи Каъба барои мо ошно набуд, домулло саъй мекард дар ҳар қадам ҳавои якдигарро дошта бошем. Ба иттифоқи ҳам давр зада ба пушти Масҷид-ул-ҳаром, ба назди бинои бузурге, ки онро Бурҷи соат мехонданд, гузаштем. Дар он ҷо майдони хурди назди даромадгоҳи масҷидро ҳамчун маҳалли вохӯрӣ таъйин карда, занҳо ба ҷониби ороишгоҳ ва мардҳо низ ба самти пероишгоҳ шитофтем.

Роҳраву дами дарҳои мӯйсаргирон кабӯтархонаро

[19] **Муваҳҳид** – худошинос; касе, ки ба Худои ягона имон дошта бошад

мемонд, одамон аз сару дӯши ҳам боло мерафтанд. Садоҳои ғавғою ғалоғула гӯшҳоро кар мекард. Дар воқеъ, майдони назди даромадгоҳ низ пур аз кабӯтар буд ва ҳар кӣ ба ин ҷо меомад, мураттаб ба сӯйи онҳо донаворӣ мепошид. Мо пасу пеш аз роҳравҳои борики тӯлонӣ ба дохил рафтем ва аз ҳамдигар пош хӯрдем. Яке дидам, ки на домулло менамояду на устод ва на дигар ҳамроҳон. Лоилоҷ, худам танҳо то назди дари пероишгоҳе омадам. Бачаҳои устокорро даст ба дасташон намерасид. Ҳар кӣ ба рӯйи курсӣ менишаст, бо як чашмпӯшӣ ё мошинаки барқӣ аз сараш мегузаронданд, ё мӯйсарро каме нам карда устура медавонданд. Чун навбатам омад, дар курсии нишондодаи мошинакдоре нишастам. Ба арабӣ суханҳое ғулдур-ғулдур кард, ки чизе нафаҳмидам. Дар даст ду-се шонаи асбоби мӯйсаргириро нишон медод, ки ман ҳам таваккул ба яке бо ангушт ишора кардам. Дарҳол лунгиеро аз гарданам овехт ва ҳаш-паш нагуфта, мӯйи сарамро тарошида партофт. Аз ҷо хеста, ба оина нигоҳ кардам. Мӯйи сарамро тоза нагирифта буд, бо як дидан ҷойи мӯйсар сиёҳӣ медод. Каме ба фикр фурӯ рафтам: оё қабул мешуда бошад? Ҳарчи бодо бод, аранг ба ёдам омад, ки мӯйсарро кӯтоҳ ҳам кунанд ҷоиз аст... Чун усто мех шуда ба дастҳоям дида медӯхт, аз ҷайб чанд коғази панҷриёлиро баровардам. Ӯ бо шитоб се донаашро рӯфта гирифт ва бо табассуми зиште сар ҷунбонду бо даст ба сӯйи дар ишора кард. Ман ҳам ба забони худам сипос гуфтаму ҳамоно ба берун қадам ниҳодам ва аз роҳравҳои дохилӣ гузашта ба майдони назди Бурҷи соат баромадам.

Садои муаззин. Садои маҳину дилнишине, ки камкам маро маҷзуби худ месохт. Чун сурхиҳои Хуршед куллан нопадид шуда, ҳама ҷо омода буд ба торикӣ даст диҳад, барои гузоштани намози шом фаро мехонданд. Аз ҷое, ки ман меистодам, Масҷид-ул-ҳаром бо дурахшиши даҳҳо чароғи хиёбонӣ муҷалло ба назар метофт. Намои онро кунгураҳои хурду калон, сангкориҳо бо

шаклҳои мухталиф, хатнавиштаҳои ҷолибу мунаққаш, билхосса, дарҳои бисёр бузурги мурассаъу озиншуда бо-салобату диданӣ нишон медоданд. Дар ин миён он чиз маро зиқ кард, ки масҷид аз чор тараф бо биноҳои ос-монхарош иҳота мешуд. Он иморот аксаран ҳутелҳо буданд, ки аз ҳар сӯ ҳишмату зебоиҳои Масҷид-ул-ҳаромро нопадид мекарданд. Дар дилам иштиёқе ҷӯш зад, ки кош Байтуллоҳ ва Масҷиди бузурги мусалмонҳо бо тарҳи зебо ва созаҳои хушнамояш дар ин маҳдуда ягона бошад ва аз роҳ расидагон ин макони поку муқаддасро аз як санг раҳ тамошо кунанд...

Хаёлангезиҳои бесару нӯки маро ногаҳон садои устодам барканд. Ӯ ҳамроҳи ҳамсафарони офтобсари мо пас аз анҷоми амалҳои умра дар як гӯшаи майдони серодам, поинтар аз зинаҳои ороишгоҳи занона гирди ҳам меомаданд.

– Куҷоӣ рафиқ, гум шудӣ?

– Агар дев ҳам мебудам, дар ин издиҳом раҳгум мезадам, – ӯро дида хушҳол гуфтам ман ва кафи даст аз сар кашидам, – аммо шумо кали кал шудаед, бо теғ занондед?

– Дурусташ ҳамин аст, – назаре ба сари ман афканда гуфт устод ва чинҳои пешониашро ба болои абрувонаш фуроварда афзуд: – Магар нагуфта будам бо теғ ё устура бояд тарошид? Метарсам, ки боиси ҷарима нашуда бошӣ.

Дилам таҳ нишаст. Дар айни ҳол дигар имкони шарҳу тафсир набуд, азбаски домулло бо аҷала ба сӯйи даромадгоҳи масҷид роҳ пеш гирифт, ҳама ба он сӯ шитофтем. Аз боби Малик Фаҳд ворид шуда дар нахустин намозгоҳ, пасу пеш дар васати намозгузорон рост истода, аз пайи такбир ба нияти намози шом пардохтем.

Намози ҷамоат. Ман қадамҳои аввалин ба дунёи зикру ниёиш гузошта, ба ин навъи намоз аз таҳи дил ихлос бастам. Бо дастҷамъӣ дар баробари он чӣ гуфта мешавад саропо гӯш шудан, ҳама дилшӯраву ташвишҳои

ҳаётро аз ёд бурдан, танҳо бо номи Ёри бахшояндаву меҳрабон рост истодан ва таъзим кардан чӣ қадр мазаи беохири руҳӣ дорад, то чӣ ҳад ҷонбахшу сафобахш аст! Устодам мегуфт, «нахустин бор намози ҷамоатро паёмбарамон иқома кардааст. Бино ба нақлҳо, як намози ҷамоат бартар аз бисту панҷ намози фародо аст. Касе, ки дар ин намоз дар пеш меистад, имом аст ва дигарон, ки ба ӯ иқтидо мекунанд, маъмум мебошанд». Ман қурбони ин имому маъмумҳо шавам! Сафҳои рост, китф ба китф расондани намозгузорон, бе он ки халое дар миён бошад, дастҳо рӯйи ҳам, сарҳо хам, хомӯшии мутлақ ва бо ин ҳол гӯш фаро додан ба имоми хушовоз, ки гӯё каломи раббониаш ангубин ба даҳони ҳушу ёдҳо мерезад – ҳама аз будани ҷамоати муттафиқ ва итоати самимӣ гувоҳӣ медиҳад. Мегӯянд, намози ҷамоат ҳарчи бисёр намозхонҳоро фаро гирад, назди Худо маҳбубтар ва подоши он бештар аст. Инак, чунин маҳбубиятро дар хонаи Худованд мебинам, дар намозгоҳҳои Масҷид-ул-ҳаром, ки сараш маълуму таҳаш нопайдост. Вақте ки ба ният мепардохтем, устодам ёдовар шуд: «Мо амалҳои умраро анҷом додем ва ба фоли нек аст, ки ин намози шом аъмоли некамонро такмил мекунад».

* * *

Гилеме маро аз болои абрҳо мебарад. Зери поям мисли махмал нарму маҳин аст, аз чор сӯ ҳавои сарду форам мевазад. Ногаҳон аз ҷавлонгаҳи осмон ба поин омадам, гилем бо суръати бод аз миёни абрҳо берун омаду дар фарози деҳаи ошное ба парвозаш идома дод. Сараввал дар гирду барам шохаҳои сабзу хуррами дарахтон алвонҷ мезаданд, ки ғайричашмдошт, онҳо ба сурати фариштаҳое даромаданд. Ман гӯё савори тахти шоҳӣ мерафтам ва перомунам он париҳои хубчеҳраи нозанин бо таъзиму такрим бол меафшонданд. Аз жарфои осмони нилгун тӯдаи абрҳои саросема ва аз пушти онҳо нуру зиёи Хуршеди тобон ба роҳати ман осоишу оромии

бештар ато мекард. Дар дили ин меҳмонӣ дастархоне дар пешам густурда шуд ва бо як чашмзании кӯтоҳ нуқлу неъмати зиёд ба рӯйи он фурӯ рехт. Ба шигифт омадам, вале сари тааҷҷубам нашикаста, баногоҳ ҷуссаи лӯндаю пойҳои кӯтоҳи улфати ҳамешагиам Мастон дар муқобилам падид омад. Ӯ аз ниҳояти шодмонӣ наметавонист даҳонашро бипӯшад, дар ду даст дутой шишаи шаробро дошта меистод. Як қад парида худамро ба қафо кашидам, аммо ҳамин дам ду фаришта ба сӯям хам шуданд, яке аз пушт сарамро масҳ медод, дигаре дасту китфонамро. Ҳамоно ин ғамхорӣ тамом нашуда, ду фариштаи дигар аз ду паҳлуям ҷо гирифтанд. Ба маҳзи ин ки Мастон дар қадаҳҳо шароб рехт, як парӣ қадаҳи шароб ва дувумӣ газакеро аз дасторхон миёни ангуштони нозуку оҳории худ дошта ба сӯям дароз карданд...

Ана кайфу ана роҳат! Дар зери дастони нарму маҳин баданам гӯё мисли мум об мешуд. Чашмонам аз дидану тамошои париёни хушлиқо маст ва тамоми вуҷудам ғарқи накҳату раёҳини диловез мегардид. Бо дидагони хуморӣ ба улфатам Мастон, ки бо лабханди гарм наметавонист хурсандиашро пинҳон кунад, рӯ овардам.

– Ту рафиқи дилёби манӣ, ҷӯра! – гуфтам бо ихлос. – Ҳамеша ҳавои маро дорӣ, медонӣ қафаси танҳоиро чӣ гуна бояд шикаст.

Дасти нозуку нарми парии рӯбарӯямро, ки бо қадаҳ меистод, миёни панҷаҳоям гирифтам ва қадаҳро якҷоя бо дасти вай боло кашидам. Парии дуюм дарҳол газак ба даҳонам гузошт ва бо кафи дигараш пешонию гунаҳоямро молида монд. Мастон дубора шароб рехт, боз ҳамон манзара...

Лаҳзае гузашт ё не, ногаҳон дунё дар назарам воруна шуд! Нури Хуршед намонд, осмон тира гардид, фариштаҳо ғайб заданд. Ба ҷойи ду парии пуштам ҷонвароне пайдо шуданд қулдуру дурушту бадҳайбат. Онҳо нохунҳои дарозу чун сӯзан тезашонро бераҳмона ба ду шонаам халонида, ҷуссаамро озод бардоштанд.

Ман дасту почакзанон дар зери худ чоҳи сиёҳи беохиреро дидам, даҳшати ногаҳонӣ вуҷудамро ларзонд. Дигар, аз ду парии пеш ва улфатам Мастон хабаре набуд, ҷойи онҳо ду ҷини аъҷуба бо даҳону биниҳои ғормонанд ва чашмони калон-калони косасон бо заҳрханду тамасхур ба ман нигоҳ мекарданд. Яке на шиша, балки кӯзаи калонеро боло бардошт ва беист ба сару рӯям шароби сардеро рехтан гирифт. Шароб на танҳо сард буд, бӯйи бади туршии чандсадсолмондаро медод. Дилам беҷо шуд, сахт хунук хӯрдам, ин кам буд магар, аз ниҳояти тарси ногаҳонӣ танам чун барги бед меларзид. Махлуқҳо бо ин ҳунари зишти худ қаноат накарданд. Онҳо ваҳшиёна сарамро миёни панҷаҳои хорноки худ гирифта, сахт тофта-тофта, ба боло бардоштанд ва ба маҳзи ин ки хостанд аз даҳону бинием шароби тунд бирезанд, бо тамоми неру, ҳазорҳо рагу пайи баданамро таранг кашида, аз таҳи дил фарёд задам:

– Не, не, не!!! Сар диҳед маро! Сар диҳе-ед!!

Инҷо ба худ омадам. Ба рӯйи пешониам гармии ҷонфизоеро ҳис кардам. Пилкҳои ларзони ду чашмам беист такон хӯрданд. Дар пешорӯям сурати устод ҷило дод, рухсори ӯ аз нури чароғҳои хиёбонии пушти шишаҳои баланди хонаамон равшан мешуд.

– Хоб мебинӣ, рафиқ, хез аз ҷоят! – даст аз сари ман бардошта бо таъкид амр кард ӯ. – Вақте ки субҳи бомдод медамад, одамро сиёҳӣ зер мекунад. Зуд бош, таҳорат гир, ба намоз мебароем.

Беихтиёр парида аз бистари хоб хестам. Чун кам-кам ашёи хонаро дидаму устоди яктаҳпӯшамро, ба худ омадам. Ҳанӯз оғуштаи биму нигаронӣ аз дасти хаёлҳои бесару нӯг, гуфтам:

– Даҳшат, бало! Маро аз қулдурҳои бераҳме наҷот додӣ, устод…

– Хоб бародари марг аст, рафиқ! Вақте ки мехобем, руҳ аз бадани мо ҷудо мешавад, ҳамон тавре ки агар бимирем руҳамон мепарад. Ба хусус, аз хоби пагоҳӣ

парҳез кун, ки ин иҳлом[20] ба дидани ҳар гуна хоб во-дор мекунад. Бихез, худро ба тартиб биёр, шустушӯ кун, ҳама шайтону ҷину парӣ аз ту мегурезанд!

Кош устод медонист ман чӣ гуна хобе дида будам. Аммо чизе нагуфтам, аслан намехостам шаробхориҳои даврони «беақлӣ»-ям дубора рӯйи забон ояд. Аз ҳама бештар, худам тоқати шунидани суханеро дар ин бора надоштам. Туро бало гирад, Мастони бодапараст! Ҳамон қадар улфатиҳо сари шишаҳои шароб бас аст! Дигар намехоҳам ба гуноҳони кабира ғӯта занам. Чун ба роҳи ислоҳ даромадаам, рӯзу шаб тавба мекунам, то фосиқ набошам...

Хушбахтона, аз пайи гуфтаҳои устод рафта, ба роҳи рост по ниҳодам. Чашм нарасад, акнун таҳорату вузуро бо маҳорат мегирам. Азбаски пас аз амалҳои умра ҳашт-нуҳ рӯз то фарорасии Арафа фурсат доштем, ба аҳкоми зиёде ворид шудам. Дамаш гарм устод Дарвешро, омӯзгори беҳамтоест ӯ!

Ҳамин омӯзгории устодам ва домулло буд, ки ману чанд тан ҳамгурӯҳамон нашъаи ҷаримаро ҳам чаши-дем. Ҳар гуна халофкорие, ки ҳангоми адои амалҳои умра рух медиҳад, боиси каффора мегардидааст. Аз ҷумлаи амалҳои норавои мо ҳамон мӯйсаргирии нопур-ра буд, ки ману устодам ба кам гирифтани мӯйи сарам шак доштем. Фикр мекардам танҳо ман ба як гӯсфанд ҷарима шудаам, аммо дертар донистам, ки се-чор на-фар бонуи гурӯҳамон низ ба хотири кам буридани гесу, истифодаи собуни муаттар дар ҳангоми адои амалҳои умра ва Сироҷу Илёс низ, ба сабаби он, ки тавофи Каъ-баро бе вузу анҷом додаанд, ба ин гуна садақа «гириф-тор» шудаанд. Ба бахти нек, ин гирифторӣ барои мо ма-сарратбахш буд, чаро ки мо сари вақт аз гуноҳон пок ва аз хиҷолату сарафкандагӣ дар назди Парвардигор раҳоӣ меёфтем!

Ба ин минвол, рӯз аз пайи шаб меомаду пойи мо

---

[20] **Иҳлом** – хобҳо, хобҳои шайтонӣ

аз Каъбатуллоҳ канда намешуд. Ба Худо, он ба мисли оҳанрабое буд, ки моро беист ба сӯйи худ мекашид. Ман ба ин эъҷоз қоил омада ба устодам мегуфтам: «Чӣ сирре дорад, ки тамоми рӯз ба сӯяш мешитобӣ, шабҳо низ орзу мекунӣ тезтар рӯз шаваду ҳарчи зуд ба суроғаш бирасӣ...» Дар ҳоле, ки аз дидагонаш нури мамнуният ламъа мезад, устодам аз лабхандҳои малеҳи худ бароям ҳадя мекард.

«Тавофи хонаи Худо аз зеботарину пурҷозибатарин амалҳои аҳли муслим аст, – ҳар бори наздик шудан ба Каъба мегуфт домулло. – Худатон гувоҳ, вақте ки ошиқу дилбохтагони ҳарими кибриёӣ чандин фарсанг роҳро паси сар карда, ба шаҳри муаззами Макка, ба ин замини поку муқаддас мерасанд, ҳамчун касоне, ки аз ниҳояти ташнагӣ худро ба чашмаи об андозанд, бо бесабрӣ остонаҳои Масҷид-ул-ҳаром ва Байтуллоҳро мебӯсанд. Пеш аз он, ки ба ин даргоҳ бирасем, ҳар яки мо саравал худро бо оби тавба мешӯем, то ки бори вазнини гуноҳҳоямонро аз дӯш канор гузорем».

Ба ин суханҳои домулло устодам ҳакимона меафзуд: «Он гоҳ ғусл карда, такбиргӯён вориди масҷиди азимушшаън мешавем, ба майли хотир, бо эътимоди комил. Ошиқона дар гирди Каъба мечархем, бо вуҷуди гармою ҳавои доғи нафасгир ниёишҳо мекунем... Басе ҷолиб аст, ки дар ин рӯзҳо фариштагони посбони Худованд ҳамроҳи мо хонаи Аллоҳро давр мезананд, то ки онро аз пайравони шайтони лаъин ва ситамгарон ҳифозат намоянд».

Бо шунидану пазируфтани панду дарсҳои устодон ҳатто мани беҷуръат ба саф даромадам, то ҷое, ки дил ба дарё зада, ҳеч намозеро қазо ва зиёрату тавофи масоҷиду Байтуллоҳро канда намекардам. Пас аз гузашти ин дувоздаҳ-сенздаҳ рӯзи умраю тавофҳо то ҳадде гӯшт партофтам[21], ки бовари ҳамсафаронам намеомад. Устод имрӯз ҳам ба зудӣ омода шуданамро ба намоз

[21] **Гӯшт партофтан** – *маҷ.* лоғар шудан

дида, бо лабханд гуфт: «Қанд зан, рафиқ, ту дигар он Арбоби шикамдору сусткор нестӣ!»

Мо дастаҷамъ салоти бомдодро дар намозгоҳи ҳутел гузоштем. Сипас дар ошхонаи умумӣ ноништа карда, ба одати маъмул, ҳамоно ба берун шитофтем. Моро оҳанрубои Каъба ба сӯйи худ мекашид, дар назди ҳутел автобусҳои навбатдор низ мунтазири мо – аҳли бетоқат меистоданд. Имрӯз домулло ба ману устод ҳамроҳӣ мекард. Ӯ хомӯш нанишаста, ба маҳзи роҳ уфтодани автобус, дар сари курсиаш тоб хӯрду рӯ ба сӯямон гардонд ва таъриф кард:

– Ҳамон тавре ки чандин бор гуфтаам, дар Умулқуро[22], ки қиблагоҳи муқаддаси мост, саъй кунед ҳар рӯз, на, ҳар лаҳзаро ғанимат шумурда бо зиёрату ибодату тавоф машғул шавед. Имрӯзҳо як пойи шумо дар Масҷид-ул-ҳаром аст, аз ин рӯ, то метавонед бе вақфа намоз гузоред. Як фақара намоз дар ин ҳарами пок баробар бо сад ҳазор ракъат намози ҷойи дигар аст!

– Аз ин суханатон тамоми баданам бичиррос зада рафт, домулло, азбас савоби бисёр хоҳем гирифт! – бо хушҳолӣ гуфтам ман. – Оё дар худи ҳамон масҷид ҷойҳое ҳаст, ки аз гӯшаҳои дигараш боарзиштар бошад?

Домулло гуфт:

– Бино ба ривоятҳо, Ҳатими мо – байни Ҳаҷаруласвад ва дари Каъба, ки дар он аз ҳама бештар бо хушуъ ва хузуъ даст ба дуо мебардорем, арзиши воло дорад. Аз он пас намоз гузоштан дар канори Мақоми Иброҳим, сипас дар Ҳиҷри Исмоил ва дигар, ҳар куҷо, ки ба Каъба наздиктар бошад…

Як дам дар автобус хомӯшӣ ҳукмрон шуд. Зоҳиран, ҳама гуфтаҳои домуллоро аз мадди хаёл гузаронда ба наҳви худ таҳлил мекарданд. Ҳарчанд, ба қавли Мавлавӣ, гуфтан сим асту хомӯшӣ зар, домулло ба сукути нишаста таҳаммул накарда, дар дили гур-гури мусофирбар суханашро пай гирифт:

[22] **Умулқуро** – номи дигари Макка; ин шаҳрро ҳамчунин Бакка, Баладулҳаром, Баладуламин номидаанд

– Азбаски ба масҷиди Каъба меравем, дар он ҷо амали тавоф савоби бисёр дорад. Бидонед, тавоф ҳам ба мисли намоз аз ибодатҳои илоҳӣ аст, танҳо бо ин тафовут, ки дар он хомӯш наистода метавонӣ сухан гӯйӣ. Ва ин сухани ту бояд пур-пури зикру дуо бошад. Ман аз он чиз дар шигифтам, ки танҳо ҳамин хона, яъне Байтуллоҳ тамоми сол ёрону ҳамнишинҳо дорад, атрофи он аз тавофкунандагон аслан холӣ намешавад.

– Банда ин ҳолатро дар ҷисми худ низ имтиҳон кардаам, – дар ин ҷойи сухан луқма партофт устодам ва бо ҳаяҷон ба гӯши ҳама расонда шеъраке хонд: –

*Ману Каъбатуллоҳ – ду ёри қарин,*
*Дар ин фасли гармо шудем ҳамнишин.*
*Тавофу ниёиш кардам басе,*
*Ба ҳукму ба лутфи Ҷаҳонофарин!*

– Э, офаринат Мулло Дарвеш! – бо хушҳолӣ ҳайрати худро пинҳон накарда гуфт домулло. – Дар ҳақиқат, намедонам ин хонаи муқаддас чӣ сирре дорад, ки дар ҳар гуна обу ҳаво ҳамаро қарину надими худ месозад. Шунида будам, ки агар бороне ҳам ояд, мардум барои паноҳ ҷустан ба зери сақфҳо намедаванд, балки по дар даст ба ҷониби Каъба мешитобанд. Онҳо талош мекунанд ба атрофи Хонаи Худо бираванду дар зери новадони тиллоӣ ҷо хуш кунанд ва бо оби бороне, ки аз боми Каъба фурӯ мерезад, худро бишӯянд ва пок шаванд.

Чун ба масҷид расидем, ин дафъа аз боби ҳамешагӣ ба дохил нарафтем. Домулло ба хотири ранҷ додан буд ё ошно кардан бо созаҳои аҷоибу ғароиби намозгоҳи азими сетабақа моро давр занонда, аз тарафи кӯҳи Абуқубайс ва Бурҷи соат ба дарун роҳнамоӣ кард. Дар ин самт одамон аз дарҳои Билол, Ҳанин, Исмоил, Аҷёд ва боби Малик Абдулазиз ба зиёрати ҳарам ва Байтуллоҳ мушарраф мешуданд.

Тавофи имрӯзаи мо қабл аз оғози амалҳои ҳаҷ охирин буд. Ҳамин ки аз хатти сабзранг ба гардиш сар кар-

дем, домулло сари по дуоҳое дар дил хонда омин гуфт ва ба мо ёдрас намуд:

– Худо хоҳад, пасфардо ба Мино мекӯчем. Ниҳоят, замони амалҳои ҳаҷҷи муборак низ фаро мерасад. Азбаски иҷрои маносики ин фаризаи мо машаққатҳои зиёд дорад, бояд як рӯз истироҳат кунем.

– Оё ранҷ кашидан беҳтар нест? – аз дарсҳои устодам ҳамин маънӣ ба хотирам омад. – Савоби бештар мегирифтем.

Домулло ва устод ҳар ду лабханд заданд.

– Мо то имрӯз бисёр саъй кардем – ранҷ ҳам кашидем, роҳат низ бурдем. Агар то охирин нафас ҷон канему дар замони ҳаҷ ба дарду ранҷ мубтало шавем, Худоро хуш намеояд. Ҳамин ҳозир пайғоми тозае ба мо расид, раҳбарамон аз тариқи телегром шодмонии худро бо як навори тасвирӣ фиристодааст.

Азбаски дар миёни одамон роҳ рафтан сахт буд, худамро базӯр ба устодаму домулло мерасондам. Ин тани ҷуссадори ман имкони пеш рафтан намеёфт, аз пешу пас, аз ду ҷониб зану мардон часпида роҳ мерафтанд, тез-тез роҳи маро бурида мегузаштанд. Бо ин ҳол, сухани охири домулло рағбати роҳгардиамро афзун кард. Бо ҳирси шунидани пайғоми хуш бо ҳарчи неруе доштам ба ӯ наздик шудам.

– Хушбахтона, имсол Арафа ба рӯзи ҷумъа рост омадааст! – бо мамнуният эълом намуд домулло. – Аз ин рӯ, ҳаҷҷе, ки мо анҷом медиҳем, Ҳаҷҷи акбар хонда мешавад, ки савоби бисёр дорад. Ин ҳиммати Худованд фарханда бод, дӯстонам!

Устодам кунҷковӣ карда пурсид:

– Савобаш чӣ қадар аст?

– Баробар ба ҳафтод ҳаҷҷи маъмулӣ!

Шигифти мо беандоза буд. Медидам, ки тамоми ҳамсафонамон бо шунидани ин хабари сурурангез шодубод даст ба боло карда, ба номи Худованди карим дуоҳо мехонданд. Ман бошам, ҳанӯз аз умқи ин гуфтаҳо

сар дарнамеовардам. Симои суоломези маро пай бурд магар, устодам қадаммониашро сусттар кард ва китф ба китф ба ман наздик шуда гуфт:

– Арафа рӯзи нуҳуми зилҳиҷҷа, аз рӯзҳои бофазилат аст. Дуои ин рӯзро ҳатто аз рӯза афзал донистаанд. Мо ҳаҷҷи худро бо истодан дар мақоми Арафот сар мекунем...

Дар ин ҷойи сухан як тӯда тавофкунанда ба мо фишор оварда, аз байнамон ба самти беруни саҳни Каъба гузаштанд. Устод дар пеш монду ман дар қафо. Маҷбур шудам то гузаштани охирин нафари гурӯҳи «ҳамлавар», ки аз либосҳояшон ба индунезиҳо шабоҳат доштанд, тоқат карда сари ҷо биистам. Шиками калонам дубора фанд дод, чун мисли устоди лоғар наметавонистам ҳар гуна «садд»-ро бурида ба пеш равам, лоилоҷ аз дастаамон гусаста шудам.

Тавофи Байтуллоҳро ба танҳоӣ идома медодам, ки ногаҳон аз миёни садҳо зиёраткунанда суханҳои ошно ба гӯшам расид. Як нафар бону бо забони ширини форсӣ расову бурро ниёиш мекард. Ба тан либоси баланди обиранг пӯшида, ба сар рӯмоли ҳарири сиёҳгунеро баста буд. Мисли ман шиками калон дошт, вале на аз фарбеҳӣ, балки дуҷон менамуд. Бо сари хам шумурда қадам мениҳод, кафи дасти чапашро ба рӯйи шикамаш гузошта, бо дасти дигар тасбеҳеро дона мегардонд. Садои дилнишини ӯ ҳушу хаёли маро рабуд.

– Худоё Худовандо, чун ману фарзандамро ба ҳузури худ пазируфтаӣ, марҳамату лутфатро аз мо дареғ мадор, – мегуфт ӯ бо муноҷоту розу ниёз, – ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳил алиял азим[23]. Илоҳӣ, илоҳӣ, ҳамду сано туро сазост. Туӣ он кариме, ки бандаи даргоҳатро ба малакути хеш ҳидоят фармудӣ. Эй Худои ман! Бандаи навхези боғи иноятро, ки дар олами раҳм дорам, ба ту месупорам, то дар малакут тифли раҳмонӣ

[23] *Маъниаш:* ҳеҷ неру ва тавоне ҷуз аз сӯйи Худованд баландмартаба ва бузург нест

лоиқи зикру санои яздонӣ ва сазовори тамҷиди субҳонӣ ва мустаҳаққи алтофу фазли самадонӣ гардад ва дар дили таълими раббоният нашъу намо ёбад. Туӣ бахшандаву меҳрабон ва туӣ Худованди азимул-эҳсон…

Бо шунидани овози маҳину дилангези бонуи ҷавон беихтиёр ба ӯ нигоҳ кардам, чашмам ба чашмҳояш уфтод. Чӣ чашмҳое! Бо ин ки беист ашк мерехт дар шаҳлоию ҷодуӣ беҳамто буд. Агарчи рӯмоли калонеро аз сар андохта мӯю гардану шонаҳояшро то камар пинҳон мекард, себи сурхи гунаҳояш бас дилрабо ба назар мерасид. Истоди ӯ дар ин зиёрати пурмашаққат ва ба хусус, худро аз ёд бурда барои ҷанини батнаш ниёишу саҷда ба ҷо овардани бонуи ғамхор маро ба шигифт овард. Мисли ин ки дар пешорӯям фариштае бо ҳусни аҳуроӣ чеҳра боз мекард.

Дар атрофи Каъба давр мезадему ҳамаро чун як оила медидам – зану мардро, сапеду сиёҳро, гандумгуну норанҷиро, қаҳваию қирмизиро, хурду калонро… Ин ҷо чашмҳои ҳарис, ки ба номаҳрам биуфтад, кӯр аст, ҳисси шаҳвонӣ, ки аз тинати ҳайвонӣ бархезад, мурда аст, олуда шудан бо ширку дурӯғу фиребу ҳар чӣ зишт бошад, билкул норавост. Ман гӯшу ҳуш ба дуохониҳои бонуи ношинос, устухон хурд карда, аз Мултазаму[24] Мақоми Иброҳим[25] гузашта ба Ҳиҷри Исмоил расидам. Қадам мениҳодаму бехабар, дар миёни дастаи зиёраткунандагони эронӣ уфтодани худро нафаҳмида мондам. Мисли ин ки дар сафи намоз бошанд, онҳо чор-панҷкасӣ кано-

---

[24] **Мултазам** миёнаи рукни Ҳаҷаруласвад ва дари Каъба аст, ба гуфтаи Хоқонӣ:

*Бӯсу дуо Каъбаро, бар дару дастат чунон-к,*

*Мавзеи бӯса Ҳаҷар, ҷойи дуо Мултазам.*

[25] **Мақоми Иброҳим** – манзур санге аст, ки Ҳазрати Иброҳим ҳангоми бозсозии Каъба зери пойи худ мегузоштааст, то дасташ ба қисмҳои болоии девор бирасад. Ин санг пеш аз ислом дар даруни Каъба буд. Пас аз нозил шудани ояи «Ва аттахизу мин мақоми Иброҳима мусалли» (аз мақоми Иброҳим барои худ ҷойи намоз баргузинед), бо дастури расули акрам онро аз дохил берун оварда перомуни Каъба ниҳодаанд.

ри ҳам истода, қафоиҳо даст ба китфи дӯстони дар пешбуда гузошта, бо такрори дуоҳо дастҷамъона овоз мехонданд. Вақте ки ба девори нимдоираи Ҳиҷри Исмоил расиданд, ҳама даст ба пеш ёзонда пайи ҳам зикру тасбеҳ гуфтанд. Чанд муддат ҳар кас ба навъи худ аз Худову расул ёд кард. Вақте ки шишаи пазмонӣ шикасту асабҳо аз ранҷи фироқ роҳат шуд, аз пеш садои марди болобаланде ҳамаро мутаваҷҷеҳ сохт:

– Ба ин мавзеи пок по ниҳоданамон муборак бод! Ин ҷо Ҳиҷри Исмоил аст, номи дигараш Ҳатим. Пас аз он, ки Ҳазрати Иброҳим бо Ҳоҷар ва фарзанди ширхорашон Исмоил ба водии Макка мерасанд, бо роҳнамоии Ҷабраил дар ҳамин ҷо муқим мешаванд. Ҳоҷар бо Исмоил аз чӯбҳои дарахт соябон сохта, гӯсфанд бонӣ мекард. Оре, модару писар дар ҳамин макон умр ба сар бурдаанд ва қабрашон низ дар ҳамин ҷост. Ҳиҷри Исмоил то омадани ислом ҳам ҷойи тавоф буд, расули акрам Муҳаммад пас аз расидани ваҳйи пайғамбарӣ дар ин ҷо бисёр менишаст. Ӯ бо тоату ибодат қонеъ нашуда, доиман ба хидмати мардум камар мебаст, ба саволҳояшон ҷавоб медод…

Бо шунидани суханҳои роҳбаладии эронӣ риштаҳои хаёлам ба дуки рӯзгори Исмоил печид. «Содиқулваъд… Бечора дар роҳи эътиқодаш чӣ қадр азобҳоро аз сар гузаронд, – ин нақлҳоро устодам мегуфт. – Хушқавлиаш то ҳадде буда, ки дар ҷое бо як мард ваъдаи мулоқот гузошта як сол дар интизори ӯ менишинад. Забеҳуллоҳ… Ӯ аз ҷумлаи собироне аст, ки барои Худо ба қурбонӣ сар ниҳодааст. Фармонбардори Худо… Ҳамроҳи падараш ба сохтани Каъба камар мебандад. Исмоил санг меовард, Иброҳим бино мекард. Чоҳи Исмоил… Ҳамон чоҳи Замзам аст – обе, ки Офаридгор ба модару фарзанди ташнамонда фароҳам оварда буд».

Бо сози худ роҳравон аз дастаи эронӣ ҳам ақиб мондам. Дигар ба касе таваҷҷуҳ накарда, дар атрофи Байтуллоҳ ҳафт бор давр зада, такбиру таҳлилу

тасбеҳи фаровон гуфта, тавофамро ба поён расонидам. Вақте ки ба назди даббаҳои оби Замзам омадам, ҳама ҳамгурӯҳонам дар як ҷо ҷамъ шуда, бо ризомандӣ аз бӯсидани остонаҳои Байтуллоҳ чеҳра боз мекарданд, бо рехтани ашкҳои хурсандӣ ва лабхандҳои зебо, ки гӯё аз рехтани борони муҳаббат ба сару кӯлашон гувоҳӣ медод, мунтазири рафиқони дигар меистоданд. Дар ҳоле, ки қалби ман низ аз ишқи беохир ба Ёри лоязол ва бахти расидан ба тавофи хонаи Вай шод мешуд, ба онҳо пайвастам.

* * *

Шаҳраки чодарҳо. То расидан ба ин чодаристон, мо эзору ридо ба таҳу болои бадан печонида, дар намозгоҳи худамон барои анҷоми амалҳои ҳаҷ ният карда, «лаббайка» гӯён ба роҳ баромада будем. Вақте ки Офтоб аз болои сар ба самти мағриб моил шуд, автобусҳои мо вориди шаҳраки муъҷизавии хаймаҳо гардиданд, ки саросар бо ранги поки сапед дар миёни ду доманакӯҳ худнамоӣ мекард. «Сарзамини Мино, – аз дил гузарондам ман он чиро устодам нақл карда буд, – маконе, ки ҳоҷиён аз рӯзи даҳум то рӯзҳои дувоздаҳуму сенздаҳуми зилҳиҷҷа дар он ҷо мемонанд. Ақаба қисмати поёнии Мино аст, ҳамон ҷое, ки мусалмонони Ясриб нахустин бор бо Расули Худо байъат кардаанд[26]. Дигар, водии Муҳассар – дуртарин қисмат аз Макка дар миёни кӯҳҳои Муздалифа ва Мино, ки дар он ҷо сипоҳи Абраҳа ба нияти худ – хароб кардани Каъба нарасида, гирифтори азоби Илоҳӣ шудааст...»

Ҳанӯз ба ҷойгоҳамон наомада, хаёлангезиҳои маро садои ваъзи домулло барканд. Ӯ бо садобари дасташ шунаво ба мои саропо эҳромпӯшида ба сухан пардохт:

– Ин мардуми мост, ки бо таърихи қадима ва урфу одатҳои ранг ба рангаш ҳамаро ангушт ба даҳон мондааст. Мо ҳанӯз то омадани ислом фарҳанги волои зиндагӣ, андешаю сухан ва дониши пешрафта доштем.

---

[26] **Байъат кардан** – аҳд кардан, даст додан (ба касе)

Пиндору боварамон низ ба Худои ягона буд, ки дар Ислом он боз ҳам мустаҳкаму устувортар гардид ва ба Офаридгор имон оварда гуфтем: «Маъбуде ба ҳақ ҷуз Аллоҳ нест ва Муҳаммад паёмбари Аллоҳ аст». Бояд донист, ки пеш аз Ислом ҳам мо рафторҳои наҷиб доштем ва покиву покизагӣ улгуи зебоии ҳаётамон хонда мешуд. Мо ин одатамонро аз тариқи намози панҷвақта ба субот расонидем. Фикр мекунед аркони дигари Ислом – рӯзадориву закот аз осмон омада? Ҳаргиз! Ин фаризаҳои мусалмонон низ аз чашмаи одатҳои қудсии гузаштагони мо об мехӯрад, ки ҳамасола барои пок кардани тану ҷон аз олудагиҳо ҳиммат мегузоштем, доиман ба мустамандон, ба фақиру бечорагон дасти ёриву сахо дароз мекардем. Мо аз қадим мардуми хайрхоҳ, олиҳиммат ва меҳрабон будем. Ба бузургони худ эҳтиром мегузоштем, ҳатто ба он мекӯшидем, ки ёди даргузаштагон нек дар хотир бимонад. Оташкада барои мо макони муқаддас ва маҳалли саҷдаву ниёиш буд. Дар он оташи ҳаёт, оташи инсоният, оташи қадру арзишҳо бевақфа ламъа мезад. Ин аст, ки мо бо омадани Ислом ин ниёишгоҳи худро бо тамоми шоистагиаш ба Каъба иваз кардем ва дар заминаи эътиқоди беинтиҳо сар ба остонаи хонаи Худо мениҳем. Акнун ҳар як мусалмон дар давоми умри худ ҳадди ақал як бор Байтуллоҳро зиёрат мекунад, – домулло дар ин ҷойи сухан ба оромӣ сухан гуфт, маълум буд, ки мушарраф шудан ба ин бахти нек ва оғози аъмоли ҳаҷ Ӯро ба ҳаяҷон овардааст. Бо иштиёқи бештар, тавре ки ашки заҳида аз чашмонашро пок мекард, даст аз рӯй кашида, дунболи суханаш рафт: – Ин Байти атиқ дар Маккаи мукаррама аст, ки мусалмонон онро ҳамчун қиблаи намозу дуоҳои худ қабул кардаанд. Онҳо, ҳарчанд аз ҳам дур ҳастанд, дар роҳи некиву тақво ба хотири доштани ягонагию ошноӣ ва ҳамкорӣ ба сӯйи Худованд мешитобанд. Барои ҳар як мусалмони болиғу оқилу тавонманд воҷиб аст, ки хонаи Ӯро зиёрат кунад, тавофи Байтуллоҳро ба ҷой оварда, дар пайравии паёмбар маносики ҳаҷро анҷом диҳад. Инак, мо бо нияти холис сарбаландона ба

даргоҳи ҳаҷ расидем! Азбаски фардо ҷумъаи муборак аст ва рӯзи Арафа, Ҳаҷҷи акбар насиби мо хоҳад гашт, ҳаҷҷе, ки миллионҳо нафар дар орзуяш ҳастанд!

Дар ин рӯзҳои доғи тобистон аз ҳутел ба хиёбон, аз хиёбон ба Масҷид-ул-ҳаром, аз он ҷо ба ҳавлии Каъба ва дубора ба берун – фазоҳои гарму сардро муттасил иваз кардан асари худро бармало бар мо мегузошт. То ба шаҳраки чодарҳо расидем, маълум шуд, ки чанд нафар ҳамроҳамон сармо хӯрдаанд. Сурфаҳои аҷибе доштанд онҳо, чун бузҳои хунуксада кӯтоҳ-кӯтоҳ, вале тӯлонӣ пуҳ-пуҳкунон ранги рӯяшон суп-сурх шуда мерафт. Ману устодам, ба бахти бад, исҳол гирифтем. Мушкили мо аз сурфазанӣ ҳам бадтар буд, то омадан ба Мино се рӯз боз як поямон аз дастшӯйӣ[27] намебаромад. Ҳар ду то охирин лаҳза, то даме, ки аз автобус фуромада дар хаймаи саднафара ҷойгир шудем, базӯр таҳаммул кардем. Ба маҳзи кӯлапуштҳоро дар канори тахтхоб гузоштан, ба самти ҳоҷатхона шитофтем. Устод Дарвеш, дар сурате ки ҳар ду лӯкка медавидем, нимшӯхию нимҷиддӣ бо заҳрханд гуфт:

– Рафиқ, як зарра ҳам набояд чакад! Эҳром ки нопок шуд, дигар вой бар ҳоли мо!

– Рафт-у чакад чи?

– Бояд эҳроми нав бихарӣ!

Эҳ, Худоро шукр, поку покиза сабук шуда баргаштем. Акнун ба роҳатӣ медидам, ки ду тарафи роҳрав пушти ҳам хаймаҳои юртшакл қарор гирифтаанд, онҳо дар қисмати пеш барои мардон ва дар идома барои бонувон ихтисос доштанд. Дар роҳрави асосӣ бошад, чандин самовари барқиро дар назди ҳар як хайма бар рӯйи мизҳои пилостикӣ ва дар канори онҳо чандин баста истакони картонии якмасрафӣ ва бастаҳои чойи хушки сиёҳу кабуд гузошта буданд. Пушти ин гӯшаи «чойхонаҳо» ҷавонҳои сиёҳпӯст ҷунбуҷӯл доштанд. Онҳо барои чойхӯракҳои мо беист об меҷӯшонданд. Дар гирду бари хаймаҳо низ чандин зани зангӣ доим дар равуо буданд, онҳо назофати

[27] **Дастшӯйӣ** – *ин ҷо:* ҳоҷатхона, ташноб

роҳравҳоро назорат ва ҳар чӣ аз хобгоҳҳо берун меомад, дар сатлҳои калони партов ҷамъ мекарданд.

Ҳамин ки аз дарпорчаи буридаи овезон дохили чодар шудем, ғалоғулаи сахте моро ба ҳайрат овард. Аъзои гурӯҳи дигаре, ки ҳамроҳи дастаи мо дар хаймаамон ҷойгир шуда буданд, мисли хурӯсҳои ҷангӣ ба сари ҳам мепариданд. Баҳсу ҷарри онҳо торафт вусъат мегирифт, касе ҳарфи касеро гӯш намекард. Ба онҳо расида фаҳмидем, ки дашному хархашаашон ба хотири ҳавосозҳои хайма будааст. Ҳар кадомаш мехост тахтхоберо дар муқобили дастгоҳи хунаккун соҳиб шавад. Саргурӯҳашон низ муллои паканае буд, ки овози маҳини духтарона дошт, касе сухани ӯро гӯш намекард. Азбаски ин гуна ҳолат барои мо бегона буду дар айёми ҳаҷ чунин бархӯрду муомаларо аслан ба гӯшаи хаёл намеовардем, домуллоямон беихтиёр аз ҷо хест ва бо як ҳайбати бемисл ба самти онҳо тоб хӯрда, бо овози баланд гуфт:

– Эй бачаҳо, ин чӣ ношукрӣ аст, ки ҳар кас сози худро мезанад?! Шарм намедоред дар роҳи ҳаҷ барои ҳавосоз талош мекунед? Вой бар ҳоли залилатон, агар медонистед пешиниён дар чӣ шароите дар Мино менишастанду вуқуф дар Арафот мекарданд… Не, маълум ки шумо нашунидаед, чизеро намедонед! Суннати паёмбарамон аст, ки ҳар як мусалмон дар роҳи ҳаҷ сахтиву азобро меписандад. Бале, онҳо дар замони пеш дар биёбони миёни кӯҳҳо, дар замини сахту санглох рӯзро ба шаб, шабҳоро ба рӯз мерасонданд. Ҳоло бошад, дунёи дигар – хаймаҳои васеъ, хобгоҳи муҷаҳҳаз бо фаршу бистари хобу ҳавосозҳо! Дониста монед, агар бо ин даъвоҳо маносики ҳаҷро оғоз кунед, ҳеч ниёише аз сӯйи шумо қабули Ҳақ намегардад. Оре, шумо дар кунҷи ҷаҳолат мемонед ва ба гуноҳ меғӯтеду ба ширк!

Бе муболиға, домуллои мо салобат ва хӯю хислати дигар дошт. Ҳеч гоҳ об дар ғирбол намерехт, ҳар дам ваъз мегуфту насиҳатҳо мекард, суханаш бамаънӣ буд. Дар канори тоату ибодат пайваста ғами дигаронро мехӯрд.

Ин каломаш бароям писанд меомад, ки дар ҳама ҷо такрор ба такрор мегуфт: «Дар ин маконҳои муқаддас то имкон доред саҷдаю тавбаю тазарруъ кунед, ки ҳар илтиҷою зории шумо аз сӯйи Худо пазируфта ва гуноҳонатон бахшида мешавад. Дар ин маконҳо ҳар як кори хайри шумо чандин баробар савоб дорад ва дар баробари ин, як кори ношоиста низ ҳамон қадар гуноҳу ҷарима ба бор меоварад!» Яъне, хато набояд кард!

Дастаи даргиршуда ба гиребони ҳамдигар, аз суханҳои домулло об шуданд, ҳар кӣ малулу сархам ба гӯшае, ки рост омад, хазида ҷой хуш кард. Медидам, ки дар чеҳраи онҳо аломати таассуф зуҳур мекунад, ҳар яке иштибоҳи худро дарк намуда, бо мулоимат ва изҳори хайрхоҳӣ ба сӯйи домулло ва ҳамсафони мо, ки ҳама хомӯшу дам дар дарун машғули суҳбату ибодат менишастем, чашм медӯхт.

Дар хайма ҷойи хоби мо дутарафа, тавре ки сарҳо ба девори чодар ва поҳоямон ба васат андохта шуда буд. Ҳар нафар машғули кори худ менишаст – яке рӯпӯши тӯшак дуруст мекард, дигаре аз кӯлбор либосу лавозим ё қанду қурсу хушкбор дар меовард, домулло низ чойи дарозкардаи Сироҷро, ки аз термос рехта буд, менӯшид. Дар ин лаҳзаи бехаёлӣ ногаҳон чашмам ба устод Дарвеш уфтод, ки худ ба худ лабханд мезаду бо шавқ ба ду ҷониб сар меҷунбонд. Наздиктар ба ӯ хам шуда, гӯшакӣ пурсидам:

– Чӣ хабар?

Ӯ сар набардошта, бо ҳамон шакарханд гуфт:

– Виёраи[28] бодирингҳои боғамон ба ёдам омад.

Каме гаранг шудам. Дар дили ин ҳама ниёишу саҷда ёди полиз мекунад? Ҳамин дам гӯшаи чашмам ба домулло уфтод, ки ӯ низ номаълум табассум мекард. Ба ӯ рӯ овардам:

– Шумо чиро ба хотир овардед?

– Ҳеч, аз ин хаймаву манзарааш ба завқ омадам.

Бо ин ҳол сар ба зер афкандани ду нафар устод тааҷҷубовар буд, ҳеч гоҳ ба ин зайл намехандиданд. Аз

[28] **Виёра** – воиш; соқа (-и бодиринг, ток...)

нав бо аломати пурсиш ба устодам дида дӯхтам. Ӯ ба сухани аввалаш афзуд:

– Виёраҳои бодиринг дар самти мо нест, дар огарди рӯ ба рӯст.

Ин дафъа тоб хӯрда ба қатори дигар, ки се-чор пирамарди гурӯҳ дар муқобили мо менишастанд, назар афкандам. «Ваҳ! Чи аъҷубаҳое!», чун фармони худкор сар ба пушт тофтам. Дар ҳақиқат, бодирингҳои кашол аз соқаҳояш манзараи хандаоваре буд, ки домани боғбон ба онҳо соя меафканд. Мӯйсафедон зонуҳои худро боло карда роҳат менишастанд ва бехабар аз қисми бози эҳрому диданиҳои зераш, гарми суҳбат буданд. Ба бепарвоии онҳо тоб наоварда, ниҳоят устодам гуфт:

– Ғафурбобо, эҳтиёт шавед гурба нахӯрад.

Мӯйсафед дарҳол рамуз фаҳмида, поҳояшро дар рӯйи тӯшак хобонд. Се рафиқаш низ ҳамоно ба ӯ пайравӣ карданд. Ғафурбобо бо ханда гуфт:

– Дар хода бошад гурба меояд-дия. Дар гузарҳои мо гаштанаш ба гумон аст!

Ҳама баробар хандидем. Ин сабақи аввалин дар хобгоҳҳои саҳроии дастаҷамъӣ буд, ки ҳар яки моро водор мекард ҳангоми шинухез бо эҳром ҳушёр бошем. Ҳамин ки бо хушҳолӣ як истаконӣ чой хӯрдем, садои муаззин баланд шуд. Аз тариқи баландгӯҳои бурҷӣ ба азони шом даъват мекарданд...

* * *

– Ниҳоят ба рӯзи Арафа расидем, – пас аз хондани дуои намози бомдод даст ба рӯ кашида гуфт устодам. – Имрӯз нуҳуми зилҳиҷҷа, замони оғози маносики ҳаҷ аст. Пас аз об шудани сангҳои ҳиҷрон, бо дурахшиши меҳри Илоҳӣ ва фурӯ нишастани шабҳои бедорӣ аз доманаи Мино ба замини муқаддаси Арафот даст хоҳем дод. Моро, ки бо ин ниятҳои пок ва тану пӯшишҳои ботаҳорат, ба масал, рӯзи растохез мунтазир аст, Худо ба тамрингоҳҳои ёдкарди хеш мехонад. Мебояд ба ҳама

пешомадҳо омода ва дар баробари таъзиму ниёишҳои фаровон сабур бошем. Инак, бо тулуи Хуршеди зарнигор ба роҳ мебароем, то дар саҳрои Арафот вуқуф кунем.

Бо суханҳои лазизи устод коми зеҳн ширин карда, даст ба омин бардоштам ва пурсидам:

– Пас аз ноништа ба роҳ мебароем?

– Ҳа, ноништаро дар ҳамин ҷо мекунем. Аз водии Муҳассар набояд пеш аз баромадани Офтоб гузашт.

Ман аз он чиз бениҳоят дар шигифт будам, ки домулло ва устодам ҳар кору ибодати дар пеш бударо комилан медиданд ва медонистанд, ки дар кадом вақти рӯз ба куҷо меравему чӣ амалеро анҷом хоҳем дод. Онҳо низ мисли ман бори аввал ба ҳаҷ меомаданд, вале аз ҳама чиз огоҳ буданд. Мани бехабар ва шояд дигар ҳаҷгузорон низ, гӯё дар шаби тор роҳ мерафтем ва ин ду нафар чун чароғҳои тобон бароямон роҳ нишон медоданд.

Пас аз он, ки анвори заррини Офтоб аз сари нӯктези чодарҳо мунъакис шуда чашмҳоро хира мекард ва дар дуродур низ харсангҳои сиёҳи доманакӯҳҳои Мино сапеду нуқратоб ҷило медоданд, аз чор сӯйи «чодаристон» сели ҳаҷгузорон ба ҷониби дарвозаҳои хуруҷӣ равона гардид. Дар роҳравҳо мавҷи одамон ба дараҷае зиёд буд, ки агар як нафар дар ин маҷро ба пас мегашт ё сари ҷо меистод, назми мавҷ баҳам мехӯрд, яқинан тартиб аз байн мерафт. Аз ин хотир, дар фосилаи гунҷоиши ҳар дастаи панҷоҳнафара овози расои саргурӯҳон шунида мешуд, ки аъзои дастаи худро ба тартиб ва роҳгардии муназзам фаро мехонданд. Аз ду самт нозирони араб низ «ҳаҷҷи, ялла… ялла»-гӯён ба онҳо ёрӣ мерасонданд, ки ба гумонам ин «ялла»-ашон ба маънии бичунб, зуд бош, наист буд. Дар назди баромадгоҳ бошад, аллакай корвони автобусҳо омодаи мусофирбарӣ саф кашида меистоданд. Ин ҷо чанд нафар шахси масъул бо ҳаракат ва ишораҳои маънидор ҳаҷгузоронро роҳнамоӣ мекарданд ва ба маҳзи пур шуда роҳ уфтодани ҳар як автобус, дигариро барои пештар омадан даъват менамуданд.

Бо вуҷуди саъю талошҳои раҳбарони гурӯҳҳо ва нозирону нафарҳои масъул, бонувон ба роҳгардии сангпуштӣ тоб наоварда, аз ғояти бесабрӣ сӯрохе дар бағали дарвозаи баромадгоҳ пайдо карданд. Чун диданд шикофи панҷара роҳи мустақим ба кӯча аст, худро ба он сӯй заданд. Ғалоғулаи гӯшгир баланд шуд, дар натиҷа, садоҳои амромези нафарони масъул дар дили мавҷи ҳаёҳу ва овозҳои берабт ғарқ гардид. Касе наметавонист аз чапғалат задани занҳои ба шӯромада ҷилавгирӣ кунад. Домулло моро, ба хусус, бонувони гурӯҳамонро ба оромӣ фаро хонд, бо таъкид изҳор кард:

– Шумо нигарон набошед, панҷ дақиқа пеш не, дертар ба Арафот мерасем. Ҳеч намефаҳмам, ба куҷо шитоб доранд инҳо?!

Аз сӯрохи панҷара зӯр зада хориҷ шудани занҳое, ки мисли ман шикамдор буданд, хеле хандаовар менамуд. Ҳамин ки кадоме аз онҳо дар васати ду милгирд дармонда, наметавонист на ба пеш, на ба пас равад, як он аз қафо ба ӯ фишор меоварданд. Бечора ногаҳон канда шуда ба берун парида мерафт. Баъзеҳо кӯлбори калон доштанд, ки худ аз сӯрох мегузаштанду кӯлбор не. Ҳар касе, ки саъй мекард борхалтаашро низ аз қафо ба берун кашида гирад, наметавонист, зӯри беҳуда мезад. Он дам дар қафобудаҳо кӯлборро аз дасташ канда, аз болои панҷара ба кӯча мепартофтанд. Дар воқеъ, манзараи хӯриоваре буд, аммо ҳаҷгузорони бесабр бо шӯру ҳаяҷон намехостанд худдорӣ кунанд. Бо дидани ин ҳолат дар назди нозирони араб, ки шигифтзада сар ҷунбонда меистоданд, хиҷолат кашидем, аммо барои ислоҳи вазъ дастамон кӯтоҳӣ мекард...

Саҳрои Арафот. Саҳрое, ки ҳар сол як бор аз оби дидагони ҳазор-ҳазор ҳаҷгузори гиря дар остин пушта нам мекунад. Саҳрое, ки дар тӯли як рӯзи тамом дилу ҷигари худро бо нафаси гарми дуохонҳои роҳи Ҳақ оромиш медиҳад. Саҳрое, ки атрофи кӯҳи ҳамномашро аз замони дамидани фаҷри рӯз то мағриб шаддаҳои сартоса-

рии одамони покният печонида мегирад ва бо пӯшише ғолибан сапедгун дар қалби сарзамини саҷдапазир худнамоӣ мекунад…

Автобуси мо низ нафири баланд сар дода аз корвонаш ҷудо шуд ва дар назди даромадгоҳи майдони калоне, ки мисли иқоматгоҳи муваққати Мино пур аз хайма буд, таваққуф намуд. Ҳама пасу пеш пиёда шуда бо роҳбаладии нозирони формадори араб аз ҳисори панҷараӣ ба дохил даромадем. Дохил шуда дар канори роҳи дастрасии мумфарш мунтазири домулло истодем, ки ҳамеша тамоми ҳамгурӯҳонамонро пиёда карда аз қафо меомад. Қабл аз он ки ба сӯйи ҷойгоҳи чодарии худ роҳ пеш гирем, домулло даст боло карда дуои кӯтоҳе хонд:

– Расидан ба саҳро ва кӯҳи пурбаракати Арафот хуҷаста бод! Ин сухани расули акрам ҳеч гоҳ аз ёдатон наравад: «Беҳтарин дуо, дуои рӯзи Арафа аст ва беҳтарин сухане, ки пайғамбарони пешин гуфтаанд ва ман боз мегӯям, ин аст: «Ло илоҳа илла-л-лоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳу-л-мулку ва лаҳу-л-ҳамд ва ҳува ъало кулли шайъин қадир»![29] Инак, фурсат доред дар тӯли рӯзи Арафа ниёишҳо кунед, беҳтарин ниятҳои хешро изҳор намоед, аз Худованди карим бароварда сохтани тамоми орзуву ниятҳои наҷиб ва покӣ аз олудагиҳои пештараи худро тавалло кунед. Чаро ки ин рӯзу ин доманакӯҳ замону макони беҳтарин барои пазириш ва иҷобати дуою хостаҳо аст!

Ҳама даст ба омин бардоштем, тасбеҳу таҳлилгӯён ба самти хаймаҳои чодарӣ роҳ пеш гирифтем. Аллакай то омадани мо саҳрои Арафот пур аз одам менамуд. Дар майдончаҳои махсус самоварҳои барқӣ ҷӯшида меистод, равуои ҳаҷгузорон ба таври пароканда – ба сӯйи дастшӯйиҳо, ба ҷониби панҷараҳои атроф, ки доманакӯҳҳои сангу харсангӣ дар мадди назар буданд, ба зери сояи дарахтони нахл ва бештар ба тарафи кӯҳи

[29] Тарҷумааш: Ҳеч маъбуде бар ҳақ ҷуз Аллоҳи ягона нест, Ӯ шарике надорад. Мулку ситоиш аз они Ӯст ва Ӯ ба ҳама чиз тавоност

гирдаки Арафот сурат мегирифт. Чодарҳои Арафот низ аз ҳар ҷиҳат шабеҳи чодарҳои Мино буд, танҳо ба вусъат бештар, ки агар хайма номем гӯё аз ҳишмате костаем. Бошишгоҳамон бо шаш ради тӯлонии бистару болинҳои хоб, ҳашт дастгоҳи бузурги ҳавосоз, ки аз онҳо фазои сарду мусоиде барои зисти муваққат фароҳам меомад, наздики дусад нафар ҳаҷгузори ташна ба лутфу марҳамати Худоро ба оғӯш гирифт. Чӣ гӯям, то ин ҷо ҳоли ману устодам ҷолиб набуд, ҳарчанд ҳабдору мехӯрдем, дарди шикам ва исҳол моро раҳо намекард. Бо ин азоб, баробари интихоби ҷойи хоб ва гузоштани василаҳо бо шитоб ба берун, ба самти дастшӯйиҳо шитофтем. Устод Дарвеш бо лабханди ҳамешагиаш маро ба зудтар қадам бардоштан фаро хонда, бо таъкид аз суханҳои пештарааш ёдрас намуд:

– Эҳром набояд нопок шавад! Агар дидӣ доғе уфтод ё ба ҷое нопок расид, ҳатман бо оби кур[30] бояд шуст, – ӯ нигоҳе ба сачоқи калони ман афканда, лабаи сачоқи худро низ алвонҷ дода илова кард: – Боракаллоҳ, бояд ғусл бигирем. Ин ҷо одам бисёр аст, аз навбати тӯлонӣ ҳавсалаат сар наравад.

– Не, дигар чӣ коре ҳам доштем, ки бетоқат шавам. Мехоҳам ҳаммом кунам, мисли ин ки дар пӯстам кайк роҳ меравад.

– Дар ин ҳаво ҳаммом мечаспад. Чун рӯзи Арафа аст, тоза шуда то вақти шом дуохонӣ мекунем. Ана, дар ин ҷо ҳарчи тавбаю тазарруъ аз Худо дорӣ, изҳор кун. Мехоҳам имонат қавӣ, иродаат муҳкам ва саҷдаю намозҳоят комил бошад. Имрӯз «Арбоби нав» бояд чеҳра боз кунад!

– Худо хоҳад, устод, ман ҳеч кадом фармудаи туро дар замин нахоҳам гузошт, – беихтиёр даст аз рӯйи шикам кашидам ва афзудам: – То чарбиҳои ин «тӯрба» об нашавад, то замоне, ки майнаам аз заҳри занбӯрҳои ҳамоқат пок нагардад, ором нахоҳам гирифт.

---

[30] **Оби кур(р)** – миқдори муайяне аз оби мутлақ аст, ки ашёи олуда ба наҷосатро метавон бо он пок кард; ҳаҷми оби кур бино ба ихтилофи назарҳои фуқаҳо аз 376 то 480 литр будааст

Дар ҳақиқат, ҳам дар пушти дари дастшӯйиҳо ва низ хоначаҳои душ, ки вазифаи ҳаммомро адо мекарданд, сафи бепоёни одамон ба чашм мехӯрд. Ҷуз навбат поидан чораи дигар надоштем, устод абрӯ боло кашида гуфт:

– Ин ҳам тарбият аст, рафиқ, «ас-сабру мифтоҳу-л-фараҷ!» Муҳим ин аст, ки вуқуфи мо дуруст бошад.

Домулло ва устодам баъзан бо «забон»-и худ сухан мегуфтанд. Онҳо ин дам парвое надоштанд, ки ҳамроҳашон, ба хусус агар монанди манҳое бошад, мағзи ҳарфашонро дарк мекунад ё не. Ҳоло низ даҳонам чун дами кафши куҳна боз шуд. Саволомез гуфтам:

– Гоҳе гапҳое мезанед ки... «мифтоҳ», «фараҷ» «вуқуф»...

Сурати устод гул кард. Дар ҳоле, ки ӯ аз ман ҷудо шуда пушти дари душхонаи дигар навбат мегирифт, шунаво шарҳ дод:

– Аз ин сафкашиҳо низ одам пухта мешавад, дар баробари ранҷи интизорӣ бояд таҳаммулро пеша кунем. Ин сабри мо калиди гушоишҳост! Дигар, вуқуф аст, ки онро сад бор шунидаӣ. Дар ҳамин рӯзи нуҳуми зилҳиҷҷа мо дар саҳрои Арафот мемонем, аз он хориҷ нашуда, аз зуҳр то вақти шом зикру дуоҳо мекунем, бо гиря дар назди Офаридгор ба пушаймонӣ бармегардем ва аз гуноҳони худ даст мекашем. Дар ин вуқуф муҳимтарин баҳрае, ки мо аз сафари маънавии ҳаҷ дармеёбем, омурзиши ҷурму гуноҳҳоямон аст...

«Арбоби нав» бояд чеҳра боз кунад. Аҷаб орзуҳое дорад устоди дарёдилам! Мехоҳад каворае ноҳамвор суфта шавад, чӯбе, ки аз аз кирмҳои қабоҳат пӯсидааст, ҷило диҳад, море пир дар гузари умр пӯст партояд...

Зеҳни ман орухонаеро мемонд. Бо ҳазору як хаёл дар талош будам ва бо сари варам намедонистам чашмам чиро мебинаду поям ба куҷо меравад. Бо вуҷуди ин, аз пайи устодам як қадам дур намерафтам, ду дас-

ту ду чашм посбони эҳром монда, амалҳои ӯро такрор мекардам. Мо ҳанӯз вақти чоштгоҳ нарасида, аз дунболи ҳазор-ҳазор ҳаҷгузори сапедпӯш ба кӯҳи Арафот, ки номи дигараш Ҷабал-ур-раҳма будааст ва комилан бо сангу харсангҳои хурду бузурги суфташуда пӯшиш меёфт, баромадем. Бино ба амри домулло, аҳду ният кардем аз ҳар як қадамҷойи ҳазрати паёмбар бигзарем, суннатҳои ӯро ба ҷо оварем. Мо дар миёнаҳои кӯҳ, ки саросар бо одам пур буд ва аз бисёрии эҳромпӯшидагон гӯё дар пардаи сап-сафеде мепечид, ҷо хуш карда, ба тиловати оятҳову зикру ниёиш пардохтем. Замоне чанд гузашту ҳисси кунҷковиам рӯ гирифт, аз Устод Дарвеш пурсидам:

– Чаро инҷоро Арафот номидаанд?

– Дар ин хусус ривоятҳо бисёр аст, – бо тааммул ба сухан гуфтан шуруъ кард устодам. – Пешинаи ин ном ва ин макон ба замони Ҳазрати Одам мерасад. Вақте ки ӯ ва ҳамсараш Ҳавво аз биҳишт ронда мешаванд, пас аз муддате якдигарро дар ин сарзамин меёбанд. Баъзеҳо ҳамин дидорро боиси чунин номгузорӣ медонанд. Аз он дам инҷониб вуқуф дар Арафот ҳамчун амри воҷиб дониста мешавад. Дар асл, Арафот аз «арафа», ки ба маънии идрок, шинохтан аст, бармеояд.

– Ин шинохтану вуқуф чӣ ҳикмате дорад?

– Вуқуф амалест, ки дар ин сарзамин аз замони Одам гирифта то Иброҳиму набии хотам Муҳаммад барпо мешавад. Расули Худо чунин амр намуда: «Вақте ки ғуруби рӯзи Арафа фаро расад, Худованд дар баробари малоика ба вуқуфкунандагон дар Арафот мубоҳот карда мефармояд: Фариштагони ман! Ба бандагон ва канизонам бингаред, ки аз гӯшаю канори замин жӯлидамӯю ғуборолуда ба сӯйи ман омадаанд. Оё медонед чӣ мехоҳанд? Фариштагон гӯянд: Парвардигоро, аз шумо омурзиши гуноҳонашонро металабанд. Худованд фармояд: Шуморо ба шаҳодат мегирам, ҳамоно ман инҳоро омурзидам».

Дар ин лаҳза садои ширадору оромбахше аз самти чапи мо баланд шуд. Дар канорамон дастаи эрониён ба вуқуф нишаста буданд. Қорие аз байни онҳо даструмолеро алвонҷ дода, бо мароми оҳанги хос марсия месуруд. Ҳамсафаронаш саропо гӯшу ҳуш ба ӯ шуда, гоҳ-гоҳе иборотеро аз каломаш такрор ва маҳзуну ғамгин домани гиря раҳо мекарданд.

*Эй амири Арафа, хастатарин банда манам,*
*Пеши даргоҳи Худо бандаи шарманда манам.*

*Бандае, ки ҳама умраш ба табоҳӣ рафта,*
*Рӯшаноии дилаш рӯ ба сиёҳӣ рафта.*

*Ғайри оҳи дили худ оҳ надорам, чӣ кунам?!*
*Гарки бар ҳоли дилам ашк надорам, чӣ кунам?!*

*Ба Худо, ҳоли мани хаста хароб аст, хароб,*
*Бар вуҷудам, ки шуда тор, ту Хуршед битоб.*

*Эй амири Арафа, лутфи туро меҷӯям,*
*Бо ҳама дарбадариҳои дилам мегӯям:*

*Хуш бар аҳволи касоне, ки пурумед шуданд,*
*Зоири марқади шашгӯшаи Хуршед шуданд...*

Садои дилнишини қории эронӣ маро обу адо кард. Бо дарду бо эҳсос сурудвор хондани шеър ҳамаро ба фиғон овард, устодам низ андуҳгин доман ҷамъ карда менишаст. Ин дам ҷамъияте, ки дар Арафот нишеман гузида буд, билкул ҳолу ҳавои дигар дошт. Ба назарам, зану мард дар мотамсарое менишастанд, наҳвасарой интиҳо надошт. Ҳама ғарқи дарду розгӯйӣ муноҷоту хилват бо Худо мекарданд. Дар пешонӣ ва гунаҳои ҳаҷгузорон ҳубобчаҳои оби арақ

ялтос мезад, Офтоб беохир нур мепошид. Ҳарчанд ҳаво доғтар мешуд, асаре бар руҳия ва таҳаммули ниёишгарон надошт. Ин гуна сарсупурдагӣ ва эътиқодро дар тӯли умрам надида будам. Лаҳзае худро озоду осуда аз бору ғамҳои дунё дида, даст ба пешорӯй бардошта, бо чашмони нимапӯш калима гардондам:

– Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р-Расулуллоҳ!

Устодам низ, гӯё ки дар зулоли Офтоб Худовандро медид, дар канори саҷҷодаи бекарон ба дарҳои бози муҳаббат рӯ оварда илтимосу дуо кард:

– Дар ин рӯзи Арафа аз даргоҳи худ моро берун марон, эй Худои меҳрабон! Бароямон рӯзии ҳалолро насиб гардон ва ҷисму динамонро саломат нигаҳ дор. Илоҳӣ, шод кун ҳар дилеро, ки гирифта ва танг аст; бениёз гардон ҳар касеро, ки бо ниёзмандӣ ба даргоҳат меояд; умед бибахш ба ҳар муъмине, ки остонатро мебӯсад; бигир дастонеро, ки акнун ба сӯят баланд аст. Парвардигоро, ба ҳар диле, ки танҳо монда, ҳомӣ ва ҳар мустамандеро, ки дармонда асту аз ту ёрӣ меҷӯяд, дастгиру мададкор бош! Ё Каримо, аз ин дасторхони мағфират ва раҳмате, ки бар Замину осмони худ густурдаӣ, бандагони муҳтоҷи худро баҳраманд гардон! Худоё, ғуруби ин рӯзро бо ғуруби гуноҳони мо яке соз ва дуоҳои ҳар касеро, ки ашкрезон номи туро садо мезанад, мустаҷоб кун! Омин!

То ҷое, ки дилҳоямон аз ниҳояти пайвастагӣ ба ишқи илоҳӣ метапид, дуогӯён кӯҳи раҳматро тарк намуда, рост ба ҷониби намозгоҳамон роҳ пеш гирифтем. Мебоист намозҳои пешин ва асрро дар вақти заволи Хуршед[31] бо як азону ду қомат ба сурати ҷамъ гузорем, чаро ки паёмбарамон ҳам чунин кардааст...

[31] Заволи хуршед – ҳангоми зуҳр, ки офтоб аз миёнаи осмон (аз баландӣ) ба сӯйи мағриб (ба нишеб) моил мешавад

* * *

Мо ба Муздалифа омадем. Ба паҳное, ки бо кӯҳҳо иҳота шудааст, бо кӯҳҳои сангисиёҳпӯши начандон баланд. Медидем, ки ин паҳноро бо панҷараҳо муҳосира кардаанд, ҳар як кишвар дар майдони ҷудогона ҷойгир шудааст. Паҳнои миёнкӯҳиро аз чор тараф чароғҳои хиёбонӣ равшан мекарданд. Ҳама ҷо мисли рӯз метофт, ҳатто доманаю теғаҳои кӯҳии атроф.

Вақте ки аз автобус пиёда шуда ба ҷониби майдони ҷудошуда бароямон қадам ниҳодем, ҳолам бисёр асафовар буд. Дигар аз исҳол фикр намекардам, ин замон маро бештар поҳои захмишудаю обилазадаам азият медод. Дампойии пилостикии сахт ҳеч коройӣ надошт, кафу пушти поҳоям муттасил месӯхт. Агар ҳар касе ҷуссаи вазнини маро медошт, бешубҳа, зарфи ин чанд рӯз ба чунин ҳоли абгор гирифтор мешуд. Сӯзишҳои по аз ҳама аъзои танам гузашта то мағзи сар асар мекард, вале ман ба худ намеовардам. «Бо сахтӣ ба висоли Ёр расидан мазият[32] дорад» гуфтани устодам маро ба таҳаммул водор мекард, ҳар навъ дарду сӯзишу ранҷро нодида мегирифтам, чаро ки мо ба даргоҳи Худованд тақарруб меҷустем!

Шояд ҳоли ман барои ҳаҷгузорони дигар низ бегона набуд. Азбаски рӯзи ҷумъаи пурҷунбу ҷӯшеро дар Арафот гузаронда будем, хастагию беҳолӣ дар ҳар як ҳамсафар ва бештар аз онҳо дар гурӯҳи иҷроӣ ҳис мешуд. Аз сидқ, бе танаффус розу ниёз ва зикру дуоҳо гуфтан дар он ҳолу ҳаво – дар гармои пазмониву ҳавои доғи тобистонӣ ҳар шердилу танумандеро метавонист аз по дарорад.

Бо расидан ба Муздалифа аввалин манзарае, ки маро ба шигифт овард, ҳамон фазои биёбонии пур аз ҷамъияти сафедпӯш буд. Ба ҳар сӯе, ки чашм меуф-

[32] **Мазият** – фазилат, бартарӣ

тод, дастаи утроқкардагон[33] ба дида бармехӯрд. Фазои холӣ аз одам танҳо доманаҳои кӯҳии чароғон ва ҳамон роҳи мошингарди берун аз панҷараҳо буду бас. Паҳнои Муздалифа мисли Минову Арафот чодар надошт, ҳама дар зери осмони баланд, ки деги сарфаргонаш бо милт-милт ҷилодеҳии ситорагон худнамоӣ мекард, ҷойи иқома меҷустанд. Гурӯҳе мехобиданд, иддае ба намоз истода буданд ва ҷамъе низ гирди ҳам нишаста, ба эҳтимол, аъмоли рӯзу наздикӣ ҷустанҳо ба марҳамати Аллоҳро мурур мекарданд.

Майдони ҷудошуда ба мо сарпаноҳ надошт, вале замини қоқаш гилемпӯш буд! Ба ақли кас намегунҷад, наход ки ҷойи нишасти тамоми ҳаҷгузоронро, ки аз даҳҳо кишвари олам меоянд, фаршпӯш кардаанд?! Мошоаллоҳ! Вале, пас аз он ки бонувони дастаамонро дар канори занон ҷойгир карда то ба ҷойи худ расидем, тарбузамон аз бағал уфтод – маҳалли утроқи моро як гурӯҳ қирғизи ҳаҷгузор соҳиб шуда буданд. Ин ҳолро дида, чанд нафар ҳамсафарамон ногаҳон ба шӯр омаданд. Доду бедод роҳ андохта бо қирғизҳо даст ба гиребон шуданд. Аз ин бархӯрд домулло бениҳоят ошуфта гардид. Бо нороҳатии шадид ба мардони бесабру хашмгин гуфт:

– Аз шумо ин безориро интизор набудам. Ҳанӯз дер нашудааст, аз ҷанҷол даст бардореду ба канор гузаред! Зуд бошед, ки ин рафторатон Худоро хуш намеояд, зуд гардед ба пас, тавба кунед!

– Домулло, майдони инҳо аз панҷара он тараф аст, – шарҳи ҳол гуфт Шуҷоъи хунгарм, ки дар пеши эътирозгарон буд. – Иштибоҳӣ ин ҷо омадаанду ҷоямонро ҳам холӣ карданӣ нестанд.

– Он ҳама гуфтаҳои ман ба куҷоятон рафт? Бигзор ҷояшон ин ҷо нест, аммо мусалмонии мо куҷо шуд? Ҳама баргардед ба қафо!

– Пас, мо дар замин менишинем?

---

[33] Утроқ кардан – таваққуф кардан ҳангоми сафар; ҷойгиршавии кӯтоҳмуддат дар макone, ба хусус, ҳангоми шаб

– Бигузор замини хушку санглох бошад, пайғомбарамон низ ҳамин тавр тавбаю тазарруъ кардааст.

Бо ҷонибдорӣ аз суханҳои роҳбарамон Устод Дарвеш низ ба суҳбат ҳамроҳ шуд. Ӯ гуфт:

– Домулло дуруст мефармоянд, ҳама гузаред ба канор. Гилем набошад ҳеч гап не, мо ки халтаҳои хоб дорем! Ин халтаҳои сафарии мо ба дарди ҳамин рӯзҳо мехӯрад, ҳоло ба ҷойи бистар ба кор мебарем. Ҳама бигиред аз кӯлборҳо, паҳн кунед!

Дигар ҷойи баҳсу мунозира намонда буд, бачаҳо аз носозгорӣ даст кашида ба саҳни урён гузаштанд. Ҳама пасу пеш дар ду қатор халтаҳои хоби худро зери по густурдем. Домулло «бистар»-ашро дар гӯшаи охир паҳн карда бо овози расо гуфт:

– Имшаб намозҳои шому хуфтанро бо як азон ҷамъ мехонем, ки ин одат дар мазҳабамон суннат аст, аз паёмбарамон ба мо расида. Аз он пас ба сангчинӣ мебароем. Бубинед, одамони зери он кӯҳпоя ин корро мекунанд. Барои задани шайтон ҳар кӣ бояд чилу нуҳ сангреза бо худ дошта бошад.

– Фикр мекунам, каме бештар ҷамъ кунанд, охир эҳтимоли аз даст уфтодан, гум кардан ҳаст, – ба сухани ӯ илова кард устодам.

– Оре, оре, ин эҳтимол ҳам ҳаст, каме бештар бичинед. Кофист, ки андозаи сангчаҳоятон аз нахӯд калонтару аз бодом хурдтар бошад.

Майдони серодами Муздалифа, ба қавли устодам, Машъар-ул-ҳаром, дарвозае ба сӯйи ҳарами Илоҳӣ аст. Вақте ки дар Арафот ба худии худ огоҳ мешавӣ ва Эзидро мешиносӣ, табиатан, ин гуна шинохт дар Муздалифа то умқи қалб ҷо мегирад ва ҳаҷгузор бо дили пур аз эътиқод ба ҷониби ҳарам раҳсипор мешавад. Барои сазовор шудан ба ин қуллаи ниёиш ҳанӯз амалҳои зиёде дар пеш аст, ки бояд анҷом пазирад. Яке ҳамин шабзиндадорӣ дар Машъар-ул-ҳаром, дигар рафтан ба Ҷамарот, то ки шайтонро бизанӣ ва аз васвасааш раҳоӣ ёбӣ, қурбонӣ дар роҳи Худо…

Медидам, ки майдони Муздалифа фақат тангное дар байни кӯҳҳо нест, балки фазоест, ки дар он насими меҳри бародарона ба машом мевазад, инсонҳо бо вуҷуди ранги рӯю забону одатҳои мутафовит гирди ҳам ҷамъ омада ба ҳамдигар лабханд мезананд, меҳрабонӣ мекунанд. Ин лутфу эҳсон то ҳаддест, ки ҳатто дар байни ҳамватанон роиҷ нест, дар ҳар сурат, ман дар ҳеч ҷое пеш наомадаам.

Вақте ки мо рӯ ба қибла дар се рад нишастему устодам Дарвеш азон гуфт, аз чор сӯ тамоми сапедпӯшони дигар бо ҷонамозҳои худ ба ҷониби мо шитофтанд ва қаторҳои баъдиро пур карданд. Ҷамъияти бистнафараи мо, ба назарам, ба ҷамъи дусаднафара табдил ёфт ва ҳама бо ният, таҳти имомати домуллоямон ба гузоштани намозҳои шом ва ишо пардохтем.

Машаққат. Ба Худо, гоҳе машаққат ба тану ҷони одам фараҳ мебахшад. Ҳар гоҳ дилат мехоҳад озору азият бикашӣ, ҳар гуна ранҷу меҳнат бароят мояи осоиш аст. Ҳангоми адои намоз ман аслан хаёл намекардам, ки ин салот чордаҳ ракъатро фаро мегирад. Вале мани ҷуссадору хаста то охир тоб овардам. Худам бехабар, дар шинухезҳои ахир поҳоям меларзид, вале ниятам холис ва иродаам муҳкам буд, ки дар канори ҳамсафарон аз по наафтидам. Устодам пас аз дуои хатми намоз ба мани арақшор рӯ оварда мухтасар гуфт:

– Худоро шукр, ба шогирдӣ маро шод кардӣ, рафиқ!

Базӯр нафас рост карда, бо имои мамнуният сари таъзим фуруд овардам. Бо гуфтани омин, сафи намозгузорон аз ҳам гусаст, ҳар кӣ аз пайи тоату ибодат ва ҳоҷати худ ба гӯшае сар кашид. Ҳамон тавре ки сапедпӯшони зиёде дар қисми поёнии доманаи кӯҳпоя паҳну парешон шуда буданд, мо низ бо иштиёқ ба сангчинӣ баромадем. Чун пешакӣ медонистем, санг чидан дар Машъар мустаҳаб аст, ҳамаамон дар бағал шишаю қуттичаҳои пилостикӣ доштем. Ҳарчанд поҳои обилазадаам азоб медод, мани ҳамеша «қафогард» дар ин кор пешқадам

шудам. Надонистам аз куҷо, неруе ба танам давиду бештар аз он чӣ лозим буд, сараввал шаст дона сангреза барои худам чидам ва ҳамоно ба ёрии Устод Дарвеш низ шитофтам...

Тамоми шаб ниёишгоҳи Машъар-ул-ҳаром дурахшон буд. Ҳарчанд мехостам то субҳ бедор бимонаму дар канори устодаму домулло ибодат кунам, вале тоб наовардам. Ба хотири фарбеҳӣ буд ё ноустувории ирода, зуд-зуд ба хоб мерафтам. Баробари чашм пӯшидан сиёҳӣ зер мекарду парида бедор мешудам. Дарҳол ба дастшӯйӣ рафта ба сару рӯям об мезадам. Ҳушёр шуда дубора ба зикру дуохониҳои устодон гӯш фаро медодам. Аксарият ин ҳолро доштанд, ба ҷуз ду-се нафар мӯйсафеду устодаму домулло. Ба ин минвол, пеш-пеши саҳарӣ хобам бурдааст, ки ногаҳон бо ғулдур-ғулдурҳои зиёде чашм кушодам. Хушбахтона, ҳанӯз субҳ надамида буд. Устодам сари по рост истода эҳромашро ба тартиб медаровард. Ӯ бедор шудани маро дида, сачоқ дар даст гуфт:

– Бихез, рафиқ, камтар вақт монд, азони бомдодро мегӯем.

– Таҳорат мегирем?

– Бале, ҳамин ҳозир бояд шустушӯ кунем, набошад, дар як зум пушти дари дастшӯйиҳо навбати калон ҳосил мешавад.

– Хуб шудааст, – хамёзаи кӯтоҳе кашидаму аз ҷо хестам ва ман ҳам дастпоккуни таҳоратиро ба китф партофта илова кардам: – Рафтем, устод!

То ин ҷо ки расидем, чандин бор гувоҳи он шудам, ки домуллоямон ва ҳам устодам қуръонхонӣ мекарданд, аммо ҳар гоҳ канда-канда ё ки сураҳое ба танҳоӣ қироат мешуд. Ин субҳи мо дар Муздалифа билкул рангу ҳавои дигар дошт. Бори аввал ба ҳунари волои домулло рӯ ба рӯ омадем. Ӯ пас аз гузоштани фарзи намози бомдод бо овози расо ва диққати зиёд ба хондани сураҳои Қуръон пардохт. Нахуст сураи тӯлониеро наистода бо як дам фуровард, устодам оҳиста ба ман гӯшакӣ кард:

– Ин сураи «Бақара» буд, рафиқ. Бо диққат гӯш кун, мо то тулуи Офтоб қуръонхонӣ мекунем.

Домулло лаҳзае хомӯш монд ва аз нав «бисмиллоҳ» гуфта ба қироат пардохт: «Алиф, лом, мим. Аллоҳу ло илоҳа илла ҳува-л ҳайюл қаййум. Наззала ъалайка-л-китоба би-л-ҳаққи мусаддиқан лимобайна йадайҳи ва анзалат-Таврота ва-л-Инҷил… »[34]

Замоне, ки садои фораму дилкаши домулло дар фазои сокину хомӯши Машъар-ул-ҳаром паҳн шуда то табираи гӯшҳои сих менишаст, ман беихтиёр нигоҳе ба чор сӯйи майдон афкандам. Дар ин дам ҳамон тасвири маҷозии домуллоямон ба пеши назарам омад: то лаҳзае, ки ҳаво намехост аз торикӣ даст кашад, гӯё Исрофил дар сури аввали худ дамида буд, ҳама мадҳушу беҷон менамуданд. Он дам дар фазои биёбонӣ ҷамъияти сафедпӯш рӯйи замин дароз кашида чун мурдагон мехобиданд. Бо равшан шудани ҳаво ва даромадани рӯз, гӯё сури дувум низ дамида шуд: дар ин асно кафанпӯшони мадҳуш ба по хестанд, ҳама дар ҷунбуҷӯл, қарор аст рӯзи Маҳшар[35] барпо шавад…

Бо Қуръон хондани домулло мо беш аз пеш маҷзуби садои оромбахши ӯ мегардидем. Мане, ки як замон тоқати шунидани як ояро надоштам ва ҳар кӯшиши устодам мақоли «ба гӯши хар Ёсин хондан»-ро мемонд, дар айни ҳол аз ҳама бештар мухлиси ин садову ниёишҳо будам. Дар даргоҳи Машъар нишаста розу ниёзро ба авҷи аъло расонидан, бо худогоҳӣ ба худошиносӣ расидан чӣ қадр лаззат дорад! Дар дили ин наздикӣ ҷустанҳо нақли имшабаи устодам ба ёд омад, ки аз рӯзгори Ҳазрати Одам мегуфт. Вақте ки Одам алайҳиссалом бо хӯрдани меваи манъшуда аз биҳишт ронда мешавад, дубора дар кӯйи бозгашт меуфтад ва аввалин касест, ки барои расидан ба лутфи Худованд аз озмоишҳои ҷиддӣ гузашта-

[34] Ин ҷумлаҳо оғози сураи «Оли Имрон» – сеюмин сураи Қуръони карим аст

[35] **Рӯзи Маҳшар** – рӯзи Қиёмат ё Растохез: рӯзе, ки мурдагон ҳама зинда шаванд, дар як ҷо гирд оянд ва подош ё кайфар (ҷазо) бубинанд

аст. Ӯ пас аз ронда шудан нахуст дар Арафот ба огоҳӣ ва шинохти Кирдигор мерасад, сипас дар Машъар бо андешаву тафаккур ба маърифати қалбӣ даст меёбад ва он гоҳ ба Мино меравад. Дар айни ҳол ин амалҳо барои ҳаҷгузорон воҷиб аст, ки марҳила ба марҳила бо покиву ростӣ ба даргоҳи Парвардигор наздик мешаванд.

* * *

Бо равшан шудани ҳаво, ҳамин ки Хуршед бо анвори заррини худ ба доманакӯҳҳои сангпӯши Муздалифа зинати нуронӣ мебахшид, рӯди бузурги одамӣ аз ҳар сӯ ба самти дарвозаҳои хуруҷӣ ҷорӣ шуд. Зану мард ғолибан сапедпӯшанд, аҳёнан шолҳои қирмизу сабзу зардранг низ гардани баъзеҳоро оро медиҳад. Берун аз панҷара автобусҳои корвони муштарак барои бурдани мусофирони худ омода шудаанд, дар ин мобайн давутози бесобиқаи ҳайати корӣ аз ҳар вақт афзунтар аст. Гурӯҳи мо аз ҳама охир майдони поку мутаҳҳари Муздалифаро тарк намуд. Ҷудоӣ сахту сангин буд, ашки фурқат дар чашмону гунаҳои ҳар яки мо ҷило медод.

– Ин ҳама дуою ниёиш, таҳорату ғусл ва бедориҳои мо бесабаб нест, – вақте ки ба автобусамон нишастем бо овози маҳини худ ба сухан пардохт устодам Дарвеш, – мо роҳамонро ба сӯйи ҳарам боз кардем!

Ин сухани устод маро ба тааҷҷуб овард, пурсидам:

– Яъне ба Каъба? Аввал ба шайтон санг намезанем?

Устод маънидор хандид. Дар ҳамин лаҳза баногоҳ чашм ба чашми ҳамдигар дӯхтем, аз нигоҳҳои ӯ гӯё нур meборид, бо риши сапедтоби сабзидааш мисли марди нуронӣ менамуд. Ӯ ба шарҳи суханаш пардохт:

– Мо дар ихтиёри Худоем, рафиқ, пас аз ин ҳама тавбаю тазарруъҳо умедворем гуноҳҳоямонро авф кунад, моро ба ҳарами поки худ расонад. Имрӯз даҳуми зилҳиҷҷа аст, рӯзи иди муқаддаси мусалмонҳои ҷаҳон – иди Қурбон. Мо ба Мино, ба ҳамон хаймаҳое, ки парерӯз он ҷо муқим шуда будем, бармегардем. Марҳилаи

дастдиҳӣ ба Ҷамарот оғоз мешавад, ба иттифоқи ҳам меравем ба ҷанги шайтон!

– Бо ин сангрезаҳои чидаамон? – бо андак лабханд луқма партофтам ман.

– Оре, нахуст ҳафт санг бар Ҷамраи Ақаба мезанем, – оҳанги гуфторашро тағйир надода гуфт устодам. – Аз он пас ба ҷойгоҳамон меоем ва мунтазир мемонем, ки қурбониҳоямон анҷом шавад.

– Бояд гӯсфанд харида диҳем?

– Эҳ рафиқи содаи ман! Мо дар кишвар пули гӯсфанди қурбониро рехта будем. Ин ҷо гурӯҳи масъул ҷонварҳоро харида ба қассобон супурдаанд аллакай.

– Фаҳмидам, устод. Аз он пас ба амалҳое, ки дар умра буд, мегузарем? Тавоф, саъй, мӯйсаргирӣ...

Устод гуфт:

– Не. Пас аз қурбониҳо тарошидани сар аст. Мо мӯйсар гиронда аз эҳром мебароем ва чизҳое, ки бароямон ҳаром буд ҳалол мешавад, албатта, ҷуз се чиз: зан, бӯйи хуш ва сайд дар ҳарам. Аз он пас он чӣ гуфтӣ – тавофи зиёрат ва саъй байни Сафову Марва.

Ба Мино, ба хаймаҳои ду рӯз пеши худ баргаштем. Қабл аз он ки ба Ҷамарот бароем, бо амри домулло ҳама аз пайи назофату тозагӣ шудем. Мисли ҳамеша, ҳатто ҳар гоҳи таҳорат гирифтан симои устодам ба пеши назарам меомад. «Покизагӣ ҷузъе аз имон аст, – аз ҳадисҳо ёдовар шуда мегуфт ӯ, – имон инсонро ба биҳишт раҳбарӣ мекунад». Вақти шустушӯ бо диққати тамом ҳавои эҳромамро доштам, ки мабодо ба ҷойи чиркин ё нопоке нарасад. Чаро ки мо бо ҳамин либоси пок, бо либосе, ки кулли ҳаҷгузорон бо пӯшидани он дар назди Худо яксону якранг ҳастанд, вориди ҳарими Ёр мегардем.

Рамйи шайтон. Вақте ки дастаи панҷоҳнафараи мо низ дар роҳи дурдасти Ҷамарот, ҳамроҳ бо ҳазор-ҳазор ҳаҷгузор пиёда ба роҳ баромад, донистам, ки рамйи шайтон чӣ аст. Ҳарчанд ҳавои диму тафсон ҳукмрон буд

ва роҳгардӣ дар фосилаи бештар аз дую ним чақрим[36] то ҷамраҳо барои мо барин ҷуссадорҳо мушкил, аммо иштиёқу иродаи қавӣ доштем. Сари ҳар қадам суханҳои домулло ва устодам бароямон неруву илҳоми тоза мебахшид, мо ҳар лаҳза беш аз пеш барои расидан ба ҳадаф талош мекардем. «Ҳар амале, ки солики роҳи ҳаҷ анҷом медиҳад – чи бо қасди қурбат ба Аллоҳ, чи ба маҳзи итоат ба амри Худо, бояд аз сидқ бошад, – бо таъкид изҳор медошт домулло. – Худое нахоста, агар риё ва худнамоӣ дар ибодат роҳ ёбад, ҳар як амал фосид ва ботил хоҳад гашт. Бидонед, ки риё маъсияти кабира аст!»

Дар оғози ин роҳгардӣ ман беихтиёр илтифоте кардам, ки устодам ва домулло дар ҷойи худ шах шуданд. Дар сурате ки ҳама бо худу бо ташвишҳои хеш банд буданд, камина ноаён ба сӯйи ду нафар ҷавони сиёҳпӯсте, ки дар канори ҷода бо аробачаҳои дучархадори дастӣ меистоданд, шитофтам. Ба ҳар яки онҳо понздаҳ риёлӣ – сӣ риёл дода, билофосила онҳоро ба имдоди бонуҳои калонсоламон – Муҳаббатхолаю Шукрияапа кашидам. Занони солманди бечора дарди худро гуфта натавониста, мунтазири ин ёрӣ будаанд, ки бо расидани дучархаҳо сипосу дуогӯён дарҳол савор шуданд. Ба маҳзи нишастан ҳар ду ҳабашсурати ҷавон бо суръат ба роҳ даромаданд. Домулло бо дидани ин ҳол, дар сурате ки аз чашмонаш нури шодмонӣ медурахшид, бо шаст ба сӯйи ман омад ва даст дода бо садои баланд гуфт:

– Офарин, Арбоб, ба ин мегӯянд мусалмонӣ! Кумак кардан ба мустамандон савоби бисёр дорад, бино ба фармудаи Расули акрам, бо як қадам ёрӣ ҳафтод гуноҳи кас бахшида мешавад. Дар оғоз ману мулло хостем, ки аз тарафи ин ду калонсол худамон амали рамйи ҷамраҳоро анҷом диҳем, вале диламон нашуд, гуфтем, дар ҳасрат намонанд. Бо ин иқдоми худ кори моро осон кардӣ, бародар!

Дар баданам, то гунаҳову гӯшҳоям гармии аҷиберо ҳис намудам, вале ин даморо нодида гирифта гуфтам:

[36] 2,5 чақрим – тақрибан 2,7 км

– Ман ки коре накардаам, фақат бо пешхезӣ он чиро аз дили шумо мегузашт, рӯёб овардам.

Устодам бо хушҳолӣ ба сухан ҳамроҳ шуд:

– Рафиқи мо дар роҳи мост, иншоаллоҳ, тавфиқ меёбад!

Ҳар ду бо шакарханд маро дар миён гирифтанд, дар хиёбони серодам ба қадаммониамон афзудем. Рафтаравон дар роҳи Ҷамарот аз ду боб тунел гузаштем. Ҳавои сарди дохили тунелҳо хеле руҳбахш буд, чанд муддат аз сиху сӯзани Офтоби бемеҳр осуда, нафаси роҳат кашидем. Дар ин ҷо домулло нақл кард:

– Имсол ҳама чиз муназзаму мураттаб аст, ҳаҷгузорон ба ҳеч ваҷҳ ҳамдигарро озор намедиҳанд. Аз ин роҳ меравем, аз роҳи дигар бармегардем. Шунида будам, солҳои пеш талотуму ғалаёни одамон мушкилоти зиёде ба бор меовардааст. Соле набуда, ки айёми ҳаҷ бе талафот гузарад. Ҳар гоҳ чандин кас дар зери анбӯҳи ҳаҷгузорон монда маҷруҳ мешудаанд, ҳатто дар зери поҳо ҷон ба Ҷаббор таслим мекардаанд. Ҳафт сол муқаддам дар ҳамин роҳе, ки мо меравем, ҳадди ақал ду ҳазору панҷсад нафар ҳаҷгузор аз дасти издиҳоми беназм поймол шуда ҷон бохтаанд. Акнун тартибу низом ҷорӣ аст, сари ҳар қадам нозирон тараддуди одамонро назорат мекунанд, он воҳимаҳои чанд сол пеш паси сар мондааст.

Роҳи дуюю нимчақрима хотима ёфту дар ҳавои нақлҳои домулло то маҳалли намодҳои шайтон расидем. Саҳни бузургу васее, ки сақфпӯш буду бепоён, аз дасти таҷаммуи одамон ҷойи помонӣ надошт. Сарусадои ҳозирон бошад, тоқу сақфи толорҳои тӯлониро ба ларза меовард. Дар миёни анбӯҳи ҳаҷгузорон гум шудан ҳеч гап набуд, тӯдаи мо домани домуллоро раҳо намекард. Бо қадамҳои сангпуштӣ ба пеш, ба ҷониби рамзҳои шайтонӣ мехазидем. Бо тартиб, каме дуртар аз назди ҷамраи Суғро ва пас аз дусад қадам фосилаи дигар аз канори ҷамраи Вусто гузашта, дар поёни саҳн

савори лифт шудем ва ба қабати аввал фуромадем. Домулло бе он ки ба касеву ғалоғулаи издиҳом таваҷҷуҳе кунад, дар чанд ҷо аз нозирони араб пурсида-пурсида моро ба поин бурд. Дар он ҷо низ манзараи табақаи болоӣ ба чашм мехӯрд. Домулло гуфт:

– Ин намоди шайтон дар интиҳои Мино ва наздиктар ба Макка қарор дорад. Ман шуморо бесабаб ба ин сӯ накашидам. Қадимтарин рамзи шайтон, ки ҳоҷиён ба он санг мезананд, ҳамин сутуни деворшакл ва ҳамин мавқеъ аст.

Устодам дар васати суханаш давид:

– Мегӯянд, дар гузашта шакли дигар доштааст…

– Ҳамин тавр. Дар оғоз ҷамраи Ақаба ба синаи кӯҳ часпида буд ва сангзанӣ танҳо аз ҳамин як ҷониби намоёнаш сурат мегирифт. Дақиқан шасту шаш сол пеш[37] кӯҳро хароб карда, атрофи ҷамраро мекушоянд. Каме дертар шайтонсутунро ба шакли девор тағйир медиҳанд. Рамйи ҷамраи Ақаба дар рӯзи иди Қурбон барои мо амали воҷиб аст. Дар ин ҷо мебояд бо Иброҳим Халилуллоҳ ҳамоҳанг шавем. Ҳамон тавре ки ӯ ба фитнаву шаккокии шайтон фирефта нашуда, бо амри Худованд ба сӯяш санг меандозад ва аз худ дур мекунад.

Аз паҳлуи ман Шуҷоъ ба сухан омад, ӯ ғайричашмдошт гуфт:

– Хуб, Иброҳим ба ҳилаи шайтон дучор шудааст ва ӯро бо санг кӯфта аз худ рондааст… Мо ки гирифтори ҳилаи шайтон нестем, чаро ба вай санг занем?

Домулло бо шумханд дарҳол ҷавоб дод:

– Додар, оё дарк мекунӣ ҳамин фикрат фикри шайтонӣ аст?

– Намедонам, аммо ба назарам чунин менамояд, ки санг андохтан ба бадани сутунҳои деворшакли беҷон як кори беҳуда ва бемаънист, гӯё ин ҳама одам бозии сангпартоӣ доранд…

Домулло каме бо ҷиддият гуфт:

---

[37] Манзур соли 1956 милодӣ аст

– Ин ҷузъе аз эътиқоди мост, ки мебояд ба қасди қурбат ва хулуси ният[38] шайтонро саркӯб кунем. Ҳамин ҷост, ки агар эътиқодамон заиф бошад, шайтон ба вуҷудамон роҳ меёбад. Аз ҳар гуна андешае, ки хаёли моро ба каҷҷӣ мебарад, бояд парҳез кард, яъне намебояд фиреби васвасаҳои шайтонро хӯрд! Шуҷоъ, агар ба беҷониаш эрод мегирӣ, магар парчамҳо, ормҳо[39], муҷассамаҳо ҷоне доранд, ки мардум ба онҳо эҳтиром қоиланд? Ҳеч ҷойи шубҳа нест, бо дили пур ва имони комил сангҳои дастатро ба сурати шайтони лаин бизан ва амри Худоро ба ҷо биёвар!

Устодам идомаи ин баҳсро бефоида дида, дар миёни сухан давид:

– Пас, биравем, бикӯбем он худозадаро!

– Ҳатман, мо ин корро мекунем, аммо ҳозир ҳама биёед наздиктар, ба он чӣ мегӯям, диққат диҳед.

Чун маътали ишора будем, зану мард дарҳол дар атрофи домулло ҷамъ омадем. Ҳарчанд санг андохтан кори саҳл менамуд, то ин ҷо ҳама ба он чиз воқиф шуда будем, ки ҳар як амал тартибу қоидае доштааст ва мо набояд иштибоҳе кунему сабабгори «ҷиноят» шавем. Ҳамин ки гирди ҳам ҷамъ шудем, ду нозири формапӯши қадбаланд бо шитоб худро ба мо расонданд ва каме ғазаболуд суханҳое ба арабӣ гуфта бо даст ишора мекарданд, ки мо дар як ҷо гирди ҳам наистем, роҳ гардем. Ҳамоно дар пеши сиёсати онҳо домулло қад алам кард, ӯ ба забони арабӣ чиҳое гуфт, ки нозирон бо лабханд аз мо дур шуданд. Сипас ба нигоҳҳои пурсишомезамон абрӯ парронда, домулло шарҳ дод:

– Аз онҳо ду-се дақиқа замон хостам, ки равиши сангандозиро мефаҳмонаму ҳама ба роҳамон меравем. Ёдатон бошад, ба навбати аввал нияти холис барои Худои мутаол мекунед, ба мисли дигар ибодатҳо. Ҳар як санги шумо бояд ба намоди шайтон бархӯрад ва оне,

[38] **Хулуси ният** – ихлос, нияти пок

[39] **Орм** – герб

ки намерасад, ҳисоб нест! Ҳафт адад будани миқдори сангакҳои бархӯрда шарти асосист.

Як гӯш ба суханҳои домулло, бо тамошои майдони серодам тазоҳуроти мардумӣ ба ёдам омад. Ҳамон эътисоботеро аз мадди хаёл гузарондам, ки мардум бо шӯру ғирев дар муқобили хонаҳои ҳукуматӣ ҷамъ мешаванд. Гирдиҳам омадани ҳаҷгузорон низ бо беназмию ғалоғулаҳои гӯшгираш ҳамон нофармонию ошӯби мардумро мемонд. Агар исёнгарон ба сари пулисону аскарони ҳукумат сангу кулӯху чӯб ва ҳар чӣ ба дасташон ояд партоянд, ин ҷо ҳоҷиён бо туғёну ғавғои бесобиқа рамзи шайтонро мекӯбанд, вале танҳо бо санг! Он ҷо ба хотири дарёфти ҳаққу ҳуқуқи инсониашон мешӯранд, ин ҷо бо қасди тақарруб ба Худо ва раҳоӣ ҷустан аз шайтону аъмоли гумроҳкунандаи он. Дар ин лаҳза хаёлангезиҳои маро овози маҳини Муҳаббатхола бурид, ки нишаста дар аробачаи худ аз домулло мепурсид:

– Писарам, мо шайтони лаинро сангборон карда, бешак, биниашро ба хок мемолем, лекин сухане ҳаст, ки ҳангоми кӯфтан гуфта шавад?

– Ҳар як амал дуои худро дорад, хола! Ин ҷо ҳам бо партофтани ҳар як сангак такбир мегӯед ва кӯтоҳ ин дуоро мехонед: «Бисмиллоҳи валлоҳу акбар, ризан ли-р-раҳмони ва рағман ли-ш-шайтони». Вақти партоб кардани сангҳои худ эҳтиёт шавед, ки ба сару рӯйи одамон барнахӯрад.

– Ба он ҷо, аз миёни одамон даромада наздик шудан ҳам осон наменамояд.

– Хавотир накашед, мо ба шумо ёрӣ мерасонем.

Дар ин ҷо беихтиёр ба сухани домулло илова кардам:

– Ман бароятон роҳ мекушоям!

Аз ин суханам ҳамсафарон ба завқ омаданд, нигоҳи ҳама ба каворан васеи шикамдори ман дӯхта шуд. Домулло бо лабханд гуфт:

– Хуб, киё Арбоб, дароед ба пеш, рафтем! Ёдатон наравад, пас аз андохтани санги ҳафтум дар назди ҷамраи

Ақаба наистед, – ӯ ба самти панҷараҳои оҳании канортари ҷамра ишора карда афзуд: – Ҳама ба он гӯша гузаред, ба ҷониби Каъбатуллоҳ рӯ оварда дуо мехонем ва бармегардем ба Мино.

То ин ҷо роҳи калофакунанда сӯзиши кафҳои захмию обилазадаи поҳоямро ба ҳадди эътило расонид, аз гармои шадиди рӯз пӯсти сару рӯям сӯхт, тамоми баданам то зербағалҳо арақшор гардид, тобу тавонам коҳида рафт, вале... бо сари баланд мегӯям: шишаи қасдам дарз нахӯрд! Инак, ба хотири кӯфтану кандану дур кардани шайтону ҳама васвасаҳояш анбӯҳи одамони ҷонҳавлу пуртакопӯро бурида то садди ҷамра расидам, тамоми гурӯҳамон аз дунболи ман омада, ба оҳистагӣ ба даври девор пахш шуданд. Пушти ҳам дар рӯ ба рӯйи ҷамраи боҳайбати Ақаба сар боло кардем ва ҳар кас бо нафрати бепоён шуруъ кард ба «кӯбидан». Намоди шайтон дар баробари хашму ғазаби мо оҷиз буд, аз ҳар кас ҳафт борӣ «шаллоқ» хӯрд. Мо ҳафт маротиба қулоч кашида сангрезаҳои сеҳрноки худро партоб кардем, ҳамроҳи он сангакҳо ба ҳафт пушти шайтон ва ҳар гуна сурату сумоташ нафрин хондем ва аз Худованд хостем, ки заволу нобудии иблиси лаинро дар байни мо, дар зиндагии мо фароҳам созад. Мани фақир ҳар гоҳи задан бо садои баланд мегуфтам: «Ба номи Худованди бузургу бахшоянда! Илоҳӣ, маро ғофил нагардон ва аз шарри шайтони инсиву ҷинсӣ раҳо кун, ин палиди лаинро бо ҳама нишону зуҳураш аз ман бирон, ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ, омин!»

Ҳар кӣ сангборони намоди шайтонро ба поён мерасонд, аз байни издиҳом баромада ба гӯшаи дуо, ки домулло ёдрас намуда буд, мегузашт. Пас аз фориғ гардидан аз ин амал, берун омадани ман хеле душвор шуд. То ба назди ҳамсафарон расидам дуд аз димоғам баромад, базӯр нафас мекашидам. Бо ин ҳол, худро бениҳоят сабук ҳис мекардам. Ғайри интизор, дар гӯшаи дуо устодамро дар ҳолати гирён дидам. Ӯ бесадо, дар дарун мегирист, ашки чашмонаш то зери манаҳ шорида, дар

хат-хатиҳои рухсораш гоҳ аёну гоҳ ниҳон ҷило медод. Ба маҳзи ин ки маро дар канори худ дид, бо пушти даст оби дидагонашро пок карда, саре ба осмон бардошт ва нафаси амиқ кашид. Ду чашм ба фавҷи одамони сангандоз, бо садои кам ба сухан омад:

– Медонӣ, ҳамин иблисе, ки сангсораш кардем, чӣ гуфтааст? – устодам ҳайрати маро пай бурда афзуд: – Гуфта, ки ба ғайр аз панҷ нафар дигар ҳама мардум дар мушти мананд!

Пурсидам:

– Он панҷ нафар киҳо будаанд?

Гуфт:

– Аввал, касест, ки бо нияти дуруст ба Худо паноҳ мебарад ва дар ҳама кораш ба Ӯ такя мекунад; дувум, бандае, ки шабу рӯз тасбеҳи Худо мегӯяд; севум, фарде, ки ҳар чиро барои худ писандад, барои бародари муъминаш низ ҳамонро меписандад; чорум ҳамонест, ки ҳангоми расидани мусибат сабр пеша мекунад, на бетобӣ; панҷум, касе, ки ба додаи Худованд шукр карда, хурсанд мегардад ва ғами рӯзияшро намехӯрад.

Бо тааммул ҳарчи устодам гуфт аз чархи зеҳн гузарондам. Ба хубӣ дарк намудам, ки барои озод будан аз васвасаи шайтон чӣ гуна инсоне мебояд буд...

«Мисли пари қу нарму сабук шудан». Акнун ман медонам, ки чаро баъзан ин таъбир рӯйи забонҳост. Аз миёни издиҳоми рӯ ба «ҷанг» омада сарболо баромадан, аз кинаву нафрати лоя-лоя ҷамъшуда раҳоӣ ёфтан, аз зери бори чун кӯҳ сангин худро наҷот додан танҳо як саранҷом дорад – ҳамонанди пари мурғ нарму сабук шудан! Ману ҳамсафаронам бо ин руҳия ҷамраи Ақабаро тарк кардем, бо ин беғамӣ озод ба сӯйи Мино, ба бошишгоҳи чодариамон роҳ пеш гирифтем. Бе муболиға, гӯё кӯҳ аз дӯшамон барканор шуда буд, мисли ин ки ҷаҳон баҳре асту мо моҳӣ, бедасту по ба ҷойгоҳи орзу мешитофтем. Ман аз ҳамсафарони худ қафо мондам, вале пасу пешам пур аз сапедпӯшидагони чусту чолок буд, пур аз касоне,

ки фосилаеро то шарри шайтон паймуда ба роҳи ҳақиқат расидаанд. Хиёбони васеи бозгашт ба Мино ба назар пур аз парвонаҳои озодбол менамуд, ки бо ҷисмҳои наҳифу осудаи худ дар фазои бехаёливу бегуноҳӣ пар-пар мезаданд. Ин ҳаёт чӣ қадр ширин аст, зиндагӣ то чӣ ҳад зебост! Бо ҳама меҳрбонию бахшояндагияш Худованд моро ба ҷаҳони лаззату хубиҳо расонид – мо ба соҳили мурод, ба сарзамини орзуҳо даст додем!

Вақте ки ба хаймаҳои худ омадем, рӯз аз зуҳр гузашта буд, вале вақти намози пешин на. Бо шустушӯ ва гирифтани таҳорат ҳама дар намозгоҳ ҷамъ шудем. Бо гузоштани намоз ноҳорамонро тақсим карданд. Барои ҳар кас дар қуттиҳои махсус хӯроки гарм, салат, шарбату ҷурғот ва ҳатто меваҳо оварда буданд. Бо сарфи ноҳори хушмаза, ки гӯё чун асал дар комҳо нишаст, ҳар кас орому осуда дар гӯшаи худ дароз кашид. Домулло гуфт:

– Истироҳат кунед, мо акнун бо дуою ниёиш мунтазири қурбониҳоямон мемонем. Ҳар гоҳ аз поёни забҳи гӯсфандонамон хабар диҳанд, мӯйи сар метарошем, нохун мегирем ва аз эҳром мебароем.

Устод Дарвеш суол кард:

– Ба тавофи зиёрат ҳам имрӯз меравем?

– Ҳамин ҷойи сафар ба уҳдаи худамон аст, бароямон кола надодаанд, – домулло бо лабханд ба ҳамаи мо назари кӯтоҳ афканда афзуд: – Имрӯз то Каъбатуллоҳ автобус намедиҳанд, вале Худо бузург аст, мушкиламон осон хоҳад шуд. Таваккул ба роҳ мебароем.

Пас аз тараддуду ҷунбуҷӯлҳои беист ниҳоят ором бар рӯйи тӯшак дароз кашидам. Хастагии шадиди ҷисмонӣ аз кафи по то мӯйи сар баданамро дар гунии дард печонида буд. Ҳис мекардам, ки исҳоли шикам хеле коҳиш ёфтааст, аммо тамоми пайвандҳои вуҷудам зим-зим месӯхт. Дар чеҳраи ҳамсафарон низ нишонаҳои хастагӣ бармало ҳувайдо буд, касе майли шӯхӣ надошт, дигар ба хаёли касе на виёраҳои деҳқонбобо меомад, на бодирингҳои кашол.

* * *

Ҷойи хоби домулло дар пойгаҳи хайма буд. Ҳар гоҳ ӯро медидам, бо чашмони нимапӯш машғули зикру дуохонӣ бедор менишаст ё китоби ғафси калонеро варақ мезад. Бо ин ҳол, аз зери чашм пайваста мувозиби даробаро ва шинухези ҳамсафарон буд, агар пашае пар занад ҳис мекард. Ӯ сардастаи навбатдореро мемонд, ки бо ҳушёрӣ нигаҳбони сарбозонаш аст. Машаққатҳояшро дида раҳмам меомад, мехостам ҳадди ақал нисфи бори масъулиятро аз ӯ ба уҳда гирам, аммо чеҳраи мунаввар ва хирадмандонааш маро бозмедошт. Ҳар гоҳ абрӯ боло зада нигоҳе ба атроф меафканд, гӯё аз чашмони хуршедиаш нур метаровид, бо лабханди малеҳ аз беғамию осудаҳолии хеш дарак медод. Чунин вонамуд мекард, ки ҳеч азобе надорад. Эҳром низ ба тани ӯ менишаст, бо либоси сапед ва ришу абрувони сапедгун ингор аз биҳишти адн ба мо дуруд мефиристод.

Ба маҳзи дароз кашидан ба рӯйи тӯшак маро пинак бурдааст. Намедонам чӣ қадр хоб рафтаам, вақте ки бедор шудам домуллоро бо устодаму чанд ҳамсафари дигар ғарқи суҳбат дидам. Дигарон ҳам машғули корҳои пешпоуфтода буданд – либосу василаҳои худро мураттаб мекарданд, чой менӯшиданд, сачоқ ба китф барои шустушӯ мерафтанд... Беихтиёр аз ҷо хеста ба давраи домулло пайвастам. Ӯ мегуфт:

– Қурбонӣ ҳам воситаи тақарруб ба Худои мутаол аст. Ҳоҷӣ бояд муътақид бошад, ки ба ҳар ҷузъе аз аҷзои қурбонӣ як узви баданаш аз оташи дӯзах озод мешавад. Хотами паёмбарон ба бонуи ду ҷаҳон[40] дастур дод, ки худаш шоҳиди забҳи қурбонии хеш бошад, чаро ки бо рехтани аввалин қатраи хун ҳар гуноҳу иштибоҳ бахшида мешавад. Ҳадаф аз қурбонӣ ин аст, ки инсон бо ифодаи тавҳиди ҳақиқӣ бояд ҳар гуна имконоти худро ба монанди Ҳазрати Иброҳим ба қурбонгоҳ бибарад ва

[40] Бино ба аҳодиси набавӣ, Фотима (алайҳи-с-салом) сарвари занони ҷаҳониён ва мутахаллис ба бонуи ду олам аст

бо нияти холис ба ҳар навъ ва ба ҳар ҷое, ки Худо дастур додааст, ба масраф расонад. Аз Иброҳим Халилуллоҳ куштани фарзанд ва рехтани хуни ҷавонро намехостанд, вале қалби салим ва пояи тавҳид то ҳадде буд, ки он Ҳазрат ҳозир шуд ягона нури дидагонашро таслими Худо кунанд. Ҳарчанд ӯ бо ихлос омодаи иҷрои амри Аллоҳ буд, Худованд бо иноят ва лутфи худ ҳадяи дигарро ба ҷойи Исмоил мепазирад ва гӯсфанде барои забҳ фиристода мешавад.

Домулло каме нафас рост кард. Устодам Дарвеш бо оҳанги суол гуфт:

– Имрӯз барои мо – ҳоҷиён қурбонӣ амали воҷиб аст, гарчи барои мусалмонони дигар мустаҳаб бошад. Ин амал баробари саодати ухравӣ[41] рифоҳи ҳоли инсонҳоро фароҳам меоварад.

– Бале, гӯшти қурбониро ба мискинону дардмандон, ҳамсоягон эҳдо мекунанд ва қисматеро низ барои хонаводаи худ нигаҳ медоранд. Аз ин хотир, солим будани ҳайвоне, ки қурбонӣ мешавад, яке аз шартҳои асосист ва он набояд ланг, лоғар, кал, гӯшбурида, думбурида ё шохшикаста бошад.

Ҳар чӣ ба хаёлам омад, дар миёни сухани домулло пурсидам:

– Оё қурбонӣ дар мазҳабҳои дигар низ вуҷуд дорад?

– Масалан, забҳи гӯсфанд дар ҳама динҳо ҳаст. Яҳудиён ҳам қурбонӣ доранд, онҳо дар идҳояшон ҳатто парандагонро дар роҳи Худо ҳалол мекунанд. Зартуштиён ва масеҳиён дар шариати худ қурбонӣ надоранд, вале ин корро аз сӯйи онҳо низ метавон мушоҳида кард.

– Дар дини мо чӣ, кадом ҳайвон ба қурбонӣ лоиқ аст?

– Дар Ислом ҳалол кардани шутур, гов ва гӯсфанд ҳамчун қурбонӣ қабул шудааст. Албатта, ба буз ҳам фатво додаанд. Лекин куштани мурғ, хурӯс ё дигар ҳайвоноти аҳлӣ ба ҳукми қурбонӣ намегузарад.

Дар ҳамин ҷойи пурсупоси мо садои муаззин баланд

---

[41] **Ухравӣ** – онҷаҳонӣ, мансуб ба олами дигар (муқобили дунявӣ)

шуд. Албатта, наметавонам гӯям, дар миёни сухан лагад зад, чаро ки намозро сари вақт гузоштан воҷибтар аст. Мо пасу пеш аз ҷо баланд шудем ва барои хондани салоти аср ба сӯйи намозгоҳамон роҳ пеш гирифтем. Ман аз ҳама пештар, сачоқамро ба китф андохта бо суръат ба самти таҳоратхона шитофтам...

Вақте ки аз намози аср баргаштем, ҳанӯз ба ҷойи худ нагузашта аз тариқи садобарҳо пайғоми сурурангез пахш гардид, ровӣ бо садои гиро ба такрор мегуфт: «Қурбониҳои ҳоҷиён анҷом дода шуд! Гӯсфандони қурбонӣ забҳ гардиданд!»

Бо шунидани ин хабар ҳама хурсанд гаштем. Баъзеҳо аз шодмонӣ дар куртаи худ намеғунҷиданд. Мо дар сарзамини муқаддаси Мино, дар маконе, ки Худованд орзуи Ҳазрати Иброҳимро ба ҷо оварда, гӯсфандеро ҳамчун фидяи Исмоил барои забҳ фиристодааст, дар роҳи Аллоҳи таоло қурбонӣ мекардем. Домулло масрур аз хушҳолии мо, бо лабханд гуфт:

– Накунад, ки шодиатон ба хотири берун омадан аз эҳром бошад?! Медонам, ин эзору ридо се рӯз дар тани шумост ва хеле гарду хок ҳам гирифт, зери хӯю арақ ҳам монд, боиси ноҳинҷориатон ҳам ҳаст...

– Не, не, не! – бо ҳам овоз баровардем мо, гарчи гуфтаҳои домулло то ҷое ҳақиқат низ дошт ва аз тарафи ҳама устодам бо чанд сухан вазъиятро мулоим кард: – Худо нигаҳ дорад. Аз он хурсандем, ки амалҳоямон сари вақт анҷом меёбад, домулло. Агар имрӯз ба тавофи зиёрат ва саъйи Сафою Марва мерасидем, нуран ало нур мешуд.

– Ба тавофу саъй низ мерасем, иншоаллоҳ! Ҳоло зуд бошед, домани бачаҳои сиёҳпӯста бигиред. Бубинед, ҳама ба мӯйсаргирӣ мешитобанд, мо низ аз қатор намонем!

Пасу пеш аз чодар берун рафтем. Роҳравҳо аллакай пур аз одам буд, гӯё лашкари мӯрчаҳо аз лонааш баромада, ғиж-ғиж ба чор сӯ равуо доштанд. Дар ҳар гӯша

пушти теғи як ҳабашсурат даҳҳо нафар навбат мепоиданд. Устодам ин ҳолро дида, даст афшонда гуфт:

– Ба кӯча мебароем!

Аз гурӯҳамон ҳафт-ҳашт нафар ҷудо шуда, ба самти дарвоза давидем. Албатта, намешуд давид, вале бо ҳарчи неру дар тавонамон буд, аз миёни одамон гузашта худро ба дарвозаҳо расонидем ва аз он ҷо ба назди рӯшӯйиҳои кӯча, ки ҳамеша дар он гӯша истироҳат карда оби сард менӯшидем, баромадем. Ин ҷо низ намои маҳшарро дошт, гӯё ки бо сури дувум ҳама кафанпӯшидагон зинда шудаанд.

Дигар чорае надоштем, мо низ дар навбат истодем. Бо дидани «манзара»-и қиёмат ба ёдам рамаҳои диёрамон омад. Мавсими қайчӣ – ҳамон лаҳзаҳое аз рамадориро, ки устодкорон пашми гӯсфандонро метарошиданд, ба хотир овардам. Он замон ҷонваронро бо зарбу ҷаҳд зери по гирифта, танашонро аз пашм сабук мекарданд. Ҷуссаҳои софу калшуда зуд-зуд аз дасти қайчидорони бераҳм берун рафта, давида ба дуртар мегурехтанд. Ин ҷо бошад, ҳаҷгузорон аз таҳи теғи ҷавонҳои мишкиранг раҳида, озоду фориғбол худро канор мегирифтанд.

Одам бисёр буд, мавҷи сарусадо ва ғалоғулаи ниёзмандону мӯйсаргирон ба осмон мепечид. Касе ҳавои дигареро надошт, ҳар кӣ саъй мекард кораш тамом шаваду аз шарри таҷаммуъ наҷот ёбад. Шояд ним соат аз байн гузашт, навбат ба ману устодам низ расид. Ҳар ду дар як гӯшаи зинапояи бетонӣ нишаста, ихтиёр ба ду бачаи теғ дар даст супурдем. Чун «пероишгарон» на курсиву на оина, ҳатто оби шустан надоштанд, мо худамон ғами худро мехӯрдем. Зарфҳои пилостикии обамонро ба дасти ҷавонҳо дода, рӯ ба қибла нишаста, ба хотири чиркин нашудани эҳром сарҳоямонро ҳарчи бештар ба пеш хам намудем. Устодам ба ман шунавонда овоз баровард:

– Худоё, маро бо парҳезкорӣ зинат деҳ ва аз палидиҳо дур кун! – чун ин суханҳоро ман низ такрор кардам,

устодам афзуд: – Худовандо! Бар ивази ҳар мӯе, ки кӯтоҳ мекунам, нури дурахшандае дар Рӯзи Растохез ба ман ҳадя намо!

Каломи охирро низ пурра ба забон овардам. Ҷавонҳои сартарош бошанд, аллакай лунгиҳояшонро баста, ҳунари худро анҷом медоданд. Ҳарчанд ба сарҳоямон каме об зада, теғи риштарошҳои худро иваз карда буданд, боз ҳам садоҳои ғарт-ғарт аз тарошидани мӯ ба гӯш мерасид.

Дар васати ин ҳама гирумон ва шӯру ғавғои ҳаҷгузорон, ногаҳон сарусадои сигнали мошинҳо ва «чур-чур» ҳуштаккашиҳои бемавриди як гурӯҳ пулис ҳамаро ноором кард. Дар як чашм пӯшида кушодан чанд нафар калтакбадасти формадор дар тамоми кӯча, дар назди гӯшаҳои мӯйсаргирон ба давутоз даромаданд. Ҳамин дам, ғайриинтизор, ҳар ду сартароши мо низ ришгираку лунгиҳои худро парт карда, ба самти рости хиёбон, ба ҷониби даромадгоҳи урдугоҳи мо гурехта рафтанд. Ману устодам як лаҳза гаранг мондем. Медидем, ки дар ин диёр низ бе иҷоза пул кор кардан мамнуъ будааст. Бечора ҷавонҳои бебизоате, ки ба хотири дарёфтани ду-се риёл мӯйсари ҳоҷиёнро мегирифтанд, аз насибаи худ маҳрум монданд. Чанд нафари онҳо аз сӯйи неруҳои интизомӣ дастгир шуданд.

– Биё, рафиқ, аз қафои сартарошонамон меравем, онҳоро дарёб карда ба хайма мебарем, – дарҳол илоҷи корро ёфта гуфт устодам. – Аз дарвоза ки даромадем, дигар пулисе кордор нахоҳад шуд.

– Шояд дар дохил сартарошони дигар ҳастанд…

– Не, ошпаз ки дуто шуд, ош шӯр мешавад ё бенамак, аз ҳамон устоҳои худамон намонем!

Яке чашмам ба сари ниматарошидаи устод уфтод, аз таҳи дил хандидам. Зоғ ба зоғ гӯяд – рӯят сиёҳ, ӯ низ сари нимкораи маро диду бо завқ хандида фиристод.

– Аз дарди бекасӣ рӯ овардем ба чӣ касе! Ҳеч гап не, зуд бош, бичунб, рафиқ!

Чун тӯдаи интизомӣ амалиёти худро анҷом дода гузашта рафтанд, ду ҷавони пероишгари ошно дар канори панҷараҳо аз пешамон баромаданд. Онҳо моро дида ҷон даровარданд ки, рад-рад дандонҳои сапедашон дар чеҳраҳои қиргун муҷалло ба назар расид. Аҷаб лабхандҳое! Мо ҳар дуро бо ишора ба сӯйи худ хондем. Устод Дарвеш ба забони арабӣ фаҳмонид, ки идомаи корашонро дар дохил давом диҳанд. Дунболи ҳам роҳ уфтодем ба сӯйи чодарҳо.

Дар гирду атрофи бошишгоҳамон тараддуди зану мард бисёр буд. Ҳавои мӯйсаргирӣ беш аз пеш одамонро фаро мегирифт. Бахше аллакай сарҳои тоза тарошида доштанд, афроди зиёде ҳанӯз навбат мепоиданд, ҳаҷгузороне низ аз наёфтани мӯйсаргир гиҷу гаранг аз як сӯ ба сӯйи дигар мегаштанд. Баробари дар канори чодар ҷо гирифтан, аз паси мо низ чандин нафар дар навбат истоданд. Устодам ба сартароши худ суханҳое ғур-ғур кард, ки ҳар ду ва устои ман бо шавқ хандиданд. Дар ҳоле, ки сари пок тарошидаамро бо сачоқам хушк мекардам, пурсидам:

– Бо забони «худат» чиҳо гуфтӣ устод, қилқилакатон омад?

– Ин навбатро намебинӣ? Қарор шуд аз коркардашон ҳаққи моро ҳам диҳанд ин мӯҷингилаҳо, – хушҳол гуфт устодам.

– Рост мегӯйӣ, агар мо ба дохил намеовардем, ин ҳама муштарӣ аз куҷо меёфтанд?!

– Ё дастхолӣ мерафтанд ба хонаҳошон, ё меуфтоданд ба доми пулисҳо!

Мӯйсаргиронамон табассум ба лаб лӯнгиҳои худро дарҳол ба гардани ҳоҷиёни дигар бастанд. Мо хурсанду сари ҳол дастмузди онҳоро аз гуфтаашон ҳам бештар дода, барояшон омад хоста, ба сӯйи хаймаамон шитофтем. Мехостем ҳарчи зуд либосҳои тозаамонро бардошта ба суроғи ҳаммом равем. Мебоист аз эҳром бароем ва барои намози шом омодагӣ бубинем...

* * *

Ҳарчанд чодари шаб Миноро фаро гирифта буд, чор тарафи он чароғон буд. Дар ҳама ҷо нурафканҳои муқтадир аз рӯйи пояҳои баланд ба атроф равшаноӣ мепароканданд. Ба хусус, каме дуртар аз урдугоҳи мо, дар доманаҳои кӯҳии Мино гӯё рад-рад коҷҳои баландқомати тобонро кошта буданд. Бо чандин ранг чашмакзанӣ кардани он «дарахтон» хаёли касро мерабуд. Ман ин гуна манзарaро бори нахуст медидам. То замоне, ки аз роҳравҳо гузашта ба хиёбони калон ва аз он ҷо то истгоҳи автобусҳо омадем, натавонистам аз он ҷодуи шабона чашм биканам. Танҳо дар поёнаи[42] хомӯшу сокит шигифтомез сухан гуфтани устодам ба домулло маро ба худ овард:

– Паша пар намезанад, то Каъба чӣ хел меравем?

– Раҳбари гурӯҳҳо аз мамнуъ шудани тараддуди автобусҳо ёдрас карда буд, мо таваккул ба роҳ баромадем. Бубинем, шояд илоҷе ёфт шавад.

– Бо таваккул зонуи уштур бибанд, мо ки як-ду нафар нестем, баргардем беҳтар нест?

Домулло дурудароз ба автобусҳои поёна чашм дӯхт. Чандтои онҳо чароғи равшан доштанд, дар гирду барашон ҳам ронандаҳо ҷунбуҷӯл доштанд. Каме дуртар як худрави «Ҷип»-и пулис меистод. Домулло онро дида беихтиёр гуфт:

– Мулло Дарвеш, биё бо ман!

Бо ишораи ӯ мо – ҳама дар ҷойи худ истода мондем. Чашму гӯш ба он будем, ки домулло чӣ каромате нишон хоҳад дод. Онҳо рафтанду боз ду гурӯҳи ҳаҷгузори дигар омада ба мо пайвастанд. Аз ҳолу аҳволашон пайдо буд, ки майли рафтан ба Макка доранд, вале аз набудани мошин ҳирс мехӯранд. Марди қоқинаи болобаланде, ки давутозаш аз саргурӯҳиаш дарак медод, аз қазия воқиф шуду дарҳол ба самти домулло давида рафт. «Оё пулисҳо ёрӣ мерасонда бошанд? – аз хаёл мегузарондем мо. – Домулло чӣ барномае дар сар дорад?»

[42] **Поёна** – автовокзал

Аз ҷони набаромада умед, домулло таваккул кард, аммо ба мақсуди худ расид! Вақте ки се нафар пулис, ки нозирони роҳу роҳнамоӣ буданд, ба назди мо омаданду ҳаҷгузорони ҷамъшударо дида ба суроғи автобусҳо рафтанд, ҳама кулоҳ ба осмон партофтем. Фурсати зиёде нагузашта, гардонаҳои[43] сето автобусро равшан карданд, бо навбат ба онҳо савор шудем. Нахуст худрави «Ҷип»-и пулисҳо сиренаи худро ба кор андохт ва ба унвони ҳамроҳикунанда ба пеш баромад, аз қафои он корвони автобусҳо роҳ уфтод.

– Беҳуда нагуфтаанд, «забондонӣ – ҷаҳондонӣ», қурбони домуллоямон шавам, корамонро осон кард! – даҳони устодам ба гӯшҳояш мерасид. – Маълум шуд, ки рафтуомади автобусҳоро имрӯз билкул мамнуъ кардаанд, аммо дамашон гарм нозирони олиҳимматро! Роҳбаладиро ба уҳда гирифтанд, моро то Каъбатуллоҳ мебаранд.

Бо хушҳолӣ кафкӯбӣ кардем. Аз ҳар ҷо садои «офарин, домулло!», «сипосгузорем!», «боракаллоҳ!» баланд шуд. Домулло худаш низ аз ин омади кор шоду мамнун менамуд. Ӯ дар ниҳояти хоксорӣ гуфт:

– Азизонам, чун нияти ҳар яки мо холис аст, ҳама аз таҳи дил ба Худованд саҷдаю ниёиш мекунем, Аллоҳ худаш ба мо раҳм кард. Агар ин меҳрабонию раҳмати илоҳӣ намебуд, маҷбур мешудем масофаи ҳафт километрро пиёда тай кунем.

Устод Дарвеш аз тарафи мо изҳор намуд:

– Забони хуш морро аз сӯрох берун мекашад, бо лутфи сухан дили пулисҳоро об кардед, мо мадюнатон ҳастем!

Масҷид-ул-ҳаром бо деворҳои баланди мудаввар, бурҷҳои мунаққашу мурассаъ, сутуну тоқҳои тиллоиранг, роҳравҳои сангфаршу деворҳои кошикоришуда ва алалхусус, бо саҳни гирди марказаш, ки сохтмони сиёҳпӯши Каъабатуллоҳро дар оғӯш мегирифт, ҳангоми

[43] **Гардона** – мотор

шаб боз ҳам муҷаллою назарработар ҷилва мекард. Он аз ҳар сӯ бо чароғҳои овезону қандилҳо ва нурафканҳои ранг ба ранг чароғон метофт. Саҳни Хонаи Худо бо инъикоси нурҳо ҳавзи оберо мемонд, ки дар васати он Каъбаи чаҳоргӯша қад афрохта, бо дарбу навиштаҳои зарринаш чашмҳоро мерабуд. Мо бори аввал дар ин гуна бевақтӣ ба тавоф меомадем. Пас аз яктарафа кардани аъмоли Мино, ба хусус, дар рӯзи иди Қурбон барои зиёрати Байтуллоҳ омадан алоқаю ҳиссиёти моро дучанд мекард.

Мо аз боби Фаҳд ба дохили масҷид даромадем. Кафшҳоямонро бо худ гирифта, мустақим ба ҷониби зинаҳои равон қадам ниҳодем. Ба маҳзи расидан ба қисмати болоии зинаҳо, Каъбатуллоҳ бо маҷмуаи ҷаззоби худ ҳушу ҳавоси моро ба сӯйи худ кашид. Дар ҳоле, ки ба поён мерафтем, беихтиёр ба устодам наздиктар шуда гуфтам:

– Устод, ҳис мекунӣ ҳоло аз дарунам чиҳо мегузарад?

Ӯ ҳарчанд ҳангоми рост истодан дар болои зинаи равон ҳавои Муҳаббатхоларо дошт, бо лабханд нигоҳе ба сӯям афканд. Аз нигоҳҳояш донистам, ки идомаи суханамро шунидан мехоҳад.

– Ҳаргиз намехоҳам дар ин тавоф ба риё роҳ диҳам ва зиёратам ботил шавад, – бо овози расо изҳор кардам ман. – Қасд дорам аз сидқи дил ба амри Худо итоат намоям, аз ҷаҳаннам битарсам ва ба биҳишту савоби фаровон ноил шавам.

– Ту муъмину мусалмони содиқ ҳастӣ, рафиқ! Эзид дар паноҳаш нигаҳ дорад, тавофу зиёратат қабул гардад!

– Қабули Ҳақ-таоло гардад!

Лутфи устод бароям руҳ бахшид. Дар ҳақиқат, мефаҳмидам, ки тавофи зиёрат аз аркони воҷиби ҳаҷ аст ва онро қасдан тарк кардан ё дилу бедил анҷом додан боиси шикасту зоеъ рафтани ҳаҷ мешавад. Бо қадамҳои устувор аз пайи ҳамсафарон ба саҳни Байтуллоҳ баромадам. Дар баробари чароғакҳои сабз,

ки ишора ба гӯшаи Ҳаҷар-ул-асвад буд, қарор гирифта, бо қасди тақарруб ба Яздони пок нияти тавофи ҳаҷ кардам ва хомӯшу сар ба зер қадам ба пеш ниҳодам. Ин бор дар канори ҳамсафарони мо ду зани калонсоламон Муҳаббатхолаю Шукрияапа низ хастагиҳои рӯзро нодида гирифта, аҳд карда буданд тавофро бо пойи худ анҷом диҳанд. Ҳарчанд домулло барояшон гирифтани аробаи дучархадорро маслиҳат дод, онҳо қабул накарданд, Муҳаббатхола бо дилпурӣ гуфт:

– Ҳаҷҷи мо бо саъйи худамон комил шавад, дар армон намонем, домулло. То субҳ ҳам бошад, имрӯз ин корро мекунем.

– Ихтиёр доред, Худо худаш ёрӣ медиҳад, мо ҳам дар каноратон ҳастем.

Тавоф бо эътимод ва алоқаи бемисл оғоз ёфт. Муҳити ҷаззоби Каъбатуллоҳ зоирони гирди худро бо кашиши беинтиҳо дар бағал гирифт, ҳама бо либосу тану ҷони пок ба гардиш даромаданд. Лаълии торики осмон дар фазои Каъба чун даҳонаи танӯр фурӯзон менамуд, аз ҳар сӯ силсилачароғакҳо равшану хомӯш шуда рангбозиҳо мекарданд, одамони ҳаҷгузор ба шакли навори ғафси нуқраӣ дар атрофи Хонаи муқаддас, дар гирди Мақоми Иброҳиму Ҳиҷри Исмоил, аркони Ироқиву Шомиву Ямонӣ бо суръати яксону якмароми худ давр мезаданд. Ҳар кас овора бо хаёли худ, фирефта дар орзуву умедҳои осмонии хеш, бо зикри дуою ниёишҳои қалбӣ қадам дар саҳни бобаракат мебардошт. Ҳавои гарму мулоим бо ҳолу ҳавои мағзу ҳуши саҷдагузорон созгор меомад…

Дар поён, каме дуртар аз Мақоми Иброҳим ба намоз нишастам. Фурӯ дар худ, бо ишқу алоқаи бемисл хаёлам аз олами ҳастӣ ҷудо шуда, ба ёди Худо роҳ ҷуст. Бо гузоштани ду ракъат намози тавофи ҳаҷ Эзиди пок маро ба кӯйи биҳишту рӯдҳои серобаш бурд, чун пари сабуки мурғон ба боли фариштаҳои олами улвӣ нишонд. Ман на дарди поро ҳис мекардам, на дарди камарро ва на шиками калонам ба чашм менамуду на хун ба сарам мезад.

Оғушта дар пероягии хаёлот, аз ҷо хеста ба сӯйи «чашма»-ҳои[44] Замзам рафтам. Бо ёдкарди Исмоил, ки ин ҷо чоҳи ӯст ва ташнакомонро сероб кардааст, ба замзама пардохтам: «Худоё! Онро василаи омӯхтани илми боманфиат ва ризқи фарох гардон ва ба ҳар гуна дарду бемори шифо ато фармо!» Бо ин зикр, ҷуръае аз «чашма»-и пок ба рамзи ишқу имон нӯшидам. Оби гуворою ширин ва андак намакин бар ком нишаст, хаёлам ба ёди талошҳои Ҳоҷар рафт, ки бо регҳо даври оби зери пойи Исмоилро мегирифт. Ҳамзамон замзамаи Ҷабраил дар гӯшҳо нишаст, гӯё ки пайғомҳои осмониро ба самъи бандаҳои тавбакор мерасонид.

Вақте ки пиёлаи дуюмро аз оби Замзам холӣ кардам, дасте мулоим сари китфамро молид, устодам маро навозиш медод. Ӯ бо нигоҳҳои нурангез ва лабханди ширин ба сӯям чашм медӯхт, дар байни ҷамъи одамон симояш дурахшонтарин чеҳра буд. Чун марди солеҳу пандомӯз равшан гуфт:

– Оби Замзам на фақат шифои дардҳо аст, ҳамчунин биму андуҳро аз вуҷуди инсон  рафъ мекунад. Биё, рафиқ, ба ҷониби Сафою Марва меравем, то саъямон комил шаваду ҳаҷҷамон такмил.

Аз дунёи хаёлангезиҳо берун омадам, беихтиёр пурсидам:

– Домулло ин ҷост?

– Эшону ҳоҷиёни дигар тавофро анҷом дода ба он сӯ рафтанд. Қарор шуд пас аз саъйи миёни ду теппа ба истгоҳи таксиҳо гузарем, дар ҳамон ҷо вомехӯрем.

Бо итоат, ду чашм ба Каъбатуллоҳи чароғон, аз пайи ӯ ба самти роҳрави боби Сафо қадам ниҳодам. Ҳарчанд шаб буду ақрабаи соат дар бурҷи баланди масҷид ба дувоздаҳ дакка мехӯрд, думи одам аз роҳраву намозгоҳҳо канда намешуд. Атрофи теппаи Сафоро

---

[44] Ин ҷо манзур аз чашма, ки дар қадим буда, даббаҳои оби Замзам аст

ҷамъи ҳаҷгузорон анбӯҳу зич печонида буданд, баъзеҳо рост истода, рӯ ба Каъбаю сари теппа дуоҳо мехонданд, гурӯҳе бо шитоб ба самти толори саъй мешитофтанд, тӯдаҳое низ ба ҷониби дарҳои баромад тараддуд доштанд. Чун ба сӯйи толори саъй мегузаштем, аз устодам пурсидам:

– Ин бор ҳам ҳамон саъйи умраро анҷом медиҳем? Дигар шарти хосе надорад?

– Дақиқан ҳамон саъй аст, рафиқ! – бо хушҳолӣ ба ман наздиктар шуда гуфт устод Дарвеш. – Руҳи Момои Ҳоҷар шод боду ёди Ҳазрати Исмоил наку, амалашонро такрор мекунем.

Ҳис кардам, ки устод боз чизе гуфтан мехоҳад, вале аз дасти шӯру мағал ва ғалоғулаи атрофиён хомӯш монд. Мани ҳарис ба нақлҳои ранг ба ранги ӯ, таҳковӣ кардам:

– Дар дилат намонад, чизе гуфтанӣ будӣ, устод? Гӯшам ба туст!

– Ҳеч... Мехостам ёдрас намоям, ки ин суннати иброҳимӣ ҳатто дар ҳамон замонҳои қадим ҷузви маросими ҳаҷ будааст. Дар он замон буте дар ин сӯ ва буте дар ҷониби дигар қарор доштаанд. Вақте ки саъйкунандагон ба бутҳо мерасидаанд, онҳоро ламс карда мегузаштаанд. Бино ба тасаввури одамон, он ду бути мавҷуд бо номҳои Усоф ва Ноила – зану марди зинокоре будаанд, ки табдил ба санг шудаанд.

Хандидам. Устод завқи маро нодида гирифта, дар оғози толор рост истод ва даст ба пеш бардошта шунаво гуфт:

– Аллоҳу акбар! Алҳамдулиллоҳ! Ло илоҳа илаллоҳ! – ва пас аз андак танаффус илова кард: – Рафиқ, ҳар яке аз ин калимаҳоро ҳафтборӣ бигӯ ва бо қасди қурбат барои анҷоми амали саъй ният кун!

Амри устод бароям ба ҳукми қонун буд. Бо овози баланд ҷавоб додам:

– Ба чашм, устод!

* * *

Дар хаймаи хомӯш сари ҷойи худ дароз кашида аз чокиҳои дарби порчаӣ ба берун чашм медӯхтам. Рост ба сӯйи ман аз умқи осмони тира ситорае нур мепошид. Гӯё аз дуродур шамъе медурахшид, ки ба мартабаи имон аз таҷаллии худ дарак медод. Охирин талошҳоям аз ҳафт гардиши даври Каъба ва ҳафт бор саъйи миёни теппаҳои муқаддас дар оинаи хаёл падид омад, қадаммониҳои ҳазор-ҳазор мусофири роҳи Ҳақ, нӯшидани бомазатарин оби ҷаҳонӣ, ниёишҳои мукаррар аз қалби намозҳои тавофу саъй ва салоти ишо[45] дар манзари зеҳнам зинда шуд. Вале, идомааш дар ёдам нест – намедонам чӣ гуна, бо чӣ минибусе ба Мино баргашта будам.

Чароғи хайма хомӯш шуд. Дар атроф сукути мутлақ нишаст. Ман чашмонамро бастам, вале хобам намеомад. Наметавонистам аз дили андеша берун оям. Дар диди хаёлам Устод Дарвеш чеҳра боз кард, бо лабханд гӯё мегуфт: «Ин ҷо сарзамини орзуҳост...»

Сарзамини орзуҳо. Худованд ҳар сол мехоҳад бандаҳои худро дар ин ҷо ҳузурӣ бубинад, мулоқот кунад. Мехоҳад ба бандаҳои тавбапешаи худ ва ба воситаи онҳо ба тамоми умматонаш ҳақиқатро бинамоёнад, ба тафаккур водорашон кунад. Оре, агар чунин намебуд, ин ҳама марду зан бо ирода ва ихтиёри худ садҳову ҳазорҳо километрро тай карда намеомаданд, бечорагӣ ва ниёзмандии худро дар назди Холиқашон нишон намедоданд. Ин муҳаббати дуҷониба аст, ки сарзамини орзуҳо – ҳамон маконе, ки нахустин бор аҳли муъмин бо Расули худ байъат намудаанд, дар давоми чанд рӯз ба арши барин бардошта мешавад, чашмаи меҳру меҳрабонӣ ва ишқи пок ҷорӣ мегардад, осмони умеду хостаҳои нек оғӯши мусаффои худро боз мекунад, кӯҳи сабру тамкин дар қалбу вуҷуди муҳтоҷон қарор мегирад, рӯду ҷӯйборҳои хушкидаи диёри дӯст бо оби дидагони даст ба боло афрохтагон пур мешавад, ҳаёт бо рангу намои

[45] **Салоти ишо** – намози хуфтан

нав ҷило медиҳад, софии ҳақ руҳу нафас ва асли ҳастиро меполояд. Барои покшудаҳо оғӯши Офаридгор боз аст, чаро ки онҳо аз наҳйи Ӯ дурӣ меҷӯянд ва бо одобу рафтори ҳасанаи худ ба нидои Ӯ «лаббайк!» мегӯянд – чи ба забони қол, чи ба забони ҳол…

Гӯши шайтон кар, чашми шайтон кӯр, ғарқи андеша дарёфтам, ки дар пайи он ҳама ибодат як рӯзи санг задан ба Ҷамра кофӣ нест. Мо ду рӯзи дигар дар Мино байтута хоҳем кард[46], боз ду дафъа ба суроғи Ҷамарот хоҳем рафт ва дубора ҳар рӯз бистуяктой санги кайфар ба рӯйи намодҳои ҳар се шайтон хоҳем зад. Ба хусус, мане, ки то омадан ба ҳаҷ иблиси лаин дар вуҷудам хона карда буд, ба ин набард миён бастаам. «Шайтон нисбат ба инсон кинаи дерина дорад, – мегуфт домуллоямон, – азбаски ба инсон саҷда накарда буд, ба хотири ин нофармонӣ Худо ӯро ҷазо дода, тамоми ибодатҳои пешинаашро нодида гирифт ва аз биҳишт берун ронд. Аз он дам шайтон савганд ёд кард, ки ҳатто ба оби хуш хӯрдани инсон имкон нахоҳад дод, пайваста аз пайи гумроҳ кардани ӯ хоҳад шуд». Даст ба пешонӣ бурда, мӯйҳои сарамро ба пушт молидам. Ба хотирам Ҷамарот омад, зери лаб гуфтам: «Мо дар бандагии Худо холис ҳастем, дасту пойи шайтонро кӯтоҳ хоҳем кард»…

Ҳавои Мино зиёд гарм набуд, вале гӯё оксижен кам дошт, ки ҳаҷгузорон наметавонистанд амиқ нафас бикашанд. Тафти гулугире танаффусро мушкил мекард, аз сару рӯ беист арақ мешорид. Бо вуҷуди ин, касе намехост маъракаи сангзаниро канор гузорад. Дар рӯзи дуюми рамй пеш аз пешин ҳама ба роҳи Ҷамарот баромаданд. Гуруҳи мо низ – зану мард аз пайи домулло ба роҳ уфтодем. Фақат Муҳаббатхолаю Шукрияапа ин дафъа даст кашиданд. Онҳо се дастӣ сангакҳои ҳафтгонаи худро ба ҷавонҳои гурӯҳамон Сироҷу Дониёр супурданд, ки аз ҷонибашон ба рамзҳои се шайтон бизананд…

[46] **Байтута кардан** – шабзиндадорӣ; то субҳ бедор мондан

Нуфуси пиёдаравон аз дирӯз бештар буд, ба маротиб бештар. Вақте ки ба тунелҳо расидем, помонӣ бароямон мушкил шуд. Аввалу охири «ҷангали анбӯҳ» ба чашм намерасид, зану мард дар як дег меҷӯшиданд. Аз помонии зиёд ғуборе чун пардаи нафис дохили тунелро фаро гирифта буд. Агар дар берун гармо хафақон мекард, дар дохил ин дуду ғубори намнок. Ҳарчи ба пеш мерафтем, оби бадан бештар мешориду ранги суратамон зиёдтар мебохт. Азбаски аз тағйири обу ҳаво аксари ҳаҷгузорон сармохӯрдагӣ доштанд, садои сурфаҳои ранг ба ранг торафт афзун мегардид. Ҳамин ки ба тунели дуюм расидем, ин ҳама ҷунбиши номутаносиб дар пешорӯям ғалаён гирифт. Дармонам намонд, ҳалқам беш аз пеш хушк мешуд, сарам ба дард омад, хостам каме дам гирам. Устодам ҳамоно аз оринҷам дошта бо таъкид гуфт:

– Ин ҷо наист, рафиқ, одамҳо зер мекунанд!

Ҳушёр шудам. Дар миёни мавҷи одамон, қариб сари ҳар даҳ-понздаҳ қадам як нозири сиёҳпӯст ба назар мерасид. Онҳо калтакҳои дасти худро алвонҷ дода, ҳамаро барои қадамзанӣ ишора мекарданд, аз забонашон ҳамон садоҳои ошнои «ҳаҷҷи, ҳаҷҷи», «ялла, ялла» канда намешуд. Бо ин ҳол, ногаҳон аз байни издиҳом, чорпанҷ қадам пештар аз мо садоҳои қиюҷуи ваҳмнок ба осмон печид. Дар як лаҳза талотуме дар он ҷо ба вуқуъ омад, роҳ тирбанд гардид. Бо чашмони худ медидам, ки дар як дам чанд нафар нозир садди ғафси одамонро чок карда ба он сӯй гузаштанд ва одамонро ба чор тараф теладеҳон маҳалли ғавғоро печонида гирифтанд. Ҳамон дам ҷуссаи занеро, ки аз либосҳояш ҳиндӣ буданаш аён мешуд, озод рӯйи даст бардошта ба канор бурданд. Дасту поҳои зани мискин ба поин овезон буд, сараш ба як сӯ уфтода, аз канораҳои лабу даҳонаш луобу кафки сапед мешорид.

– Ҷон таслим кардааст, – ғайри чашмдошт ба гӯшам расид овози устодам. – Худо раҳматаш кунад, зани ҷаннатӣ шуд.

– Оё дар ин ҷо даргузаштан фазилате дорад?

– Медонӣ, рафиқ, ҳар як муслим орзу мекунад хокҷояш дар ин заминҳои пок бошад, – ба тезтар қадам мондан имо карда ба суханаш идома дод устодам Дарвеш. – Падари ман муллои калони кӯҳистонамон буд. Наваду ҳашт сол умр дид. Ба ҳама буду набуди рӯзгор шукр мегуфт, аз ҳама чиз розӣ буд, вале бо армон рафт.

Нақли устод диққатамро ба сӯйи худ кашид. Чун барқ аз хаёлам гузашт: магар инсон бо ин қадар умри тӯлонӣ ҳам армоне дошта метавонад? Падараш ба чӣ дилвопасӣ дошт? Устодам роҳравон ба суханаш идома дод:

– Қиблагоҳам дар пиронсолӣ бо ҳасрат мегуфт: «Эй кош, як боракак ба ҳаҷ мерафтам, беармон аз ин дунё мегузаштам. Афсус, ҳамин фарзамро адо накардам». Ман ба ӯ дил доданӣ мешудам: «Додо, Макка куҷою гап куҷо, акнун пир шудед, роҳи ҳаҷро бардошта наметавонед!» Ӯ меафзуд: «Дуруст, ман пир шудам. Мефаҳмам, ту аз чӣ андеша дорӣ, метарсӣ ки дар ғарибиҳо мурда меравам. Аммо… медонӣ, писарам, кош дар Макка ё Мадина ҷон ба Ҷаббор месупурдам. Афсус, ин орзуямро ба хок мебарам».

Майитро дарҳол ба аробаи дучархадоре нишонданд ва ду нафар нозир онро бо суръат ба самти муқобил, ба тарафи Мино ронданд. Бо гӯшаи чашм ин манзараи дилозорро дидаравон аз устод пурсидам:

– Худо биёмурзад, ӯро акнун ба кишвараш мефиристанд?

– Не. Ман шунидам, ҳар касе дар айёми ҳаҷ мемирад, дар ҳамин ҷо дафн мешавад. Ин на танҳо расми роиҷ аз сӯйи коргузорон аст, ҳамчунин соҳибони майит бо майли тамом мехоҳанд наздикашон дар сарзамини мубораке, ки Ҳараму Каъбаро дорад, хок шавад.

– Ба гумонам, ҳама муътақиданд, ки аз ин ҷо то маҳалли оромиш наздиктару осонтар аст.

Устодам нимнигоҳи табассумзое ба сӯям афканд. Сипас ба қадаммониаш афзуда ба дуохонӣ даромад: «Ло

илоҳа илаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу, лаҳул-мулку ва лаҳул-ҳамд, йуҳйи ва йумиту ва ҳува ҳаййун ло йамуту бийадиҳил-хайру ва ҳува ъало кулли шайъин қадир...». Мо бо аҳди қавӣ ба самти боло, барои санг задан ба се Ҷамра, ки намоди иблиси лаину манфур ҳастанд, бо шитоби бештар саъямонро идома додем.

Издиҳоми имрӯза аз дирӯз камтар набуд. Ғалоғулаи одамон аз намоди аввали шайтон гирифта то намоди сеюмаш толори бузургу «беохир»-ро ба ларза меовард. Ба назарам ҳама ором, оҳиста-оҳиста қадам гузошта роҳ мерафтанд, вале сарусадо чунон баланду гӯшгир буд, ки намефаҳмӣ аз куҷо бармехезад. Ҳаҷгузорон – зану мард, хурду калон гӯё дар маҷрои рӯди бузурге паҳн шуда мерафтанд, лекин бо суръати бениҳоят поин. Вақте ки пас аз заволи Хуршед ҳафттоӣ сангрезаро ба Ҷамраҳои якуму дуюм зада ба рамзи сеюм наздик шудем, талотуми мардум бештару пурсадотар гардид. Гӯё замин таракида одам мебаромад, осмон дарида раъду барқи саъб гулдуррос мезад. Ҳар қадар фазои толор ва роҳраву табақаҳои саъй дар гузари шайтонҳо васеъ ва тӯлонӣ менамуд, барои ҷамъи ҳаҷгузорон боз ҳам тангӣ мекарду кӯтоҳӣ меовард.

Дар миёни ин ҳаёҳу ва ғирев ногаҳон сангпартоии ҷавони қирмизранге диққати ҳамаро ба сӯйи худ кашид. На танҳо ману ҳамраҳонам, ҳамчунин тамоми ҳоҷиёни гирду барамон бо дидани рафтору давиданҳои аҷибу ғариби ӯ дар ҷойи худ шах шуда мондем, чанд лаҳза ангушти ҳайрат газида ба аъмоли ғайриодии ӯ дида дӯхта истодем. Ин ҷавони ҷингиламӯйи сурхпӯст каме дуртар аз ҷамра фосила гирифта, бо тамоми неру ба самти девори нимагирд медавид ва дасти росташро беист се-чор бор давр занондаву албонҷ дода ба рӯйи «шайтон» санг мезад. Азбаски бо суръат медавиду чун шер овози ғурришдоре сар медод, одамони гирду бараш рӯйи ҳам рехта, ба якдигар фишор оварда, бо азоб сари ҷо мехкӯб мешуданд. Чанд нафар ҷавони

хунгарми дигар низ ба ӯ пайравӣ карданд. Фурсате маҳалли сангзанӣ ба майдони бозии шайтонтабиатон бадал шуд, касе ҷуръат намекард пеши онҳоро бигирад. Хушбахтона, ҳамин ки чор-панҷ бор девонавор давидаю ҷаҳида аз «шайтон» қасд гирифтанд, як даста посбони калтакдор ба имдоди мардум расиданд. Онҳо дар як он бо усули хоси интизомӣ дастони ҷавонҳои ба шӯр омадаро ба пас тоб дода, лӯла карда аз майдони сангзанӣ ба берун бурданд. Маъракаи шайтонкӯбӣ бо риволи қаблии худ ба роҳ уфтод, ҳамзамон бо сангпартоӣ нидоҳои мукаррари «бисмиллоҳи Аллоҳу акбар, ризан ли-р-раҳмони ва рағман ли-ш-шайтони» муттасил ба гӯш мерасид...

Офтоби саодат ва хушномӣ торафт бештар вуҷуди маро рӯшан мекард. Акнун аъмоли ҳаҷро бо ихтиёри худ анҷом медодам. Дар ғуслу таҳорат, намоз ё ҳар гуна ибодати ҳошиявӣ дигар мунтазири устодам ё домулло намонда, пеш аз худ аз пайи кор мешудам. Тоату парастишҳоямро ҳар рӯз бо азму иродаи хеш оғоз карда, бо ёди Худо дар хилват менишастам. Ин таҳаввули руҳии маро дида устодам Дарвеш ҷойи нишаст намеёфт, аз он ки дар замони кӯтоҳ дарсҳояш самар медоданд, бо худ меболид. Имрӯз ба хидматкорони сиёҳпӯсти чодарҳоямон даҳ риёлӣ тақсим кардани маро дида ба шигифт омад ва бо хушҳолӣ, дар ҳоле ки бо ҳам ба сӯйи чодарамон меомадем, гуфт:

– Боре Ҳазрати Паёмбар аз шайтон мепурсад: «Эй малъун! Чаро монеи садақа додан мешавӣ?» Ҷавоб медиҳад: «Эй Расули Худо, агар бо аррае гарданамро монанди дарахт бибуранд таҳаммул мекунам, вале садақадиҳии одамонро не». Паёмбар мепурсад: «Барои чӣ аз садақа додани мардум нороҳат мешавӣ?» Шайтон мегӯяд: «Садақа панҷ паёвард дорад, ки маро ба шӯр меоварад: молро зиёд мекунад, беморро шифо мебахшад, балоҳоро дафъ менамояд, садақадиҳанда бо суръат аз Пули Сирот мегузарад, аҳли садақа беҳисоб вори-

ди биҳишт мешаванд ва азобе барояшон нест». Расули акрам бо шунидани ин суханон мегӯяд: «Худо азобатро зиёд гардонад!»

Беихтиёр гуфтам:

– Барои ҳамин, имрӯз ҳам мекӯбем шайтони лаинро?!

– Ҳатман! Имрӯз низ то заволи Хуршед бояд дар Ҷамарот шавем. Ба ҳар се шайтон ҳафттоӣ сангҳои боқимондаро зада, мустақим ба ҳутеламон бармегардем. Имрӯз маносики ҳаҷамон ба поён мерасад.

– Иншоаллоҳ!

– Домулло гӯшзад кард, ки акнун ба чор нафар ҳамсафари мӯйсафедамон бояд ёрӣ расонем. Дар хайма аз бачаҳо мепурсем, бубинем кӣ аз ҷониби онҳо сангпартоиро ба уҳда мегирад.

Беихтиёр аз дарун ба шӯр омадам.

– Ана, яке ман ҳастам! – бо ирода изҳор намудам ман. Чун дидам устод бо тааҷҷуб ба сӯям нигоҳ мекунад, афзудам: – Ҳанӯз ба садоқати ман бовар надорӣ, бале?

– Воқеан, ҳар рӯз чеҳра мешӯйӣ, рафиқ, ман қоил ба ту! Аммо, дубора санг задан кори саҳл нест, мебояд фосилаи як километрро давр зада аз нав ба Ҷамраҳо расӣ. Чун одам бисёр мешавад, роҳгардӣ ҳам бениҳоят мушкил мегузарад. Аз монда шудан наметарсӣ?

– Худо худаш қувват медиҳад, устод, мехоҳам азоб кашам.

– Офарин! Ин кори савоби ту ба андозаи чашмаҳои сероби биҳишт аҷр дорад. Ман ба домулло мегӯям, ки ту низ ба ин кори хайр омода ҳастӣ, – дари порчаии хаймаамонро боло бардошта ба ҳарфаш илова кард: – Бо ту мефахрам, рафиқ!

Ғусса махӯр! «На Офтоб аз ин гармтар мешавад, на ғулом аз ин сиёҳтар». Захми по буд – дидам, сармохӯрдагиро аз сар гузарондам, шикамдардиҳо пушти сар монд, аз ғояти гармо арақшор ҳам шудаму нафастанг ҳам, заҳри камхобиро ҳисобӣ чашидам – боз

Худованд чӣ имтиҳоне хоҳад дошт? Бигзор ҳар чӣ бошад, ман бандаи ҳозиру сар ба зерам, ба ранҷи пиёдагардию азоби саъй кашидан дар миёни тӯдаи ҳаҷгузор омодаам! Танҳо як орзу дорам – мағфирати гуноҳон. Парвардигоро, худат раҳимиву ғафур, маро бо гузаштаи пуруболам бубахш, диламро қавӣ гардон, тану ҷонамро бо нури меҳру меҳрабонӣ пур кун, мани бероҳаро ба роҳи рост ҳидоят фармо!

Рӯзи савум низ бо Офтоби доғ доман месӯзонд. Мо сад қадам роҳ нагашта дар обу арақ ғӯтидем. Аз фарти оби шӯри бадан ҳар як маҳалли захму харошхӯрда чун лахча месӯхт. Дар роҳи Ҷамарот ҳаво гӯё камӣ мекард, ба назарам, ҳамсафарон ҳавои будаи Миноро дам мекашиданд. То расидан ба толори харсангҳои азими шайтонӣ пойҳо беҷон, ҳалқу даҳон қоқ, чашмҳо тира, тамоми вуҷуд хастаю лакот гардид. Бо вуҷуди ин ҳама норасоӣ, мебоист дар миёни гавҷуми мардум, ки таҷаммуъ аз дирӯзу парерӯз ҳам бештар буд, то назди девори нимдоираи се ҷамра бирасем ва «гардани шайтонро бишканем». Ман бояд ин амалро ду бор анҷом диҳам: нахуст барои худ ва дафъаи дуюм ба номи  Шукрияапаи дардманд, ки бисту як сангакашро ба ман супурда аст.

Бо вуҷуди ҳама мушкилот, иродаи ман гӯё дасти худам набуд, маро неруе фароси риштӣ идора мекард. Шиками «бемурувват» ба назарам наменамуд, ғайричашмдошт, аз ҳар гуна дарду сӯзиши банду бастҳои баданам роҳат мебурдам, роҳ мегаштаму тавонам торафт меафзуд. Дар роҳи тақарруб итминонам бештар, ҳиссиётам гуворотар, ба марраи мурод расидан бароям осонтар мегардид. Чун таваккул ба Худо карда будам, иродаи қавӣ маро ба мақсуд расонид. Бо азми комил рамзҳои Суғрову Вустову Ақабаро ҳафтборӣ сангсор кардаму рӯ ба Каъба хеле тӯлонӣ дуо хондам. Аз табақаи сеюм бо роҳравҳои махсус ба поин фуромадам ва давр зада дубора дар сафи ҳаҷгузорон, ки барои рамйи намодҳои шайтон мерафтанд, қарор гирифтам. Ҳарчанд барои

ман барин мардҳои шикамдору варзишнакарда ин гуна роҳравиҳо сахту заҳматталаб буд, аз уҳдаи ваъдаам баромадам, амали сангзаниро аз тарафи Шукрияапа низ сарбаландона такрор намудам!

Ҳамроҳии Худо ба инсон мисли нафас кашидан аст. Дар поёни рамй[47] возеҳан дарёфтам, ки таваккул ба Худо то чӣ ҳад самар медиҳад. Вақте ки замони аср фаро расиду ман аз радди шайтон фориғ шудам, худамро бо ҷисми худ ҳис кардам. Овози хирросии нафаскашиам равшан шунида мешуд, аз мағоки чашмонам ҳаври сӯзон мебаромад, пероҳанам аз дасти арақу намии бисёр ба баданам часпида буд. Поҳои хастаам маро ба самти зинаҳои охири толор кашид. Дигар ба пушт нигоҳ накарда, рамзҳои боҳайбати шайтони лаинро дар қафо гузошта ба поин рафтам. Аз боло то табақаи ҳамсатҳи замин касеро аз ҳамсафарони ошно надидам. Эҳтимолан онҳо иблисро зудтар кӯфта ба ҳутел баргашта буданд. Ман аз як дарби дулингаи бузург ба берун баромадам. Майдони васеъ дар пешорӯям намудор шуд, ки дар охир ба чанд ҷониб роҳҳои хуруҷӣ дошт. Дар ҳар як баромадгоҳ овезаҳои калон ба назар мерасид, ки дар онҳо масирҳои ҳаракат ба хатҳои арабӣ ва инглисӣ сабт шуда буд. Ҷодаи баромад ба маркази шаҳри Маккаро, ки тахмин кардам аз он ҷо метавон ба ҳутеламон равам, баргузидам. Чун қадамҳое чанд гузоштам, ба як гурӯҳ зани ҳайрону гиҷ пеш омадам, ки аз ҷумлаи ҳоҷиёни ҳамватан буданд. Онҳо бо даст ба ҳар сӯ ишораҳо мекарданд, чуғур-чуғурашон аз нофаҳмии шадиде гувоҳӣ медод. Наздиктар омада пурсидам:

– Намедонед роҳатон ба кадом сӯй аст?

– Оре, раҳгум задем! Дар миёни одамон аз гурӯҳамон ҷудо шуда, сари калобаамонро гум кардем, – гуфт яке аз онҳо садои маро шунида. – Шумо низ тоҷикед?

– Ҳа, ҳамшаҳрии шумоям. Дар куҷо мешинед?

---

[47] **Рамй** – *рамйи ҷамра:* аз маносики ҳаҷ аст, яъне андохтани ҳафт санг ба Ҷамратул-ақаба

– Ал-Ҳидоя.

– Ҳутеламон яке будаст, биёед бо ман!

Бонувон хушҳол шуда аз пайи ман ба роҳ уфтоданд. Пушти ҳам суханҳои шукрона мегуфтанд. Ман бошам, бори дигар бовар ҳосил кардам, ки барои занҳо ҳама чиз лаҳзаина асту каме амиқтар андеша намекунанд, назди поро мебинанду ба дуртар назар намеафкананд. Дар ин ҷо ҳам исми маҳалҳо бар рӯйи овезаҳо навишта шуда буд, хатчаҳо самти ҳаракати дилхоҳро нишон медод, вале чашмони камбини занон онҳоро намедид.

Аз ду кӯча гузашта ба самти рост печидем ва ба терминали таксиҳо расидем. Ваҳ, чӣ нархҳое! Азбаски одами бисёр дунболи худравҳои такси мегаштанд, нархи онҳо дар осмони ҳафтум буд. Ронандаҳои беинсоф аз вазъияти пешомада истифода бурда, ҳарчи дилашон мехост ҳамонро мегуфтанд. Аз ҳар як муштарӣ ҳаштод ва аз он бештар риёл мехостанд, ки ин хеле гарон буд, хориҷ аз тавони мо. Ҳеч гумон намебурдам, ки дар шаҳри маъруфе мисли Макка низ сари кас кулоҳ мегузоранд[48]. Ҳамон лаҳзае, ки аз дасти гаронии таксиҳо сари ҷо по мезадем, баногоҳ гӯшаи чашмам ба миниавтобусе уфтод. Бе мулоҳиза ба ҷониби он давидам. Ва хушбахтона, ин саъйи ман бар абас нарафт, роҳкироро ба сари кас бист риёлӣ тай кардам. Ман ҳам хурсанд, бонувони ҳамшаҳрӣ ҳам, шодмону ғарқи суҳбатҳои гарм то ҳутеламон, ба намози шом расида омадем.

* * *

Сарзамини орзуҳо...

Сарзамини поки дунёи исломӣ – манзилу маконҳои муқаддасе, ки ба онҳо пойи расули акрам расидааст. Ҳар қадар бо устодам мегаштам, беҳтару бештар воқиф мешудам, ки ӯ обро зери ҳафт табақаи Замин мебинад. То ҳадде боҳушу зирак буд, ки ягон нуқтаи дидании

[48] **Сари кас кулоҳ гузоштан** – ин ибораи рехта ба маънои фиреб додан, гӯл задан меояд

Маккаи мукаррама аз назараш пинҳон намемонд. Мо гузашта аз тавофи Каъбатуллоҳу атрофи он пушти ҳам ба зиёратгоҳҳои дигар мерафтем. Дар воқеъ, барои тамошою зиёрат низ вақти кофӣ доштем – кам не ғам не, понздаҳ рӯзи дигар пас аз итмоми маносики ҳаҷ.

Рӯзи ҷумъа, понздаҳуми моҳи зилҳиҷҷа ду нафар ҳамсафари ҳоҷиямон Илёсу Ҳамидуллоҳи солманд ману устодам Дарвешро ҳамроҳӣ карданд. Мо пас аз намози бомдод ба сари хиёбон баромада, мошинеро дарбаст то пойи ғори Ҳиро иҷора кардем. Ронанда як ҷавони афғон буд. Ин қадр зиёд ҳарф мезад, гӯё комашро ба гап бардоштаанд.

– Ба ман пуле аз шумо лозим нест, – мегуфт ӯ мошинашро бо суръат ронда, дар сурате ки аллакай ҳар нафар панҷ риёлӣ роҳкироро тай карда будем, – гоҳ-гоҳ кори савоб кунем гуноҳонамон мерезад. Ман шуморо то саргаҳи кӯҳи Нур мебарам, то дами ғори Ҳиро мерасонам. Сарам фидои ҳоҷиён шавад, ҳар яки шумо инсони табаррукӣ ҳастед! Инак, ҳисоб кунед, то бист дақиқаи дигар он ҷо набошем, ман Абдусалом набошам!

Дар воқеъ, мошини афғонбача чун бод мепарид. Дар фалакаҳои роҳ чунон тоб мехӯрд, фикр мекунӣ, як тарафи худрав ба осмон бардошта мешуд. Ӯ бошад, мураттаб манаҳ зада, ба ҳӯй-ҳӯйи мо гӯш намедод, суръаташро низ накоста, аҳёнан мошинҳои рӯ ба рӯро аз самти рост мегузаронд. Бо сахтиву таҳлука, даст дар гиребон то пояи Ҷабал-ун-Нур расидем.

– Худоро шукр! – оҳи дароз кашида гуфт Ҳамидуллоҳи ҳамроҳамон ҳангоми пиёда шудан. – Ин чӣ балое буд?

Баробари фуромадан ронандаи афғон бист риёлро аз дасти Устод Дарвеш «канда» гирифту бе пӯшт-пӯшт дубора савори мошинаш шуд ва газ дода рафт.

Ман бо ҳайрат ба устодам чашм дӯхта базӯр гуфтам:

– Ин ки барои савоб кор карданӣ буд…

– Эҳ рафиқи содаи ман, ин турфаҳо ба гӯри Ҳотам лагад мезананд, вале садоқате надоранд! Ту ба чаку чо-

назании ҳамин девона бовар кардӣ? Худоро шукр кун сиҳату саломат то ин ҷо расидем.

– Алҳамдулиллоҳ!

Моро бештар аз бархӯрди ронанда «ҳусн»-и кӯҳи Нур ба сӯйи худ кашид. Манзараи он чунин менамуд, ки гӯё ду кӯҳ рӯйи ҳам нишастаанд. Шакли ғайриодии қуллааш, ки гӯё кулоҳе барҷаста ба сар дошт, Ҷабал-ун-Нурро аз баландиҳои дигар мутафовит месохт. Ба чашмандозии тӯлонии мо эътино накарда, Устод Дарвеш ба нақл пардохт:

– Ин кӯҳеро, ки барояш дилбастагӣ дорем, дар Таврот Ҷабали Форон ва дар замонҳои пеш Сабири Аъраҷ низ номидаанд. Баъдҳо Ҷабали Ҳиро ном мегирад, вале акнун аҳли Макка онро бо исми Ҷабал-ун-Нур, яъне кӯҳи Нур мешиносанд.

– Ғори Ҳиро дар ҳамин ҷост? – бетоқатона пурсид Илёси қадбаланд гарданашро ба боло ёзонида.

– Боиси ба ин кӯҳ омадани мо низ ҳамон ғор мебошад, бародар! Ғори Ҳиро аз ҷумлаи зиёратгоҳҳои муътабари Макка аст ва аксари ҳоҷиёни омада саъй мекунанд онро дида, даҳонаю сангҳояшро бӯсида раванд. Чаро ки Ҳазрати Муҳаммад рӯзону шабҳои зиёде маҳз ба ин ҷо омада, ба розу ниёзҳои хеш бо Худо машғул мешуд.

Чун устодам дидагонашро аз миёнҷойи кӯҳ наканда андаке хомӯш монд, ман савол кардам:

– Дамаш гарм, расули мо дар ҳамин ҷо ваҳйи пайғамбарӣ гирифтааст?

Устодам бо шумханд ба нақли худ давом дод:

– Дар ҳақиқат, иттифоқи бузурге, ки тақдири инсонҳоро иваз кард ва муждаи нек ба одамҳо расонд, дар ҳамин ҷо рух дод. Он замон ҳазрат чилсола буд ва дар яке аз шабҳои поёнии моҳи Раҷаб дар ғори Ҳиро машғули ибодат ва розу ниёз бо Худои меҳрабон менишаст. Ногаҳон дид, ки фариштаи нозанине дохили ғор шуд ва торафт наздиктар меомад. Аз чеҳрааш пайдо буд, ки хабари муҳимме дорад. Кӣ буд он фаришта?

Аз байни мо Ҳоҷӣ Илёс дарҳол посух дод:

– Ҷабраил!

– Бале, Ҷабраили амин – фариштаи паёмрасони Худованд! Ӯ ба ғори Ҳиро ба назди Муҳаммад омад, ки пайғоми неку ҳаётӣ барояш расонад. Ҷабраил навиштае бо худ дошт ва аз Муҳаммад хост онро бихонад. Ҳазрат гуфт: «Наметавонам бихонам!» Фаришта ду бори дигар хост, ки Муҳаммад он навиштаро бихонад. Дар ниҳоят, лабҳои осмонӣ машғули хондан шуданд: «Бихон ба номи Парвардигорат, ки ҷаҳонро офарид...» Акнун шумо гӯед, он чӣ шабе буд?

Боз ҳам Ҳоҷӣ Илёс пешдастӣ кард:

– Он шаби Мабъас буд, шабе, ки фариштаи бузург Ҷабраил ба дидори расуламон ба ғори Ҳиро омад.

– Бале! Фаришта омада буд, то ба Ҳазрати Муҳаммад хабари паёмбар шуданашро аз сӯйи Худованд расонад. Ӯ мегӯяд: «Эй Муҳаммад! Ту фиристодаи Худоӣ ва ман Ҷабраил ҳастам». Ӯ бо ин ҷумла оғози як маъмурияти муҳимро ба расули акрам ёдрас намуд. Паёмбар маъмур шуда буд, то ки мардумро аз гумроҳӣ ва бадбахтӣ наҷот диҳад, ба сӯйи сарзамини саодату дурахшониҳо раҳнамоӣ кунад.

Ҳоҷӣ Илёс дар миёни суханаш давид:

– Мегӯянд, паёмбар аз даврони кӯдакӣ ба ёди Худо буда ва бо Ӯ суҳбат мекардааст.

Устод Дарвеш барои баромадан ба кӯҳ ишора карда, роҳравон афзуд:

– Ин сухани шумо, Илёсҳоҷӣ, ҷон дорад! Замоне, ки Муҳаммад Мустафо чорсола буд, дар пеши дояи худ Ҳалима[49] зиндагӣ мекард. Рӯзе аз ӯ хост, ки ҳамроҳи бародаронаш ба гардиш равад. Ҳалима либосҳои Муҳаммадро пеш аз сайругашт ба тартиб даровард. Аз тарси девҳои саҳро, ки ба писараш осеб нарасонанд, муҳраеро дар нах гузаронда ба гардани бача овезон

[49] **Ҳалима** – модари ризоии Ҳазрати Муҳаммад мебошад, ки дар кӯдакӣ ба паёмбар шир маконданро ба уҳда гирифтааст

кард. Муҳаммад бошад, онро аз сар берун овард ва гуфт: «Ниёзе ба ин муҳраҳо нест, модарҷон! Худои ман ҳамеша бо ман аст ва аз ман ғамхорӣ мекунад!»

Мақсади мо расидан ба ғори Ҳиро буд, ки дар дили кӯҳи Нур қарор дошт. Устодаму ҳар ду ҳоҷии ҳамроҳ фарози кӯҳро нодида гирифта, хеле сабуку чолок роҳ мерафтанд. Танҳо ман дар қадамҳои нахустин аз онҳо қафо мондам. Ҳарчанд кӯҳбарой сахт буд, намехостам аз нақлҳои устодам бебаҳра монам. Азоби расидан то ғорро медонистам, вале паймудани хокпойи паёмбари акрам бароям азиз ва аз ҳама чиз авлотар менамуд. Бо ҷадал ба ҳамраҳони худ расида, ба идомаи сухани устод гӯш фаро додам.

– Дар замони паёмбар корҳои зиште аз сӯйи одамон сурат мегирифт, масалан, онҳо бутҳоеро сохта дар Каъба мегузоштанд ва ба ҷойи Худо ба он бутҳо саҷда мекарданд. Бо ҳар баҳона дар байни қабилаҳо ҷангу арбадаҳое ба амал меомад, ки бештари онҳо бо кушокушӣ тамом мешуд. Аз duздию роҳзанӣ барин одатҳои зишт даст намекашиданд. Охирсар, дар миёни ин гуна нобасомониҳо Худованд Ҳазрати Муҳаммадро ба ёрии мардум фиристод, ки онҳоро аз ҳар гуна рафтори бад наҷот диҳад. Ба шумо гӯям, он замон охирин дин, охирин паёмбар ва охирин китоби Худо арзи вуҷуд кард.

– Дини Ислом, Расулуллоҳ Ҳазрати Муҳаммад ва китоби Қуръон! – бо садои баланд дунболи сухани устодро гуфт Илёс-ҳоҷӣ.

– Бале, дӯстам! Аз он пас даъват ба дини мубини Ислом оғоз шуд, ки саргаҳаш ана ҳамин ҷо, ҳамин ғори табаррукии Ҳиро аст.

Дар миёни суҳбат чанд бор истода нафас рост кардем, об нӯшидем. То ба дами ғор расидем, бадани ҳар чори мо ҳамсафарон аз ниҳояти обу арақ шип-шилта тар шуд. Дар ин лаҳза, бо вуҷуди баланд шудани нурҳои Хуршед, насими диловезе аз сар то по моро навозиш мекард.

Дар назди ғор панҷ-шаш нафари дигар нишаста дуо мехонданд. Мо низ ба маҳзи расидан, пайрави устодам дар бағали даромадгоҳи ғор зону ба замин задем ва гӯшу ҳуш ба қуръонхонии ӯ шудем. Пас аз фиристодани дуою салавоти зиёд даст ба рӯ кашида, дохилу беруни ғор ва манзараҳои атрофро аз хатти назар гузарондем. Ин бошишгоҳи қадима шигифтиҳое дошт, ки бо назари нек онҳоро мурур мекардем. Устодам бо ҳамон шеваи нармгуфтории худ ба нақлҳояш идома дод:

– Дар ин ҷо он чиз диққатангез аст, ки даҳонаи ғор ба самти нахустин қиблаи мусалмонон – Байт-ул-муқаддас ва интиҳои он ба ҷониби Масҷид-ул-ҳаром менигарад. Аз болои кӯҳи Нур масҷиди бузурги Макка ва гулдастаҳояш комилан намудор аст. Ба қуллаи кӯҳ баромадан шарт нест, гарчи зиёраткунандагон ба ин алоқа доранд. Дар дохили ғор панҷ ё шаш нафар роҳат мегунҷанд. Фазои он ҳамеша равшан аст, чаро ки аз замони тулуъ то ғуруб Офтоб дар дохили он метобад. Бо ин ҳол, даруни ғор дар моҳҳои гарми сол ҳам сард аст. Бино ба ривоятҳо, Расулуллоҳ ҳамеша як моҳи солро бо ибодат дар ҳамин ҷо мегузаронд. Маҳз дар ҳамин ғор аввалин оёти Қуръон аз сураи «Алақ» бар пайғамбар нозил шуд ва сабаби муқаддасии он гардид. Дубора мехоҳам аз қавли мусалмонон ёдрас намоям, ки Ҳазрати Муҳаммад дар ҳамин ғори Ҳиро ба дараҷаи паёмбарӣ баргузида шуд, ки он рӯзро Рӯзи Мабъас меноманд. Ӯ ба воситаи Ҷабраил аз сӯйи Худо ба паёмбарӣ ноил гардид ва маъмур шуд, ки чандхудоӣ, бутпарастиро аз байн бардорад ва худопарастиро ривоҷ диҳад. Паёмбар дар замони расондани паёми ваҳй ба мардум, чил сол дошт ва дар Макка зиндагӣ мекард. Аз ин хотир ҳам, ғори Ҳиро барои мусалмонон азиз аст ва зиёрати он (ҳарчанд аз амалҳои ҳаҷ намебошад) мустаҳаб аст.

Ба суханҳои Устод Дарвеш гӯш дода оромиши хосеро дар тану пайкарам ҳис кардам, гӯё сабук шудам, пешониам аз тарангӣ баромад. Бо фараҳ ҳар ваҷаби ғорро

дар сафҳаи зеҳнам ба акс мегирифтам. Ба назарам, тӯлу баландиаш думетрӣ буд, арзи он аз як метр бештар. Мо тахминан як соат роҳпаймоӣ карда ба ғор расидем ва дар ин ҷо ба тамошои манзараи аҷибе мушарраф шудем. Аз ин ҷо чашмандози зебо ва ҷаззобе аз шаҳри Макка ба дида мерасид. Ба назарам, пас аз Каъба маҳбубтарин макони маънавии зоирин ҳамин ғори Ҳиро аст. Субҳгоҳон ба зиёрати Ҳиро омадан мазийяти хос доштааст.

Устод Дарвеш аз боди форами кӯҳӣ нашъа бурда, бо илҳоми афзун мегуфт:

– Бино ба нақли ровиён, дар маҳдудаи замоне пас аз Мабъас ва то ҳиҷрат воқеаи Меъроҷ рух додааст. Паёмбари мо як шаб аз Макка ба Масҷид-ул-ақсо меравад ва аз он ҷо ба осмон уруҷ мекунад. Ҳамин шабро Шаби Меъроҷ ном мебаранд, ки дар он дидор ва гуфтугӯҳои ӯ бо чанд малика сурат мегирад, аҳли биҳишт ва аҳли ҷаҳаннамро мушоҳида мекунад. Маҳз ҳамон шаб мулоқоти ӯ бо баъзе аз паёмбарон низ ба амал меояд ва дар миёни паёмбару Худо гуфтугӯ доир мегардад. Ин ҳама бо номи Ҳадиси Меъроҷ шуҳрат дорад. Бубинед, аз қавли Муҳаммад-пайғамбар салаллоҳу алайҳи вассалом чунин нақле ҳаст: «Ман дар Макка будам, ки Ҷабраил назди ман омад ва гуфт: «Эй Муҳаммад, бархез!» Бархостам ва канори дар рафтам. Нигоҳи Ҷабраил, Микоил ва Исрофилро дар он ҷо дидам. Ҷабраил маркабе ба номи Барроқ назди ман овард ва ба ман гуфт: «Савор шав!» Бар Барроқ савор шудам ва аз Макка берун рафтам то ба Байт-ул-муқаддас. Ҳангоме ки ба он ҷо расидам, фариштагон аз осмон ба замин, ба назди ман фуруд омаданд ва маро ба доштани мақому манзалати арҷманд дар пешгоҳи Худованд мужда доданд. Он гоҳ дар Масҷид-ул-ақсо намоз хондам...»

Дар доманаи кӯҳи Ҳиро, дар канори ғори Ҳиро, ки чандин бор бо кафи дасту пойи паёмбар масҳ шудаву аз шодию ғамҳои эшон гувоҳӣ медиҳад, нишаста, гӯш ба ривояту ҳадисҳо додан чӣ қадр маза дорад! Устод ин

иштиёқи моро гӯё ҳис мекард, ки ҳамон ба нақлаш идома медод:

– Оре, ҳадиси Меъроҷ ҳадиси қудсӣ аст. Дар он доир ба одобу ахлоқ – ризоят, таваккул, накӯҳиши дунё[50], рӯза, сукут, муҳаббат ба мустамандон, он чӣ ба аҳли охират вобаста аст, аҳли дунё сухан ба миён омадааст. Паёмбар ҳангоми бозгашт низ дар Байт-ул-муқаддас фуруд меояд ва роҳи Маккаро пеш мегирад. Қабл аз дамидани рӯшании субҳ ба хонаи Умми Ҳонӣ[51] расида меояд. Ҳар он чӣ дида буд бори аввал ба ӯ мегӯяд ва сипас дар маҳфили Қурайш парда аз розаш мебардорад. Азбаски аз назари аҳли Қурайш воқеаи Меъроҷ амри муҳол буд, онҳо ба гуфтаҳои паёмбар бовар накарда мегӯянд: «Дар Макка касоне ҳастанд, ки Байт-ул-муқаддасро дидаанд!» ва аз ӯ мехоҳанд, ки тарзи сохтмони он ҷоро таъриф кунад. Паёмбар аз тарҳу намоҳои хоси Байт-ул-муқаддас сухан меронад. Сипас барои исботи сидқи гуфтаҳояш аз ӯ дархост мекунанд, ки доир ба корвони Қурайш хабар диҳад. Паёмбар мегӯяд, ки онҳоро дар Танъим дидааст, шутури хокистариранге пешопеши онон ҳаракат мекарда ва каҷовае рӯйи он будааст. Ӯ ҳатто хабар дода, ки акнун корвон вориди шаҳри Макка мешавад. Он дам Абӯсуфиён ва мусофирони ҳозир гузориши ҳазратро тасдиқ кардаанд…

Офтоб тоза ба авҷи худ рӯ меовард. Дар ҳавои қиссаҳои Устод Дарвеш гармии рӯзро нодида гирифта, ба андозаи ҳавои беғубори доманаи Ҳиро руҳан сабук шуда, аз кӯҳи Нур ба поин сарнишеб шудем. То замони пешин ҳанӯз вақти бисёр буд. Мо аҳд кардем вақтро беҳуда талаф накарда кӯҳу ғори дигари маъруф ба номи Саврро низ зиёрат кунем. Ҳамон маконеро, ки дар он пайғамбарамон се рӯзи ҳаёташро ба сар бурдааст ва дар назди мусалмонон муборак шумурда мешавад.

[50] **Накӯҳиши дунё** – ба маънои дил набастан ба дунёи фонӣ ва тарс аз ҳисоби қиёмат аст

[51] **Умми Ҳонӣ** – хоҳари Имом Алӣ алайҳис-салом

Ин дафъа моро таксие ба манзил расонид, ки ронандааш бар хилофи афғонбача билкул хомӯшу дам дар дарун буд. Танҳо сухане, ки аз ӯ шунидем, ҳангоми пиёда шудан дар поякӯҳи Савр «ишрун» гуфтанаш буду бас. Яъне, бобати кирояи мошинаш бист риёл мехост.

– Худоро шукр! – боз ҳам садо дод Ҳамидуллоҳи мӯйсафед. – Ин дафъа гӯшҳоямон осуда омадем.

Ҳама хандидем. Устод Дарвеш ва аз пайи ӯ мо се нафар дастҳоямонро ба сари пешонӣ лапар карда ба фарози кӯҳ назар андохтем. Он аз кӯҳи Ҳиро бузургтар менамуд, роҳаш низ то дами ғор пурпечухамтар буд. Ягон-ягон то боло сиёҳии одамон ба чашм мехӯрд. Дар қуллаи кӯҳ харсанги дарунхолии калоне дида мешуд, ки шабеҳи қаиқи воруна ба назар мерасид. Фикр мекунам, то он ҷо ягон панҷсад метр фосила аст. Пас аз каме тамошо устодам ба мо рӯ оварда пурсид:

– Мебароем? Монда намешавед? Ё дар ҳамин ҷо дуо хонам?

Бо ҳайрат аз ин пешниҳодаш, гуфтам:

– Мушкилтар аз ҳама барои ман аст, агар ин паскашӣ ба хотири ман бошад, ҳеч ҷойи ваҳм нест. Дигар ба Макка ё меоем ё не, ҳар як ҷойи таърихиро бо чашми худ бинем беҳтар.

Дӯстон суханамро тасдиқ карданд, Устод Дарвеш бо мамнуният гуфт:

– Агар азму саъйи комил доред, рафтем!

Кӯлборҳои обу нонро ба китфҳо дуруст карда, ба самти қулла ба роҳ уфтодем. Роҳгардиамон дар ҷодаи борику печухамдори Савр мушкилтар буд, зеро Офтоб ҳам бо номеҳрабонӣ тирҳои сӯзон мехалонду фарози кӯҳ низ беш аз пеш ҷони поҳоро мегирифт. Бо вуҷуди ин, аз паси устодам канда нашуда, мисли ҳамеша, ба нақлҳояш гӯш медодем.

– Замоне, ки мушрикони Макка қасди куштани Расули Худоро доштанд, Ҳазрати Алӣ дар бистари Муҳаммад мехобад ва паёмбар шабона Маккаро ба

мақсади Ясриб тарк мекунад, – мегуфт ӯ бо овози баланд. – Азбаски қурайшиҳои душман таъқиб мекарданд, паёмбар ҳамроҳи Абубакр дар ғори Савр пинҳон мешавад. Онҳо ночор се шабонарӯз дар ғор мемонанд. Эъҷози Худост, ки ба баракати иқомати Расулуллоҳ дар ғор, дар даҳонаи он анкабут тор метанад ва ду кабӯтари ваҳшӣ лона мегузоранд. Ривояте ҳаст, ки гӯё он ҷо дарахте низ рӯйидааст. Мушрикон дар пайи ҷустуҷӯйи паёмбар то дари ғор меоянд, аммо Парвардигор онҳоро аз дохил шудан ба дарун бозмедорад. Бо дидани тори анкабут ва тухми кабӯтар, душман гумон мекунад, ки ин ғори матрук[52] аст ва касе ба он надаромадааст. Ҳангоме ки расули мо ва Абубакр дар ғор мехуспиданд, Абубакр бениҳоят нороҳат буд, аз он метарсид, ки мабодо ба паёмбар газанде аз сӯйи мушрикон бирасад. Ин ҳоли ӯро Ҳазрати Муҳаммад пай бурда бо хитоб мегӯяд: «Андӯҳ ба худ роҳ мадеҳ, Худованд бо мост!» Бо дарки ин азму итминон дили ноороми марди дилсӯз осуда мешавад...

Қиссаи ҷолиб, бори аввал онро мешунидам. Ҳарчанд хастагии роҳ ва сӯзиши танамро аз обу арақу анвори Хуршед нодида мегирифтам, даст ба гиребон бурда ба қадаммониам афзудам. Дар ин ҷойи сухан Ҳоҷӣ Илёс илова кард:

– Мушрикон бовар кардаанд, ки дар ғор касе нест, дар акси ҳол, тори анкабут пора мешуд, тухми кабӯтар мешикаст ва кабӯтар он ҷо наменишаст.

– Ҳамин тавр, – идома дод устодам ба суханаш. – Бояд гӯям, ки даҳонаи ғорро баъдан васеъ кардаанд, яъне ҳокими Макка чанд бор ба кушод кардани даромадгоҳи ғор миён бастааст. Медонед барои чӣ?

– Ҳатман барои осон шудани даробарои мусофирон! – бо шаст посух дод Ҳоҷӣ Илёс.

– То ҷое рост мегӯйӣ. Ҳақиқат, аммо, ин аст, ки мардум ба зиёрати ғор рафта саъй мекарданд амали

[52] **Матрук** – раҳо, бе истифода, хароба

паёмбарро такрор намоянд. Ба хотири танг будани сӯрохи даромад бисёр касон дар он намегунҷиданд. Ва дар байни мардум овозае паҳн мегардад, ки ҳар кас натавонад ба ғор ворид шавад, ҳалолзода нест. Бо кушод шудани даҳонаи ғор ин гапҳои беҳуда аз байн меравад.

Мо ба назди «паноҳгоҳ»-и Ҳазрати Муҳаммад расидем. Баробари наздик шудан ба ғор ҳар якеамон бо меҳру алоқаи бемисл лабаҳои даҳонаи онро, ки бару баландиаш ҳудудан ним метрӣ буд, бо кафи даст молида мондем. Дар дохил аз фарш то сақфи ғор андозае ба қадди як мард ва масоҳаташ тахминан дую ним метри мураббаъ буд. Дар поёни ғор сутуни қуббамонанде ҷудо аз кӯҳ қарор дошт, ки бист то сӣ нафар метавонанд дар сояи он нишинанд. Мо дар он ҷо сари ду зону нафас рост кардем. Устод Дарвеш бо садои маҳини худ ба қироат пардохт:

– Илло тансуруҳу фақад насараҳуллоҳу из ахраҷаҳуллазина кафару сонийа аснайни из ҳумо фил-ғор, из йақул-лисоҳибиҳи ло таҳзан иннал-лоҳа маъана, фаанзалаллоҳу сакинатаҳу алайҳи ва аййадаҳу биҷунудин лам таравҳо ва ҷаъала калиматал-лазина кафарус-суфло, ва калиматул-лоҳи ҳийал-улйо, вал-лоҳу азизун ҳаким[53]...

---

[53] Тарҷумааш (ояи 40, сураи «Тавба»):

Агар паёмбарро ёрӣ надиҳед, яқинан, Худо ӯро ёрӣ медиҳад; ҳангоме ки кофирон аз Макка берунаш карданд, дар ҳоле ки яке аз ду тан буд, ҳамон замон, ки ҳар ду дар ғор (Савр) буданд, паёмбар ба ҳамроҳаш гуфт: «Андуҳ ба худ роҳ мадеҳ, Худо бо мост» Пас Худо оромиши худро бар паёмбар нозил кард ва ӯро бо лашкариёне, ки шумо надидед, ёрӣ фармуд, шиори кофиронро поинтар қарор дод, дар ҳар ҳол калимаи Аллоҳ ва сухани илоҳӣ боло ва бартар аст ва Худо боиззат ва ҳаким.

* * *

Тавофи видоъ...

Дуруст сӣ рӯзи будубошамон дар Мадинаи мунаввара ва Маккаи мукаррама сипарӣ гашту мо ба тавофи видоъ расидем. Бовар накарданист, наход ки мо аз ин ҷо меравем? Наход ки сафари мо пир шуд? Дар ин лаҳзаҳо дигар касе бо касе кор надошт, ҳама сар ба зеру дил дар даст бо чашмони пурнам гирди Байтуллоҳро давр мезаданд. Аз ниҳояти дилбастагии шадид ва тарси ҷудоӣ буд магар, танам кам-кам меларзид, бехи чашмонам месӯхт, намефаҳмам чӣ гармое буд, ки ба вуҷудам роҳ ёфта оби дидагонам то зери манаҳ ҷорӣ мешуд, зуд-зуд даст аз рӯйи мӯйҳои тоза расидаам кашида мушт-мушт арақро аз миёни ангуштон ба замин меафшондам.

Ҳафт бор гирди Хонаи Худоро давр задем, вале на қалбамон сер шуду на чашмамон ва на руҳамон ба оромиш расид. Дар дили ин тавоф ба ҳар гӯшае чашмам меуфтод, қафаси синаам ҷиз-ҷиз месӯхт, наметавонистам аз Бурҷи соати хуштарҳу зебо ва баландқомат, аз даричаю дарбу пештоққҳои содаи кунгурадор, аз саҳни кошипӯши доиман гарму роҳатбахш, аз намозгоҳҳои боҳавои қолипӯш ва билхосса, аз хонаи чоргӯшаи сиёҳпӯши Каъба, ки табдил ба хонаи дилам шуда, чун оҳанрабо ҳастии маро ба худ ҷазб мекард, чашм барканам. Ба назарам, рӯйи об роҳ мерафтам, зери поҳоям замини устувор набуд ва гоҳе тану ҷонам дар ҷомаи сӯзони Офтоб, ки беохир механдиду нур мепошид, месӯхту худро чун як дона ангишти сурх дар миёни гулхани баланд медидам. Шукуҳу ҷалоли Каъба аз чашми зеҳнам дур намешуд, бо ин ҳама сиёҳӣ ҳамчун кӯҳи сапеди баланде менамуд, ки дар моварои осмон аз гирду канораш ҷӯйҳои шир равон аст ва мани ташна бо ҳазор нӯшидан аз муҳтавояш сер намешудам. Худ бехабар, гоҳе дар миёни гулзори пурнакҳат, гоҳе дар васати бӯстони пур аз насиму ҳавои фараҳбахш ва гоҳе низ дар

канори рӯди сероби замзамагар ҳамроҳи мурғони ранг ба ранг ба тафреҳу истироҳат даст медодам.

Ман дар худ набудам, бо ин ҳама бедунёиву дунёдорӣ то поёни тавоф расидани худро нафаҳмида мондам. Ҳиссиёти руъёӣ, вале руҳнавози дастдодаро дар худ фурӯ бурда, дар канори Мақоми Иброҳим ба намоз нишастам. Бо гузоштани ду ракъат салоти тавоф, ду даст ба пеш дурудароз ба дуо нишастам ва насими диловези хаёлу таманноҳое аз саҳни зеҳнам даргузар шуд. Ҳамин ки омин карда сар бардоштам, дар паҳлуям устодамро дидам, ки ӯ низ фурӯ дар олами дуою зикр менишаст. Маро дида яке чашмонаш дурахшиданд ва дубора даст ба пеш бардошт ва бо овоз ба сухан омад:

– Каъба хонаи Худо, оре, меҳмонхонаи Худованд аст. Иброҳим алайҳиссалом мунодиест, ки аз караму саховати Ӯ огоҳ мекунад. Бо нидои «ва аззин фин-носи бил-ҳаҷ» мардумро ба меҳмонӣ фаро мехонад, то ки бар сари дасторхони инояту ҳифозати Худо ҳозир шаванд ва аз лутфи бепоёни Ӯ баҳра гиранд. Барҳақ, инояти Парвардигор ҳар гуруснаро бо ғизои раҳмату меҳрабонӣ, ҳар ташнаро бо оби маърифат сер мекунад. Ин ҳоҷиёни пуртараддуд мисли парвонаҳое ҳастанд, ки дар гирди шамъи ҳарам давр мезананд. Онҳо бо ҳазор умед ба тавоф омадаанд ва ният доранд аз файзу раҳмати Эзид баҳра гирифта, аз қафаси тан бираҳанд ва пару боли ҳаёти фониро дар забонаи шуълаи муҳаббат ба Яктои ҷовидон бисӯзонанд, то ки ба растагорӣ ва саодат бирасанд. Ҳоҷиён аз ҷумлаи одамони интихобианд ва Худо инояту навозиши худро аз онҳо дареғ намедорад, онҳоро дар ҳарами хеш ҳамчун меҳмон нигаҳ дошта, бо неъматҳои бебаҳояш сила мекунад. Нақле ҳаст: «Орифе дар Миср умр ба сар мебурд. Ин марди худоҷӯ ҳамеша берун аз шаҳр дар сари роҳи ҳоҷиён менишаст ва ҳар гоҳ ҳоҷиҳо аз он ҷо мегузаштанд, хоки пойи онҳоро ба каф мегирифту ба чашмонаш мемолид ва бо он талаби хайру саодат мекард». Худоё, Парвардигоро! Умедворем ва

илтиҷо мекунем, тавфиқи зиёрати хонаи худро насиби тамоми муъминон гардон!

Ҳар ду бо ҳам садои «омин» дардода, даст ба рӯй кашидем. Бо дили сернашуда аз ҷамоли Байтуллоҳ, дар миёни одамони сершуморе, ки нафарҳое ба тавоф шитоб доштанду афроде аз зиёрату тавоф бармегаштанд, толорҳои сарди Масҷид-ул-ҳаромро паси сар гузошта ба истгоҳи автобусҳо омадем.

Савори автобуси хатсайриамон ғарқи хаёлу андеша, хомӯшу музтар ва ду чашм ба манзараҳои берун то дари меҳмонхонаи «Ал-Ҳидоя» чӣ хел расидем намедонам. Акнун мебоист кӯлбори сафарро ҷамъ кунем, барои бозгашт ба ватан омодагӣ бубинем. Поёни сафарамон тай кардани роҳи байни Маккаю Ҷидда бо автобус ва парвоз аз Ҷидда ба пойтахти кишварамон буд. Пас аз тавофи видоъ ҳама сар дар гиребон, ранҷуру нороҳат менамуданд. Зоҳиран, касе намехост аз ин сарзамини поку муқаддаси орзуҳо дил барканад. Бо ин ҳол, сари ҳар қадам дуоҳои ҳамсафарон мураттаб ба гӯш мерасид: «Бо орзуи ҳаҷҷи мабрур, саъйи машкур, зунби мағфур, зиёратҳо қабул гардад!», «Қабули Ҳақ гардад!»…

*Валлоҳу аълам биссавоб*

# Армон



# АРМОН

## *(қиссаи тамсилӣ)*

Рӯди Зарнисор аз даҳҳо чашмаи дохили дараҳо об гирифта, бо зулфҳои тари парешон доманаҳои кӯҳиро шодоб месохт ва роҳи морпечи тӯлониро то интиҳои саҳрои бепоён тай намуда, охирсар дар регзори дарёдамкаш нопадид мешуд. Лаб-лаби рӯд боғу чаманзори сабзу хуррам, майдонҳои кишт ва аҳёнан ҷангалзори анбӯҳ ҷо хуш мекарданд. Аз паҳнои саҳрой то доманаҳои кӯҳӣ ҳарчи фазои обод ба чашм мехӯрд, ба ҳафт гузар тақсим мешуд. Дар ҳар як гузар, пеш аз ҳама, ду ё се боб тавилаи гирду чоргӯша қарор дошт, ки эҳтимолан ба хотири фаслҳои гарму сарди сол баъзе бесақф ва баъзе ҳам болопӯшида сохта шуда буданд. Дар атрофи онҳо чандтоӣ хоначаи сангин вазифаи каҳдон ва анбори ғаллотро адо мекард. Замини сабзи атрофи молхонаҳо аз шохоби Хурӯшон ва ҷӯйборҳое, ки аз рӯди Зарнисор сарчашма мегирифтанд, об мехӯрд. Бар замми ин, ҳар як гузар бо ҳавзҳои пури об ҳусни диданӣ дошт. Дуртар аз тавилаҳо чанд боб кулба ба чашм мерасид, ки онҳо иқоматгоҳи бӯзинаҳои одамсурат буданд. Бо вуҷуди ин ҳама сохтмону созаҳо, дар ҳама ҷо фақат барои аспон молу манол ва имконоти лозим фароҳам омада буд ва ин гӯшаи хушбоду ҳаворо рустои Аспобод меномиданд.

Аспҳо дар нишемангоҳашон ба ҳар як гузар исми саркардаи қабилаҳои худро гузошта буданд. Ба ин тартиб, аз поин то ба охир гузарҳо бо номҳои Бодпой, Тавсан, Якрон, Раҳвор, Ҷурда, Саманд, Симгун ёд мешуданд. Рахши куҳансол, ки аллакай пушташ камонӣ, пӯсти баданаш чун пӯстаки бӯрё дурушту дағал ва даври чашмону фукаш окандаи мӯйҳои сапеду хокистарӣ ба чашм метофт, рустодор буд. Ҳарчанд синни вай ба сӣ мерасид, ҳанӯз бо овози баланд шиҳа мекашиду бо қатъият

ба тобеони худ амру дастур медод. Ҳамтоёни худро дар гузарҳо зуд-зуд иваз мекард. Аспони қавӣ, чусту чолок ва тездавро дар гузарҳои Бодпой ва Тавсан, аспони бориро, ки ҳама нар буданду ахташуда, дар гузарҳои Якрон ва Раҳвор, онҳое, ки аслашон наҷибу зотӣ буд, дар гузарҳои Ҷурда ва Саманд, ва боқимонда аспону тойҳоеро, ки хӯю хислатҳои хос ва рангҳои омехта доштанду эҳтиётӣ буданд, наздиктар ба доманаю дараҳои гузари Симгун нигаҳ медошт. Худаш низ ҳамроҳ бо аспони рӯзгордидаи пир дар ҳамин болотарин бахши русто – гузари доманакӯҳии Симгун будубош мекард ва ҳафт аспи болобаланди даванд ва нерумандро ҳамчун муҳофиз ва пайғомрасон дар паҳлу гирифта мегашт.

Дар рустои Аспобод роҳандозии корҳои ҳаррӯза ба уҳдаи бӯзинаҳо буд. Бо ин ки пойгоҳу дастмояи фаровонеро дар ихтиёр доштанд, бе маслиҳати аспони саркарда ба амале даст намезаданд. Аз ҳар қадами худ ба Рахш гузориш медоданд, пайваста бо дастурҳои вай барои сутурон обу дон, ҳар гуна алафу ғизои хӯрданиро омода месохтанд ва доиман дар сурати ниёз ба таъмиру навсозии маҷмуаи охуру тавилаҳо дасту остин бармезаданд. Дар ҳар гузар ду-сетоӣ хонаводаи бӯзинаҳо мавҷуд буд ва онҳо барои зиндагӣ сарпаноҳҳои тангу тор доштанд, бо кулбаҳои гилин қаноат мекарданд. Онҳо хуб медонистанд, ки суфраи бенон ҷул асту кӯзаи беоб – гил. Бо ин навкарии хеш аз кор хаста намешуданд, ба ҳар як ҷонвар бо ғамхорӣ ва чашми меҳр нигоҳ мекарданд, ҳамеша ин фикр чун ҳалқа дар гӯшашон буд: ҷойи зисташон замини аспон аст ва танҳо аспон молики ягонаанд!

Дербоз ин гӯшаи зебоманзар бо соҳибони сипоҳу[54] мағрураш дар чор атроф домани шуҳрат мегустурд. Аз дуру наздик меҳмонон меомаданд ва чанд муддат дар иҳотаи аспон ва фирефтаи меҳрабониҳояшон монда, дилвопас аз диёри сарсабзу хуррами онҳо берун мерафтанд. Рахши болобаланди солманд ҳар як меҳмони

[54] **Сипоҳ** – *гуфт.* далер, нотарс

худро бо хушҳолӣ пешвоз мегирифт ва дарҳол майлу иштиёқи наврасидаро пай бурда, аспи муносиберо барои гаштугузор ба ӯ ҳамроҳ мекард. Сарвар намехост ҳатто як меҳмонаш ноумеду дилозурда баргардад. Мегуфт: «Меҳмон аз дар дарояд, ризқаш аз дарича». Ҳамроҳ бо пазироии гарму самимӣ, ба онҳо аз беҳтарин обу дона зиёфат медод ва ҳатто ба хотири дилхушиашон рақсу бозиҳои беназири аспу тойҳои ҳунармандро баргузор мекард.

* * *

Яке аз рӯзҳои гарми тобистон буд, мисли ин ки Офтоб Замину осмонро месӯзонд. Дар фарози теппаҳои пасту баланд дамои гарму дамгир мавҷ мезад. Дар ҳамин ҳавои тафсон чанд сар улоғи гурезон бо сарҳои баланд, вале гӯшҳои овезон ба самти рустои Аспобод меомаданд. Пешопеш Гӯшдароз қадам мезад, ҳамон хари сапеди солдидае, ки бо Рахш ҳусни рафоқат дошт ва чандин бор ба меҳмонӣ омада буд. Ин дафъа вай ҳавасҳои бештар дар дил мепарварид, мехост бо аҳли байти худ то даромадани зимистон дар рустои ошнояш мондагор шавад. Аз пайи Гӯшдароз модахари хокистарии пашмин, ки ёлаш ба монанди ёли асп ба рӯйи гарданаш мехобид ва анбӯҳи мӯҳое аз сӯрохии гӯшҳояш ба берун сар мезад, по ёзонида меомад. Бо сермӯйӣ номаш низ Пашмина буд ва Рахшу ҳамсолонаш ӯро хуб мешинохтанд. Вай ба мисли Гӯшдароз зираку муғамбир набуд, аммо дар борбарӣ ҳамто надошт. Агар пашми поҳояшро метарошиданд, рагу пайҳои барҷаста ва бозувони тарангу бақувваташ бармало намудор мешуд.

Дар ин сафар чор сар курраи хурду калонтар низ падару модари хушҳавасро ҳамроҳӣ мекарданд. Ҳарчанд онҳо дар манзили худ бо ар-урҳои баланд гоҳу бегоҳ ба гӯши ҳама симоб мерехтанд, дар ин сафар аллакай нафасашон дар дарун монда буд. Роҳи дарози биёбонӣ ва ҳавои гарми нафасгир онҳоро торафт беҳолу бемадор

месохт, намедонистанд дигар бо чӣ қуввате роҳпаймоӣ кунанд. Дар ҳоле ки қариб омада буд аз по дар оянд, нохост садои умедбахши Гӯшдароз ҳамаро ба худ овард. Улоғи сафед дар сари теппаи кӯндаланг рӯ ба ҷониби рустои Аспобод истода, аз дилу ҷон ба ҳангос даромад. Аз ниҳояти садо дардодан сарашро чунон ба осмон мебардошт, ки гӯшҳову гарданаш боз ҳам баландтар ба назар мерасид. Баробари шунидани овози хурсандибахш курраҳо ҷон гирифтанд ва аз пушти модари серпашми худ йӯрға давида то фарози теппа расида омаданд. Ба маҳзи ҷо гирифтан дар канори Гӯшдароз, чашмҳояшон ба манзараҳое дакка хӯрд, ки аслан аз хаёл нагузаронда буданд. Чанд лаҳза пӯсти бадани ҳар яке таранг шуда, моту ҳайратзада ангушт дар даҳон монданд.

Рӯ ба рӯйи онҳо, воқеан, дунёи фусункоре ҷилва мекард, ки ҳар ҷонварро ба шигифт меовард. Доманаҳои сарсабзи кӯҳӣ дар поён ба буттазору боғоти пур аз дарахт пайваста, бо сад ранг ҷило медод. Аз дили фазои сабз шиёри пурпечутоби нуқрафоме ялаққос мезад – рӯди Зарнисор. Болотар теппаю адирҳои кӯҳӣ дар зери ситами анвори заррини Хуршед монда, ранги асили худро мебохтанд ва ҳамроҳ бо сангу шаххҳои паҳну дарозрӯя бо тобиши чашмхиракун ва зарду заргун чеҳра боз мекарданд. Деҳа дар ҳар қадам бо чаманзори рангобаранг, пайколҳои сарсабзи сералаф ва ба хусус, бо рад-рад дарахтони сар ба осмон кашидаи сапедор, ки то охир шоху баргҳои муҷаллои онҳо беист ҳилпиррос мезаданд, худнамоӣ мекард. Бо дидани ин манзара димоғи улоғу курраҳо шукуфт. Онҳо бо тамоми овоз ҳангосзанон ба давутоз даромаданд ва аз хурсандӣ боло-боло ҷаҳида, бар рӯйи замини сабз ба чорғелзанӣ сар карданд.

Ҳар чӣ зуд барояд, дер напояд, хушҳолии меҳмонони нохонда зиёд тӯл накашид. Ҳанӯз даҳанҳо кафрез нашуда, аз сӯйи русто ёлу думи ду сар асп, ки яке сапеди болобаланд ва дигаре малламӯйи сербар буд, намудор шуд. Онҳо Саркашу Чопар ном доштанд ва нигаҳбонҳои нав-

батдоре буданд, ки ба маҳзи дидани улоғҳои маст гарду хоки роҳро ба осмон бардошта, бо дав аз пешорӯяшон баромаданд. Ҳар ду баробари расидан ба харон, поҳои пеши худро баланд карда, дурудароз чунон шиҳа кашиданд, ки курраҳо ба ларза афтида, аз тарс дар пушти Гӯшдарозу Пашмина паноҳ бурданд. Аспони посбон се бор гирди гӯшдарозҳоро давр зада ором шуданд. Саркаш гардану ёлҳои қаҳваиранги худро бо шаст афшонда, бо оҳанги ғурур ба сухан даромад:

– Кӣ шуморо фиристод, дар хоки мо чӣ кор мекунед?!

– Бародар, ман ба назди дӯстонам меоям, – дарҳол изҳор намуд Гӯшдарози корозмуда, – мо меҳмони шумоем!

– Хобатро ба об гӯй! То имрӯз гӯшу думи туро надидаам! Ҳанӯз ҳам зуд аст, ба ғазабамон гирифтор нашуда ин ҷоро тарк кунед!

– Не, не, чиҳо мегӯйӣ, бародар! Ба ғазаб наё, маро ба пеши Рахши бузургвор бибар, баъд мефаҳмӣ, ки мо киҳо ҳастем.

Бо шунидани исми сарвари худ аспҳо рамуз гирифта нигоҳе ба ҳамдигар афканданд. Бо ин ҳол, Саркаш нобоварона суол кард:

– Ту рустодори моро аз куҷо мешиносӣ?

– Ману Пашминаам ҳар сол аз дӯстонамон хабар мегирем, – ба хари модаи пир ишора карда ба суханаш давом дод Гӯшдароз. – Ҷаноби Рахш устоди ҳамадони мост, Шабдезу Пайкондам ошноёни ҷонии моянд. Борҳо дар тавилаи назди Обшор хобу хез кардаем. Худи устод ҳар дафъа дараҳои сералафи гузари Симгунро дар ихтиёри мо мегузошт.

Дигар ҷойи шакку тардид намонда буд, аспҳо ором шуда бо изҳори қаноат сар афшонданд. Ҳамин қадар бо рустояшон ошноӣ доштани улоғи ношинос кифоя мекард, ки Чопари малламӯй шиҳаи мулоиме кашид ва пешхезӣ карда гуфт:

– Густохиамонро бубахшед, бародарон, вазифаи мост,

ки ҳар тозаомадаро пурсуҷӯ кунем, – ва бо сар ишораи «рафтем» карду ба роҳ даромад.

Саркаш низ дар канори ӯ ба самти боло қадам ниҳод, лекин аз суханҳои дӯсти худ нороҳат шуд. Аслан хушаш наомад, ки ӯ аз як идда хар узр мепурсад. Бо вуҷуди ин, нахост дар пеши бегонаҳо вориди баҳс шавад. Ҳама пасу пеш дар пайроҳаи каҷукилеб ба роҳ уфтоданд.

* * *

Дар воқеъ, гузари Симгун табиати мафтункор ва обуҳавои руҳафзо дошт. Тайи муддате, ки Гӯшдарозу Пашмина дар назди чашмаи сероб бо гумоштаҳои рустодор мулоқот ороста буданд, курраҳои маст шодмонии худро пинҳон накарда, аз ҷастухез даст намебардоштанд. Ин хурсандии онҳо ғаши Саркаши ҷавонро меовард, вале дандон ба дандон гузошта тоқат мекард. «Навбати мо ҳам мерасад, гӯшдарозони аблаҳ, – аз хаёл мегузаронд ӯ, – чунон адабатонро диҳам, ки аз омадани худ ба манзиламон пушаймон шавед!» Чопар бошад, ба вай фурсати фикр кардан надода, баробари супурдани меҳмонон ба пас гашт ва ба дӯсташ бо ишораи «рафтем ба посгоҳ» гардан афшонду бо шитоб чорхез зад.

Рахши солманд аз ошноёни деринаи худ бо хушнудии беҳад истиқбол намуд. Маълум буд, ки дилаш барои меҳмон хеле танг шудааст. Вай дар айвони тобистона ба пешвози Гӯшдароз баромада пурсон шуд:

– Аз Чӯлистон чӣ хабар? Ҳама ошноён серу сари ҳоланд?

– Э, бародар, напурс! Як рӯзи Худо оромӣ надорем, аз тохтутозу харобкориҳои аҷнабиён ҷонамон ба сер омад. Як мушт алафро бо сад азоб меёбем, дар сари оби хӯрданӣ ҳамеша талошу кашмакаш. Соҳибонамон мурданивор аз мо кор мекашанд, як нафас дам гирӣ, зери шаллоқ мемонӣ...

– Юртамон бесоҳиб шуд-гӯй? Охир, ғизо надиҳанд, парвариш накунанд, неруи кориро аз куҷо меёбанд?

– Бовар кун, як сол мешавад рӯйи ҷавро надидаем. Зимистонро дар биёбон гузарондем, аз дасти сармо як-дуто не, як гала хару курра мурда рафтанд. Медонӣ, мо ҳама корашонро анҷом медиҳем, ба ҳама зарбу лат тоқат мекунем, ҳар чиро бор кунанд, аз биниҳо обравон мекашонем, вале бар ивази машаққатҳои фаровон ба қадрамон намерасанд, гумон мебаранд ғуломи ҳалқабаргӯши дарашон ҳастем. На кӯр мекунанд, на шифо медиҳанд, беинсофон...

– Чӣ шуд, ки аз дасти соҳибонатон раҳо ёфтед? Фирор кардед?

– Худо ба мо ёрӣ дод! Як моҳ аст, ки тӯдаҳои ғоратгари аҷнабӣ ба Чӯлистон фурӯ рехтаанд. Саг соҳибашро намешиносад, ҳар як тани зинда дар ғами ҷони худ, соҳибон сари калоба гум кардаанд. Фурсатро ғанимат донистаму ба тарафи шумо гурехтам, дӯстам.

Рахш як лаҳза сукут кард. Вай медонист, ки Гӯшдарозу ҳамтоёнаш хеле сабур ва беш аз ҳама, борбар ҳастанд. Агар онҳоро дар рустои худ нигаҳ дорад хеле нафъ мебинад. Бисёр корҳои вазнинро мешавад бо ёрии онҳо анҷом дод. Бо ин ният изҳор кард:

– Мехоҳед бо мо бимонед?

Чашмони Гӯшдароз равшан шуд, беихтиёр аз таҳи дил ҳангос зада фиристод. Бо мамнуният гуфт:

– Ҳиммати шумо бепоён аст, дӯстам, кош моро дар тавилаҳои худ ҷой медодед, тамоми умр миннатдор мешудем!

– Агар метавонӣ, аз хешовандонат ҳам биёр, ман шуморо қабул мекунам. Баробар дар гузарҳо тақсим мешавед, ба корҳои сахту вазнини бачаҳои мо мадад мерасонед.

– Хуб шудаст, рустодори бузург! Аз мо ҳеч гоҳ камӣ намебинед, ҳар қадар қувватамон расад бароятон навкарӣ мекунем, сарамон дар паноҳу шикамамон сер бошад – шуд!

Вақте ки Гӯшдароз бо рустодор суҳбат мекард, Паш-

мина ҳамроҳи Шабдези болобаланд ба сайругашт бaромада буд. Шабдез ин модахари сокину гапгирро аз солҳои пеш мешинохт. Ин бор ҳам, гарчи аз дасти солмандӣ миёнаш хамидаю даври чашмонаш фурӯ рафта буд ва номуназзам роҳ мерафт, ӯро ба даpунтари дара аз чашми дигарҳо дуртар бурд. Мехост бо ошнои худ ба хубӣ ҳол кунад, то дигарҳо халал нарасонанд.

Бачаҳои Гӯшдароз бошанд, аллакай бо чанд тойи шӯх, ки аз оилаи Рахш буданд, унс гирифта, дар доманакӯҳи сарсабз ҷастухезкунон болову поин медавиданд. Курраҳо бори аввал дар чунин табиати афсункор хушҳолӣ мекарданд, онҳо аз замини нарму шаббодаи форам маст шуда буданд.

Рахш ошноёни худро бо алафи шӯра, ки махсус аз гузари Тавсан даравида оварда буданд, ва сипас, бо чанд тағора ҷави хушхӯр меҳмондорӣ кард. Онҳоро дар хоначаи кунҷи тавилаи баҳорӣ ҷой дод. Харон бо шиками сер ва дилҳои беғам ба хоб рафтанд. Рӯзи дигар Гӯшдароз субҳи барвақт ба роҳ баромад. Ӯ бедаступо буд, мехост ҳарчи зуд хешону бародарони худро аз чанголи соҳибони бераҳм ва аҷнабиёни яғмогар наҷот диҳад.

* * *

Пашмина Гӯшдарозро дур дид. Бо дили пур ва хушҳолии беҳад ба оҳанги дафи Шабдез мерақсид. Аз меҳрабонӣ ва ишқварзиҳои вай ба дараҷае роҳат мебурд, ки гӯё вуҷудаш сабуку бевазн дар осмони бепоён парвоз мекард. Ӯ ва курраҳояшро ба тамошои боғу доманаҳои сарсабзи гузари Бодпой бурдани Шабдез шодмонияшро даҳчанд намуд. Пашмина ба ин гузар омада, бо дӯстдори худ ба дарун-даруни буттазор даромада рафт ва чунон фирефтаи ӯ гардид, ки дигар бачаҳои худро ҳам аз ёд бурд. Курраҳо бошанд, рафтуомади аспҳои гузарро нодида гирифта, шоду хушнуд дар канораҳои рӯди Зарнисор ҷастухез мекарданд. Онҳо парвое надоштанд, ки модарашон бо кисту куҷо рафтааст.

Дар дили ин сайругаштҳо аз миёни буттазори самти поин сару ёли Саркаш ва Чопар намудор шуд. Онҳо ба майли хотир қадам бардошта, гоҳ-гоҳ аз алафҳои сари роҳ кавшакунон, ёлу думи худро афшонда меомаданд. Ба назар мерасид, ки табиат бо ҳама саховати худ бараяшон бағал кушодааст. Шаббодаи каме сард аз сӯйи рӯд вазида, аспҳоро аз сар то по навозиш дода мегузашт ва нурҳои сӯзони Хуршед ба тани онҳо чунон мехалид, ки гӯё масҳи сӯзание анҷом мешуд. Ин ду аспи ҷавон навбатдориро дар даҳонаи деҳа ба поён расонда, барои истироҳат ба тавилаи худ бармегаштанд. Дар гузари Бодпой бӯзинаҳои масъул омода буданд аз ҳар ҷиҳат ба онҳо расанд: ему хошоки солим диҳанд, оббозӣ доронанд, хорумол кунанд, наълҳояшонро дида бароянд...

Ҳанӯз ба тавила наздик нашуда, баногоҳ чашми Саркаш ба курраҳое афтид, ки лаб-лаби рӯд, дар пасу пеши теппачаҳои сабз лингзанону рақскунон гардиш мекунанд. Аспи ҷавон аз кӯра даррафт, беихтиёр рагу пайи баданаш таранг шуд. Ҷастухези ҳайвонҳои бегона, ки дар назараш хеле зишт тофт, чун ханҷаре мустақим бар қалбаш халид. Бе он ки ба ҳамроҳи худ нигоҳе афканад, беист ба самти курраҳо чорхез зад. Дар ниҳояти ғазаб тез-тез нафас гирифта чунон давид, ки ҳеч чиз, ҳатто буттаҳои хордору шохаҳои тезу баромадаи дарахтони сари роҳ ба назараш нанамуд. Аз чашмони аллакай сурхшудааш, ки маълум набуд аз посдории шабонарӯзӣ ё хашми ногаҳонӣ аст, гӯё лахтаҳои оташ мепарид. Ин чорхеззании рафиқи худро дида, Чопар низ дарҳол ба тохтан даромад, аммо ӯ кучою давидани Саркаш куҷо! Дӯсташ аз чизе нахӯсидаву нарамида буд, вале пай бурд, ки кинаи дирӯза ӯро ба по хезондааст. Хеле тарсид, дар худ тасаввур кард, ки ҳоло Саркаш чӣ балое ба сари курраҳо хоҳад овард. Боз ҳам тезтар давид, бо тамоми неру дар талош шуд, вале донист, ки ба аспи якрав расидан кори осон нест.

Баногоҳ баланд шудани садои тақа-тақ ва хаш-хуши

зиёд дар чаманзор, курраҳоро ба ҳарос овард. Даҳшат! Дасту по гум карда, ҳама ба чор сӯ парешон шуданд, аз тарси аспи ба шӯр омада бо тамоми ҳастӣ қулочзанон фирор карданд. Гурехтани онҳо, вале, дар пеши чорхези Саркаш чизе набуд. Аспи даванд дар як чашмпӯшӣ ба нахустин курра расид ва сари худро ба осмон бардошта, шиҳаи баланде сар дод. Ҳамоно бо тамоми неру дар ҷо тоб хӯрда, вазнашро ба пеш дод ва бо поҳои ақибаш зарбаи сахте ба шиками курра фуровард. Улоғаки нимҷон омодаи ин шаллоқ набуд, ҳатто пай набурд, ки чӣ балое ба сараш омад. Баробари лагад хӯрдан то қадди асп ба ҳаво париду гурсос зада ба замин сарнагун шуд ва бо суръат ғелзанон ба мағзи як буттаи харра[55] даромада рафт. Ғазаби Саркаш ҳанӯз фурӯ нанишаста буд. Дидаҳои хунгирифтааш дар муқобил ба курраи дигар бархӯрд. Дубора чорхез зад ва ин дафъа поҳои пешашро бо тамоми қувват бардошту ба зери гардани гӯшдарози ҷон ба рамақ омада андохт. Курра як он дар ҳаво муаллақ шуда сарфаргон ба замин уфтод ва ду-се бор ғел заду дигар аз ҷо наҷунбид. Саркашии Саркаш дар ҳамин ҷо хотима ёфт, зеро ҳамроҳаш Чопар худро ба вай расонда, бо зӯрӣ, гардан ба гардан монда пешашро гирифт. Аспи ошуфтасар дигар ёрои қулочкашӣ надошт, дар муқобили бозувони неруманди дӯсташ маҷбур шуд шиҳакаширо қатъ кунаду гардан фурорад. Агар ин мамониат намебуд, яқинан ду курраи дигарро низ зада саркӯб мекард ва пушташонро ба хок мемолид.

Вақте ки Чопару Саркаш ором шуда ба сӯйи гузари Бодпой роҳ пеш гирифтанд, курраҳои ҷон ба саломат бурда бо садои борик ар-аркунон аз наҷот ёфтани худ ба ҳамдигар хабар доданд. Дар ҳачал[56] уфтода, давида то лаби наҳр расиданд. Аз тарсу ваҳме, ки ба вуҷудашон роҳ ёфта буд, бо чашмони алою алақ-палақ тез-тез ба пешу қафо сар гардонда, сари ҷо давр задан гирифтанд.

[55] **Харра** – буттаи настаран *(буттаест бо хори бисёр ва тез)*

[56] **Ҳачал** – ранҷ, машаққат, гирифторӣ

Онҳо чунон безобита менамуданд, ки маълум набуд нооромиашон аз гум шудани ҳамраҳони гарданшикаста аст ё ба хотири ҷудоӣ аз модари бемеҳру худбине, ки сояашро аз сарашон дур карда...

Табиати атроф ба серӣ аз нурҳои Офтоб хӯрда, бо тобишу намои ҳарранг ҷило медод. Буттаю ниҳолҳои кӯтоҳқад дар зери сояи дарахтони баландқомат монда, гоҳ-гоҳ бо шуоъҳои Хуршед ба мисли рангинкамон чеҳра боз мекарданд. Насими диловезе, ки аз ҷониби рӯди Зарнисор вазида меистод, шоху баргҳои дарахтону буттазорро ба рақс даровардa, таровату хушгувории ҳавои талу теппаҳои пасти канораҳои рӯд ва гузари Бодпойро бештар месохт. Пашмина намехост дар ҳавои табиати фусункор аз ҳимматии дӯстдоштаи худ даст кашад, аммо Шабдез ӯро ба худ овард:

– Ту бачаҳоятро фаромӯш кардӣ? – гуфт вай омирона. – Вақти омадани Гӯшдароз ҳам шуд, ба пешвозаш намебароӣ?

– Аз курраҳоям ҳеч гуна хавотир надорам, бигузор аз ин боду ҳавои биҳиштӣ лаззат баранд, он ҳама дуду оташи авуламонро фаромӯш кунанд. Э, рост мегӯйӣ, рӯз ҳам аз нисф гузашт, ҳамин замон галаи дӯстонамон ба ин ҷо мерасад.

– Аз қафои ман биё, хеле бисёр ба даруни ҷангалзор даромадаем...

Вақте ки Шабдез бо маъшуқаи худ ба доманаҳои канори Зарнисор расид, рӯз аз нисф гузашта, Офтоб аз болои рӯд ба самти мағриб роҳ пеш гирифта буд. Дар чаманзору теппагиҳои соҳилӣ бошад, курраҳо ба чашм наменамуданд. Оромии муҳитро танҳо вазиши боди мулоиме, ки аз миёни буттазору шохаҳои дарахтон гузашта хашхаш садоҳои беохир ба ҷо мегузошт, халалдор мекард ва аз ҷониби рӯд ҳам овози ҷараёни об омехта бо хонишу навоҳои ранг ба ранги мурғон ба гӯш мерасид. Шабдез ба ҳайрат омада лаб кушод:

– Чаро бачаҳоят нестанд?

Пашминаро ваҳм зер кард. Бо ҳарос ба лӯкка даромаду ингосзанон ба самти ҳар чи буттаю дарахт буд, ба давидан пардохт. Шабдез бошад, ӯро ба ҳоли худ гузошта, бе таваққуф ба самти ҷодаи рафтуомади аспон давид. Баробари расидан ба роҳ, аз нахустин аспи рӯ ба рӯ шуда, ки бо майли хотир аз сабзаҳои канори ҷода кавшакунон ба боло мерафт, пурсид:

– Надидӣ, куррахарҳо аз соҳили рӯд ба куҷо рафтанд?

– Э, сардор, шумо ҳанӯз бехабаред? Ду курраро Саркаш зада куштааст, ҳозир ҳама дар гӯристони мусофирон ҷамъ омадаанд. Бӯзинаҳо меҳмонони мурдаро дафн мекунанд.

– Наход?! – Шабдез сахт дар шигифт монд, беист ба ақиб гашту чорхез зад…

Аз хурсандие, ки чанде пеш Пашмина дошт, ному нишон намонд. Ӯ воқеаи нохушро шунида сахт андуҳгин шуд. Роҳравон худро маломат мекард, афсус мехӯрд, ки барои чӣ курраҳояшро танҳо гузошта рафт. Дил додану ҳамдардӣ кардани Шабдез бефоида буд, беш аз пеш гулуяшро боди ғам буғӣ мекард. Баробари ғамгин шудан аз марги нобаҳангоми курраҳояш, дар худ гоҳе ба андеша мерафт, ки чӣ ҷавобе ба Гӯшдароз хоҳад дод. Шавҳар лингашро аз осмон меоварад, ба ҳеч ваҷҳ ӯро намебахшад…

Гӯристони мусофирон, ки дар сарҳади гузарҳои Бодпою Тавсан қарор дошт, бо ҳузури сокинони Аспобод гавҷум буд. Дар атрофи теппаи хурди миёнҷойи он бӯзинаҳо, аспу тойҳои хурду калон пойзанону гардану дум ҷунбонда ба суханронии рустодори бузург гӯш меандохтанд. Рахши калонсол аз ҳама болотар ҷой гирифта, бо овози баланд ваъз мегуфт. Дар паҳлуяш Гӯшдароз низ бо сари хам меистод. Дуртар аз ӯ галаи хару курраи навомада хомӯшу пакар гӯшу ҳуш ба рустодор буданд. Аз чашмони пурҳаросу ба ҳамдигар часпида истодани онҳо аён буд, ки аз макони наву иҷтимои ғайримунтазира нигарону безобита ҳастанд. Шабдезу

Пашмина ба маърака наздик шуданд, вале ба доираи сарварони ҷамоа роҳи даромад наёфта, аз як гӯша ба ваъзи пешво диққат доданд.

– Ин гуна ҳодисаи хунин, оре, чунин амали номардона чандин сол аст, ки дар диёри мо рух надода буд, – мегуфт ҳарфҳояшро чида-чида Рахши бузург. – Меҳмон атои Худо гуфтаанд, аммо азизони худро мо чӣ гуна пешвоз гирифтем? Куҷо шуд меҳру муҳаббате, ки аспони бовиқор ҳар гоҳ ба дӯстони худ нисор мекарданд? Магар ду тан курраи лоуболро, ки акнун болу пар ба зиндагӣ боз мекарданд, кӯфтану ба марг мубтало намудан аз рӯйи инсофу адолат аст? Ман бо ин синну соли худ ҳеч гоҳ ба чунин вазъияти ногувор науфтодаам, дар пеши меҳмонони худ сархаму музтар нашудаам. Дар айни ҳол намедонам бо чӣ забоне аз дӯстонам узр пурсаму маъзаратхоҳӣ кунам. Тоза як рӯз гузашт, вале мо натавонистем ба бечораҳои бехонумоншуда, ки ба диёри мо паноҳ бурданду дасти ёрӣ хостанд, мурувват нишон диҳем. Мо аз рӯзи аввал бар сари онҳо пардаи ғам кашидем, дилашонро ба ваҳму изтироб андохтем. Эй аспони худманиш! Дониста монед, ин гуна бархӯрду муомила хоси мо нест, муносиби ахлоқу одоби мо нест! Ҳар як бадкирдор бояд ҷазояшро бигирад!

Ба тақвияти дархости рустодор ҳамоно садои аспони гирдиҳамомада баланд шуд:

– Ҷазо! Ҷазо! Ҷазо!

Рахш шиҳаи баланд кашид. Дубора хомӯшӣ ҳукмрон шуд. Рустодор бо салобати пештара ба суханаш идома дод:

– Ду курраи бегуноҳро гӯручӯб кардем. Барои ин амали хунину нанговар аз ҳама дӯстони гӯшдарози худ бахшиш пурсида, барояшон ҳамдардӣ ва аз сӯйи тамоми аспони диёр таъзияи ҷонудилӣ изҳор мекунам. Акнун қозиамон Пайкондамро низ ба суханронӣ ва эълони ҷазо фаро мехонам. Умедворам, дигар ин гуна бадкорию бадбинӣ дар замини мо рух намедиҳад!

Ҳама ба сӯйи Пайкондам, ки баробари шунидани исми худ гарданашро ба боло ёзонда бо виқор дар паҳлуи рустодор қарор гирифт, гӯшу ҳуш шуданд.

– Сарпаноҳ додан ба дӯстоне, ки дар ҳоли тангу ногувор мондаанд, аз ниҳояти оқилӣ ва бузургҳимматӣ дарак медиҳад, – ба сухан пардохт қозӣ. – Мо набояд фаромӯш кунем, ки хар боҳуштарин ҷонвари аҳлӣ аст ва бино ба навиштаи «Аҷоиб-ул-махлуқот», ҳуши он ҳатто аз сагу гурба фаротар меравад. Ин ҷонвар бе ягон ҳошиясозӣ корашро мекунад, на ғизои камёбе барояш медиҳанд, на наъле ба пояш мезананд ва на ба ороишу ҳаммом мебаранд. Дар баробари анҷом додани корҳои тоқатфарсо, мисли боркашӣ, бо маркабҳо мусофирбарӣ низ мекунанд. Аз ин рӯ, мо бояд ба қадри ҳар як хар ё курраи он бирасем, зеро ин зот барои мо фақат дастёр ҳастанду мушкилкушо. Беҳуда нагуфтаанд:

*Хар соҳиби ақлу ҳуш бошад,*
*Дур аз амали вуҳуш бошад.*

Дар мавриди аспони ҷоҳилу бераҳм ҳаминро гуфтаниам, ки мо бояд мизони адлу инсофро риоят кунем. Ҳукми ман: аспи бесар Саркаш умрбод ба сиёҳчол партофта шавад ва ҳамроҳи вай Чопар як сол зиндонӣ гардад! Оре, танҳо ҷазои бамавқеъ чашми бадкоронро мекушояд, онҳоро водор мекунад, ки дигар дониста қадам ниҳанд. Ҳар яки мо бояд бидонем, ки беҳурматӣ кардан ба меҳмон чӣ оқибате дар пай хоҳад дошт!

«Э вой!», «Наход?!», «Чаро охир?!»... – ҳарчанд иддае аз байни издиҳоми аспон бо ин суханон изҳори афсусу надомат карданд, ба маҳзи хотима ёфтани нутқи Пайкондам садоҳое низ бо ҷонибдорӣ аз ҳукми «одилона» баланд шуд: «Аҳсан, аҳсан!», «Ба дардашон даво!»...

Дар ҳавои ин гуфтугузор, бӯзинанавкарони ҳозиру нозир бо ишораи Рахш дарҳол ба амалиёт гузаштанд. Онҳо Саркаши гунаҳкорро зери даст гирифта, ба поҳои пешаш завлона заданд ва ба қуллоби он занҷиреро, ки

аз гарданаш овезон меистод, баста монданд. Ба гардани Чопар низ занҷир гузаронданд ва ҳар дуро ба самти сиёҳчол, ки зиндони қадимаи аспон буд, кашола карданд…

* * *

Аспобод бо омадани хару куррахои сертараддуд намои дигар гирифт. Акнун дар кӯчаю роҳакҳои ин рустои байникӯҳӣ ба ҷойи аспони босавлату тезгард бештар гӯшдарозҳои пурбору сархам ба чашм мехӯрд. Дар ҳар як гузар улоғҳои борбар машғули кор шуда, алафу хошок, ҳезум, об, асбобу анҷом ва ҳатто, каҷоваҳои сангро пуштора карда ба мақсад мерасонданд. Ёварони дупои аспон – бӯзинаҳо тараҳҳуме надоштанд, то замоне, ки хар иҳҳас намезаду аз сару гардан оби бадан намерехт, ба пушташ то элак бор мезаданд ва пайиҳам халачӯбкорӣ карда, боркашро ба пеш меронданд. Онҳо аз чанд хӯҷаини худ, ки аз ҷазодиҳии дӯстонашон Саркашу Чопар норозӣ шуда ба хашм омада буданд, дастури махфӣ доштанд. Алалхусус, саргузари Бодпой, яке аз ҷонишинҳои фаъоли Рахш Ёлдор ҳар як бӯзинаи масъулро ба пеши худ хонда аз номи рустодор фармон дод, ки ба «гӯшдарозони наҳс» ҳеч гуна муруввате накунанд. Ӯ нафрати худро пинҳон надошта, нияти ниҳоии худро низ ифшо карда буд: «Аблаҳонро чунон азоб диҳед, ки аз омадани худ пушаймон шуда, макони моро партофта раванд!»

Рӯзҳо пайи ҳам мегузашту додувойи ёрони Гӯшдароз торафт зиёд мешуд. Онҳо на фақат аз корҳои бетанаффуси сахту вазнин, ҳамчунин аз дасти гуруснагиҳои шадид ба танг меомаданд. Ҳар гоҳ ба пеши сарварони худ шикоят мебурданд, аз эшон танҳо гӯшмол мегирифтанду бас, ба арзашон ҷонваре гӯш намедод. Ҳоли харон дар ҳар як гузар якнавохт буд, беш аз пеш ҷонашон ба сер меомад, намедонистанд аз ҷабру зулми шабурӯзии бӯзинаҳо ба куҷо сар гиранд.

Гӯшдарозу Пашмина бошанд, дар гузари Симгун хушҳолу беғам мегаштанд. Онҳо пас аз ҷойгир кардани ҳафт дастаи хару курра дар ҳафт гузари Аспобод бо дили пур ба зиндагӣ меҳр бастанд. Пайваста бо табли Рахшу ҳамраҳони вай мерақсиданд, аз хатти кашидаи онҳо берун намерафтанд, ҳанӯз ҳам намедонистанд ба ҳиммати аспони босаховат чӣ хел ҷавоб диҳанд. Бо ин алоқамандӣ гилаю дардгӯйиҳои ҳамтоёни худро аз ношукрӣ дониста, ҳар як хари эътирозкардаро бо суханҳои сахту қабеҳ дашном медоданд ва аз пеши худ дур меронданд. Ҳатто аз саргузарҳо хоҳиш мекарданд, ки ин харони нодони носипосро бештар ба тазйиқ кашанд…

Дар ин миён Рахш тасмим гирифт ба соҳили дигари рӯди Зарнисор даст ёбад. Дар он сӯй чаманзору доманаҳои сералаф бисёр менамуд, вале ҳанӯз пойи аспон ба он ҷо нарасида буд. Рустодори бузург аз теппаҳои Симгун истода он соҳили рӯдро наззора мекард ва ҳамеша орзу дошт аз неъмату обу ҳавояш баҳраманд гардад, лекин набудани роҳи дастрасӣ доиман ин ҳавасҳояшро ба сароб табдил медод. Акнун омадани харони заҳматкаш вайро ба ин орзу умедвор сохт. «То зиндаам кори неке барои авлодам бояд анҷом диҳам, – дар худ андешид Рахш, – агар пуле бар рӯйи Зарнисор сохта, ба он соҳил низ гузарам, аз ин дунё беармон хоҳам рафт». Бо ин ният тамоми саргузарҳо ва Гӯшдарозу Пашминаро низ ба назди худ хонд. Ғайримунтазира, баробари пешниҳод кардани ҳадафи хеш ба ҷонибдории шадиди аҳли нишаст рӯ ба рӯ шуд. Гӯё огоҳона аз дили ҳар як асп хабар ёфта бошад, сухани ӯро бо шодмонии бепоён истиқбол намуданд. Дар тақвияти дӯстон Гӯшдароз низ бо мамнуният ва ҳисси масъулият изҳор кард:

– Барои мо – харон ҳам саҳмгузорӣ кардан дар чунин як кори савобу пурманфиат боиси ифтихор аст. Тавре ки бародаронамон гуфтанд, панҷсад каҷова не, ҳатто ҳазор каҷова санг лозим бошад, мо мекашонем ва қавл

медиҳам тамоми болорию вассагиҳои лозимро барои сақфи пул сари вақт омода мекунем. Мо шабу рӯз дар хидмати шумо хоҳем буд, ҳеч гуна ёрии худро дареғ намедорем!

Бо қасди ғанимат шумурдани айёми гарми тобистон Рахш дастур дод, ки аз рӯзи дигар ба оғози кор дасту остин барзананд. Ба назорати кори дастаҷамъонаи пулсозӣ қозии русто Пайкондамро вогузошт ва сарпарастии корҳоро ба Ёлдор супорид. Ба ҳар як саргузари дигар фармуд, ки аспону харони коргару борбарро ба хотири пешрафти кор бамавқеъ раҳсипор кунанд...

Ба Ёлдор Худо дод. Акнун метавонист ба ҳар навъ аз гӯшдарозон хунбаҳо ситонад. Дар канори рӯди Зарнисор барои аспон тавилаи калони тобистона дуруст кунонд ва анборе созонда онро бо ҷави хушхӯр пур кард. Дар канори он новдони калони аз ду ҷониб бастаро низ гузоштанд, ки мумкин буд оби онро тез-тез иваз карда истанд. Чор-панҷ нафар бӯзинаро фақат барои тоза кардани зери пойи аспон масъул гузошт. Ба хотири зуд ба зуд оббозӣ дорондани аспҳо низ дар канори рӯд як обгир ва саҳни сангфаршшуда созонд. Ният дошт дар оянда ин саҳнро мисли айвон болопӯш кунад, то ки ҳам соябон бошаду ҳам маҳалли назорат ба корҳои сохтусоз. Ба бӯзинаҳои дастёр фармуд, ки аспони машғулро танҳо барои рафтуомад ба кор гиранд.

Харҳои коргар ҳарчанд корҳои сахтро анҷом медоданд, аз ҳама имконоти мавҷуд маҳрум буданд. Онҳо қатор шуда аз теппаҳои санглох то дами рӯд каҷоваҳои пури сангро мекашонданд. Маҳмула вазнин буд, роҳ дур. Баъзан бор зер мекард, ноилоҷ сари ҷо истоданӣ мешуданд, аммо ҳамон лаҳза ба калтакзанию лагадкории бӯзинаҳо дучор мегардиданд. Танҳо пас аз холӣ шудани каҷоваи бор худро каме озод ҳис намуда, нафаси роҳат кашиданӣ мешуданд, вале билофосила болонишин онҳоро дубора бо халачӯбкорӣ ба чорхез давидан маҷбур месохт. Бо вуҷуди кори сахт, хӯрду хӯроки назар-

рас надоштанд, ҷав он тараф истад, ҳатто алаф намедоданд. Дар тӯли рӯз фурсат ёфта, ба канораҳои роҳҳои рафтуомад пӯза задану хасу хошок хоидан барояшон муяссар мегардиду бас.

Як ҳафтаи сангкашонӣ барои похсаву сутунҳои зери пул гузашт. Нисфирӯзӣ Ёлдор бо чанд ёвари худ ҷави наҳор мехӯрд. Ногаҳон яке аз аспони нозираш арақшор давида омад ва сари таъзим фуруд оварда, арз кард:

– Дар роҳи Даҳана ду хар ба ҷар ғелида рафтанд. Дигар гӯшдарозон бошанд, дар болои ҷар шах шуда мондаанд, на ба хигӯйӣ гӯш мекунанд, на ба халачӯбкорӣ!

– Яъне, исён бардоштанд?

– Ҳамин тавр...

Ёлдор бо қаҳр сару гардан афшонда шиҳаи баланде сар дод ва дарҳол бо чорхез ба роҳ баромад. Аз қафояш ёварони вай ба по хестанд. Чун ба дараи Даҳана расиданд, дар хамгашти кӯҳии он улоғҳои мотамгирифта ҳанӯз зери бор меистоданд. Ҳатто чанд хар дар миёни қофила аз дасти вазнинии бор дар ҷойи худ нишаста, ҳолу тавони сарбардорӣ надоштанд. Аз ин гарданшахии гӯшдарозон хуни Ёлдор ба сар дамид. Билофосила бо асабоният ба дав гузашт ва пушти ҳам харони дар сари роҳ будаtake бо лагад кӯфтан гирифт. Ба зарбаҳои аспи хашмгин тоб наоварда, се-чор хари дигар низ ба ҷаҳаннами ҷар ғелида рафтанд. Харони боркаш ин гуна бархӯрди сахтро интизор набуданд магар, аз тарс ҳама ба ҳаракат даромаданд. Онҳо кашола-кашола, об аз даҳану бинӣ рехта, бо пойҳои овезону нафасгирии танг бори худро то пойи кор расонданд. Он рӯз Ёлдор гӯшдарозони «исёнгар»-ро аз хӯрду хӯрок низ маҳрум сохт...

Азбаски харони борбар ғизои кофӣ тановул намекарданд ва аз сарнишинон пайваста тозиёна мехӯрданд, рӯз ба рӯз дармони худро аз даст дода, лоғару заиф мешуданд. Қариб пушти ҳар як боркаш захмӣ шуда буд, гоҳе ҳамроҳ бо араќи бадан аз зери полон оби хунолуд

ба поён мечакид. Вақте ки ба назди рӯд мерасиданд, поҳояшон аз сангинии бор морпеч мерафт, пеши чашмонашон сиёҳӣ мезад. Бо ин ҳол, аз тарси калтаккхӯрӣ коре карда бори худро то суфаи боргузорӣ мерасонданд.

Ба ин зайл, меҳнати тоқатфарсо то як моҳ давом кард ва аспон тавонистанд бо ёрии ҳамкорони гӯшдарози худ ба миқдори лозим санги таҳкурсию похсаҳои пулро фароҳам оваранд. Марҳилаи дуюми тарҳ фаро расид. Бо дастури Пайкондам Ёлдор барои кашондани болору вассагиҳои сақфи пул дасту остин бар зад. Ӯ мехост сараввал тамоми масолеҳи даркориро ҷамъ оварда, пас аз он ба кори иҷрой пардозад. Дар гузарҳои деҳа бӯзинаҳои масъул чандин дарахти беду сапедор ва барои тирҳои боргири пул чанд дарахти туту чормағзро афтонда сару сарҷин карда буданд. Болору вассаҳои буридаю омодашударо дар бағали девори боғҳо дарчида мунтазири боркашҳо менишастанд. Харони ҳаммол пас аз сангкашониҳои пайи ҳам танҳо як рӯз нафас рост карда, дар зери зарбу лати гумоштаҳои Ёлдор дубора ба боркашӣ даромаданд...

* * *

Дар айёми тобистон рустои Аспобод обу ҳавои дилпазир дошт. Ҳам аз боғу хиёбонҳои сердарахту сабзу хуррам ва ҳам аз ҷониби рӯди шӯхи Зарнисор насиму шаббодаҳои диловез паҳн шуда ба машом мерасид. Ҳарчанд Офтоб мисли танӯри тафсон ба олами зери худ гармӣ медод, талу теппаҳои сарсабз нурҳои сӯзони онро дар худ фурӯ бурда, бо рангу намои бештар чеҳра боз мекарданд. Гӯшдарозу Пашмина бар замми ин табиати хурраму диданӣ аз ғановати тафреҳгоҳи Обшор низ, ки дар кунҷи гузари Симгун қарор дошт, бебаркаш баҳра мебурданд ва ҳанӯз се-чор моҳ нагузашта рангу симои худро тағйир доданд. Аз бекорию хӯрду хӯроки зиёд ҳар ду фарбеҳу лӯнда ва тану тӯшашон маҳину мулоимтар шуда рафт. Ҳар ду аллакай курраҳои мақтули худро

фаромӯш карда буданд. Гӯшдароз он замон ҳеч гӯшмоле ба Пашмина надод, чаро ки ӯро дар ҳимояи Шабдез медид. Аз он пас ҳатто рағбат надошт бо ӯ ишқварзӣ кунад. Пашмина низ ба ин бефарқӣ бепарво шуд, дар зери боли Шабдез тамоми ғами оламро аз ёд бурд. На фақат аз ин аспи солманд роҳату ҳаз мебурд, ҳатто дар ниҳояти алоқаҳои пайиҳам аз ӯ обистан шуд.

Дар ин миён кайфу сафои нобаҳангом ва пуштибонии рустодор барои Гӯшдароз даричаи тозаи зиндагиро боз кард. Чун бо ихтиёри худ мегашт, хаёлан ба орзуҳое даст медод. Майлу ҳавасҳое, ки айёми ҷавонӣ дар сар мепарварид, дубора дар зеҳнаш зинда шуданд. Ӯ низ, ба мисли Рахш, мехост ҷаҳони харонро дошта бошад, сару сарвари гӯшдарозони олам гардад... Як шаб хобаш набурда, аз назди саисхонаи Рахш мегузашт, ки хареро дид берун аз дар, фиқ-фиққунон дар канори девор равуо дорад. Наздиктар омад. Дар равшании Маҳтоб улоғро шинохт – хари модаи калонсол ба исми Ахрам. Модахар низ вайро дида, беирода ба ду пойи пеш зону зада сар хам кард. Гӯшдароз пурсид:

– Ту инҷо чӣ кор мекунӣ?

Ахрам ҳар ду гӯши қапталмонанди худро ба поин афканд, сар набардошта бо овози хаста гуфт:

– Сарвари арҷманд! Хоҳиш мекунам, ба дарди мо гӯш диҳед...

– Ту бояд дардатро ба саманди сарвар Ёлдор бигӯйӣ! Гарданат нашикаста зуд баргард ба ҷойи корат!

– Ман фақат дарди худамро намегӯям, аз тарафи даҳҳо бародару хоҳаронамон омадам, – модахар бештар сарашро хам кард, андӯҳгинии ӯ аз чашмони пиёламонанди пуроби дидааш равшан маълум буд. – Агар шумо низ дарди моро дарк накунед, аз ин гуна зистан мурдаамон авлотар аст!

Гӯшдароз дар ҳайрат монд. Бори аввал то ин ҳад мустамандии хари солмандеро дар баробари худ медид. Бо вуҷуди ин, аз асби ғазаб нафуромада гуфт:

– Ношукрӣ мекунӣ, биничоки фартут?! Дар Чӯлистон бо авлодат аз шиканҷаи ҷуфту мола[57] ба дод меомадед, ҳоло аз чӣ меналӣ?

– Бовар кунед, сарвари аъзам, ҳамон шиканҷаҳоямон сад бор беҳтар будааст! Ин Ёлдору ёваронаш ба Рахши бузургвор ҳарфи дигар мегӯянду бо мо рафтори дигар мекунанд. То имрӯз қариб нисфи хоҳару бародаронамон аз дасти гуруснагию азоби кор ҷон таслим намуданд. Бар замми ин шаллоқу калтакхӯриҳоямон беҳисоб аст, метарсам, ки то чанд моҳи дигар ҷанозаи боқимондаамонро ҳам бихонед.

Гӯшдароз ба фикр фурӯ рафт. Дар воқеъ, ба харони зердасташ, ки ба онҳо ҳазору як ваъдаи нек дода буд, раҳмаш омад. Бино ба дастури Рахш мебоист дубора ба Чӯлистон, барои овардани чаҳор даста хари корӣ бираваd. Агар вазъият ин гуна бошад, фардо обрӯе барояш нахоҳад монд. Бояд илоҷи воқеаро пеш аз вуқӯъ ёфт!

– Ту хомӯш бошу бо роҳи омадаат баргард! – амр дод ба модахари солманд Гӯшдароз. – Ба харони калонсоли дигар – Почасиёҳу Хокбоз, Лингдарозу Шонасапед, он гарданшахи дигар чӣ буд исмаш, ҳа-а, Боргурез, таъйин кун, ки ҳама ба қабул кардани чор гурӯҳ хар омодагӣ бубинанд. Рахши бузургвор фармудаанд, ки барои харони нав дар тавилаҳои ҳар як гузар ҷойи хобухез дуруст кунанд. Ман шикояти туро мерасонам, аз ин пас шуморо азият намекунанд, ту бепарво бошу ба корҳоят бирас!

Ахрам дигар сухане нагуфта, яке оби бинии чокашро фӯрт ба боло кашиду бе якравӣ ба пас гашт. Гӯшдароз баъд аз каме гардиш мустақим ба тавилаи Рахш роҳ пеш гирифт. «Оҳанро бояд дар гармиаш кӯфт, сард ки шуд, коре намешавад кард, – аз хаёл гузаронд ӯ. – Инак, Рахши бузургвор ба хотири фатҳи чаманзори соҳили дигари Зарнисор комилан ба неруи харон муҳтоҷ аст. Ҳар чӣ гӯям бо ҷону дил мепазирад...»

---

[57] **Ҷуфту мола** – корҳои шудгор ва молакашӣ

* * *

Пас аз як ҳафтаи сафар Гӯшдароз бо дасти пур баргашт. Вай дастури Рахшро сарбаландона анҷом дода, аз қафои худ чор гурӯҳ харро, ки курраю наврасаш ҳам буду калонсолаш низ, ба Аспобод овард. Ин дафъа ҳар як гала даҳ-понздаҳсарӣ маркаби гӯшдарозу ёлкӯтоҳро фаро мегирифт, ки нисбат ба фармудаи раис се баробар бештар буд.

Ба маҳзи ин ки галаҳои хар вориди русто шуданд, баногоҳ садоҳои гӯшноშуниди ар-ар то деги поскунаи фалак печид. Шодмонии харону курраҳояшон бепоён буд, овозҳои пардадари онҳо ҳатто то гузарҳои дурдасти Аспобод паҳн шуда рафт. Баробари баланд шудани ҳангосу садоҳои нобаҳангоми ошно аз тамоми гӯшаю канори русто улоғҳои дигар ба пешвоз шитофтанд. Фурсати ончунонӣ нагузашта, дар ҷавлонгаҳи гузари Бодпой ҳама гирдиҳам омаданд. Гӯшдароз аз ин таҷаммуи харон дар шигифт монд. «Пас, сару сарварон куҷоянд? Ин чӣ фориғболию худсарӣ аст? – лик-лик давида омадани харонро дида бо тааҷҷуб ба худ гуфт вай. – Офтоб аз куҷо мебарояд, ки ин ҳама озодӣ барояшон даст додааст?»

Ҳамин ки дар гирду бараш сархарони калонсол – Почасиёҳ, Хокбоз, Лингдароз, Шонасапед, Боргурез ва аз ҳама охир Ахрами мода йӯрғадавон омада қарор гирифтанд, пай бурд, ки дар замони набуданаш таҳаввулоте ба вуқуъ пайвастааст. Аспҳо наменамуданд, фақат дар атрофи маъракаи харон аҳён-аҳён аз аспҳои тездаву чолоки гузарҳои Бодпой ва Тавсан ба чашм мехӯрданду бас. Аз миёни истиқболкунандагон аввалин шуда Ахрам, дар ҳоле ки чоки биниаш аз хурсандӣ ду-се баробар фарохтар менамуд, сарашро беист алвонҷ дода, ар-аркунон ба сухан омад:

– Агар бихоҳед, то поёни умрам ба шумо ҳол медиҳаму хаста шудам намегӯям, сарвари бузург! – бо шунидани ин тикка сухани ӯ ҳозиршудагон беихтиёр бо завқ пӯза ёзонда монданд. – Аз рӯзе, ки шумои арҷманд аз русто-

ямон берун рафтед, Рахши бузургвор ҳиммати бепоён дар ҳаққи мо раво диданд. Бовар кунед, сарамон ба осмон расид, шумо ягонаед, шумо сарвари кулли маркабони дунё ҳастед!

Почасиёҳ дар идомаи сухани ӯ гуфт:

– Мо аз ҷабру зулми Ёлдор ва гумоштаҳояш озод шудем! Ин аспони мағрур дигар ба мо амр намедиҳанд, аз ризқамон намезананд, рӯзро бароямон сиёҳ намекунанд. Барҳақ, шумо ғамхору пуштибони тамоми харони ҷаҳон ҳастед!

Гӯшдароз хурсандии ҳамтоёни худро аз он чи тасаввур мекард, бештар дид. Оре, ба Рахш арзу дод карда буд, латукӯбшавии харонро ба ӯ маълум сохта буд, вале ҳеч намефаҳмид, ки хурду калони ҳамҷинсонаш аз куҷо то ин ҳад ҷасорат ёфтаанд, ин қадар шодмону сари ҳоланд, наметавонанд хурсандии худро пинҳон кунанд. Рахши бузургвор чӣ коре кардааст, ки…

– Ёлдори золим ва се гумоштаи ҷаллодашро ба ҳабси абад маҳкум карданд! – хаёлрониҳои лаҳзаинаи Гӯшдарозро барканд Хокбоз ду пойи пеши худро бе таваққуф ба замин зада истода. – Ба чор аспи дастёраш низ ҷазои «сад калтак» доданд!

– Наход? Агар ин тавр шуда, ба корҳои сохтусоз кӣ сарпарастӣ мекунад? – ниҳоят ба сухан омад Гӯшдароз. Барояш ин муҷозот дур аз интизор буд.

– Қозӣ Пайкондам, – ба пурсиши ӯ посух дода афзуд Хокбоз, – дамашон гарм, ба мо хеле муҳаббат доранд! Зоҳиран, ҳар рӯз ҷабру ситамдиҳии ёрони худро медидаанд, ки ба маҳзи гирифтани амри рустодор барои ҷазодиҳии онҳо дасту остин барзаданд.

– Оре, қозиамон ҳавои моро доранд, – илова кард Лингдароз.

Инҷо Шонасапед низ ба сухан омада изҳор намуд:

– Акнун ба ҷойи Ёлдор худи шумо ба мо сарпарастӣ мекунед. Қозӣ Пайкондам фармудаанд, ки харони навомадаро ба гузарҳо тақсим кунем ва дар ҳар як маҳалла

ҷамоате аз харон дошта бошему ба он ҷамоат раисе интихоб намоем.

Аз ин пайғомҳои ғайримунтазира Гӯшдароз қабат-қабат гӯшт гирифт. Вай тамоми умр чунин рӯзро орзу мекард, мехост ихтиёри ҷамоатҳои харонро ба даст гирад, коре кунад, ки онҳо аз ҳар гуна зулму тааддӣ озод бошанд, рӯзгори осуда ба сар баранд. Дар рустои Аспобод ояндаи дурахшонеро ҳис мекард, гарчи дар айни ҳол сару сарварон аспон буданд, бинои ҳукумати онҳоро мутазалзил[58] сохт. Аз таҳи дил оҳи амиқ кашиду сарашро ба осмон тик карда, «ар-ар-р» ҳангоси баланде зад ва ба зердастонаш, ки гӯшу ҳуш ба амри ӯ меистоданд, дастур дод:

– Бароямон ҳар як лаҳза ғанимат аст! Шумо бо худ даҳ сарӣ хару курраро ба гузарҳои Якрону Раҳвор ва Ҷурдаю Саманд бурда, дар тавилаҳо ҷойгир намоед ва обу алаф диҳед. Барои боқимондаҳо бошад, Ахрам дар гузарҳои Бодпою Тавсан ҷой дуруст мекунад. Аз ёдатон наравад, ки бе ишораи ман ҳеч гоҳ ҳеч харе ба гузари Симгун пой ниҳад! Он ҷо Рахши бузургвор ҳастанд, мо набояд роҳати эшонро халалдор созем, фаҳмост амри ман?!

– Фаҳмо! Фаҳмо! Фаҳмо! – аз ҳар сӯ баланд шуд овозҳои итоатманди гӯшдарозони дигар.

Галаи харон ба гурӯҳҳо тақсим шуд ва пасу пеш ҳама ба манзилҳои нави худ роҳ пеш гирифтанд. Гӯшдароз йӯрғазанон мустақим ба самти коргоҳи пули Зарнисор сарболо шуд. Ӯ мехост ҳама навидҳои хушро аз забони худи Пайкондам шунавад ва ҳамроҳи ӯ ба қароргоҳи Рахш равад…

Хуршед охирин анвори заррини худро аз доманаҳои кӯҳӣ ва арши рӯди Зарнисор ҷамъ мекард, дар самти мағриби осмони Аспобод домани қирмизиаш густурдатар мешуд. Тавилаи пазироии Рахш бошад, аллакай бо Офтоб хайрухуш карда, гузари Симгун дар зери сояи дарахтони болобаланду теғаҳои кӯҳӣ монда буд. Дар ин ҷо навкарони рустодор охурчаҳо ва новадонҳои тӯлонии тавиларо бо

[58] **Мутазалзил** – суст, нопойдор

ғалладонаю алафҳои хушхӯр ва оби чашма пур карда, дар ду самти роҳрави вурудӣ саф кашида меистоданд. Рахш бо дастовезҳои арзанда баргаштани Гӯшдарозро шунида, аз ҳар чиҳат барои сазовор пешвоз гирифтани вай омодагӣ медид. Имрӯзҳо дар вуҷуди ӯ шуълаи муҳаббат ба харон беш аз пеш равшантар мешуд, дар симои онҳо беҳтарин наҷоткорони худро медид. Чунин меандешид, ки бе ёрии ин зоти боркашу борбардор ҳеч гуна кореро дар сохтани тавилаҳои нав ва фатҳи соҳилҳои сабзу хуррами он бари Зарнисор, ки он маҳдударо Чаманзор меномид, анҷом нахоҳад дод. Неруи ин ёварон ҳарчи бисёр бошад, осонтару зудтар ба муроду мақсуди деринааш хоҳад расид.

Ниҳоят, нигаҳбони нахустин работи гузар шиҳаи баланд кашида, бо дав то назди чашма омада таваққуф кард ва ба Рахши фартут, ки бо ин ҳол сари худро бо виқор боло бардошта меистод, пайғом расонд:

– Рустодори бузург! Қозиамон Пайкондам ва сарвари улоғон Гӯшдароз то дами гузар расиданд, ҳамин замон ба ҳузуратон ташриф меоваранд!

– Бисёр нағз! Ба ҳама ёдрас куну баро, ки барояшон эҳтиром гузоранд! Ҳеч аспу тое дум боло накунад, пӯза наёзонад, беҳуда шиҳа кашида доду бедод роҳ наандозад! То замоне, ки Гӯшдароз дар ҳузури ман аст, ҷонваре ба тавила наояд, ҳатто нагузоред, ки бегонае ба гузар роҳ ёбад!

– Чашм! – гуфт нигаҳбони қоматдори неруманд ва шиҳаи баланде кашида, гардан афрошта ба пас сарнишеб шуд.

– Таковар! – яке садо баланд кард Рахш ба сӯйи аспҳои қафо, ки мунтазир ба амр меистоданд. Аз миёни онҳо аспи ҷавони бовиқоре гардан афрохт. – Ту ба сари ошпазҳо бирав ва худат болои сарашон истода назорат кун, ки атолаи гандумиро хуб ба ҳам зада омода кунанд. Пас аз хӯришҳои хушк атоларо пешкаш кунед!

– Амри шумо воҷиб аст! Худам сар шуда ин фармоишро ба иҷро мерасонам! – бо итоат ҷавоб гардонд аспи қаҳваиранги ҷавон, ки раис вайро Таковар ном бурд. –

То пухтани атола дар сари ошпазон мемонам! – Ин асп низ шиҳаи баланде сар дода, бо роҳрави самти рост ба сӯйи матбахи умумӣ шитофт.

Ҳамин дам аз самти поин сару гардани ғафси Пайкондам ва аз паси вай гӯшҳои баланди Гӯшдароз, ки аз нисф хам шуда кашол меистоданд ва кам-кам меҷунбиданд, намудор шуд. Асари пирӣ буд магар, оҳиста-оҳиста по бардошта меомаданд, роҳравии беист аз гузарҳои саргаҳ то гузари кунҷи Аспобод ҳар дуро хастаю шалпар карда буд. Баробари расидан аввал Рахш бо хушҳолӣ ба меҳмонони худ гардан ба гардан монда вохӯрӣ кард, ба такрор «Хуш омадед!», «Сафо овардед!»-гӯён, онҳоро ба самти тавила муроот намуд. Аз пайи ӯ Шабдезу Пашмина ва дигар наздикони Рахш низ арзи эҳтиром ба ҷо оварданд. Гӯшдароз фукашро ба боло кашида бо худ меболид, дар канори Пайкондам қадамзанон саъй мекард хешро ба мисли зоти асп мағруру гарданфароз нишон диҳад. Пашминаи обистан ин такаббури ӯро дида шумханд мезад, сар аз кафали Шабдез набардошта аз хаёл гузаронд: «Мисли ин ки чӯб ба лонаи занбӯр мезанад, оқибаташ ба хайр ояд...» Баробари дохили тавила шудан Пайкондаму Гӯшдароз пӯзаҳои худро то нисф ба новадонҳо зада об дам кашиданд. Рахш ба суфаи пешгаҳ баромад ва танҳо аз ин маснад рӯ ба рӯйи тозаомадагон қарор гирифта, аз дил сухан гуфт:

– Кори бузурге анҷом додӣ, Гӯшдароз, ту ба ҷони мо оро бахшидӣ! Аз ҳама саъю талошат огоҳ ҳастам, гузарҳои моро бо хар пур кардӣ, боракаллоҳ! Ман хотирҷамъ шудам, акнун бо ёрии туву зердастонат ва таҳти раҳбарии Пайкондам ба чаманзори он бари Зарнисор даст хоҳем ёфт.

– Ҳатман, ҳатман ҳамин тавр хоҳад шуд! – дар тасдиқи сухани раис гуфт Пайкондам. – Аз ин пас дар канори харҳо аз аспон низ кор мекашем, аробаҳоро ба лигом мебандем. Шумо ба орзуи деринаи худ, албатта, мерасед!

Гӯшдароз илова кард:

– Рост аст, қозии арҷманд дуруст фармуданд, мо дар

хидмати шумо ҳастем, бузургвор! То курраҳои дусола – ҳамаро ба зери кор мебарем. Аз он, ки маслиҳати ин бандаи оҷизатонро қабул фармудаед, сарам ба осмон расид. Адаби Ёлдору ҳамсафонашро доданатон айни муддао шудааст.

– Кори мо иттифоқӣ мехоҳад, на зулму зӯроварӣ! Аз ин пас ҳар ҷонваре мақомашро сӯиистифода кунад ҳатман ҷазо мегирад, бигузор ҷазоёбии Ёлдор барои дигарон дарси ибрат шавад. Мо қарор кардем дар ҳар як гузари Аспобод як ҷамоатеро аз харон таъсис диҳем. Ба он ҷамоатҳо то зиндаӣ худат сару сарвар мешавӣ, Гӯшдароз! Як хархонаи бузургеро ҳам дар соҳили Хурӯшон месозем, то ки бародаронамон шароити хуби истироҳат ва хобу хез дошта бошанд. Сарпарастии ин корро Шабдез ба уҳда мегирад. Шумо ки ба мо ёрӣ мерасонед, мо низ пайваста ҳавои шуморо хоҳем дошт!

– Лутф доред, мо навкари рустодори олиҷоҳ ҳастем, Худо бароятон умри баланд диҳад!

Бо ин гуфтугӯҳо ҳама ба нӯшхори ҷаву шӯраҳои хушмазаи охурчаҳо руҷуъ карданд. Дар дили шомхӯрӣ ногаҳон аз остонаи дар садои Таковар баланд шуд:

– Рустодори бузургвор, атоларо кашидем!

– Боракаллоҳ! Биёред, аввал ба қозӣ Пайкондам ва саркори харони заҳматкаш Гӯшдарози бародар пешкаш намоед!..

* * *

Бо ҳидояту роҳнамоиҳои қозӣ Пайкондам корҳои пулсозӣ ба авҷ идома меёфт. Акнун дар байни бошандагони Аспобод шиори «бародарӣ – баробарӣ» роиҷ шуд. Бӯзинаҳои русто ба думи аспон низ аробаҳои боркаширо бастанд. Хару аспу хачирҳо – чи нару чи мода, чи хурду чи калон, бо ҳам ба кашондани хоку гилу сангу шохаву болору сутунҳо... часпиданд. Дар ин миён аз гӯшаю канори гузарҳо бештар садои ар-ару ҳанг-ҳанги харон ба гӯш мерасид, гумон мекунӣ, ҳар як маҳал табдил ба

харистон шудааст. Гӯшдароз ҳамтоёни худро бо навбат ба кор мегирифт, дигар мисли Ёлдор аспе набуд, ки аз як сар ҳамаи онҳоро машғул дорад. Аз ин рӯ, кабки харони пешинаю тозаомада мехонд, сафи бекорони онҳо аз машғулбудагон зиёдтар буд. Ба ҳар ҷое нигоҳ меуфтод, харе ё куррае сайругашт мекард, онҳо ҷастухезкунон пойи хурсандӣ ба замин мезаданду доди ҳангос ба осмон…

Ҳарчанд аксари аспони бумӣ аз пайи тааддию муҷозоти сарварон ба тарсу ҳарос омада буданд, ҳанӯз ҳам чандин аспи худогоҳ намехостанд ҳайсияту[59] асолати худро аз даст диҳанд. Онҳо тавонистанд танҳо то як ҳафта таҳаммул кунанд, маҷбур шуданд дандон ба дандон монда, ҳама ҳою ҳуйи шодиомези гӯшдарозонро бардошта гарданд. Шаби рӯзи ҳафтум даромаду аспони худогоҳ бо беқарорӣ қарори мулоқот карданд ва дар селобрави дараи Ниҳондара, ки аз чашми ҳама пинҳон буд, гирдиҳам омаданд. Бештар аспони хунгарму шуҷоъ ва онҳое, ки аслашон зотӣ буд, аз гузарҳои Бодпой, Тавсан, Ҷурда, Саманд ҷамъ шуданд. Суҳбати маҳрамона, таъйини роҳкори баъдина сурат гирифт. Калонсолтарин аспи бодпойӣ, ки Шуҷоъ ном дошт, бо шӯр гуфт:

– Қисматро бовар кунам ё ар-ари харро? Бо ин ҳол рустодорамон моро ба бунбаст мебарад, кам-кам аз мои соҳиб чизе намемонад! Ман мегӯяму шумо ба ҳар ду гӯшатон бишнавед, ошноён! Ин чӣ гап, аз миён як фасли сол нагузашта мо аз чандин ҳамроҳу пештози тавонои худ ҷудо шудем. Барои чӣ? Ба хотири чӣ? Ин гӯшдарозу ҳангиҳои дарбадар ба ҷони мо бало шуданд, ба ҳар куҷо нигоҳ мекунӣ аз ин зоти бадрехт ба чашмат мехӯрад, гӯё замин кафида каллаи хар баромадааст. Фикр мекунанд ин ҷо манзилу макони худашон аст, аз ҷавлон задану хушҳолӣ кардан сар намебардоранд. Имрӯз ба ин разилон ҳарф заню бин! Сарварони худамон ҳамон замон ҳам ҷазо медиҳанд, ҳам кафши поятро дар пешат мегузоранд. Магар мешавад бо ин ҳол муросо кард?!

[59] **Ҳайсият** – эътибор, обрӯ

Байтали ҷасури тавсанӣ ба исми Шабнам, ки бо зиракӣ ва ҳушёрии худ доиман дар саргаҳи Аспобод мегашт ва пайваста ба аспони дигар роҳкор нишон медод, аз шӯру қиёми Шуҷоъ ҷонибдорӣ карда гуфт:

– Ҳар як сухани бародарамон ҳақиқат аст! Аз хоби гарон бархезед, самандҳои далеру пурдил! Мо набояд ба тақдири дӯстони шиканҷадидаамон бетараф бимонем, ин ниҳояти тарсуӣ ва лаинӣ аст! Ҳеч ба ақлам намегунҷад, наход ки ба хотири ду-се хари бемоя мо азият кашем?! Ин чӣ бедодӣ аст, ин чӣ бетараҳҳумӣ аст, азизон?! Ҳоло фурсат дорем, бояд аз пайи Шуҷоъи бародар равем, дар ин дамҳое, ки ба сарамон мусибат уфтодааст, бо ҳам бошем, сарҷамъ шуда одоби ин аблаҳонро диҳем!

– Бале, ин меҳмонони нохондаро мезанем, аз рустоямон меронем! – бо таъкид гуфт Шуҷоъ.

Тӯдаи аспони ошӯбгар ба ӯ ҳамовоз шуда, чанд бор бо садои расо такрор карданд: «Мезанем, аз рустоямон меронем!», «Мезанем...!»

Миёнаҳои моҳи сафар буд. Нахустин ҳафтаи фасли поиз ба поён мерасид. Пайкондам мехост то расидани фасли сармо тамоми корҳои сохтусоз ва роҳкушоӣ ба Чаманзорро ба итмом расонад. Чун медонист ҳадафи аслии рустодор Рахш низ то зимистон даст ёфтан ба он бари Зарнисор аст, аз ҳар сӯ неру ҷамъ карда, бо ҷидду ҷаҳд ба пулсозӣ часпид. Вай бештар ба раҳбарони ҷамоатҳои харон бовар мекард ва аз субҳ то шом бо онҳо сарукор дошт. Барояш бетафовут буд, ки онҳо чӣ гуна боркашу борбаронро ба кашидану бурдани маводу ашё ҷалб мекунанд. Ин бепарвоии қозӣ табъи дили Гӯшдарозу ҳамсафонаш буд. Гӯё ки аз зоти асп қасд мегирифтанд, як дар миёни харон аспону хачирони маҳаллиро низ ба вазнинтарин корҳо машғул медоштанд.

Боре ҳангоми бурдани як тӯб дарахти болорӣ дар фарози Даҳана аробаи бор ба ду аспи ҷилавдор сангинӣ кард. Ду-се қадам ба охири баландӣ монда буд, ки пойҳои ҳар ду рӯйи ҳам печида, бо зарб ба пас, ба бо-

лои теғаҳои ароба чаппа шуданд ва ҳамоно, ҳамагӣ бо борубуна ба қафо лағжида рафтанд. Бо дидани ин ҳолат боқимонда аспу харони қофилаи борбар дар ҷойи худ ба мисли сутун беҳаракат монданд. Аспони аробакаш таҳу боло дар васати дарахтҳои болорӣ ва чархҳои ароба гир уфтода, ғелзанон, садоҳои гумбурросии баланд дардода, дар як фурсати кӯтоҳ то поён сарозер шуданд. Даҳшат! Бо сарозер рафтани ҷонварон садоҳои берабти тӯлонӣ аз пайи чарс-чурс шикастани буттаю дарахтҳои сари роҳ ва тарақ-туруқ ба ҳам хӯрдани сангу харсангҳо гӯшҳоро харошид, гарду хоки ғализе печида ба осмон баромад.

Оре, рӯйдоди мудҳише буд, ки ба вуқуъ пайваст! Аммо ба назар мерасид, ки ин воқеа барои гӯшдарозони пушту пеш тамошои муфте асту бас. Гӯё ҳодисаи табъи диламшон рух медод, онҳо сар ба боло ёзонда, бо хушҳолӣ ар-ури бепоёни шодимомез сар доданд. Барояшон на фақат чаппа шудани аробаю бораш, ҳамчунин «нотавонӣ»-и аспон хандаовар менамуд...

Дар ҳамин асно байтали солманде, ки ду каҷоваи пур аз сангро ба пушташ бор карда буданд, иҳҳасзанон ҳаракаташро дар роҳи танги Даҳана идома медод. Аз паси вай Хокбоз ва як хари дигар лагадзанону пӯза афшонда меомаданд. Гӯё дунё дасти онҳо буд, гоҳ-гоҳе бо садои баланд ҳангос зада, дараро ба сар мебардоштанд. Чун заъфи модиёнро ҳис кард, Хокбоз беирода фуки худро ба пушти вай часпонда, амиқ бӯй кашиду ду лаби кашолашро ба ду самт ёзонида, то мағзи ҷон нашъа бурд. Мазаи хуморшиканӣ камӣ кард магар, дар ҳавои кайф давр зада, кашидаю кушода лагади обдоре ба кафали байтал фуровард. Аз ин зӯрмандии Хокбоз дубора мавҷи хушҳолии тамошогарон ба осмон печид. Охир, ӯ дар гузари худ ҷамоати харонро сарварӣ мекард, ба ин ҳама қофилаи боркаш сарпараст буд! Чун лингзании хари калондимоғ ногаҳон сурат гирифт, байтали оҷиз яке худро ба пеш кашиду таодулро аз даст дод. Каҷоваҳои санг ба пушт ғеҷида вайро ба ақиб кашид. Аспи модиён

идораи борро бохт, ду пойи пешаш ба осмон тик шуд ва ҷуссаашро дошта натавониста, пуштнокӣ ба қафо уфтод. Ҳеч имдоде барояш нарасид, хост ҳаллос зада сари по рост шавад, аммо бор сангинӣ кард. Бо вазни худу каҷовахо ба самти чап якпаҳлу шуда, беист ба нишеби ҷар ғелида рафт. Ҳоли зору гирифтории байтал ба фалокат, дубора гулуи харони мастро ба хориш овард, ин дафъа ҳангоси хурсандиомези онҳо боз ҳам баландтар дар фазои фалак танин андохт…

Қазоро, дар авҷи ҳодисаи рӯйдода аз паси қофилаи борбар сару ёли Шуҷоъ ва Шабнам ба чашм хӯрд. Онҳо ҳамсафони қасосгири худро дусарӣ ба гузарҳо тақсим карда, худашон аз роҳи Даҳана ба самти маҳалли пулсозӣ мешитофтанд. Ногаҳон иттифоқоти ин ҷоро дида, ҳуш аз сарашон парид. Он чиз ба ҳар ду аламовар буд, ки гӯшдарозони бехонумони аз берун омада аспони маҳаллиро масхараю мазоҳ мекарданд, маргу фанои онҳоро дида аз хурсандӣ кулоҳ ба осмон мепартофтанд. Шуҷоъ пас аз расидан ба хамгашти Даҳана, ки ағбаеро мемонд, ҳар як ҳаракати зишти Хокбозро бо чашми сар дид. Дар ҳоле, ки хун ба сараш зада буд, ба Шабнам ишораи «ба пеш!» доду худаш низ бо тамоми неру ба дав гузашт. Вақте ки чорхез зада давида то назди Хокбоз омад, аллакай модиёни бечора ба зери ҷар сарнагун шуда буд. Ин ҳолат ва ҳою ҳуйи беохири харон ғазаби ӯро дучандон зиёд кард. Чун суръати бодро дошт, наистода, ба маҳзи расидан ба улоғи маст, лагади муҳкам ба шикамаш фуровард ва бо авҷи шитоб ба пеш гузашта рафт. Дар ин лаҳза аз қафо Шабнам низ онҳоро дарёфт ва амали рафиқашро такрор карда, аз ҷониби дигар лагади ҷонгире ба шиками Хокбоз кӯфт. Аз ин ҳамлаҳои ғайричашмдошт на фақат Хокбоз, ҳамчунин тамоми харони борбару роҳбалад дар ғафлат монда худро гум карданд. Кайфи сархар, ки бо шамидани аспи модиён ҳанӯз пароканда нашуда буд, яке аз байн рафт. Чун каворaи бузургу лингҳои қавӣ дошт, бо зарбаҳои ногаҳонӣ аз по

дарнарафт. Ба ду самт сахт калавида монд, вале боз ҳам сари ҷо истод. Чун дид Шуҷоъ аз роҳ баргашта дубора ба сӯяш ҳамла меоварад, дарҳол худро ба канор кашид ва гардани баландашро ба боло бардошта, дуруст аз мобайни гӯши асп газида гирифт. Шуҷоъ ин дафъа нарасид ба вай линг партояд, бо тамоми ҷон сарашро албонҷ дода, саъй кард гӯши асирашро аз зери дандонҳои хар, ки мисли анбур гоз мегирифт, раҳо созад. Ҷони асп ба дард омад. Аз даври лабу лунҷи Хокбоз бошад, беист хун мечакид, аммо намехост гӯши самандро раҳо кунад. Дар ҳоле, ки қабат-қабати якдигар ба пеш мехазиданд, Шабнам ба пас гашт ва йӯрғазанон ба имдоди асп шитофт. Вай бо ҳавли ҷон, ҳамаро дар шигифт андохта, бо дав омаду ду пой ба рӯйи сурини хар гузошт ва сумҳои шахшӯли худро халонда, ҳарчи ҷон дошт, ба тани гӯшдароз фишор овард. Хокбоз дар пушт дарди ҷонкоҳеро ҳис карду ноилоҷ даст аз асп бардошт, даҳонашро боз карду гӯши хуншори Шуҷоъро ба ҳоли худ гузошт. Шуҷоъ каме пештар гузашт, аз ниҳояти дарди ҷонсӯз сар хам карда каме таваққуф намуд, вале зуд ба худ омад ва бо ҷаҳд дубора ба ақиб баргашт. Дигар вайро шинохтан амри муҳол буд, аз фарти асабоният ба хашм омада, чашмонаш хунину дандонҳои калон-калони сапедаш гӯё дар беруни пӯза менамуданд. Бо ҳамон ошуфтагӣ шиҳаи баланде сар дод ва ду пойи пешашро ба осмон бардошта, то ҷое, ки ҷон дар рамақ дошт, бо поҳои ҷуфтшуда ба сари Хокбоз фуровард. Хари гирифтор, ки бе он ҳам дар зери тазйиқи Шабнам монда буд, дигар билкул мувозанатро гум кард, ҳар чӣ дар олами рӯшноӣ буд, чун ғилдиракҳои ароба дар даври чашмонаш чарх мезад, ҷуз шабаҳҳои сиёҳӣ дигар чизеро намедид. Ин зарбаи муҳликоваре буд, ки батамом худро гум кард ва бо ҳамин ҳолати залил ҷуссаи шикамдори гарданбаландаш ба таҳи ҷар сарозер рафт. Харҳои пасу пеш, ки то чанде пеш даҳони бефаровези худро ба осмон бардошта, шикамҳояшонро дошта шодмонӣ мекарданд, гӯё ки аз осмон ба сарҳояшон

санг борида бошад, беовозу дар худ гирифта ба ҳар гӯша паноҳ бурданд. Танҳо хару аспони бордор роҳи худро ба самти коргоҳи пулсозӣ идома доданд, намехостанд аз ин бештар дар зери бори сангин маҷақ шаванд...

* * *

Аз гурӯҳи ошӯбгар ду аспи неруманд бо исмҳои Уқоб ва Баҳром барои назорати гузарҳои Якрону Раҳвор гумошта шуданд. Онҳо саҳарии барвақт, бо дилҳои беқарору оғуштаи боди исён ва қасосхоҳӣ ба маҳалли корзори нав давида омаданд.

Дар канори рӯди камарзи Хурӯшон, ки аз марзи гузарҳои Якрону Раҳвор гузашта обашро ба рӯди Зарнисор мерехт, бо дастури Рахш ба бунёд кардани тавилаи бузурге оғоз намуда буданд. Инро махсус барои харони тозаомада месохтанд. Корҳои сохтусози ин хархонаро Шабдез сарпарастӣ мекард. Аз ин рӯ, вай гузари Симгунро гузошта, бо Пашмина дар қисмати болооби Хурӯшон дар тавилаи хушсохти муҷазе маскун шуд. Кори ба уҳда гирифтаи вай аз тарҳи пулсозӣ камтар набуд. Дар ин ҷо ҳам мебоист неруи калони кориро ба истифода бигиранд. Аз ин хотир, барои роҳандозӣ ва назорати корҳо ба ёрии Пашминааш, ҳарчанд ҳомила буд, хеле ниёз дошт. Мехост бо дасти худи харҳо тавилаи навро сохта гирад.

Шуҷоъ аз ишқи Шабдез огоҳ буд ва ба хубӣ медонист, ки маъшуқаи вай Пашмина бо вуҷуди табиати мулоимаш, хеле зарангу найрангбоз аст. Аз ин рӯ, ба ҳамразмони худ таъкид кард, то ки ба хурдтарин рухдоду доду гирифту рафту омадҳо таваҷҷуҳ намоянд. Уқоб ва Баҳром, ҳамон тавре ки гумон мебурданд, баробари наздик шудан ба маҳалли сохтусоз, аспони боркашро дида монданд. Дар канори аспони солманд тойҳои ду-сесола низ по чида-по чида каҷовaҳои пури санг ва лингаҳои чӯбу найро мебурданд. Тааҷҷубовар он буд, ки чандин хар дар атроф ва дар марғзори соҳилҳои Хурӯшон ба майли хотир гаштугузор мекарданд. Ин манзараи хунук ҳар

дуро ба фиғон овард. Бо ғазаби рӯйрост қулоч кашида ба самти харони озод давиданд. Аз ду ҷиҳат, ҳар чи маркаби бесар буд, ба як ҷо ҷамъ оварда, бо шиҳакашиҳои баланд ва сару позаниҳои бераҳмона онҳоро ронда то назди анбори боргузорӣ бурданд. Давутози харону ду аспи таъқибкунанда ба дараҷае сахт буд, ки гирду бар батамом оғуштаи гарду хок шуд, бӯзинаҳое, ки омодаи боргирии сутурон меистоданд, аз ниҳояти боди шадиди олуда сару суратҳояшонро баста, дар ҷойҳои худ нишаста монданд. Баробари расидан ба назди онҳо, Уқоб дод зад:

– Барои чӣ танҳо аспон бор мекашанд?! Пас, ин ландаҳурҳо чӣ кораанд?!

Бӯзинаҳо ҳанӯз ҳарфе назада, аз миёни гӯшдарозон як модахари болобаланд пӯзаашро афшонда ар-ар садо баланд кард ва гуфт:

– Шумо чикораед, ки ба мо зӯрӣ мекунед? Мақоматон аз Шабдези раҳбар ҳам болотар аст магар?

Уқоб тоқати шунидани ин эътирозро надошт. Бе истиҳола ёли худро афшонда, ғазабнок ба болои хар чорхез зад. Лаҳзаи чашм кушода бастан нагузашту аз зарби линги ӯ модахар бо он кавораи бузургаш ба замин яксон шуд ва дар паҳнои хокбод чанд бор ғел зада рафт. Харҳои дигар низ аз тарси шаллоқ хӯрдан ба тарафи муқобил дуртар гурехтанд. Уқоб бо ин зарба қонеъ нашуда, бори дигар ҳар ду пойи пешашро ҷуфт карда, бо тамоми неру ба синаи хари ғелида фуровард. Модахар чаҳор по дар осмон беист ларзида-ларзида по афшонд ва дигар ба худ наомада аз ҷунбиш монд. Саркоргари бӯзинаҳои борзан бо дидани ҳоли низори вай бо овози кам ба ҳамраҳони худ гуфт:

– Мурд.

– Ҳар харе саркашӣ кунад, ба ин ҳол гирифтор хоҳад шуд! – то омадани ҳамроҳи худ шердилона ба сухан даромад Баҳром ва ба ҷониби бӯзинаҳо рӯ оварда афзуд: – Мо дигар набинем аспҳо кор кунанду харҳо кайфу сафо!

Ҳамон нафари саркоргар гуфт:

– Бубахшед, мо аз Худо мехоҳем, ки улоғҳоро ба боркашӣ андозем. Барои худамон ҳам боргузорӣ ба хар ду баробар осонтар аст! Афсус ки Шабдези мӯсафед аз гапи Пашминаи дӯстдоштааш намебароояд…

Баҳром гуфт:

– Шумоҳо як умр нони моро хӯрдаед! Наход ки имрӯз ба рӯямон по гузоштан мехоҳед? Пас, он ҳама рафоқат куҷо шуд? Ба гӯшдарозони дайдуи дирӯзомада раҳматон омад?

– На, ин тавр нест! Ҳақиқат ин, ки мо ҳамеша дастури сарварамонро анҷом додаем.

– Яъне, агар сарваратон гӯяд, худатро аз бом парто – мепартоӣ?

Як лаҳза хомӯшӣ ба миён омад. Бӯзинаҳои дигар низ гоҳ ба саргурӯҳи худ, гоҳе ба Баҳром чашм дӯхта, бо дудилагӣ надонистанд чӣ ҷавобе ба асп диҳанд. Фурсате гузашту як бӯзинаи пир, ки аз ниҳояти қадди хамида нӯки ангуштонаш заминро мехарошид ва ду синаи овезонаш ба мисли халтаҳои дӯғ ҷунбида меистоданд, ҳайратангез пурсид:

– Шумо чӣ мефармоед, ба дастурҳои Шабдез гӯш надиҳем?

То ин ҷойи суҳбат Уқоб низ баргашту омад. Аз дасти ошуфтагӣ наметавонист сари чор по қарор гирад. Агар Баҳром ишораи ором бошро намекард, омода буд дубора ба сари харҳои дигар ҳамла оварад.

– Ҳадди ақал, дар паҳлуи аспон ба ин харҳои дайду низ бор занед! – ба бӯзинаи пир рӯ оварда гуфт Баҳром. – Барои чӣ инҳо ба фароғат машғуланд, наметавонед ҷамъ карда ба сари бор биёваред?

Уқоб тоқат накарда давида омаду ҷилави ду байталро, ки тоза каҷовахои онҳоро бо санг пур карда буданд, гирифт ва ба саркоргари бӯзинаҳо амр дод:

– Ҳамин ҳозир инҳоро аз бор озод кун! Имрӯз дигар аспе бор намекашад, фаҳмидӣ чӣ мегӯям?!

Саркоргар бо ҳарос ҷавоб дод:

– Ба чашм! Дигар ба аспон бор намезанем!

Тамоми бӯзинаҳо аз нав ба кор часпиданд. Дар як фурсати кӯтоҳ ҳама харони хурду бузурги ҷамъшударо ба зери бор кашиданд. Пайи ҳам дулингаҳои най, ходаю чӯбҳои вассагию болорӣ, санги каҷоваҳо, ҳезумҳои тару хушк ба пушти гӯшдарозоне, ки то ин дам дами роҳату осудагӣ мезаданд, боргирӣ шуд ва қофилаи нави харони борбар ба ҷониби маҳалли сохтмон роҳ пеш гирифт. Танҳо пас аз роҳ уфтодани корвони харон Уқобу Баҳром аз кори худ мамнун, ба ақиб гаштанд ва ба тарафи рӯди Зарнисор, ки қарор буд бо дӯстони худ дар маҳалли пули нав мулоқот кунанд, чорхез заданд.

* * *

Чун корд ба устухон расид, косаи сабр лабрез шуд. Аспони худогоҳ дигар тоқати дидану шунидани ҳаловат ва ар-урҳои шодиомези харонро надоштанд, ҳар талоше аз дасташон меомад, бар зидди онҳо анҷом медоданд. Бо дастури Шуҷоъ се аспи исёнгар ба самти гузари Бодпой сарнишеб шуданд. Дар он ҷо модахари пир – Ахрами хабаркаш бо дастаи курраҳо нишеман гирифта буд. Рустодор Рахш бо машварати Гӯшдароз барояшон тамоми шароитро фароҳам кунонд. Дастур дод, ки то бузург шудани курраҳо ҳеч ҷонваре ба онҳо кор нафармояд. Якчанд бӯзинаи хидматкор низ хӯрду хӯрок ва имконоти хобу хези онҳоро таъмин мекарданд.

Се аспи якрон, ки гӯё бо қадду басти шабеҳ, сурхрангӣ ва ёлу думҳои сапед мисли сегоник ба назар метофтанд, ҳанӯз равшании Офтоб надамида вориди гузари Бодпой шуданд. Гӯшае бо манзараи дилкаш, буттаю арчазори сарсабз… Боди маҳину диловез баданҳоро навозиш медиҳад, садои шар-шари муназзами об мисли мусиқии ноз ба гӯш менишинад… Воқеан, хилватгоҳест холӣ аз ҳама ташвишҳои рӯзгор!

– Ваҳ, чи сафою чи навое, хуш ба ҳолатон, гӯшдарозони хуштакдир! – садо баланд кард аспи пештоз Шабоҳанг. – Хурду калон бо сохтусозу гирумони зиндагӣ овора, инҳо

ғарқ дар ҳавои роҳату фароғат шудаанд, хуш ба ҳолатон!

Дар идомаи сухани ӯ ҳамроҳаш Ҷавлон бо илҳом илова кард:

*Ба изни Худои сабури алим,*
*Расидаст як хар ба ҷойи азим!*

Рафиқи сеюми онҳо Паланг натавонист хашми худро нигаҳ дорад. Бо кибри ҳамешагӣ сарашро ба осмон ёзонда шиҳаи тӯлонӣ кашид ва бо зарда гуфт:

– Мисли ин ки хонаи падарашон аст, курраҳои лаин! Инҳоро аз як сар бояд зада маъюб кунем, афту ангори зишташон ҳамчун теғ то ҷигар мехалад!

Шабоҳанг фавран аз роҳи муросо овоз дод:

– Не, ҳаргиз ин корро накун! Паланг бояд бо шеру палангон биразмад, на бо бачаякони онҳо. Мо ба қасди Ахрам омадаем, он хабаркаши ҷосусро сар занем кифоя аст.

Ҳар се ба дав гузаштанд. Ба маҳзи пайдо шудани онҳо дар чаманзори асосӣ, курраҳои фориғбол ба ҳарос уфтоданд ва ҳамоно думҳои хурди худро хода карда, пойҳои кӯтоҳи аллакай фарбеҳшудаашонро дар бағал гирифта, ба чор сӯ парешон шуданд. Чанд курра мустақим ба ҷониби хиргоҳи Ахрам фирор карданд, ки мақсади аспон ҳам он ҷо буд. Аз талотуми ногаҳонӣ Ахрами хоб ба худ омад, аз паси курраҳои ларзону ҳаросон меҳмонони нохондаи хешро диду дар шигифт монд. Каворай вазнини худро аз рӯйи коҳу бедаҳои хушк бардошта, бо шитоб ба пешвозашон баромад. Аспҳо вайро ҳалқасон печонида гирифтанд, нагузоштанд, ки ҳатто як қадам аз назди хиргаҳ дур равад. Модахари пир чашмони хунгирифтаи аспонро дида ба изтироб омад, дарҳол аз зеҳнаш гузаронд, ки онҳо дар пайи қасос ҳастанд. Ба хотири кумак хостан буд ё аз тарс, беихтиёр сахт-сахт сару гардан ҷунбонида ба ҳангос даромад ва дар ҳоле ки тамоми баданаш то буҷулакҳои по меларзид, лабҳои кашоли дурушташро кеш дода гуфт:

– Шумо чӣ мехоҳед аз ман… Оё медонед, як тори мӯям кам шавад Ҳазрати Рахш ҳамаатонро ба чоҳи дӯзах меафканад? Номардӣ накунеду ба роҳи худ равед…

Дар ин ҷойи сухан лагади сангини Паланг ба фукаш фуромад ва ҳарфаш дар гулу монд. Ҳанӯз сарашро боло накарда буд, ки суми оҳанини Ҷавлон ба рӯйи бунаш нишаст. Хари пир сахт калавиду науфтод, вале ҳамон лаҳза гӯё бо путке ба паҳлуяш заданд, ки таодулро гум карду ба замин парчин шуд. Шабоҳанг аз зарбаи додаи худ мамнун ором-ором қадам ниҳода ба канор рафт. Ду ҳамроҳаш низ аз кӯфтан даст бардошта ба самти ӯ гузаштанд. Ахрам ба хок жӯлида, беҳушу бехаёл дар замини хушк, ки алуфаҳояш аллакай зарду заҳир шуда буданд, уфтода монд. Курраҳо то як санг роҳ гурехта, аз пушти дарахту буттаҳои боғ манзараро тамошо мекарданд. Ҳеч намефаҳмиданд, ки чаро сарварашонро аспон лату кӯб мекунанд.

– Ҳамин лаънатӣ ба ҳаёти бародари бузургамон Ёлдор зомин шуд, – ҳанӯз аз ғазаби худ нафуромада гуфт Ҷавлон, – то замоне, ки ин хабаркашҳои манҳус ҳастанд, мо рӯзгори ором нахоҳем дошт.

Ҳамин дам Ахрами яксоншуда дасту по ҷунбонд, талвосаи хестан кард. Ин ҳаракати бемавридаш дубора хуни Палангро ба ҷӯш овард. Аспи неруманди ҷавон аз ҷойи истод яке чорхез зад ва бо суръати бод давида то Ахрам расиду чаҳорпо ба болояш ҷаст. Модахари пир ин ҳамларо мунтазир набуд, баробари хӯрдани зарбаҳои ногаҳонӣ чандин бор ҳӯқу ӯккунон садоҳои дарднок бароварду дар ҷойи уфтодааш ҷон дод. Паланг нафаси роҳат кашид, шоду мамнун сар бардошта шиҳаи баланди хурсандиомез сар дод. Аз пайи ӯ Шабоҳангу Ҷавлон низ шодмон шиҳа кашида дар ҷойи истодаи худ ду-се бор давр заданд. Бо ин хушҳолӣ ҳар се аз гузари Бодпой хориҷ ва ба сӯйи коргоҳи пулсозӣ раҳсипор шуданд. Онҳо, ки сарболо ба ҷониби мағриб мерафтанд, Офтоби зарринтоб нурҳои беохири худро аз пушт ба сару дӯши аспони пирӯзманд мепошид. Дар қафо курраҳои бесаробон ҳайрону музтар ва чанд нафар бӯзинаи хидматкор бо завқу шӯри беинтиҳо дар чаманзори гузари Бодпой монданд...

* * *

Коргоҳи пулсозон пурсарусадо аст. Бештар ҳаёҳуи бӯзинаҳо гӯшҳоро кар мекунад. Онҳо дар миёни рӯди хушк даст ба даст дода, ба болои пояҳои муҳкам чӯбҳои болорӣ ва ба таври кӯндаланг васса дармечинанд. Як гурӯҳ дар пушти вассакорон қарор гирифта, зич карда, даста-даста пояҳои хушки найро мехобонанд. Аз қафои онҳо низ чанд дастбакори дигар аз рӯйи қабати най гили нимпаз мерезанд ва беист бар рӯйи гил роҳравон ин лояи охирро сахту сифт мекунанд. Бӯзинаҳо сари оби рӯдро устокорона ба дигар самт гардонида буданд. Акнун оби рӯди пурхурӯши Зарнисор ба ҷӯйбори тангбари муваққатан кофтаашон чап дода, пас аз саду анде қадам ҷараёни худро дубора дар роҳи аслиаш идома медод. Аз дасти шавқуну ҳаёҳуи издиҳоми машғул ба кор, садои об қариб ки шунида намешавад…

Суфаи баланду паҳни канори рӯд маҳалли боздиди сарвари пулсозон Қозӣ Пайкондам аст. Ӯ бодиққат рафтуомади хару аспони боркаш, кору тараддудҳои бӯзинаҳои хидматкорро, ки фуровардани борҳои расида, сохтусози пул, омодасозии обу алаф ва наҳори ҳашарчиёнро анҷом медоданд, назорат мекунад. Гӯшдароз низ дар паҳлуи ӯст, беист ба замин по мезанад, ҳарчанд ҳеч пашаю ғӯрамагаси музоҳим нест, сару гӯшҳояшро албонҷ дода меистад. Ҳар гоҳ медид, аспе каҷоваи сангу шағал ба пушт дорад ё ароба мекашад ё чӯбу най мекашонад, хурсанд шуда, дар вуҷуди худ роҳату ҳаловатеро ҳис мекард. «Худоро шукр ба ин рӯзҳо ҳам расидем, – аз дил мегузаронд вай, – бояд коре кунем, ки ин аспҳои аз худрафта бо ҳама авлодашон ба навкарии мо гузаранд. Ҳа, феълан каме зуд аст, набояд шитоб кард, аввал ба боварии Рахши пир бояд даромад. Ҳар гоҳ гузарҳоро пурра соҳиб бишавем, он вақт ба сарварӣ хоҳем гузашт…» Қозӣ Пайкондам бошад, аз ин дарундории хари пешкор хабаре надошт. Ӯро чун мулозими содиқ қабул карда, дар чеҳрааш наҷотбахши Рахши бузургро медид ва ба мисли

рустодор бо тамоми вуҷуд орзуи ба он соҳили Зарнисор расиданро дар дил мепарварид...

Дар байни ҷӯшу хурӯши кор ногаҳон бо шӯру валвала сару ёли Шуҷоъ ва аз дунболи вай лек-лекон Шабнам пайдо шуд. Ҳар ду то назди суфаи назорат омада, дар ҷойи худ даврзанону чанде по ба замин кӯфтанду ором шуданд. Дар канори тӯдаи аспони боркаш беихтиёр нигоҳи Шуҷоъ ба соябони тӯлонӣ уфтод, ки дар он ҷо як гала хар бо нӯшхор кардани алуфаю шӯраҳои хушк ва кумур-кумур ҷавидани ҷав машғул буданд. Хун ба сараш зад, тоқат накарда шиҳаи ҷонсӯзе ба осмон сар дод ва ба ҷониби Пайкондаму Гӯшдарози шигифтзада рӯ оварда бо тамоми овоз гуфт:

– Эй қозии адолатпеша! Адлу доде, ки ҳамеша аз он ёд мекунӣ, ҳамин аст?! Ин ҳама гӯшдарозро барои истироҳат ҷамъ овардӣ? Дунё воруна шудааст, бародарони мо чӣ гуноҳ доштанд? Чаро ҳама кори сангин ба дӯши аспон аст? Ин чӣ бедодие дар ҳаққи мост?!

Дар айни замон Шабнам низ сар боло кард ва азбаски дар миёни аспон ба мисли Ҷавлон бо суханҳои шоиронааш шуҳрат дошт, суханашро бо ин мисраъҳо оғоз кард:

*– Харон бо харият аҷин гаштаанд,*
*Харон ҳокими ин замин гаштаанд?!*

Қозии бузургвор, мо аз шумову сарварон ҳеч гоҳ ин гуна умед надоштем! Болои ин ҳама боркашӣ, чанде аз ин гӯшдарозони бефаросат дӯстони моро мазоҳ мекарданд, хандаю садоҳои масхараомезашон осмонро мегирифт, ҳатто ба номусашон расида бетарбиятиҳо мекарданд. Хуб шуд, ки мо бамавқеъ расида омадем ва адаби Хокбози бетамизро додем!

Қозӣ Пайкондам каме пештар омад ва чашмҳои калони худро калонтар боз карда, нӯки фукашро ба боло кашида, каме бо итоб ба сухан даромад:

– Магар воқеае шуда, ки мо бехабарем? Ин чӣ доду бедодгарист?!

– Шумо аз корҳои дунё бехабар, – шӯраш накоҳида гуфт Шуҷоъ, – ду аспи нерўманди боркаши моро ин касифон ба он дунё фиристоданд! Лутфан биравед, устухонҳои онҳоро аз ҷари Даҳана ҷамъ кунед! Гӯё коре нашуда, худро ба нодонӣ мезанед, магар ин ҳама кайфу сафо фақат барои харон равост? Дар дами фукатона-а!

– Бисёр гап мезанӣ, Шуҷоъ! – дигар сабри Қозӣ Пайкондам низ кам-кам сар мерафт ва ба хусус, радду бадал шудани ин ҳама гуфтугузор дар назди Гӯшдароз, ки аз дӯстону гумоштаҳои наздики рустодор буд, ӯро ба таҳлука овард. – Ё хафа шав, ё ман хафаат мекунам!

Тайи муддате, ки дар байни аспон ҷарру баҳс авҷ мегирифт, аз чор сӯ харони хурду калон, ки шоҳиди ҳодисаҳои гӯшношунид шуда буданд ва ҳамчунин ёварони Шуҷоъ аз маҳалҳои амалиёти худ дар назди коргоҳи пули Зарнисор ҷамъ омаданд. Фурсати як думбардорӣ нагузашта, доду фарёди берабту ғалоғулаи гӯшгир ба фалак печид. Саг соҳибашро намешинохт: аз як сӯ харону курраҳо фиғону ҳасраткунон дод мечустанд, аз ҷониби дигар, аспони худогоҳ шиҳакашон ба сари Қозӣ Пайкондам ва чанд сар аспи муҳофизи вай, ки аллакай дар гирдаш ҳозир шуда буданд, озодӣ аз корҳои вазнинро дархост менамуданд.

Қозӣ Пайкондам маъракаро барои худ танг дид. Вақте ки шикояти харонро дар хусуси кушта шудани гӯшдарозони «бегуноҳ» шунид ва дар ҷиҳати муқобил низ исёни аспонро медид, дигар ҳарфе назада, ба Гӯшдароз ишораи рафтан кард ва дар иҳотаи муҳофизон сар ба ҷониби фарози деҳа, ба тарафи гузари Симгун бурданд. Дар воқеъ, онҳо бе пӯшт-пӯшт аз майдони мунозираю муҳориба гурехта дармерафтанд. Аз ин амали қозӣ Шуҷоъ мутанаффир шуд, ба ҳамраҳони худ гуфт:

– Бубинед, кор ба куҷо кашид, қозии «адолатпеша» фирор мекунад!

Ба сухани ӯ Шабнам ҳамовоз шуда афзуд:

*Ай дӯст, биё, ки зарпарастӣ накунем,*
*Дар ҷамъи дурӯғ сарпарастӣ накунем.*
*То касби мақому сарвату моли ҳаром*
*Мо хар нашавем, харпарастӣ накунем!*

Аспон як лаҳза аз ин гуфтаи шоирона ба завқу ҳалҳала омаданд…

Дар ин миён кори пулсозӣ фалаҷ шуд. Бӯзинаҳо аз шӯру мағали ба похеста дар чодари биму ҳарос печида, ҳама корро раҳо карданд ва ба гӯшаю канор паноҳ ҷустанд. Дар соҳили рӯд, дар атрофи суфаи боздиду соябони тавил бошад, қиёмат-қоим ба амал омад. Галаи харон низ дигар аз гӯшдарозони малӯлу сарбазери дирӯза иборат набуд, ҳама дар канори ҳам ба қиём хестанд. Такопӯю талотӯби гӯшношуниду чашмнадид ба амал омад, афту дарафти бесобиқаи харону аспон рух дод! Азбаски ҷамъияти харон бисёр буд, аспони худогоҳ торафт таҳти лату кӯби бештар қарор гирифтанд. Шуҷоъ пай бурд, ки дар ин гуна вазъият аслан имкони муқобилат кардан мавҷуд нест, бо овози баланд ва ба шеваи худ дод зада аспонро ба фирор хонд:

– Бародарон! Ҷонамон азиз аст, зуд бошед, аз ин майдони дӯзах мебароем! Ин харони лингпарто аз худ рафтаанд, мо дафъаи дигар дамашонро паст хоҳем кард! Дигар илоҷи занозанӣ надорем, фирор кунед!

Бо ин даъват аспони саркашу исёнгар ҳар гуна зарбу лат ва гозгирию фишорҳои харони аз ҳавои ҳамдигар мастшударо таҳаммулкунон, бо пойи ланг, бо гӯшу думи порашудаю гардану баданҳои захмию хуншор базӯр аз майдон ба канор баромаданд. Дар паҳлуи Шуҷоъ, Шабнам, Уқоб, Баҳром, Шабоҳанг, Паланг ва чанд сар аспи дигар танҳо Ҷавлон ба чашм намерасид. Ҳангоми роҳи фирорро пеш гирифтан Паланг дар канори Шабоҳанг дав-давон бо ҳасрат ба забон омад:

– Афсус дӯсти шоири мо дар таҳи пойи ин ҷоҳилони ноҷинс монд. Лаънатиҳо чунон маҷақ карда бо лингҳои тарошаашон кӯфтанд, ки имкони наҷот додан наёфтам. Дар он набард фақат дуто маркаби золимро аз по даро-

вардам, дидам, ки зӯрӣ мекунанд, базӯр чапғалат дода, худро ба канор гирифтам.

– Шукр кун, ки аз он ҷаҳаннам ҷонамон дар амон монд! – ҳамоно садо баланд кард Шабоҳанг ва то хеле ҷо дур рафта дарёфтанд, ки ҷонваре аз қафо намеояд, ором шуданд. Шабоҳанг бо мароми худ роҳ гашта дар давоми суханаш гуфт: – Оқибати эрка кардан ҳамин, ҳанӯз се рӯз нагузашта ба болои сарамон баромаданд. Қозӣ ба рустодор чӣ мегӯяд – Худо медонад. Инҳо аз худ рафтанд, дигар ба мо рӯз нест, ба фикрам.

Шуҷоъ суханҳои ҳамраҳони худро шунида бо қотеият гуфт:

– Мо ҳам шикоят мекунем ва ҳам эътироз. Агар рустодор ба ҳарфамон гӯш кард чӣ хуб, агар ҷомаашро чаппа пӯшаду ҷазо муқаррар кунад, гила аз худаш! Аз ин ҷо мегурезем, паноҳгоҳе ёфта ҷомеаи худро месозем. Тарафдоронро гирди худ ҷамъ меоварем, ба хусус, аз бӯзинаҳо як тӯдаи ҳамрозу ҳамдастро бояд ташкил дод. Бо ёрии онҳо гоҳ-гоҳ шабехунҳо зада зиндагиро барояшон ҳаром мекунем. Он вақт додашонро ба Кайвон гӯянд!

– Бояд ҳушёр бошем, нашавад ки сарнавишти Ёлдору ҳамсафонаш ба сарамон ояд, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд Шабнам. – Рустодор неруи бисёр дорад, агар кор ба носериаш гирад, моро яксон мекунад!

Шуҷоъ билофосила афзуд:

– Худо нигаҳ дорад, ҳамин гапи наҳсро шамол аз даҳонат барад! Имрӯз мо амалиётамонро ба наҳви аҳсан анҷом додем, боракаллоҳ ба ҳар яки шумо! Ба гумон аст, ки имрӯз аксуламале зидди мо нишон диҳанд. Ба ҳар қароре оянд, фардо маълум мешавад. Мо акнун ба Ниҳондара бармегардем, бояд барои рӯзи дигар омодагӣ бубинем. Бидавед!

Гурӯҳи аспони худогоҳ гарду хоки пайроҳаҳои деҳаро ба осмон бардошта, гузарҳоро миёнбур карда, аз доманакӯҳҳои самти машриқ ба пушт, ба тарафи Ниҳондара гузашта рафтанд. Мебоист дар нишемангоҳи махфии худ паноҳ бурда, шабро ба рӯз расонанд…

* * *

Дар гузари Симгун гӯё рӯзи маҳшар барпо шуд. Аз паси Қозӣ Пайкондаму Гӯшдароз пайиҳам харони ба шӯромада, ҳатто як тӯда аспу бӯзинаҳо, ки гӯё ҳаловату роҳаташон аз ҷанҷолҳои ахир барҳам хӯрдааст, бо шӯру валвала ба даргоҳи рустодор фурӯ рехтанд. Рахши бузургвор бо он ҳама обрӯву шаҳомату сиёсаташ наметавонист бо як-ду ишора онҳоро хомӯш кунад. Ҳангосу ар-арҳои берабти дурудароз аз сангу харсангҳои дара акси садо дода, дуруст дар гӯши ӯ менишаст, ки ҳатто ҳис намекард овозаш аз даҳонаш мебарояд ё не. Танҳо пас аз он, ки ду-се муҳофизи тануманди вай худро ба миёни тӯдаи исёнгарон зада, ба гардану фуки бефаровези чанд гӯшдароз фуровароанд, сарусадои гала коҳиш ёфт ва як кам оромӣ ба миён омад. Рахш бо итоб ба Қозӣ Пайкондам рӯ оварда пурсид:

– Чӣ хабар, қозӣ, ин чӣ бедодгарист?

– Рустодори аъзам, ҳеч намефаҳмам ба аспони мо чӣ маризие расидааст! Ҳар қадар онҳоро ҷазо диҳем, ҳамон қадар бештар гарданкашу нофармон мешаванд. Мебинам, ки муҷозоти Ёлдору ҳамраҳонаш низ бароящон дарси ибрат нашуд.

– Дубора бар сари бародарони гӯшдароз давиданд? Боз кадом саркаш ҷуръат кард ба ин?

– Ин дафъа аз ҳад гузаронданд, рустодор! Ҳамон аспоне, ки ҳамеша ситоишашон мекардед – Шуҷоъ, Шабнам, Уқоб, Паланг, Баҳром, Шабоҳанг, Ҷавлон чанд сар ҳайвони худсарро ба худ ҳамроҳ гирифта ба сари дӯстонамон тохтаанд. Дар ҳама гузарҳои поин бедодию ҷабру зулм роҳ андохтаанд...

Дар миёни сухани қозӣ Гӯшдароз бо изтироб илова кард:

– Моро бубахшед, рустодори бузург, агар медонистем, ки мо боиси нороҳатии ҳамдеҳагонатон мешавем, ҳеч гоҳ дар ин ҷо намемондем. Дигар, давра бароямон танг шудааст барин, бо ин ҳол ҳатто як рӯзи дигар наметавонем дар каноратон бошем.

– Ту чиҳо мегӯйӣ, бародар? Қавлу қарори мо ма-

гар ҳамин буд? Ин тарафи корро ба ихтиёри ман гузор, лаҷоми ҳар як нофармонро кашида мемонам! Ӯҳ, лаънатиҳои якрав, гумон кардаанд дунё бесоҳиб аст!

– Не, не, ба хотири мо бародарони худро азобу азият надиҳед, ман аслан инро намехоҳам! – хеле зиракона бо нигоҳҳои андӯҳгин изҳор кард Гӯшдароз. – Чанд бор ин воқеа рух дод, тоқат кардем, вале ин бор… – Гӯшдароз вонамуд кард, ки хеле маҳзуну ғамгин аст, бо овози камтар афзуд: – Кушта шудани Хокбоз, Ахрам ва чандин бародару хоҳаронамон моро ба таҳлука овард. Афсус, ки дар ин ҷо ҳам осоиш наёфтем. Ба мо иҷоза диҳед ҳарчи зуд ба мулки худ баргардем, намехоҳам балои бадтаре ба сарамон ояд…

Рахш барошуфт. Аз ғояти ғазаб пӯсти кашоли сураташ то бехи чашмонаш кашида ва гӯшҳояш тик шуданд, аз нав бо ситез ба Қозӣ Пайкондам рӯ гардонд ва бо арбада гуфт:

– Ҳамеша ба ман гузориш медодӣ, ки тамоми корҳо рӯ ба роҳ аст, пас, ин ноумедӣ чарост, ин эътироз барои чӣ барпо шуд? Куҷоянд нозиронат, куҷо шуданд муҳофизони гузарҳо? Чаро аспон ин номаъқулиро кардаанд?

Қозӣ бори аввал ба чунин ғазаби рустодор рӯ ба рӯ мешуд. Гарчи бо шуҷоати ҳамешагӣ ва виқори доимӣ дар байни аспон як сару гардан боло буд, базӯр сухан ба лаб чид:

– Ба гуфтаи Шуҷоъ, мо беадолатӣ мекардаем, харонро гузошта аспонро ба кор кашидаем…

– Ҳо-о, ин тавр гӯй? Барояш нафаҳмондӣ, ки шиори мо «бародарӣ – баробарӣ» аст?

– Фурсати фаҳмонидан нашуд, рустодори аъзам. Наздик буд ҷамоати хару асп ба сарамон фурӯ резанд. То ин ҳад талотӯберо дар ҳаётам надидаам…

– Тарсидам, гӯй… Вой бар ҳоли мо, вой бар ҳоли мо барин аспони тарсу! Имрӯз бо ин рафторат устухонҳои пӯсидаи аҷдодро ба ларза овардӣ, қозӣ! Агар ту – бо ин ҳама савлату мақом аз як ҳамла битарсию фирор кунӣ, дигарон чӣ кор кунанд?

– Бубахшед маро, нахостам хунрезӣ шавад…

– Хунрезӣ бошад, акнун мешавад! Алмос, Шер,

Наҳанг, Наванд! – ногаҳон ба самти аспони муҳофизи худ рӯ гардонда дод зад Рахш. – Зуд бошед, як даста аспи чолоку қавиро ҷамъ кунед, ҳамин шаб ба сари он золимони саркаш бидавед, яке намонда ҳамаро асир бигиред ва ба назди ман биёваред! Ҳар кадом гардан тоб надиҳад, бикӯбеду ба ҷаҳаннам фиристед!

– Рустодори аъзам, оташи хашми худро фурӯ нишонед, медонед, дар вақти ҷаҳл тасмим намегиранд, баъд...

– Ту аз имрӯз пас ҳаққи ҳарф задан надорӣ! Хомӯш бошу бо чашми худ бубин ман чиҳо мекунам!

Қозӣ Пайкондам дам дар дарун монд. Аз ин гуфтугузор Гӯшдароз хушҳол шуд, хурсандии хешро базӯр пинҳон карда, ба маҳзи ин ки рустодор суханашро ба поён расонид, яке гардан афрохта, ба сӯйи галаи оромгаштаи харон рӯ оварду бо як арроси омирона гуфт:

– Шумо ҳама ба манзилҳои худ баргардед! Дигар ҳеч зӯрманде нороҳат намекунад, рустодори муҳтарам худашон ҷазои гарданкашонро медиҳад! Зинда бод, Рахши бузургвор!

– Зинда бод!

– Поянда бод, адолати рустодори аъзам!

– Поянда бод!

Тӯдаи беҳисоби ҷамъомада бо тамоми овоз Гӯшдарозро ҳамовозӣ карданд. Чаро ки бархӯрди рустодор ҳамаро ба шигифт оварда буд, бо гӯшҳои дарозу карнайии худ мешуниданд, ки ӯ харонро бениҳоят дӯст медорад, барояш чи хару чи асп – ҳама якеанд. Бо хушнудӣ гӯшу дум ҷунбонда, беист ба замини сахти санглох по кӯфта, гардан афрохта изҳори сипос карданд. Рахши болобаланди фартут низ бо қаноат кам-кам сару гардан афшонда, нигоҳҳои гарм ба ҷамъ меафканд. Аз самти мағриб Офтоб охирин нурҳои заррини худро гӯё фақат аз болои ӯ мерехт, ки ранги баданаш бо намои хос, бештар қирмизу зардгуна ба чашм метофт:

*Танаш пурнигор аз карон то карон,*
*Чу доғи гули сурх бар заъфарон...*[60]

[60] Байт аз Фирдавсӣ аст

* * *

Дар канори деҳаи Аспобод доманаҳои миёнкӯҳии Ниҳондараро низ чодари шаб пӯшонд. Гурӯҳи пешдасти Шуҷоъ ва наздики сӣ сар аспу тойҳои даванди ҳаводор ва як даста бӯзинаи сарсупурда баъд аз хӯрдани ғизои шом дар майдони хокие, ки аз се ҷониб бо қирраҳои кӯҳии пӯшишёфта аз харсангҳои азим иҳота мешуд, барои истироҳат дароз кашиданд. Танҳо чанд сар аспи ба бедорхобӣ хӯгирифта аҳёнан пиф-пиф садо дардода, аз хӯша ва решаҳои хушки гиёҳон кавшакунон қадам мезаданд. Ба ҷуз обшори якмароми рӯди хурдаки Ниҳондара, паноҳгоҳ худро ба оғӯши шаб дода, дигар ҳама сарусадои рӯзонаашро барои фардо зери сар гузошта буд. Таҳти ҳавои соф насими сабуке танутӯши аспони хастаю то ҷое абгоршударо мулоим молида мегузашт, ҳама дар худ роҳату осоиши ҷонбахшеро ҳис мекарданд...

Посе аз шаб гузашту ногаҳон замин ба ларза омад. Оромии шаб бо тақар-туқурҳои гӯшхароше, ки гӯё девҳо дуҳул мезаданд, иваз шуд. Ҳар як сӯроху рахнаи Ниҳондара бо садоҳои гӯшношуниди аспони ҳори шиҳакаш баста гардид. Паноҳҷустагони имшабаи дараи «махфӣ»-ро гӯё барқ гирифт. Ҳама аз дасти «соиқа»-и нобаҳангом ҷаҳидаю парида аз ҷо хестанд, нимхобу нимбедор сару гардани худро ба чор сӯ заданд. Мехостанд ҷони худро наҷот диҳанд, аммо натавонистанд дур бираванд: онҳоро аз ҳар сӯ меҳмонони нохондаи ҷаббор муҳосира карда буданд. Аз миёни торикӣ, аз ҷониби аспони ҳамлавар овози гӯшгире баланд шуд, ки як лаҳза ҳама сарусадо ба марг рафт:

– Борон! – дод зад сарвари муҳофизони Рахш, ки ба сарпарасти бӯзинаҳои ёвараш амр медод. – Аз як сар ҳамаро дастгир кунед! Шуҷоъ, Уқоб, Паланг! Ҳой аспони исёнгар! Ҳеч кадом муқобилат накунад, бо мулоимат сухан мегӯям, сар ба зер аз қафои мо биёед! Ҳар дар-

ду ҳасрате, ки доред, дар ҳузури Рахши бузургвор хоҳед гуфт. Коре накунед, ки мо ба ғазаб биёем!

Аммо аспи сарпараст азми қавии ҳамтоёни ошӯбгари худро нодида гирифт. Фикр мекард бо ин нидою дастур ҳамаро аз паси худ мебарад. Ба маҳзи ин, ки бӯзинаҳо бо бандҳои баланд барои гардан бастани аспони осӣ наздик шуданд, ғайримунтазира, ҳама дар зери зарбу лат монданд. Дар ҳоле, ки бе омодагии қаблӣ афту дарафтҳои таваккулӣ ба вуқуъ пайваст, аз миёни тӯдаи пошхӯрда садои Шуҷоъ баланд шуд:

– Алмос! Ту беҳтарину донотарин бародари мо ҳастӣ! Дар нерумандӣ аз аспи Рустами дастон камӣ надорӣ, бо сапедиат нури чашмҳоро мебарӣ, ҳатто дар ин шаби торик! Бубин, то имрӯз ҳама бароят эътимод кардаем ва дар канори рустодор ба ту низ, ки сарвари муҳофизонаш ҳастӣ, эҳтиром варзидаем. Хоҳишан, ба мо ҳамдастӣ кун, бо тамоми дастаат ба ҷониби мо гузар. Биё, мисли пештар аз як гиребон сар барорем, фуки ин харони тозаомадаи мастро бишканем! Онҳо набояд ба мо дастур диҳанд, набояд аз мо боло нишинанд ва бо ҳузури ин ҳама хари борбар, ёрони мо маҷбур нестанд, ки корҳои сангинро анҷом диҳанд…

– Ҳой, ҳой, чӣ жожхойӣ мекунӣ Шуҷоъ?! – шиҳаи мазоҳомезе кашида гуфт Алмос. – Ту маро аз роҳ мезанӣ? Мехоҳӣ мисли худат номарду нонкӯр бишавам? Магар нашунидаӣ, ки гуфтаанд: «Ҷое, ки намак хӯрдӣ, намакдонро машикан»?!

Шуҷоъ гуфт:

– Аз ин пас садоқати мо ба ҳеч дарде намехӯрад. Дар камоли дӯстӣ ба гӯшдарозони аблаҳ, сарварони мо ақлҳои худро хӯрдаанд. Онҳо то ҳадде аз харон ҳимоят мекунанд, ки ҳозиранд ҳар як аспи гапношунавро тиккапора кунанд. Барояшон ҳамхунию ҳамзотӣ муҳим нест, орзуи фатҳи заминҳои нав чашмонашонро кӯр кардааст, ҳоло гӯшдарозони борбару боркаш аз бародаронашон азизтаранд. Ту ки инҳоро хуб дарк мекунӣ!

– Бас аст! – дубора дод зад Алмос. – Бигиред ҳамаро лаҷом занед!

– Алмос, бас кун, ба ғазаб наё! – Шуҷоъ аслан намехост задухӯрд шавад, саъй кард бо мулоимат фиристодаҳои рустодорро ором кунад. – Шояд имрӯз моро ҳам асир мегиред, муҷозот мекунед, вале аз ёд набарор, фардо сари худат низ ба бод меравад...

Баҳсу мунозира бесамар поён ёфт, ҷамоати аспони саркаш ба муҳориба, ба қасди ҷони ҳамдигар нишастанд. Бӯзинаҳои ёвари ҳар ду гуруҳ бо мушкилӣ аз майдон даррафтанд. Маҳтобшаби пурситора равшание дар зер дошт, бо ин ҳол, аспҳо якдигарро гоҳе шинохтаю гоҳе таваккулӣ ба гарданзанию лингпартоӣ даромаданд. Бо вуҷуди истодагариҳо, фурсати зиёде нагузашта мағлубияти гурӯҳи Шуҷоъ чун оби соф равшан шуд. Дар воқеъ, магар мешуд бо аспони қавиҳайкалу тануманд ва дар набарду талошҳо обутобёфтаи муҳофиз муқобилат кард? Ҳар як лингзании онҳо ду-се аспро аз по дармеовард, бо як гардан афшондан чанд аспи рӯ ба рӯ омадаро ба замин сарнагун месохтанд, бе муболиға, дар муқобили лагадкориҳои онҳо солим мондан муъҷиза буд! Шуҷоъ ва дӯстонаш дарёфтанд, ки ин майдони масоф барояшон ба аҷалгоҳ табдил хоҳад ёфт. Ӯ чанд лагади обдор аз Алмос хӯрд ва базӯр сари по рост истода, рӯ ба гурез ниҳода, ба гӯши ҳамгурӯҳони худ расонда фарёд зад:

– Бас аст муқобилат кардан! Шабнам, Уқоб, Паланг, Баҳром, Шабоҳанг – ҳар кадоматон ба ҳар ҷое метавонед фирор кунед. Оре, мо мегурезем, вале таслим намешавем!

Ҳарчанд бо ранҷу шиканҷаҳои фаровон ба чор тараф парешон шуда, роҳи гурез пеш гирифтанд, дигар кор аз кор гузашта буд. Дастаи боирода ва қавии Алмос аз ҳар тараф ба дунболи онҳо уфтода, ҳамаро дар муҳосира ба танг овард. Алмос ба бӯзинаҳои дастёр дастур дод:

– Зуд бошед, ба гардани ҳар як аспи осӣ қилода андозед!

Таҳти ҳимояти аспони муҳофиз яке паси ҳам ҳамраҳони Шуҷоъ ба доми бӯзинаҳо гирифтор шуданд. Асиршудагонро задаю кӯфта дар пайроҳаи канори ҷӯйи Ниҳондара ба ҷониби деҳа ронданд. Дар ин миён танҳо дастгир кардани чанд тан ёвари неруманди Шуҷоъ мушкил гузашт. Уқоб, Паланг, Баҳром, Шабоҳанг то ҷое, ки тавонистанд, маҳмез зада, саркашиҳо карданд. Ҳатто ба фишору тааддиҳои аспони муҳофиз нигоҳ накарда, муяссар шуданд чанд бӯзинаи лигомбадастро зери лату кӯб бигиранд. Уқобу Паланг бебокона муҳосираи аспонро рахна зада, то фарози харсангии дара фирор карданд.

– Давидани гӯсола то каҳдон, Шуҷоъ! – пас аз дастгир кардани раҳбари исёнгарон бо мазоҳ гуфт Алмос. – Ба гумоштаҳоят фармо беҳуда зӯр назананд, ин худсариягшон сарашонро мехӯрад!

– Ҳамаамонро гирифтед, дуторо ба ихтиёри худ гузоред чӣ мешавад? Бигзоред, раванд!

– Мо ба рустодори аъзам вафодор ҳастем, хобатро ба об гӯй!

– Мегӯйӣ, вафодор?! Бо ин садоқат фардорӯз яке намонда ба гӯшдарозон ғулом хоҳед шуд!

Вале ин баҳсҳо бефоида буд. Дастаи тезгарди аспони муҳофиз аллакай Уқобу Палангро дунболгирӣ мекарданд. Онҳоро таъқибкунон то сари теппаи кӯҳӣ, ки теғаи шаху харсангӣ дошт, баромаданд. Аспони исёнгар бо ҷадал намехостанд аз муқобилат худдорӣ кунанд: гардан афрохта, беист линг бардошта, тоб хӯрдаву болову поён ҷаҳида, бо ҳамтоёни як сару гардан баландқомату муҳкамтан задухӯрд карданд. Вале мусаллам аст, ки зӯрманд ҳамеша бар камзӯр пирӯз ояд, дар набард раҳме ба душман нест! Аспони шердили ошӯбгар дар поёни кор уфтодаю лакот шуданд, ниҳоят бо «душманӣ»-и худ туъмаи ғазаби аспони муҳофиз гардиданд. Ҳангоми охирин бор сар ба сар шудан, ҳар ду ба шикам лагадҳои обдор хӯрданд ва ба болои харсангҳои

паҳну зумухти[61] таско уфтода монданд. Ин сарозер шудан бар рӯйи сангҳои пурчин буд, ки кавораи худро дошта натавониста, ғелзанон то поин рафтанд ва ҳар ду пас аз ҷонканиҳои бемаҳсул ҷон ба Ҷонофарин таслим карданд...

Шуҷоъ роҳравон беист по ба замин мезад, сахт афсус мехӯрд, ки тираш хато рафт, сари чашма рафту об нахӯрда баргашт, исёнро бобарор сар карду баъдан фориғбол шуд. Ҷавонии ӯ худашу ҳамраҳонашро фанд дод, таҷруба ва чашмикордонии Рахши пирро нодида гирифт, муғамбирӣ ва ҳамзамон зиракии Гӯшдарозро пай набурд. То охирин дами паноҳҷӯйӣ дар Ниҳондара ба ҷонибдории Қозӣ Пайкондам умед мебаст, вале ҳоло донист, ки ҳама андешаҳояш воруна будааст, он иттиҳоди аспони бовиқор дигар вуҷуд надорад!

Аз паси Шуҷоъ Баҳрому Шабоҳанг ва аз дунболи қофила низ боқимонда аспону бӯзинаҳои тарафдорашро кашола карда мебурданд. Ҳанӯз ҳеч кадоме дуруст дарк намекард, ки ба сараш чӣ рӯзҳое хоҳад омад, рустодор бо онҳо чӣ гуна бархӯрд хоҳад кард. Аз ҳама охир модиёни сархаму малӯл Шабнам бо дилтангӣ по чида роҳ мерафту бо садои кам зери лаб мехонд:

*Дунё ба масал чу кӯзаи заррин аст,*
*Гаҳ об дар ӯ талху гаҳе ширин аст.*
*Ту ғарра машав, ки умри ман чандин аст,*
*К-ин асби амал мудом зери зин аст.*[62]

* * *

Он рӯз ҳавои Аспобод тираю гирифта буд. Суханони рустодор гӯё хадангҳои партобшуда аз камонҳое буданд, ки мустақим парида ба қалби чандин сокини деҳа мехалиданд. Ҳукми содиркардаи сарвар хонаводаҳои аспони ошӯбгарро бо матои ғам пӯшонд, онҳоро яксара ба чоҳи яъсу ноумедӣ афканд. Рустодори пир ин бор

[61] **Зумухт** – нософ, дурушт, шахшӯл
[62] Ин рубоӣ аз Абӯсаид Абулхайр аст

ҳукмномаашро худаш бо забони худ эълон кард, ҳатто нагузошт Қозӣ Пайкондам ба ӯ мадад расонад. Дар тӯли ҳаёти сисолаи хеш бори аввал ба ҳамватанонаш ҷазои сахт медод, чӣ ҷазое – ҳукми қатл! Шуҷоъ ва ҳамраҳони ӯ ба гӯшаи хаёл наоварда буданд, ки то ин ҳад Рахш хашмгин шуда, пӯстини худро чаппа пӯшидааст. Ҳатто ба ин фикр омаданд, ки сарварашон маст аст, аз ниҳояти бехудӣ чунин дастур медиҳад. Шабнам дар паҳлуи Шуҷоъ меларзид, сарзанишу алфози хушунатдору таҳқиромези рустодорро шунида, ҳанӯз ба хашми ӯ бовар накарда, бо овози кам гуфт: «Рахши бузургворро гӯшдарозон ҷоду кардаанд»...

Дар фарози Аспобод осмони обиро ҳар қадар пардаи ғафси абрҳои сиёҳ фаро мегирифт, ҳамон қадр дили ҳар як аспу бӯзинаи гуноҳкор олудаи гарди ғам мешуд, вале дар нишастгоҳи рустодор ҷумла харони гирдомада хурсанду шод менамуданд. Аз суратҳои хушки ба боло кашида, даҳони боз ва биниҳои лӯламонандашон маълум буд, ки ҳама хушҳоланд, омодаанд бо як ишораи ҳаводорони худ дастҳоро монда бо по кафкӯбӣ кунанд. Бо шунидани суханҳои гарми рустодор дар ҳаққи харон, бо эҳсос кардани ҷонибдории шадиди сарварони русто аз чашмонашон шарораи хушнудӣ ламъа мезад, наметавонистанд хурсандиашонро пинҳон кунанд, аз канори лабҳои дӯлмонандашон оби даҳон мешорид, беирода гардану дасту поҳояшон чун шохаҳои бед зуд-зуд ба ҷунбиш меомад. Бо дидани ин шодмонии гӯшдарозон, Шуҷоъ то охирин қувват дандон мефишурд, наздик буд қалбаш аз хонааш берун занад, чашмонашро пӯшида, бо тамоми ҷон аз Парвардигор илтиҷо мекард: «Худоё, ҷонамро бигир!», дар сурате ки медонист, бе он ҳам сарвари аъзам ҷони ваю шариконашро ба фано медод.

Дар ин лаҳза Рахш аз ниҳояти ғазаб ҳолати ғайримуқаррарӣ дошт: ба рӯйи сапедии чашмонаш ҳубобчаҳои сурхранг дамида, пӯзаи лоғари баландаш кам-кам меларзид, ноором поҳои пешашро иваз карда

ба чапу рост қадам мезад. Бо ин ҳол маътал нашуда, бо садои шунаво дастур дод:

– Дар оини мо одатҳое чун зулму зӯроварӣ вуҷуд надорад! Ҳар як аспи ёғиро ишкел бибандед ва бибаред ба вартаи Пашкан! Аз он ҷо ба зер афканед, то миёнаш бишканаду ҷисму ҷонаш дар ҷаҳон намонад. Алмос! Ҳама ҳамдастонатро бо худ бигир ва ин амри маро бе камукост анҷом бидеҳ! Тамоми бӯзинаҳоеро, ки барояшон дастёрӣ кардаанд, ба сиёҳчол андозед! Пас аз як моҳ агар зинда бимонанд берун оваред, агар на – тақдирашон.

– Хуб, рустодори аъзам! – бо тасдиқ сар афшонд Алмоси болобаланд, – Дар байнашон чанд улоғ ҳам ҳастанд, бо онҳо чӣ кор кунем?

Рахш дастур дод:

– Харҳои дурӯяро ба Гӯшдароз супоред, ӯ худаш маъмур аст. Ҳар чӣ дилаш хоҳад, ҳамонро кунад!

Сарвари харон бо виқор сар ба боло ёзонда, бо оҳанги тасдиқ гуфт:

– Ба чашм, устод, таъзири ин ноҷинсҳоро худам медиҳам!

Рахш дар хотима афзуд:

– Қозӣ Пайкондам! Ҳар лаҳза ғанимат аст, ҳамаро ба сохтусоз бубар! Намон, ки кори пулсозӣ фалаҷ шавад, ҳама бичаспед ба коратон!

Қозӣ сар афшонда суханҳои рустодорро ҷонибдорӣ кард, тамоми аспону харон ба ҷунбиш даромаданд, яке паси дигар бо роҳи асосии рафтуомад ба поён сарнишеб шуданд. Алмосу ёваронаш бошанд, дарҳол ба қилодаю завлона задани аспону бӯзинаҳои саркаш пардохтанд. Шуҷоъ наметавонист коре кунад, азбаски ду пойи пешашро баста буданд, ҷаҳида-ҷаҳида ба роҳравӣ даромад. Дар назди ёрони худ хиҷолат мекашид, сар набардошта, саъй мекард чашмони аз қаҳру ғазабу алам қирмизу пуробшудаашро нишон надиҳад. Дигар аспони асиршуда низ ҳоли вайро доштанд, аз пайи аспони муҳофиз бо азоб қадам ниҳода роҳ мерафтанд. Дасти-

кам сӣ сар аспи ёғӣ дастгир ва маҳкум ба қатл шуда буданд.

Дар роҳ ки мерафтанд, аз гузари Ҷурда гузашта Алмос дастаи асиршудагонро ба ду қисм ҷудо кард. Тамоми бӯзинаҳои осиро ба Наҳангу Наванд супорид ва гуфт:

– Мо аз ин ҷо ба самти рост мегардем, меравем ба зови Пашкан. Ҷазои инҳо бошад, сиёҳчол аст, шумо рост ба гузари Тавсан меравед. Наҳанг, яке намонда ҳамаро зиндонбанд кунед, то ки садояшон дарнаояд!

– Амри шумо воҷиб аст, сарвар! – сар афшонда ҷавоб дод Наҳанг. – Аз мо хавотир нагиред, ҷойи ин саркашон сиёҳчол аст! То бегоҳ ба Симгун бармегардем...

– Бале, бегоҳӣ дар назди Рахши бузургвор ҷамъ мешавем, – сухани Наҳангро аз даҳонаш гирифта афзуд Алмос, – пеш аз баргаштан ба зиндонбонҳо таъйин кунед, ки ҳеч гуна муруввате ба бӯзинаҳо накунанд. Ман медонам, ин зот хеле мормулаканд, шояд аз ин сӯву аз он сӯ бародаронашон ба имдод шитобанд, аммо ҳеч ҷонваре набояд ба гуноҳкорон наздик шавад. Таъкид кун, ки мо ҳар рӯз омада меистем, агар нобакорие рух диҳад, зиндонбонҳо бо сарашон ҷавоб медиҳанд!

– Ба чашм!

Алмос бо дастааш ба самти рост печид. Онҳо ба ҷониби дараи Пашкан, ки дар он ҷо кӯҳи баланде низ ба шакли партгоҳ ҳамин гуна номида мешуд, роҳ пеш гирифтанд. Партгоҳи Пашкан аз пеш синаи харсангии соф тарошхӯрдае дошт ва аз қадим аҷалгоҳи саркашу исёнгару бадкорони ашаддӣ буд. Вале то ин дам ҳеч як сокини Аспобод нашунидааст, ки як даста гуноҳкорро аз болои он варта ба зер партофта бошанд. Албатта наклҳое гӯш ба гӯш расида буд: замоне як сар аспу бӯзинаро аз он ба поин кардаанд, чаро ки онҳо хостаанд рустодорро бо атолаи заҳрдор бикушанд; аспи бадзотеро ба ин ҷазо маҳкум кардаанд, зеро ӯ ба номуси як модиёни бокираи хушгил аз хонаводаи рустодор расида будааст... Ҳукми имрӯз бошад, дар таърихномаи Аспобод бо хат-

ти дурушт навишта хоҳад шуд. Ба гуноҳи азият додан ба харони борбардор парт кардани сӣ аспи худогоҳу ҳушёр аз Пашкан! Ин аст адолат, ин аст баробарӣ дар байни сутурон! Адолате, ки дар оини Рахш сабт шудааст – ҷазодиҳии бамавқеи осиёну исёнгарон! Барои рустодор на ҷинсе муҳим буд, на randoмдарии чандинсола, ҳатто на тахмин задани фардо, ки чӣ иснодеро ба бор хоҳад овард... Имрӯзҳо танҳо бо ишқи Чаманзор мезист, ба хотири фатҳи он гӯшаи биҳиштӣ дар симои харон наҷоткорони худро медид, бо ҳар қимате шуда мехост тарҳи андешидаашро ба сомон расонад...

Расидан то фарози Пашкан осон нагузашт. На танҳо аспони ишкелбанд, ҳатто худи Алмосу ҳамраҳонаш низ бениҳоят хастаю монда шуданд. Вақте ки Алмос пешпеш омада дар сари партгоҳ қарор гирифт, думи дасташ низ як-як расида омаданд. Ҳаво тира буд, осмон намехост кафани абрии сиёҳгуни худро аз тан бадар кунад. Боди шадид мевазид, бар замми ҳуштаки бод садои гӯшгири мурғони ваҳшӣ дараи Пашканро ноором месохт. Маълум буд, ки сӯрохиҳои партгоҳ нишемангоҳи он мурғони ваҳшӣ аст. Бо ин ки як тӯда ҷонвари бегона ба сари манзилашон по мегузоштанд, онҳо парида парешон намешуданд, бо чуғур-чуғури бештар гӯшҳоро кар мекарданд.

Алмос бераҳмтарин аспи Аспобод буд ва содиқтарин навкари Рахш. Барояш ҷуз ҳарфу дастурҳои рустодор дигар сухане гузар намекард. Билхосса, ҳангоми ҷазо додан пӯсти воқеии ҷобирро ба тан мепӯшид. Ба маҳзи расидан ба иртифои партгоҳ низ амр кард, ки ҳама пушти ҳам саф бикашанд. Ба ёвари ҳамешагиаш Борон, ки вай бо чаҳор нафар бӯзинаи дигар омодаи иҷрои фармон меистоданд, амр кард:

– Бино ба дастури рустодори бузург ин аспон маҳкум ба марг шуданд! Ин супоришро ба ҷо оваред, ҳар якеро бо навбат аз зови Пашкан парт намоед!

Борон бо ишораи тасдиқ, дарҳол ба иҷрои амр гузашт.

Бо ҳидояти ӯ дуто бӯзинаи қавибозу нахуст Шуҷоъи ишкелбандро тела дода ба сари кӯҳи аҷал оварданд. Шуҷоъ ҳарчанд аз дасти азияти роҳ тез-тез нафас мегирифт, дар сари вартаи харсангӣ нафаси амиқ кашиду худро ором кард, беихтиёр ба поин чашм дӯхт: ҷаҳаннами бетаҳ, охири партгоҳ нопайдо буд! Бе ин ки ба вуҷудаш тарс роҳ ёбад, бо виқор сар боло кард ва ба Алмос рӯ оварда гуфт:

– Шумо як гала аспи ношуд ба зоти шарифи мо иснод овардед! Дар ҳеч замоне аспони худогоҳ дар назди гӯшдарозони касиф мулзам нашудаанд! Ин разолат ва пастии шумо руҳи ҳафт пушт аҷдоди баномуси моро ба ларза овард, то ҳафт пушти дигар низ авлоди мо шуморо таъна хоҳад кард. Марг ба Рахши кӯр, ки бешак мағзи хар хӯрдааст, марг ба фармонбарони ғуломаш!

Алмос асабонӣ шуд, чун тоқати шунидани накӯҳишро надошт, бо шаст тохту лагади муҳкам ба паҳлуи Шуҷоъ фуровард. Аспи мағрур, ки дар канори варта меистод, бо хӯрдани зарбаи сахт таодулро гум кард, поҳои пешаш аз рӯйи гиёҳони хушку хоки нарм лағжида рафт. Ба маҳзи ин ки бӯзинаи масъул лигомашро аз даст раҳо кард, ҷуссаи сангинаш дар ҳаво муаллақ ва дар як чашмпӯшӣ аз назарҳо нопадид гардид. Чанде садоҳои қарсқурс шикастани шохаю навдаҳои аз баданаи партгоҳ ҷавоназада ва пас аз муддате овози гӯшхароши гумбурросие ба осмон печида баромад. Аз пайи ин садои даҳшатзо муҳити партгоҳро гарду ғубор ва ғалоғулаи сахти мурғони ваҳшӣ фаро гирифт. Чун ҳама мурғон аз бонги изтиробангези ногаҳонӣ лонаҳои худро тарк мекарданд, дар як замони кӯтоҳ ба шакли чодари сипсиёҳи ғализе даромада фазои партгоҳро пӯшониданд.

Алмоси сарвар чанд қадам дуртар рафта баргашт ва дубора амр кард:

– Як-як ҳамаро бияфканед ба зер!

Ин дафъа овозаш меларзид, аз ниҳояти ғазаб чашмонаш гӯё аз косахонаи худ мебаромаданд, лаби болоияш ба тарафи бинӣ кашида шуда, сӯрохиҳои биниаш калон-

тар менамуданд. Ду нафар бӯзинаи навбатдор якбора аз ҳолати карахтӣ, ки бо нобуд гардидани Шуҷоъ дар худ доштанд, ҳушёр шуда, аспи навбатӣ – Шабнамро ба пеш кашиданд ва ҳамзамон аз ду ҷониб ба кафали асп тозиёна заданд. Шабнам бо тамоми неру ду пойи пешашро дар сари варта тиргак карда, ба ҷониби Алмос гардан тофт ва ба сони ҳамон далерие, ки Шуҷоъи ҷонбохта аз худ нишон дода буд, бо овози баланд ин байтро гуфт:

*Баргард, ки ҷойи харгарӣ нест,*
*Хар лоиқи сабзапарварӣ нест!*

Алмос дигар намехост ҳарферо бишнавад, бо садои баландтар дод зад:

– Бизанед ин байтали носипосро, гум кунед аз назарам!

Шабнам кам наовард, боз ҳам бо илҳом байти дигаре суруд:

*Ту, эй зодаи хар, ту – эй харпараст!*
*Ту номе ба неку наёрӣ ба даст!*

Бӯзинаҳо дигар нагузоштанд вай забондарозӣ кунад, аз ду ҷониб пушти ҳам тозиёна зада, ба иттифоқи якдигар, зарбаҳои сахт дода, ӯро ба партгоҳ раҳо карданд. Шабнам низ ба мисли Шуҷоъ дар ҳаво муаллақ шуд ва каворави сангинаш ба тани харсангу шохаҳо бархӯрда, садоҳои нобаҳангоми ҷонсӯз ҷо гузошта, сарозер ба таҳи ҷаҳаннам нопадид шуда рафт. Дубора аз атрофу фарози вартаи кӯҳ чуғур-пуғури бепоёни мурғони ваҳшӣ ба фазо пахш гардид.

Дар қатлгоҳи Пашкан, дар зери ҳавои тираи дилгир бино ба амру дастурҳои омиронаи Алмоси ҷаллод қатлу куштори аспони саркаш идома ёфт. Бо дасти бӯзинаҳои фармонбар Баҳрому Шабоҳанг ва тамоми аспони гунаҳкори дигар паси ҳам аз сари аҷалгоҳ ба зери он парт шуданд. Ҳамин ки ҷазодиҳӣ ба поён расид, табиат билкул ранги дигар гирифт: қалби абрҳои сиёҳи осмон таракида рафт; садои гулдурросии раъд гӯшҳоро кар ва аз чаҳор канори осмон оташакзаниҳои номураттаб чашмҳоро хира намуд; аз паси доду бедоди фалак борони шадиде ба рехтан сар кард...

* * *

Поиз гузашт.

Зимистон ҳам бо ҳавои сарду ҷомаи сапеди худ то мавсими баъдӣ дунёро тарк кард.

Баҳор омад. Табиат рӯ шуст, шуруъ ба нуму ва навхезӣ намуд. Гоҳе нам-нами борон, гоҳе хандаи Хуршед ва аҳёнан рангинкамони нозанин ба меҳмонии Замин мерасид. Боғоту чаманзору доманаҳои кӯҳии Аспобод ба ҳаёти тоза даст медоданд. Хурӯши рӯди Зарнисор ва рӯди хурдаки Хурӯшон бештар, оҳангашон баландтар ба гӯшҳо менишаст.

Аспобод бо табиати нозанини худ рӯнамоӣ мекард, аммо то ҷое, ки мебоист, шукуҳу шаафи пештараашро надошт. Ҳарчанд рустодор ҳамон Рахши бузургвор буд, дӯстони қарину муҳофизонаш низ дар канораш сайр мекарданд, Қозӣ Пайкондам дар ҳамон мақоми худ амру дастурҳо медод, вале…

Акнун ҳусни аслии Аспобод ба маротиб коҳида ба назар мерасад. Аз тамоми гӯшаю канори он ба ҷойи шиҳаҳои гуворои аспони озод садоҳои гӯшхароши ар-ару ҳангоси номавзуни гӯшдарозони ба мақоми мизбонӣ расида шунида мешавад. Дар тамоми арзу тӯли деҳа – аз гузари Бодпой гирифта то гузари байникӯҳии Симгун – харон нишеман гузидаанд, дар хархонаҳои хос будубош мекунанд ва сари ҳар қадам, дар ҳама ҷо бӯзинаҳои хидматкор ба обу ҷаву алуфаашон мерасанд.

Гӯшдароз акнун ҷонишини Рахш аст, сарвари ҷамоатҳои тозатаъсиси улоғон. Барои ӯ низ тавилаи алоҳида бо ҳама шароит дар Симгун сохтаанд, се бӯзинаи қавӣ шабу рӯз камарбаста сархаму даст ба пеш дар хидмати ӯянд. Бо вуҷуди пирӣ хеле сари ҳол ва тавонманд менамояд, ҳатто як модахари ҷавонро ба исми Сапедсар, ки дар байни ҳамсолони худ аз ҳама баландқомату хубсурату хушнигоҳе буд, ба ҳамсарӣ гирифт. Намегузошт вай аз канораш дур равад.

Рахши бузургвор бо мурури замон дигар ҳавсалаи

амру фармоиш доданро надошт. Ҳамин ки дар гузари Чаманзор тамоми имконоти зиндагӣ ва истироҳату фароғат фароҳам омад, азм кард ба он ҷо кӯчида гузарад. Гӯшдароз аз фурсат истифода бурда, ҳама гуна даnояту тамаллуқеро, ки мебоист барояш анҷом дод. Ӯро бовар кунонд, ки аз Аспобод аслан нигарон набошад, метавонад дар фароғатгоҳи дӯстдоштаи худ, ки бо ҳазор ранҷ ба умеди фардояш бунёд карда буд – дар боғоти биҳиштии Чаманзор буду бош намояд.

– Дар кори хайр ҳоҷати ҳеч истихора нест! – бо чоплусии ба худ хос арз кард Гӯшдароз. – Шумо шоҳи аъзами моед, акнун фурсат расидааст, ки комилан беғам бошеду аз хушиҳои зиндагӣ фаровон баҳра баред.

Бо ин «ғамхорӣ» Гӯшдароз кори имрӯзро ба фардо нагузошта, харону аспони наздикро ба даври худ хонд ва онҳоро дар ду саф ороста, барои гуселондани рустодори бузург иқдом намуд. Рахшро то қасри бошукӯҳаш, ки дар дили Чаманзор, дар миёни дарахтони ранг ба ранг сохта шуда буд, бо шукӯҳу тантана ҳамроҳӣ карданд. Дар канори сарвар муҳофизи ҷонсупори ӯ Алмос ва ду сар аспи даванду қавӣ Наҳангу Наванд низ буданд…

Пас аз рафтани Рахши бузургвор ба макони нав, Гӯшдароз ба Аспобод дасти дароз пайдо кард. Бефосила дар ҳар як гузари русто аз шогирдони содиқи худ раҳбару сарвар гузошт. Дар воқеъ, «сари хар будан беҳтар аз думи асп будан аст», ӯ бениҳоят шоду мамнун буд, ҳеч бовараш намеомад, ки орзуҳои қаъри дилаш ба ин осонӣ рӯйи об меояд. Дар ҳоле, ки ҳамон нахустин шаби ҷудоӣ аз Рахш беғаму болидахотир бо Сапедсар ҳол мекард, ҷаҳонро ба навъи дигар дид ва бо фориғболии гӯшношунид саре ба осмон ёзонда, аз таҳи дил ҳангосе тӯлонӣ зад. Чунон баланд овоз дод, ки ангор садояш аз гузари Симгун то пайроҳаҳои Бодпой «танин» андохт…

Дар авҷи баҳор, яке аз рӯзҳое, ки пас аз гарду хоки ғализи вазида аз ҷониби дашт рустои Аспобод ғуборолуд

буду то теғаҳои кӯҳӣ осмон ба назар намерасид, Қозӣ Пайкондам ғарқи хаёлу андеша, бо ҳоли пакар аз тавилаи худ берун омад. Пас аз шамоли сиёҳ гӯё омадани боронеро ҳис мекард, ки бо чашмони нимабоз нигоҳе ба самои тира афканд, норизо аз вазъи табиат вазнин гардан афшонд. Имрӯз мехост ба Чаманзор гузарад, барои боздиди Рахш ва гирифтани дастурҳои нав. Бо дидани ҳоли гирифтаи ҳаво аз раъяш гашт, беихтиёр давр заду дубора ба самти тавилааш по бардошт. Ногаҳон дар ҳамин лаҳза аз шиҳаи гӯшхарошу изтиробангези Алмос сари ҷо мех шуд. Дубора ба пас нигоҳ карду аспи болобаландро дар ҳолати дав дид, ки бо суръати бод аз ҷониби пули Зарнисор чорхез зада меомад. Тааҷҷуб кард, бо мушоҳидаи авзои нигаронии аспи даванд, бо ҳайрат то омаданаш мунтазир монд. Муҳофизи рустодор ба маҳзи расидан ба қозӣ, аз нав шиҳаи гӯшгире сар дода, бо овози баланди аҷин ба андуҳу яъс гуфт:

– Бародар, кулфат ба сарамон омад! Кулфати гарон!

Қозӣ Пайкондам бештар дар ҳайрат монд. Ҳанӯз аз ғояти тааҷҷуб чизе нагуфта, Алмос афзуд:

– Мо аз рустодор ҷудо шудем! Рахши бузургвор саҳарии барвақт ҷон ба Ҷаббор таслим кард!

Бо шунидани ин хабари бемаврид сартопо вуҷуди Пайкондамро раъшаи сарде фаро гирифт. Поҳояш суст шуданд, қалбаш сӯхт, ҳар чӣ ба назараш менамуд, ғибир-ғибир ба торикӣ гаравид. Чунин пиндошт, ки гиҷу гаранг ба чоҳе торику бетаҳ сарозер меуфтад. Кавораи бузургаш калавид, вале аз по дарнарафта Алмос ба ёрӣ шитофт.

– Магар мумкин аст рустодор бимирад? Ту дурӯғ мегӯйӣ…

– Бо ин ҳарфҳо шӯхӣ намекунанд, қозӣ, худро ба даст гиред!

– Э вой, дидор ба қиёмат монд… Наход ки дигар намебинам ӯро?!

– Ҳамин тавр шуд… – Алмос лаҳзае хомӯш истод, яъсу

навмедии Қозӣ Пайкондамро дида, аз нав даргузашти рустодори аъзамро дар зеҳни худ хонд ва ӯ низ бо оҳанги маъюс гуфт: – Ба гӯру чӯбашон худ сару сарвар шавед, қозӣ. Аз куҷо шуруъ кунем, чӣ бояд кард...

Дар миён сукут нишаст. Қозӣ Пайкондам, дар ҳоле ки ба ду ҷониб беист сар меҷунбонд, се-чор бор то назди дари тавила рафту баргашт. Дар ин ҳангом табиат низ ба шӯр омад: боди сарде ба вазидан сар кард; лобалои амвоҷи гузаро намии борон ба машом зад; ба ҷойи Хуршед торикии номаънусе дар атроф лашкар кашид. Ниҳоят, гӯё ғуке гулу медарронад, Пайкондам бо садои хашин шиҳаи дардолуд кашид ва амр кард:

– Алмос, мустақим ба назди Гӯшдароз рав! Аз ӯ хоҳиш кун, ки ҳама омодагиро барои дафни рустодор раҳбарӣ кунад, ба бӯзинаҳои зердасташ фармояд, ки хурду калони гузарҳои деҳаро ба назди пули Зарнисор фаро хонад, то ки тобутро даст ба даст то мазористон расонем. Гӯри калоне дар пешгаҳи қабристон бикананд... Ҳа, фаромӯш нашавад, ба гардани ҳар як ҷонвари деҳа порчаи сиёҳ баста бароянд. Зуд бош, мо бояд сарвари худро муносибу сазовор гӯручӯб кунем.

Алмос ҳарфе назада, бо гарданафшонии баланде ба самти боло чорхез зад. Қозӣ Пайкондам низ бо дав ба ҷониби Чаманзор шитофт.

Гӯшдароз ҳарчи маҳорати раҳбарию созмондеҳӣ дошт, дар рӯзи дафни Рахши бузургвор нишон дод. Хурду калони русто, ҳатто ошноёну ҳамтабақони сарвари марҳумро аз деҳаҳои дигар ба таъзия фаро хонд. Ҳангоми гӯручӯб дар сари гӯри Рахш бо дилтангӣ ин қадар суханҳои ғуссабор гуфт, ки ҳама ба гиря омаданд. Бо оҳанги ғамину андуҳгин аз доду дасткушодиҳои сарвар, аз дилнармиву муҳаббатҳои бепоёни вай ёдовар шуд. Рахши бузургворро ҳамчун сарвару шоҳи ҷонварони рӯйи олам таъриф кард. Дар охир бо овози баланд изҳор дошт, ки қабри ин шоҳи бузург то абад чун оромгоҳи зиёратӣ, ба унвони як қадамгоҳи муқаддас

боқӣ хоҳад монд, мо – чи аспу чи хар, чи қотиру чи астар – ҳама ёди неки ӯро гиромӣ хоҳем дошт...

* * *

Офтоб аз пешонӣ мезад. Аммо на гармии Хуршед, Қозӣ Пайкондамро беғамию худбохтагии Шабдез доғ карда буд.

Вақте ки гумоштаҳои Гӯшдароз дар канори ӯ тамоми аспони муҳофизи Рахши раҳматиро аз Чаманзор берун ронданд, ҷаҳон дар назараш воруна намуд, аз паёварди сарнавишт сахт ба риққат омад. Барои наҷот танҳо ба Шабдез умед баст, ки замоне аз ёварони муътамаду ҷоннисори рустодор буд. Вале ин ҷо, ба гузари Якрон омаду рафиқу ҳамрози пешинаашро дар олами дигар дид. Ӯ дар дами дар менишасту Пашминаи пир бо карру фар дар пешгаҳи тавила. Гирду бараш пур аз хару курра буд, ки ар-уркунону ғелзанон шодиву нишоти бепоён доштанд, вале ҳар аспе дар атроф менамуд, гирифтори шуғлу коре!

– Шабдез, ин чӣ ҳол аст? Мо дигар салтанате надорем?

– Аз кадом салтанат мегӯйӣ? – гуфт аспи пир базӯр чашмонашро кушода. – Фукатро поён гиру бо роҳат рав, ту дигар ба ҳеч ҷонваре қозӣ нестӣ.

– Ин ҳама тоҷю асп дар гирду барат ҳаст, агар ҷамъ шаванд кӯҳро талқон мекунанд!

Шабдез гӯшаи лабашро ёзонида писханде зад ва аз ҳоли низораш эътироф кард:

– Инҳоеро, ки мебинӣ, ҳама саросар хартабиат шудаанд. Агар як зарра ҳарфи беҷо занию пойи каҷ гузорӣ, аввал ҳаминҳо аз гулуят мегиранд. То ҳадде ҷонбозу мадюни Пашминаю ҳаводоронаш ҳастанд, ки дигар асп будани худро аз ёд бурдаанд. Ба ҳурмати рӯзҳои гузашта туро фош намекунам, худро нанамуда, ҳарчи зуд аз ин ҷо радди поятро бикан!

Қозӣ Пайкондам навмеду дилшикаста аз назди ош-

нои дерин бадар рафт. Дар ин ҳангом астаре бо ранги сиёҳ-сапед, ки як даст мӯйи кокулшакл ба пешониаш мефуромад ва дар чор зонуяш низ аз ин қабзамӯҳои кокулӣ рӯйида буд, аз саҳни тавила бо дав ба тарафи дар омад. Омаду ду линги кӯтоҳи худро бар китфони Шабдез гузошт ва чонаи фисолудашро ба сару гардани вай молидан гирифт. Қозиро ғашаш омад, суоломез ба Шабдез нигарист. Аспи пир бо ҳамон шумханди зӯракии худ гуфт:

– Ин ҳосили ишқи ману Пашмина аст, номаш Дунё.

– Худо умрашро диҳад, мебинам, ки дунёро ба Дунёҳо бахшидаӣ…

Шабдез дигар ҳарфе назад, кумур-кумур ба хоидани хасу хасрӯбаҳои дар наздаш афканда машғул шуд. «Гар набудӣ чӯби тар, фармон набурдӣ гову хар», қозӣ оҳи дарднок кашид. Чизе нагуфта ба самти гӯристон ба роҳ баромад, ки дар он ҷо Алмосу Шер ва Наҳангу Наванд мунтазираш буданд.

Ҷамоат бо адлу дод зинда аст…

Нагузоред касе бар касе зулм кунад…

Ба қадри заҳматҳои худ расед, кори некро арҷ намоед…

Ҳанӯз ба хамгашти гӯристон нарасида, хаёлангезиҳои Қозӣ Пайкондамро садои берабти помониҳои бӯзинае, ки бо шаст ба сӯяш давида меомад, парешон кард. Вайро шинохт – ҳамон Борони вафодор, ки тамоми умр лаёқату неруи бесобиқаи хешро ба аспони сарвар бахшида буд.

– Қозӣ, баргард!! – ваҳшатзада садо дардод ӯ. – Баргард, мегурезем аз ин ҷо!

Ҳуш аз сари Қозӣ Пайкондам парид. Сари ҷо чун асо рост истода, беирода пурсид:

– Чӣ хабар, чаро мегурезем?

Аз ниҳояти ваҳшатзадагӣ чашмони Борон сурх шуда, пӯсти рӯйи лоғару устухониаш кабудранг ба назар метофт. Бо миёни хам, баланд-баланд қадам партофта ба Пайкондам расиду бо зарб китф ба сурини вай зад ва такрор кард:

– Гард ба қафо, қозӣ, ҷойи пурсуҷӯ нест! – ҳарчи неруе дошт ба поҳояш дод ва бо шитоби бештар ба дав гузашт. – Як лаҳза бимонем, сарамон зери табар хоҳад рафт!

Бо он ҳама ҷасорату бузургии каворааш Қозӣ Пайкондам дар худ ларзид, вазъиятро тангу бепаноҳ дида ба пас гашт ва ночор аз қафои Борон ба фирор нишаст. Пасу пеш киштзорҳои гузари Якронро бурида гузаштанд ва ба самти доманакӯҳҳои Ниҳондара сар гирифтанд. То замоне, ки ба пояи қуллаи баланди Ниҳондара нарасиданд, Борон аз давидан наистод. Қозӣ дар тӯли умраш ин қадар ба дав наомада буд, аз пайи нобасомониҳои ахир хатари сахтеро дар камин ҳис кард ва ӯ низ бо ҳарчи неру дар бадан дошт, аз пушти бӯзина канда нашуда, то кунҷи дара наистода давид. Ниҳоят, дар сояи тути ҳазорсола ва чашмаи калони пешгоҳи кӯҳ худро аз ҳама хавфу хатар эмин дида, аз тохтан бозистоданд. Борон тез-тез нафаскашон, бо банди дастони сермӯйи худ сару гардан, зери каш ва синаҳояшро аз арақ пок кард. Нигоҳе дурудароз ба роҳи омадаашон афканда, ба Қозӣ Пайкондам, ки дар ҷойи худ давр зада истода, бечунучаро, мунтазири шарҳи ӯ буд, гуфт:

– Шумо чӣ қадр аспони содаю зудбовар ҳастед, қозӣ! Гумон мекардед пас аз сари рустодор ҳама дову дастгаҳ ба дастатон мегузарад? Бубин, ин харони муғамбир то чӣ ҳад ҳушёру дастбакор будаанд! Ҳатто як рӯз нагузоштанд ба маснади рустодорӣ наздик шавед!

– Ҳама ҷо ором буд, ин ҳама бедодгарӣ чӣ хел рух дод?

– Гӯшдароз аз замони кӯч додани Рахш ба Чаманзор, барномаҳои худро чида мондааст. Ба маҳзи даргузашти ӯ дасту остин барзада «лашкар»-ашро ба роҳ андохт! Аввалин коре, ки кард, аспони муҳофизро дар назди гӯристон асир гирифт, чаро ки медонист ғайр аз онҳо ҷонваре наметавонад ба ӯ мухолифат кунад. Баробари қилода задан ба гардану поҳояшон ба гумоштаҳояш амр кард, ки туро низ ба асорат гиранд. Ман ҳамаро медида-

му коре аз дастам намеомад, аммо бо шунидани дастури ахир бедасту по ба сӯят шитофтам…

Қозӣ ба маънии афсусу надомат сар такон дода, аламомез гуфт:

– Ман мадюни туам, Борон… Ҳеч боварам намеояд, наход ки Аспобод аз мо рафт?

– Дар ҳоли ҳозир ҳамин тавр аст, он рустои ободи мо акнун ба харистон бадал шуд… Шумо – аспони раҳбар бо дасткушодии худ ҳама чизро бохтед, дигар, то замоне, ки заминҳои бобоиро пас нагиред, дар ҳасрати он месӯзеду бо армони ҷонгир азобҳо хоҳед кашид.

Қозӣ Пайкондам бо чашмони баста шиҳаи дарднок кашид. Дар ҳоле, ки аз зери мижгонҳои кӯтоҳи хокистариаш қатра-қатра ашк ҷорӣ мешуд, беирода по ба сӯйи рӯди морпечи зери чашма ниҳод. Пӯзаашро ба оби сард расонд, аммо як қулт ҳам нахӯрда ба пас гашт. Бо дилтангӣ ба назди тут омад, сарашро ба пеш ёзонда ду-се бор ба танаи дарахт гардан зад. Ҷонаш ба дард омад магар, кавораашро ором ба пас кашиду ба Борон рӯ гардонд. Чанд муддат ба чашмони ҳамчунин ғамноки бӯзина нигоҳ карда истод. Фурсати зиёде нагузашта ногаҳон қоматашро рост кард, гӯё ки иродаю матонати замони қозигиаш зинда мешуд, худро ба даст гирифт ва он чӣ аз зеҳнаш гузашт ба забон овард:

– Ман ин корро хоҳам кард! – чашмони ашколуди Пайкондам гӯё барқ мезад, Боронро ба шигифт оварда афзуд: – Ба пушти ағбаи Ниҳондара мегузарем, муваққатан дар он ҷо бошишгоҳ месозем. Оре, пас аз макон кардан, гоҳу бегоҳ ба Аспобод меравем, пинҳонӣ аспону бӯзинаҳои ба дил наздикро ба назди худ меоварем. Бо ҳам ватани нав месозем!

Борон ҷон гирифт, ба иродаи қозӣ қоил омада, изҳор кард:

– Офарин ба ту! Ман ҳам дар канорат ҳастам, ҳатман Аспободи нав месозем!

– Ҳатман!

*  *  *

Дунё ба умед.

Қозӣ Пайкондаму Борон то даҳ сол давутозҳо карданд, ошкору пинҳон чандин аспу бӯзинаро ба манзили нави хеш оварданд, аммо...

Қариб ки ҳар рӯз ба сари қуллаи Ниҳондара баромада, аз дур ба Аспободи пешина назар меафкананд. Аз ниҳояти ночориву дасткӯтаҳӣ ва тарси ҷон ҷуръат намекарданд ҳаракате ба муқобили харон анҷом диҳанд. Бо ин заъфу нокомӣ армони шадиде дар қалби онҳо хона кард, ба диёри аҷдодӣ дида дӯхта-дида дӯхта, ба гирдоби ғам фурӯ рафта, ба якдигар дарди дил мекарданду бас...

Вақте ки дасту пойи қозӣ аз кор монд, ба поён расидани ҳаёташро дониста, Боронро ба назди худ хонд. Маъюсу дилозурда ба рафиқи бӯзинааш фармуд:

– Дигар офтобе ба рӯямон нахоҳад хандид, дар зиллат мондем. Хатои мо бароямон гарон тамом шуд, хеле дар таассуфам, ки натавонистем дӯстро аз душман ҷудо кунем, лоҷарам ин армонро ба гӯр мебарем. Хоҳишан, овезае нависон бо ин мисраъҳо, ки барои авлоди оянда сабақ шавад:

*Душман агар дӯст шавад чанд бор,*
*Соҳиби ақлаш нашуморад ба дӯст.*
*Мор ҳамон асту ба сират, ки ҳаст,*
*В-ар чи ба сурат бадар ояд зи пӯст.*[63]

Рӯзу моҳҳои башумор гузашт...

Қозӣ Пайкондаму Борон даргузаштанду аз миён сад баҳори дигар сипарӣ шуд, вале ҳанӯз ки ҳанӯз аҳвол – Аҳмади порина...

Акнун дастнишондаҳои Пайкондам низ диёри бобоиро, ки салтанаташ дар дасти харон аст, аз дуродур мебинанд, аммо коре аз дасташон намеояд. Бо ёди гузаштагони худбохта ва ба хотири заминҳои аз каф раҳида беохир ҳасрат мехӯранду оби алам. Ин армони ҷонгудоз то кай азият мекунад ба ҷонзоте маълум нест...

---

[63] Ин қитъа аз Шайх Саъдӣ аст

# ҲИКОЯҲО

## ВАФОДОР

***(ҳикоя)***

Вақту соати хонаҷудо шудан ҳам фаро расид. Барои додарам, ки лоиқи зангирӣ шудааст, бояд ҷой холӣ кунам. Вале, гузари мо то ҳадде серманзил аст, ки ҳатто ба андозаи кафи по замини холӣ надорад. Чӣ бояд кард? Агар дар теппагиҳои атроф хона созам, чашмаю ҷӯйи обу сафои боғ дурӣ мекунад, агар дар гузарҳои дигар ё деҳаҳои наздик манзил гузинам, рафтуомад ба мактаб мушкил мегардад. Дар кучҳо санг партоям, ки ҳам дил ба даст ояду ҳам ёр наранҷад...

Ин саргарангиҳо буду модарам ба имдод расид. Ӯ хаёландешиҳои маро пай бурд магар, пурсид:

– Писарам, имсол чашмаи Найзор об дорад?

– Оре, обаш аз роҳи калон мегузарад, гирду бараш ҳам сабзу хуррам аст!

– Чаро мо онҷоро обод накунем? Агар донӣ, бо оби чашмааш мешавад як боғи корикалон сохт, доманаҳои атрофаш ҳам барои парвои як рама мол мусоид аст...

Дар байни гузари мо ва дараи Найзор як теппа ҳасту бас. Ҳарчанд аз деҳа ба чашм наменамояд, роҳаш аз як чақрим зиёд нест. Миёни ду доманакӯҳ, боҳаво, чашмаи сероб дорад, ҳар гуна боду бӯрон аз буногӯшаш мегузарад. Бо дилгармӣ ба он гӯшаи бекорхобида, гуфтам:

– Рост мегӯйӣ, оча, ту изн медиҳӣ ман дар ҳамон ҷо барои худ кулбае созам?

– Ман аз Худо мехоҳам! Кош дасту остин бар занию ба он дара ҳусни нав бахшӣ, ин орзуи деринаи падари раҳматиат ҳам буд!

– Ҳатман ин корро мекунам, – бо ирода арз кардам ман, – дараи Найзорро ба гулистон табдил медиҳам!

Модарам бо шодмонӣ маро дар оғӯш гирифт. Дар бағали босафои биҳиштӣ ҷо хуш кардан бас лаззате дорад!

Ба маҳзи ин ки таътили тобистона оғоз ёфт, пайрави гуфтаи модар, дар саргаҳи дараи Найзор барои манзилсозӣ камар бастам. Азбаски то он дам аз каҳу гулмех гирифта то вассаю болору шифер – ҳама масолеҳи сохтмониро фароҳам оварда будам, тайи муддати кӯтоҳе ду дар хонаи даҳлез дар миён, ошхона ва ҷудогона як оғилхонаю ҷойи берунравиро сохта тамом кардам. Паҳнои атрофи чашмаро низ гирдогирд девор гирифтам ва замини боғро шудгор карда мондам. Аз деҳа бо симчӯбҳои се-чоргазӣ хатти барқ кашида, хонаю дару тамоми дараро чароғон намудам. Барои худ аҳд кардам, соли оянда як иморати дидании дуошёна месозам ва боғамро дарахтзору токзор мекунам. Хоки заминам дамгирифтаи серҳосил менамуд, ба он бо орзуҳои зиёд умед бастам.

Ҳангоми сохтусози хонаю дар ҳамеша дар канорам бародари аз ман калонтар Шукурҷон буд ва ӯ бо трактори худ хеле корамро сабук мекард. Аз кунҷи деҳаи Симоб, ки то он ҷо якуним фарсах роҳ аст, болору вассагӣ овардем, барои деворсозиҳо қариб сад боргир хоку санг кашондем, найи пушти бомро аз боғи бобоям даравидем, чанд бор лойхона сохта ҳашарҳо кардем.

Аз ҳамон рӯзи аввале, ки Шукурҷон ба назди ман омад, саги азимҷуссаи ӯ – Вафодор низ ҳамроҳамон буд. Саг то ҷое ба макони пуштикӯҳии мо одат кард, ки дигар бо бародарам ба хонааш намерафт. Вай шабу рӯз манзилу дари маро нигаҳбонӣ мекард. Ба туфайли ҳузури ин дӯсти бовафо аз доманакӯҳҳои бағалӣ мавҷи ҳар гуна садою уллоси рӯбоҳу шағолон аз бех канда шуд. На фақат хонаю дар, ҳамчунин тӯдаи бузу гӯсфанд ва як олам мурғамонро ҳам посбонӣ мекард. Шояд иғроқ мешавад, дар асл, вай саг не, ҷони одам буд! Ба вижа, афтону хезон, дастугиребон шуданҳои ин ҷонвари меҳрабон бо духтари шашмоҳаам ҳамаро ба тааҷҷуб меовард. Ҳамсарам бар рӯйи арзи дарамон гилему намад мепар-

тофт ва духтаракамро дар ихтиёри Вафодор мегузошту худ аз пайи зиндагӣ мешуд. Саги мушфиқу ғамхор бошад, поҳои пушташро ба пас ёзонда, бо шикам дароз мекашид ва дӯсти хурдаки худро рӯйи поҳои пешаш мегирифт ва ба пеш мехазид. Гоҳе ӯро ба замин раҳо мекарду дубора мебардошт, ки ин ба духтарам кайфу сафо мебахшид ва қиқир-қиқир механдиду механдид...

Аз дарахтон барг мерехт, баргҳои зарду қаҳваӣ. Фасли хазонрезӣ ҳукм меронд, ҳавои гарму серун ба кӯйи сардӣ даст медод. Дар ин миён бо худсарии ба худ хос се нафар зани бародарон, аз ҷумла, ҳамсари банда, аҳд карданд ба ҷашни таваллуди дағечи[64] бузургиашон ба шаҳр раванд. Ин қарори онҳо модарамро хуш наомад, бо зарда гуфт:

– Ҳангоматалаб набошед чӣ шавад?! Дар бағали ҳар якеат бачаи ширмак, дар ин салқиниҳо кӣ мондааст ба шумоён ҷашни таваллуда? Ин ҳама кор пеши по рехтааст, қадир накарда[65], рӯзғори худа саранҷом кунед намешавад?!

Вале, гӯши шунаво куҷо?! Об дар ғирбол мерехт модарам. Занҳои ҳангомаҷӯ таваллудро пеш диданд. Ҳамсари ман субҳи барвақт духтаракамро дар бағал гирифта, бо як сар табақи савғо ба роҳ баромад. Ҳарчанд ба меҳмонравиҳои ҳамсар боре ҳам мамониат накардаам, ин лаҳза намехостам ӯ ба сафар барояд. Ба дилам изтиробу ҳаяҷони ногаҳоние роҳ ёфта буд. Майдаяки нозанинамро дар бағал гирифта лаҳзае ширинбинӣ кардам, дилвопас ба ҳамсарам гуфтам:

– Ноз-нози маро набар, бо Вафодор меистад.

– Кӣ шир медиҳад?

– Як рӯз шири буз медиҳем.

– Як рӯз не, се рӯз меравем.

– Моро пазмон мекунед! – аз бӯйи бомазаи кӯдакона бештар лаззат бурда, ноилоҷ духтарро ба дасти модараш додам.

---

[64] **Дағеч** – *гуфт.* зани бародари шавҳар

[65] **Қадир кардан** – ба меҳмонӣ рафтан

Онҳо ба роҳ афтиданду ногоҳ Вафодор уллоси баланде кашид. Бо зузааш қонеъ нашуда, маро гузошту бо шаст аз пайи ҳамсарам давид. Рафту аз ӯ пеш гузашт ва як он ҷуссаашро якпаҳлу дар пеши пояш афканд. Ҳамсарам «гард, гард»-гӯён тоб хӯрда роҳашро идома дод. Саг бошад, дарҳол аз ҷо хеста ба пеш давид ва боз ҳамон ҳаракати аввалаашро такрор кард. Зан ин дафъа бо ошуфтагӣ дод зад:

– Гум шав! – ва ба ман рӯ оварду имдодҷӯёна афзуд: – Додош, гиред ин балои ҷона!

Ман сагро ҷеғ задам. Куҷо, вай худро тӯрба барин партофта аз ҷо намеҷунбид. Ҳамсарам дубора давр заду ба пеш гузашт. Ин дафъа Вафодор ҷаста аз ҷо хест ва аз қафо домани занро муҳкам ба даҳан гирифт. Ҳамсарам худро ба пеш мекашид, саг ӯро ба ақиб. Кашокаш чанд лаҳза давом кард. Дигар, мани ҳайратзада тоқат наоварда ба наздашон омадам ва бо як азоб сагро ҷудо карда дар бағал нигаҳ доштам. Ҳар ду нигарон мондем, ҳамсару духтаракам аз теппа нопадид шуданд. Вафодор дар бағали ман дасту по мезад, инг-ингкунон раҳо шудан мехост. Он дам равшан медидам, ки дар бехи чашмонаш ашк ҷило мезанад, ба шигифт омадам…

Аз байн ду рӯз гузашт. Бо писару духтари бузургам корубори зиндагиро яксӯ карда, дар хона гирди дасторхон нишастем. Ҳанӯз як луқмаи нону чой нахӯрда будем, ки ногоҳ садои тақарроси баланде аз пушти дар шунида шуд.  Ҳар се баробар аз ҷо хестем ва ман дарро боз кардам. Дар пушти дар Вафодор меистод. Ба маҳзи дидани ман саре афшонду ба пас тоб хӯрд ва бо шитоб ба ҷониби теппагии самти деҳа дартоз шуд. Ман аз дунболаш афтидам. Саг беист то хонаи падарам давида омад ва аккосзанон дар пушти дарвоза қарор гирифт. Модарам ӯро шунида ба берун баромад.

– Чӣ гап, писарам? – хавотиромез пурсид  модар.

– Намедонам, Вафодор безобита аст. Баъд аз рафтани келинат оромӣ надорад, ба худ ҷойи нишаст намеёбад.

– Илоҳӣ, хайру хубӣ бошад, – модар сари сагро ду-се навозиш дод, – барои чӣ ошуфтаҳолӣ, чӣ шуд ба ту?

Саг бошад ҳамоно уллоси пасти дардолуд мекашид, гоҳ-гоҳ забонашро берун карда беист ҳаллос мезад, зоҳиран мехост дарди дил гӯяд, аммо аз дасташ намеомад. Сарашро ба дастони модар молида-молида як он нороҳат шуд ва дубора сар ба ақиб гардонда дартоз шуд. Ман аз пушташ ба роҳ уфтодам...

Субҳи зуд бо садои баланди бародарам парида аз ҷо хестам. Ӯро дар назди дар маъюсу музтарибҳол дидам. Бо овози хаста гуфт:

– Додарҷон, бачаҳоро бо худат гир, дар назди оча мемонему ба шаҳр меравем.

– Чӣ гап?!

– Тез шавед, дар роҳ мегӯям.

Аз сарам оби ях рехт бародарам. Вуҷудам ба ларза омад. Бо шитоб либос пӯшида, дари хонаро қуфл зада, ҳамроҳи бачаҳо ба сӯйи деҳа роҳ пеш гирифтем...

Ай кош, ин рӯзҳо ба сари касе наояд. Бо дили хунобшуда, ашкрезон ба шаҳр мерафтам, савори мошини сабукрав. Роҳ гӯё охир надошт, Худо намехост мани ҷигаркабобро ба сӯйи духтари кабобшудаам расонад. Ҳастиам мисли ин ки дар зери панҷаи гургҳои хуношом буд, аз ҳар сӯ маро мехарошиданд, мегазиданд, лахтулаб мекарданд. Ҳалқам қоқ мешуд, мағзам орухона. Поҳоям чун ду чӯби овезон ба тани беҷонам часпида буд гӯё. Дилам ҳавл меовард, шушам дар мегирифт, гурдаҳоям об мешуд...

Дар бемористони шаҳри наҳс ҳамсарамро гирёну нолон ва майдаяки ноз-нозиамро бо тану ҷони сӯхтаю пухта ва бодкарда дидам. Ҳуш аз сарам парид, дар худ неру ёфта, ӯро дар бағал гирифтам. Бароям чашм кушод, лабонаш ба табассум моил шуд. Беихтиёр, ба дуохонӣ даромадам. Дурудароз дуо хондам, дар бағалам хоб монд. Ӯро рӯйи кат хобонидем. Шояд се-чор соат аз миён гузашт, майдаякам дубора бедор шуд. Бо чӣ забон гӯям, ӯ сари ҳол буд, ҳеч боде дар бадан надошт! Ин

ҳолати ӯро дида модараш аз хурсандӣ шукуфт, мисли ин ки як кӯҳ вазниниро аз дӯш канор мениҳод, бедасту по ба мураттаб кардани пероҳану эзорчаҳои кӯдак пардохт, беист пою дастҳои нозукашро мемолид. Афсус ки хушҳолиямон дер давом накард. Он замон бонуи сардухтур ба сари мо омада, бо оҳанги надомат гуфт:

– Бародар, худро ба даст гиред, аз духтар дигар умеде нест, шумо дардашро сабук кардед.

Дасту диламон сард шуд. Аз ман бештар ҳамсарам бо алам додувой мекард. Худро дошта натавониста ба дару девор мезад. Дар он шаби шум бесамар гузаштани давутозҳоямон ва мазлумона аз байн рафтани духтаракамон аламовар буд. Вай саҳарӣ, ҳанӯз сапедии рӯз надамида, аз нафаскашӣ бозмонд.

Вақте ки дар ҷодаҳои пур аз дастандоз аз шаҳр ба сӯйи деҳа бармегаштем, ҳамсарам навҳагӯён аз сафари бемавриди худ ва азобҳои муфоҷои ноз-нозиам ёдовар мешуд. Донистам, ки ба сари духтаракамон хумчойники «бесоҳиб» чаппа шудааст ва аз чойи доғ тамоми сару гардану тахтапушту саридилаш сӯхта рафтааст. Бадани нозуки чун гунҷишк парронҷак дар муқобили ин балои ҷонгир танҳо ду шаб тавонист таҳаммул кунад. Сад дареғу алам, ки беэътиноии занони ҳангоматалаб чӣ оқибати нохушеро ба бор меовард...

Бо дилҳои хастаю абгор ноз-нозиамро ба хок супурдем.

Ҳамон рӯз мани мотамгирифта ва бародарам пас аз зуҳр ба хонаам рафтем. Дилам мехост Вафодорро бубинам, саги меҳрабонамро, ки се рӯз пеш аз тарси ҷудоӣ эҳсоси изтироб мекард. Аммо аз вай хабаре набуд, ба сӯямон давида набаромад. Вақте ки ба ҳавлиам расидем, манзараи даҳшатборе баданамро ларзонд. Саги вафодори ман сар ба остона гузошта беҳаракат мехобид. Тамоми баданаш мӯкандаву хуншор аз шиёрҳои сахтшудаи хун буд. Маъюсу дам дар дарун вайро ҳам дар як гӯша зери хок кардем.

Ин ҳама дарду азо кам буд магар, ҳамон рӯз гови дарам низ дар назди оғилхонаам беҷону беҳаракат по дароз карда буд. Ҳеч сар дарнаовардам, ки ин чорпоям барои чӣ мурдааст...

Дигар, аз зиндагӣ дасту дилам ях шуд, дараи Найзорро бад дидам. Дар баробари ин ҳама озмоиши ҳаёт худро нотавон ҳис карда, дар ниҳояти дилтангӣ, деҳаи азизамро гузошта, ба шаҳри дуре кӯч бастам. Чанд муддат бо ҳоли гирифтаю қаландармаоб умр ба сар бурдам. Аз он пас, ҳар гоҳ ҷашни таваллудеро шунавам вуҷудам беихтиёр ба раъша меояд, хешро аз ин гуна нишастҳо дур мегирам...

## «БА МАН ГАП МЕРАСАД»

***Пас, забони маҳрамӣ худ дигар аст,***
***Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст.***
***(Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ)***

Он рӯз хурсандиам ҳадду канор надошт, аз ниҳояти шодмонӣ дар куртаам намегунҷидам. Аз деҳа баромада, мошинсавор ба шаҳри Баҳор мерафтам, вале ҷисму ҷонам гӯё берун аз қолаб дар фарози осмон муаллақ буд. Аз таҳи дил оҳанги ҳаяҷономезе маро ба рақс меовард, бо ҳавои хаёлҳои ширину руҳбахш болу пар мезадам. Дар роҳ мерафтаму аз як сӯ дашти бепоён ва аз ҷониби дигар теппаю доманаҳои сабзпӯшу гулранг бо ҷамолу ҷилои дилфиреб худнамоӣ мекарданд. Ҳаво соф буд, рақси мулоиму лappиши муназзами баргу шохаҳои дарахтоне, ки аҳён-аҳён ба назар мерасид, аз вазидани насиму шаббодаи нафиси баҳорӣ гувоҳӣ медод. Бар замми нури рӯз Хуршеди тобон ҳам аз нишемангоҳи худ қомат рост карда, ҳусну нигори мунаввари худро ба намоиш мегузошт.

Шояд бовар накунед, бе муболиға, он як рӯзи баҳорӣ аз ғуруру нишот сарам ба осмон мерасид. Дар роҳ мерафтаму пушти ҳам суханҳои диловезу таҳниятҳои иф-

тихоромези ҳамдеҳагон дар моварои гӯшу ҳушам садо медод. Ҳеч гумон намекардам, ки онҳо, аҳли заҳмати кӯҳистонӣ бениҳоят муштоқи каломи бадеъ, пазмони китобу қиссаҳои тоҷикӣ ҳастанд. Ҳатто аз худи ман бештар хушҳол шудани хурду калон маро ба ваҷд меовард, дар худ меболидам, ки об дар ҳован накӯфтаам! Дар ҳоле, ки пушти фармон нишаста, ба такрор илтифоту дуоҳои дӯстонро аз саҳни хаёл мегузарондам ва ҳар гоҳе гӯшаи чашмам ба бастаи ҳадяҳову қабои зардӯзишуда меафтид, аз шодӣ сарам ба осмон мерасид. Он дастовез нахустин подоши бебаҳо дар зиндагиам буд, оре, аввалин бор арзёбии истеъдоду заҳматҳои шабурӯзӣ ва камхобиҳоямро бо чашми сар медидам. Худам бехабар, дар зери мижгонҳоям оби дида ҷӯш мезад…

Он рӯз бо ҳазору як умеду орзуҳои ширин ба шаҳри дӯстдоштаам Баҳор мерафтам. Маҳз дар он ҷо тоҷикони муқим хеле зиёданд, ҳамзабонони фаровоне низ аз чор гӯшаи кишвар омада маскун шудаанд. Яке аз ошноҳои наздикам Равшани сартос, ки дар он шаҳри қадимаи овозадор зиндагӣ мекард, аз ҷумлаи коршиносони шинохтаи муассисаи номдоре буд. Ӯро дар солҳои мактабӣ ба хотири каммӯйии каллаи калонаш «сартос» меномидем. Он замон як бачаи фаъолу зирак буд. Ният доштам бо ёрии ӯ китоби тозанашри худро барои баҳориён рӯнамой кунам. Агар Худо мададкор мешуду дар он ҷо низ саъям бобарор меомад, барои пахши китобҳоям роҳи васеъ боз мешуд…

Ба шаҳр расидам. Бо иштиёқ ва меҳру отифае, ки ба хотири дидори ошнои чандин сол дурафтода дар худ ҳис мекардам, бо Равшан тамос гирифтам ва аз омадани худ ба назди идорааш хабар додам. Зоҳиран, кораш бисёр буд, кӯтоҳ бо садои канда-канда гуфт:

– Ҳозир… Ҳамон ҷо бош…, меоям.

Аз дарвозаи оҳанини қуббадор ба ҳавлии назди бинои дуошёна даромадам. Чанд нафар ҷавону куҳансол бар харакҳои дами дар менишастанд, гӯиё мисли ман мун-

тазири мулоқот буданд ё коруфтода. Ман нахостам дар канори онҳо нишинам, ба назарам чунин намуд, ки агар соҳибмансабе мисли ошноям маро беғаму бениёз нишаста бар рӯйи харак медид, камоли беадабӣ мешуд. Бо дили бетоқат пасу пеш қадамзанон, ба ҳар касе, ки аз даромадгоҳи бино мебаромад, нигоҳе меафкандам. Тарсам дар он буд, ки мабодо ошноро надида монаму ӯ сарсон шавад.

Чӣ гӯям, интизориам хеле тӯл кашид, аз ниҳояти қадамзанӣ поҳоям дард гирифтанд. Аз «ҳозир» як рубъ, ним соат гузашт, аммо аз сари тос дарак не. Хостам дубора занг занам, лекин андеша кардам, такроран дархости дидор кардан ба назарам зишт намуд. Онҳое, ки бар рӯйи харак менишастанд, бо одамони худ мулоқот карда баромада рафтанд, ба ҷояшон касони дигар омаданд. Ҳаво торафт гарм мешуд, теғи офтоб рост аз болои сар мезад. Ин шаҳри пуровоза бо насиму шаббодаҳои табиат қаҳрӣ буд гӯё, бар замми гармӣ ҳавои диму нафаскан дошт.

Расо як соат гузашт. Худоро шукр, дар дами остона сари тоси ошноям ва чеҳраи гирифтаи ӯ падид омад. Ҳамон қадду баст, ҳамон қиёфа, вале бо чурукию ожангҳои бештар. Офтобсариаш ҳам ба маротиб афзудааст, лақабаш акнун муносиби худаш буд. Аз тавқи паҳни қирмизранге, ки сари дилашро оро медод, хушам наомад. Бо ин ҳол, ҳар гуна менамуд, дар зеҳни худ пазируфтам, охир, ӯ курсинишин аст!

Бағал кушода бо ҳам вохӯрӣ кардем. Аз ранги рӯй ва ҳолпурсии Равшан аён буд, ки ба ҷое шитоб дорад. Фикр мекардам, мани офтобсӯхтаро дида аз бобати дер мондани худ узр мепурсад, вале хаёлам ботил баромад. Ӯ тунду иҳонатомез ба забони ғайр пурсид:

– Чӣ гап шуд? Маро хоб дидӣ-чи, рост ба сари корам меойӣ?

– Бароят туҳфае дорам, ошно, – муомилаи сарди ӯро дар дил хӯрда арз кардам ман, – баъд, маслиҳати ту лозим буд, агар вақтат бошад.

– Намефаҳмам, чӣ гуфтан мехоҳӣ?

– Хоҳишан, як дам сабр кун, – ҳайрону бетоқат шудани ӯро дида гуфтам ман ва ба сӯйи худрави саворӣ ба берун давидам. Як дона китобро аз сандуқи пушт гирифта ба пас гаштам. Равшан бо абрӯвони овезон ва нигоҳҳои сард сари калонашро ба ду самт ҷунбонда меистод.

– Метавонӣ маро табрик кунӣ, ошно, – дудаста китобамро ба сӯяш дароз кардам, – нахустин китоби қиссаю ҳикояҳоям ба чоп расид.

Ӯ, бе он ки ҳарфе гӯяд, китобро аз дастам гирифту муқоваашро боз кард. Ҳамон кушоданаш буду, мисли ин ки ӯро барқ гирифта бошад, як он бо ҳарос китобро пас дод ва бо чашмони аз ҳадақа баромада бо хашм гуфт:

– Чӣ, сарамро дар бало монондан҃ӣ ҳастӣ?! Ҳамин ҳозир тухфаи нозанината аз назарам гум кун!

– Чаро? Аз чӣ ин қадар метарсӣ? Ин ки китоб аст, китоби бадеӣ, асари худам.

– Гӯё ҳеч чизро намедонӣ, кай дидаӣ, ки мо китоби тоҷикӣ хондаем?

– Э, ошно, мактаби миёнаро дар куҷо тамом кардӣ? Магар таҳсили ту ҳам дар донишгоҳи Тоҷикистон набуд? Чиҳо мегӯйӣ, Равшан?

– Бас кун! Тоқати шунидани ин суханҳоро надорам. Он рӯзҳо дар гузашта буд, ҳоло замон дигар, одамон дигар...

– Хуб, ин ҷо зидди касе ҳарфе нест. Як китоби одии бадеӣ аст ба забони модариамон, дар нашриёти давлатии худамон ба табъ расидааст. Аз чӣ нигарон ҳастӣ?

– Ба ман гап мерасад, ҷӯра, – Равшан як ба сӯйи дарбон ва нигоҳе ба самти даромадгоҳи бино афканда афзуд: – Тоҷикӣ аз димоғи мо баромадааст, агар хоҳӣ ман дар ҳамин ташкилот кор кунам, ин ҳадяро бардору бо худат бар, ба сари бедардам дастмол нabанд.

Вуҷудам оташ гирифт. Шабеҳи милаи доғе будам, ки агар ба обам мезаданд, об доғ мешуд. Дар назар ошноям мисли ҷаллоде метофт, ки маро бе корд мекушт. Бо ҷаҳл гуфтам:

– Мебинам, ки беҳуда тавқ бар гардан назадаӣ, ошно,

– мехостам гӯям «ҳайфи шире, ки модарат ба ту дода-аст», аммо базӯр худро ба даст гирифта афзудам: – Агар медонистам ин галстуку курсӣ бароят афзал аст, аслан ба суроғат намеомадам.

Дигар, дар назди Равшани сартос истодан бароям маънӣ надошт. Дар сурате ки дуд аз димоғам мебаромад, ӯро ба ҳоли худ гузошта ба қафо баргаштам. Ҳанӯз дари худравро накушода будам, ки аз паси сар садои Равшан баланд шуд:

– Ҷӯра, маро дуруст фаҳм, намехостам аз ман норoҳат шавӣ. Акнун ки то ин ҷо саъй карда омадаӣ, китобро дар ин рӯзнома печонда деҳ, бо худам мебарам.

Мехостам яку якбора ба сараш дод занаму дашном диҳам, аммо худдорӣ кардам. Андешаи нек ғолиб омад, ҳамон як дона китобамро, ки дар саҳифаи аввалаш «Бо орзуҳои нек, ҳадя ба дӯсти солҳои бачагиам Равшанҷон» гӯён соядаст монда будам, дар миёни рӯзномаи дарозкардааш гузошта ба ӯ додам. Дилозурда дигар ҳарфе назадам, баргашта дар пушти фармон нишастам. Дарро бастаму ҳамон дам гумоне ба хаёлам омад: «Чаро як он фикри Равшан иваз шуд?» Худравро равшан накарда, аз паси ӯ саре ба тарафи дарвоза тофтам. Ошноям бо шитоб аз зинаҳои назди даромадгоҳ боло рафт. Бо чашми сар дидам, ки ӯ мустақим ба дохил надаромада, ду қадам онсӯтар ба тарафи қуттии партовҳо по ниҳод ва коғазпечи дасташро бо зарб ба он андохт. Сипас, гӯё нафасе осуда мекашид, дастҳояшро афшонда, қоматашро рост карду худро ба дарун зад. «Эҳ, номард, гумон кардӣ дар назди ҳамдеҳагон шармандаат мекунам? Охир, агар ба ту гап расад, нагир, вассалом!» Билофосила аз мошин пиёда шуда, дартоз то даромадгоҳи бино рафтам. Китобамро аз қуттии ахлот бардоштам ва ба пас гаштам. Дарбон ҳама баҳсу амалҳои моро дида меистод магар, ба ман чизе нагуфт, танҳо бо нигоҳи хайрхоҳонаю лабханди мулоим маро гусел кард...

* * *

Бисёр шунидаам, ки курсию мансаб одамро хароб мекунад, на танҳо хӯю хислат, ҳатто тинату ниҳоди касро батамом дигар мекунад. Он рӯз бо рафтори ошнои сартосам рӯ ба рӯ омада ба хубӣ донистам, ки одам, дар ҳақиқат, бо мурури замон тағйири рафтору пиндор мекардааст. Ба хусус, агар мансабу мақоме дорад, ба хотири «гап нарасидан» аз виҷдону имон ва ҳатто забонаш, ки бо шири сапеди модар дар вуҷудаш нуму мекунад, даст мекашад.

Он рӯз бо ҳоли гирифта, аз шаҳри Баҳор набаромада, барои наҳорхӯрӣ ба як чойхонаи миллӣ даромадам. Сари як пиёла чой фақат Равшану бархӯрди ӯро дар пеши назар ва зеҳни худ тасаввур мекардам. Он ҳама хурсандие, ки дар деҳа бароям даст дода буд, як тарафу ин ниқоби тозаи ошноям як тараф буд. Ҳеч боварам намеомад, ки касе мисли Равшан, ки ҳафт пушту аҷдодаш тоҷик буданду худаш ҳам ба тоҷикӣ хонда калон шудааст, ба ин роҳатӣ аз ҳама чиз даст мешӯяд. На ин ки аз гирифтани китоб тарсид, ҳатто аз такаллуми тоҷикӣ ор кард. Аз ин ҳол сахт ба шигифт омадам, магар мешавад чунин бошад? Охир, дар ҳамин ҷамъияте, ки ӯ умр ба сар мебарад, ман ҳам ҳастам, ман ҳам дар канори ӯ бузург мешавам. Чаро ба ман касе «ту» намегӯяду гиребони ӯро мегирифтаанд? Магар мешавад як бому ду ҳаво бошад?..

Оғушта дар гирдоби хаёл, ба сӯям омадани мардеро, ки ситорааш гарм метофт, пай бурдам. Ӯ рост ба ҷониби ман меомад, бо чеҳраи боз, бо лабханд. Ҳамин ки наздик шуд, шинохтам. Бале, ҳамхидмати худ Садриддин – ҳамон ҷавони баҳории лоғару устухониеро, ки хеле газгӯшту тану тӯшдор шудааст, шинохтам. Ба пешвозаш аз ҷо парида хестам, чанд муддат дар оғӯши якдигар сари по истодем.

– Бо кадом шамолҳо, дӯстам? Дар шаҳри мо сари танҳо? – ниҳоят пас аз салому ҳолпурсиҳо ба асли матлаб омад Садриддин.

– Бо коре омадам… шояд барои ту ҳам ҷолиб набошад, – каме бо дудилагӣ гуфтам ман.

– Яъне чӣ, магар мешавад кори дӯсти азизам барои ман ҷолиб набошад?

– Ёдат ҳаст, бароят таронаҳо мегуфтам, қиссаҳо нақл мекардам...

– Эҳ, қадрдони ман! Фикр мекунӣ, он рӯзҳо аз хотир фаромӯш мешавад, ҳеч гоҳ! Ҳар замон туро ба ёд меоварам, ҳанӯз ҳам ба бачаҳоям достону қисса мегӯям, ҳарчанд мисли ту маҳорат надорам. Бовар мекунӣ, ҳатто ба онҳо гуфтаам, ки ин дӯстам нависандаи замон мешавад!

Ман об шудам, аз суханҳои муҳаббатомези ҳамхидматам ба шигифт омадам. Илтифоти ӯ айни муддао буд, ки ҳушу ҳавосам моломоли шавқу сурур шуд. Болидаву сари ҳол арз кардам:

– Бо дуоҳоят, дӯсти азиз, нахустин китобам ба табъ расид.

Гӯё теғе ба ҷабин хӯрд, Садриддин парида аз ҷо баланд шуд ва дубора маро ба оғӯш кашида, бо ҳаяҷон гуфтан гирифт:

– Офарин, дӯстам, боракаллоҳ! Ман медонистам, ҳамон замон ман туро шоиру нависанда хонда будам, қанд зан! Китобат муборак, дастёбӣ ба орзуҳои некат муборак! Офарин, бародар, агар ту донӣ, чӣ қадар ин рӯзро орзу мекардам... – ӯ лаҳзае ором шуда, бо меҳр ба сӯям нигарист ва пурсид: – Хуб, канӣ китоб, ҳаст ин ҷо?

– Маро хурсанд кардӣ, Садриддин, аз суханҳои ширинат гардам! Ҳоло ҳамин ҷо бош...

– Не, дӯстам, бо ту меоям, дигар тоқатам тоқ шуд, – гуфт ӯ ва ҳар ду ба берун, ба назди мошини савориам рафтем.

Он рӯз медидам, ки ҳамхидматам гӯё асари худро ба табъ расонида бошад, гаштаю баргашта китоби маро ба чашмонаш мемолид, беохир хурсандӣ мекард, дастамро дошта, ба оғӯш гирифта, табрику таҳният мегуфт, бо ҳазору як сухан маро ситоиш мекард. Вақте ки ба ӯ як дона китобро бо соядаст додам, ғайриинтизор, хоҳише кард, ки дар пешаш забонам лол монд. Ӯ мехост тамоми китобҳои бурдаамро барояш диҳам!

– Дӯстам, ту тоҷик набошӣ, чӣ кор мекунӣ китобҳои маро? – бо тааҷҷуб пурсидам ман.

– Аз ин ҷиҳат хаёлат роҳат бошад, ман асари туро ба ҷойҳои даркорӣ мерасонам, – гуфт ӯ ва аз ҷайбаш як даста пулро бароварда ба ман дароз карду афзуд: – Ҳоло ин аз нӯки хамир фатир, каму косташро баъдан пур мекунам.

Ман дасти ӯро гардондам, бо лаҳни норизо гуфтам:

– Ин хел намешавад, дӯстам, аввал китобҳоро гузарон, баъд...

– Гузарондан кори ман, агар нагирӣ, сахт нороҳат мешавам, дастамро нагардон.

Медидам, ки пули дасташ бештар аз қимати он се баста китобе буд, ки барояш медодам. Хиҷолатомез изҳор кардам:

– Ин ки хеле бисёр аст, чаро ин корро мекунӣ, Садриддин?

Ӯ ба истодагарии ман нигоҳ накарда, дари худравамро кушоду пулашро дар сандуқчаи ҷилав андохт ва гуфт:

– Барои масъули шуъбаи тарғиботии шаҳрдорӣ аз ин кори осонтаре нест! Беҳтарин силоҳи мо китобу рӯзномаю маҷаллаҳо аст, ки дар байни мардум паҳн мекунем.

Бо шунидани ҳарфи охири ҳамхидматам хушҳол шудам ва даст ба якдигар додему барои сарфи ноҳор ба чойхона баргаштем. Пас аз кабоби хушмаза ва ҳамдамию суҳбати самимӣ ману Садриддин аз ҳам ҷудо шудем, ӯ ба хонааш рафту ман роҳи пойтахтро пеш гирифтам. Дар тӯли роҳ пайваста ибораи нози Ҳазрати Мавлоно – «ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст» марҳами хаёлҳои озурдаи бесарунӯки ман буд...

* * *

Умри инсон чун оби рӯд мегузарад. Гӯё дирӯзакак буд ба шаҳри Баҳор рафта, бо ду рафиқам вохӯрӣ карда будам. Надониста мондам, ки аз он дам як сол сипарӣ шудаасту дубора бо тақозои кор ба он шаҳри азиз по

мениҳам. Иттифоқан, ҳангоми адои маъмурият яке аз ҳамсинфонам хабар дод, ки ҳамаашон дар шаҳри Баҳор ҷамъ шудаанд. Тахмин мекунед дар куҷо? Дар хонаи Равшани сартос! Ӯ ба писараш арӯс мефуровардааст. Гарчи аз он ҷашн хабаре надоштам ва аз ошноям ҳам дилам монда буд, хеле ҷоҳоро фикр кардаму ба рафтан розӣ шудам. Бо дилгармӣ, барои расидан ба дидори ҳамдеҳагон ба хонаи Равшан шитофтам.

Меҳмонхонаи ошноям пур аз одам буд. Дами ҳангомаю гуфтугузори онҳо торафт метафсид, ҳама бо ҷӯшу хурӯш дар хусуси кордонию пулёбии Равшани сармоядору шуҳратманд ҳарф мезаданд. Мегуфтанд, ба базми шаб якуним-ду ҳазор одам меомадааст, ҳунарпешаи номдоре ҳамроҳи чанд гурӯҳи дигар дар хидмат мешудаанд. Мисли ин ки сартос фақат ба овозхону ровиёни базм даҳ ҳазор ҷудо кардааст, ба харҷи тӯй ҳам даҳ ҳазор, панҷ ҳазори дигар барои пешкашу тухфаҳо...

Аз ин ҳама таъриф сарам дард гирифт, оҳиста, бо баҳонаи дастшӯӣ ба даҳлез баромадам. Писари хурдии сартос давида ба наздам омаду салом дод. Аз рӯйи одати ҳамешагиам, ки ба ҳар манзиле равам саравval китобхонаи соҳибхонаро зиёрат мекунам, аз писарак хоҳиш кардам, ки маро бо китобҳои падараш шинос кунад. Бо ӯ ба хонаи дигар гузаштем. Мошоаллоҳ, ошнои сартосам китобхонаи бузурге дошт! Як ҷевони баланди деворӣ пур аз маҷаллаю рӯзнома ва китобҳои ранг ба ранг буд. Тамошокунон то охир омадаму ҳавсалаам пир шуд. Бо чӣ забон гӯям, дар он ҷевони баланду тӯлонӣ ҳатто як дона китоб ё маҷалла ва ҳатто рӯзномаи тоҷикӣ надидам. Э вой!! Аз ҳазор-ҳазор таъриф мекунанду аз шуури холии ошноям на. Агар ӯ ба хотири «гап нарасидан» ёрои ҳарф задан ба забони модарӣ ё тавони нигаҳ доштани як дона китобро ба забони модарӣ надорад, чӣ инсоне аст?! Бо дили ғамгин ба қафо гаштанӣ шудам, ки ногоҳ китобе дар лабаи тиреза ба чашмам хӯрд, ба назарам гарм тофт. Бе истиҳола онро ба даст гирифтам. Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, он китоби тоҷикӣ

буд, ҳамон нахустин китоби банда, ки соли гузашта ба дасти мухлисон расонда будам. Беихтиёр онро боз кардам, дар саҳифаи аввал навиштае диққатамро ҷалб намуд: «Бо салом ва эҳтироми бепоён, ин китоби дӯстамро ба зодрӯзи бародари равшанфикри тоҷикам Равшан тақдим мекунам. Садриддин»...

## КОРИ САВОБ

Раҳим ҳар рӯз бо тангкӯчаи хокӣ гузарро миёнбур карда то истгоҳи автобус мебаромад. Барояш аз роҳи асосии мумфарш дида ҳамин тангкӯча, ки ду тараф хонаю ҳавлиҳои куҳнасохт дошт, писанд омада буд. Қадамзанон ба новдониҳои сафолини бурҷи хонаҳо, даромадгоҳҳои сангфарш, дару дарвозаҳои чӯбини мунаббаткоришуда[66] ва ҳар чӣ ба назараш қадимитар менамуд, диққат медод. Ӯ чанд лаҳза роҳравон ҳис мекард, ки ин гӯшаи маҳаллааш тамоман обу ҳавои дигар дорад, гӯё барояш аз гузаштаи пурасроре дарак медод, нишонаҳоеро аз ҳунари асили сокинонаш аён месохт. Тааҷҷуб мекард, ки чӣ хел ин гӯша аз назари навсозони чолок дур мондааст, ҷойи хонаҳои гилию чӯбинро ҳанӯз сохтмонҳои бетонию оҳанӣ нагирифтааст. Ҳатто ба чанд дарахти чинору чормағз ва тути пир, ки шояд аз дусад сол бештар умр доштанд, даст назада буданд.

Раҳим ин дафъа ҳам намехост дидаництарҳои тангкӯчаи дӯстдоштаашро нодида гузарад. Ҳарчанд ба кор дер мемонд, натавонист аз тамошои дарвозаҳои дутабақаи чӯбин худдорӣ кунад. Бештар нақшунигори кӯзашакли рӯйи онҳо, ки гӯё бо шикамҳои дамидаю гарданаҳои борик кандакорӣ шуда буд, дар оинаи зеҳнаш мунъакис мешуд. Чунин як дарвоза дар миёнаҳои тангкӯча ӯро аз қадамзанӣ нигаҳ дошт. Хаёлаш аз пайи хатту шиёрҳои

[66] **Мунаббаткорӣ** – яке аз шуғлҳои дастӣ аст, ки дар он нақшҳо ба сурати барҷаста рӯйи заминаи корӣ қарор мегиранд ва ҳамчун кандакорӣ бештар дар сатҳи чӯб анҷом мешавад

шаклгирифта ба наъли сиёҳи ҳилолмонанде гиреҳ хӯрд, ки дар васати пештоқи дарвоза ба назар мерасид. Наздик шуду аз рӯйи наъл даст кашид. Ба ёдаш нақлҳои бобояш омад, ки мегуфт: «Наъл тилисми хушбахтию омад ва сарват аст. Ба хонае, ки дар остонаю чорчӯбаи дараш наъл задаанд, шайтон роҳ намеёбад».

Раҳим хаёломез ба пас гашт, аммо ҳанӯз ба роҳ надаромада буд, ки садои ҷонгудозе аз дохили ҳавлӣ ӯро сари ҷо шах кард. Мисли ин ки зане бо тамоми ҷон навҳа мекашид, вале овозаш базӯр мебаромад. Оҳу нолаи ногаҳонӣ беасар намонд. Раҳим худро ба дарвоза часпонда, саропо гӯш шуд. Дубора зорию шевани зан дилашро об кард. Худ бехабар, бо зӯр дарвозаро тела дод. Чун аз дохил қуфл набудааст, як табақаи дарвоза кушода шуда рафт. «Ё бисмиллоҳ» гуфту аз остона по ба дарун ниҳод. Ҳавлӣ хилват буд, касе ба назар намерасид. Хомӯширо боз ҳамон садои дардолуд, ки аз дохили хона шунида мешуд, халалдор кард. Раҳим овоз дод:

– Дар хона кӣ ҳаст? Хола дар куҷоед?

Садои нолаомез қатъ шуд. Аммо лаҳзае нагузашта, оҳу зории зан баландтар баромад. Дар кори хайр ҳоҷати ҳеч истихора нест, Раҳим бо шитоб худро ба дарун зад. Дари хонаро боз карду манзараи асафбореро дар муқобил дид. Зани солманде бо ҳоли ночор, мӯҳои жӯлидаи парешон, лабу лунҷи хоколуду чеҳраи заҳиргашта ва чашмони нимабоз бар рӯйи намади тикка-тиккашудае дароз мекашид. Ӯ ёрои ҳаракат надошт, фақат бо панҷаҳояш муҳкам аз намади зерипойӣ дошта, сарашро ба боло кашида, бо сахтӣ нола мекард. Даромадани одамро пай бурд магар, бо тамоми вуҷуд поҳояшро ба замин заду дами сард кашид ва хомӯш монд.

Раҳим дигар нигарон наистод, ҳар чӣ ақлаш мефармуд пайрави он шуд. Дар назди пиразан сари дузону нишаста, аз ду дасташ гирифт ва ҷуссаи наҳифу сусти ӯро пуштора кард. Бо вуҷуди заифию лоғарӣ зан устухони вазнине дошт, вале Раҳим ҳама неруро ба бозувонаш

дода, бо ҷадал ба самти роҳи асосӣ шитофт. Корашро аз ёд бурд, дар ин дам қарор кард ҳарчи зуд зани нимҷонро то бемористон расонад. «Эҳ, Худоҷон, чаро ҷонаш ба лаб омадааст у касе хабар надорад? – роҳравон дар мағзи худ меандешид Раҳим. – Чаро ба ин ҳол афтидааст, наход ки одаме надошта бошад? Маҳалла бехабар бошад? Бечора меъдаашро ҳам бо хоку лой фиреб дода магар, аз димоғаш тафти гил меояд. Эҳ одамон, одамон...»

Пиразан дар бемористон бистарӣ шуд. Раҳим аз он ки санги касеро ба сина зада, бечораи ниматамомро зинда ба дасти духтурон супурд, хушҳол буд. Ӯ ҳама харҷи дорую доворо ба уҳда гирифт ва бо ин умед, ки шоҳномаро охираш хуш аст, бо дили пур ба сари кор омад. Ҳарчанд тамоми рӯз машғули кор буд, лаҳзае ҳам симои пиразан аз сафҳаи хаёлаш дур намешуд. Наметавонист дасту пойи беҷон ва афсурдаҳолии вайро фаромӯш кунад. Бечорагии муштипар раҳми ӯро овард. Вақте ки пизишк гуфт, бемор ба худ меояд, ҷойи хавотир кашидан нест, ҳаври дилаш пасанда шуд. Дар худ болида, дарун-дарун хушнуд гардид, ки кори хайр кард, бо ҷавонмардӣ дил ба дарё зад. Тамоми рӯз соат шумурд, то вақти корӣ ба поён расаду ба аёдати пиразан давидаояд. Орзу дошт тезтару бештар ба ҳоли ӯ расад, бо саргузашташ ошно шавад.

Раҳим ба ҳеч ваҷҳ намехост, ки касе аз ин кори савоби ӯ хабар ёбад. Дар тӯли зиндагӣ бори аввал ин гуна фурсат барояш даст медод. Ҳама талошаш ба он равона буд, ки фурсати муносибро барои расидан ба майлу ҳавасҳои қаъри дилаш истифода барад. Пас аз кор мустақим ба самти бемористон роҳ мепаймуду мурғи хаёлаш дар осмони орзуҳои ниҳонаш бол мезад. Ба хотири ӯ яке аз қиссаҳои устоди адабиёт омад, ки ҳиссае аз рӯзгори Алӣ бин Ҳусайнро бозгӯ карда буд. Вақте ки Имом Боқир падарашро ғусл медод, чашми ҳамраҳонаш ба бадани Имом Саҷҷод меуфтад, ки зонуҳо, сарангушти поҳо ва бар замми он, сари китфони ҳазрат низ обила задааст. Ҳамраҳон ба Имом Боқир гуфтанд, ки зоную

ангуштони қиблагоҳатон аз саҷдаҳои бисёр ва тӯлонӣ обила баста, аммо сари шонаҳояшон чаро ба он ҳол уфтода? Имом Боқир изҳор кард, ки агар падарам зинда мебуд, ҳарфе ба шумо намегуфтам. Он чӣ ман медонам, ӯ ҳар рӯз мискинонро хӯрду хӯрок медод ва бо даромадани шаб он чӣ аз хӯрданӣ дар манзил изофа мемонд, дар халтаҳо меандохт. Вақте ки ҳама ба хоб мерафтанд, халтаҳоро ба дӯш гузошта, ба сӯйи манзили одамоне мерафт, ки аз рӯйи ҳаё дархосте аз дигарон надоштанд. Хӯрокиҳоро дар байни онҳо тақсим мекард, тавре ки касе хабардор намешуд. Аз ин кори ӯ ман ҳамеша воқиф будам ва медонистам, ки ӯ мехост пинҳонӣ ва бо дасти худ назр диҳад. Ӯ мегуфт, хайру эҳсони пинҳонӣ ба Парвардигор хуш ояд, вақте ки касе аз шумо бо дасти рости худ садақа медиҳад, онро аз дасти чап махфӣ бидорад...

Раҳим ба маҳзи даромадан аз дари бемористон беист ба қабати дуюм баромад ва ба сӯйи хобгоҳи беморон шитофт. Ӯро дар роҳрав парастори масъул пешвоз гирифт ва бо лабханд гуфт:

– Ташвиш накашед, бародар, модаратон ба худ омаданд, ҳама нигарониҳо дар пушт монд.

– Садқаи забони ширинат шавам, хоҳарҷон, – аз «модаратон» гуфтани парастор ба завқ омада ҷавоб дод Раҳим, – ягон чиз таҳдилӣ кард ё не?

– Ним соат шуд, хӯроки асрро додем, косаашонро то охир лесида ба дастам доданд, бечора гурусна будаанд.

– Дасти танҳоӣ хушк шавад, намедонам чаро ба ин ҳол афтидааст. Ба назарам, одамонаш партофта рафтаанд, номардон!

Парастор бо таҳайюр нигоҳе ба Раҳим афканду гуфт:

– Ман фикр кардам модари шумоянд, ӯро намешиносед?

– Не, хоҳарҷон, ӯ ба ман ҳам бегона аст, аммо акнун ба вай бефарқ нестам. То ба по нахезад, ором намегирам.

– Худо ба шумо мадад кунад, одами меҳрубон будаед, – бо мамнунӣ афзуд парастор ва чун ба палата расида буданд, дарро кушод. Халтачаи нону меваро аз дасти Раҳим

гирифта, ӯро ба сӯйи пиразан ҳидоят кард. Раҳим чеҳраи боз ва нигоҳҳои маъюси ба хурсандӣ моили занро дида хушҳол шуд. Ҳамоно дар назди нимкати хоб ба рӯйи курсӣ нишаст ва беихтиёр бо ду даст панҷаи пиразанро дошта истод. Ба ӯ нигоҳкунон хӯриаш омад, наметавонист ҳарфе ба забон оварад.

– Халоскори ман туӣ, писарҷон? – бо садои кам лаб ҷунбонд пиразан.

Раҳим чизе нагуфт, ба маънии тасдиқ сарашро такон дода, дастони ӯро муҳкамтар фишурд.

– Барака ёб, умри дароз бин, писарам, – илова кард пиразан ва дар ду гӯшаи чашмонаш оби дида ҷило дод.

Чанд муддат дар палата хомӯшӣ ҳукмрон шуд. Раҳим намехост пиразанро ба суҳбат кашад, аз беҳол шудани ӯ дилвопас буд. Фикр мекард, ба гуфтугузор ҳанӯз фурсат мерасад, феълан бемор бояд дармон ёбад. Аммо зан боз ба сухан даромад:

– Маро ҷигари худам фиреб дод. Аз дасти духтари якравам ба ин ҳол афтодам. Ношуд, агар бо шавҳараш муросо мекард, талоқ намегирифт. Ҷудо шуда ба хонаам омад, бо ҳам мезистем, рӯзамон мегузашт. Вай дарздӯзӣ мекард, ҳаққи кораша медоданд ва аз сӯйи дигар, пули нафақаи ман ҳам буд, ба зиндагиамон мерасид. Рӯзҳо гузашту намедонам кӣ ба духтарам роҳи кор нишон дод, ки касби дасташа партофту худаша ба бозор зад. Ҳамон, ба бозор баромаду хулқу атвораш дигар шуда рафт.

Пиразан як лаҳза ором гардид. Парастор, ки болои сарашон рост меистод, беҳолии ӯро пай бурда, дарҳол як пиёла об дод ва бо меҳрабонӣ гуфт:

– Холаҷон, худатонро азият накунед, дам гиред. Ҳар гоҳ сиҳат шудед, бо дили пур саргузашти худро нақл мекунед, мо гӯш мекунем.

Пиразан бошад ҳозир набуд аз дарди дил гуфтан даст кашад. Ӯ оби пиёларо хӯрда, нафаси осуда кашид ва аз нав ба суханаш идома дод:

– Аз шаҳр ҳар хел молу мато меоварду дар шаҳракамон

ба бозориён мегузаронд. Дар дили ин рафтуомадҳо бо як марди бегона, ки дар таърифи «саховатҳо»-и вай аз забонаш асал мерехт, ошно шуда, бо ӯ аҳду паймон мебандад. Чанд бор бо ҳам ба хонаам омаданд, аз шаклу сумоти он марди туршрӯ аслан хушам наомад. Чашмони обиаш мисли чашми рӯбоҳ беист бозӣ мекард, миёни ҳар суханаш як гапи ҳақоратӣ мезад, шарм накарда дар пеши ман аз гунаю лабони духтарам бӯса мебардошт. Хулқу атвори ӯ як тараф, духтарам низ батамом дигар шуд, ба назарам мисли як духтари кӯчагӣ менамуд. Ҳар чӣ мегуфтам аз пушти гӯшаш мегузашт, ба ҳарфам гӯш намекард. Чун дар бадрафториҳояш андоза нигаҳ надошт ва ҳамсоягону хешовандонам ҳам аз ӯву аз ман худро канор кашиданд, аҳд кардам ӯро бо ошиқаш аз хонаам бадар кунам. Вале, чӣ кор кунам, ин дили модариам роҳ надод, на ба қилиққояш тоқат доштам, на аз ӯ метавонистам даст кашам. Бо вуҷуди ин, ба ӯ фаҳмонданӣ шудам: «Духтарам, бо марди бегона гаштан айб аст, гуфтӣ аҳду паймон бастем – ё бо ҳам никоҳ бандед, ё ки бо ӯ нагард. Бо ин корат на фақат ба худату ба ман, ба тамоми авлод иснод меоварӣ. Ин тавр накун, дар пеши ҳамсоягону хешон шарманда шудем». Ӯ бошад, ошкоро гапе гуфт, ки гӯё торсакӣ ба рӯям зад: «Ман ба насиҳатҳои ту зор намондаам! Ба ҳама хешону ҳамсоягонат ҳам туф кардам!» Баъд аз ин баромада рафт, ягон шаш моҳ на вая дидам, на он бадбӯяша.

Пиразан аз дасти парастор боз об хӯрд. Раҳим ба чашмони хастаю камнури ӯ нигоҳ карда, бо меҳр пурсид:

– Модарҷон, шумо ҳамин як духтарро доред?

«Модар» мӯйҳои Раҳимро ба пушт молида, бо ҳамон мулоимат гуфт:

– Кош мисли ту писаре медоштам. Чӣ илоҷ, Худоям инро ба ман раво надид. Танҳо Фирӯзаро ба мо дод, падараш пас аз як моҳи ба дунё омадани духтарам ба таҳи мошин монду дар бемористон ҷон дод, ҳама ҷавру ҷафои рӯзгорро бо ин ҳама танҳоӣ ба сари ман гузошту рафт.

– Парвардигор ба шумо сабр диҳад, – бо дилсӯзӣ гуфт

Раҳим ва пурсид: – Баъд чӣ шуд, духтар ба суроғатон омад?

– Эҳ писарам, кош намеомад! Як рӯз бо ҳамон ошиқаш дар ҳавлиам пайдо шуд. Гуфтанд, ки бо ҳам издивоҷ кардаанд. Ба тavри худашон ба ин қарор омадаанд, ки мана дигар танҳо нахоҳанд гузошт. Дукаса ба ҷону ҳолам намонда, бо баҳонаи хона харидан дар шаҳр, хонаю дарама ба фурӯш монданд. Мани сода ҳам бовар кардам. Бар замми хона ду сар гову гӯсола ва «Жигули»-и падараша ҳам фурӯхта ҳама пула ба ҷайб заданд. Бо ҳам ба шаҳр омадем. Мана дар ҳамон хонае, ки аз он ҷо ёфтиям, гузошта рафтанд. Қасам ба дилҳои хаста, қариб ним сол рӯз шумурдам, аз онҳо дарак нашуд...

Парастор низ маҳлиёи нақлҳои пиразан шуда дар назди онҳо нишаста монд. Дар ин ҷойи сухан, дар ҳоле ки аз тақдири зан ба риққат омада буд, гуфт:

– Шумо ҳам аз куҷо медонистед духтари худатон гӯл мезанад. Ба касе муроҷиат накардед пас?

– Чаро, чандин бор ба назди ҳамсоягон гузаштам, ҳоли зорамро дида дар оғоз кам-кам нону ғизо медоданд, аммо дигар бас карданд, дар асл, рӯйи худам ҳам намешуд, ки ҳар рӯз ба дарҳояшон равам. Ба маҳалла рафтам. Раисаш як занак будаст, сараввал гапҳои сахт гуфт. Он хонае, ки ман меистодаам, бесоҳиб будааст. Не, соҳибаш будаасту чандин сол дар мардикориҳо мегаштааст. Раис духтараму шавҳари вая аслан намешинохтааст. Чун дид кампираки беозораму ба ёрӣ муҳтоҷ, қавл дод, ки коре карда пули нафақаама ба ҳамин одрис мегузаронад, аз маҳалла кумакпулӣ менависад. Агар иқрор накунам кӯр мешавам, он занак ҳамон моҳҳои аввал ду-се бор аз ҳолам хабар гирифт. Дигар соя накард. Мехостам худам ба идораи райсобес[67] раваму ақаллан пули нафақаама дуруст кунам, лекин ногаҳон бемор шуда мондам. То дараҷае ҳолам бад шуд, ки аз шиддати дарду бедармонӣ наметавонистам аз ҷоям биҷунбам. Ба

[67] **Райсобес** – калимаи кӯтоҳшудаи русӣ аст: шуъбаи таъминоти иҷтимоӣ

гумонам, пас аз хоку гилхӯриҳо ҳаётам ба охир мерасид, ки Худо писарҷонама ба ман расонд, – ашки дидагони пиразан шашқатор шуд, дасти ларзони худро ба пушти панҷаи Раҳим гузошт.

Аз гиряи беовози зан чашмони Раҳиму парастор низ лиқ-лиқи об шуд. Раҳим дасти ӯро гирифта, маҳзун гуфт:

– Ман шуморо дар он ҳол дидаму дилам сиёҳ шуд. Дигар, он ҳама азобӣ паси сар монд, модарҷон, худам ба шумо ғамхорӣ мекунам!

Пиразан хомӯшона бо як ҳаракат ба паҳлу гашт ва бо ишораи дасти ӯ Раҳим сари худро ба рӯйи сандуқи синааш гузошт. Вақте ки онҳо мисли модару писар дар оғӯши якдигар монданд, парастор бо тамоми вуҷуд ба завқу ҳаяҷон омад ва аз хурсандӣ оби дида рехт.

## ЯКРАВ

***Ёддошт:*** *Моҳи декабри соли 2019 дар кишвари Чин бемории куруновирус (COVID-19) паҳн шуд. Дар муддати кӯтоҳ, то моҳи марти соли 2020, ин бемории марговар ба тамоми ҷаҳон сироят кард. Аз ҷониби муассисаҳои тандурустӣ ва пажӯҳишгоҳҳои мухталифи тиббӣ барои хунсо кардани куруновирус чораҳои зарурӣ андешида ва корҳои зиёд анҷом дода шуд. Бар зидди ин беморӣ ваксинаҳои гуногун ихтироъ ва ба мардум тазриқ шуд. Дар натиҷа, то охири соли 2022 бемории куруновирус ба мизони 90 дарсад аз байн бардошта шуд. Аз он пас амалиёти қарантина низ дар моҳи майи соли 2023 аз ҷониби Созмони тандурустии ҷаҳонӣ билкул бекор карда шуд. Машҳуртарин шиор дар замони паҳншавии куруновирус ин буд: «Дар хона бимонед! Аз куруно карона ҷӯед!» Ҳикояи зерин низ ҳокӣ аз он замон ва бемории фарогири куруновирус аст.*

Ба сабру бардошти ҳар дуяшон ман қоил!

Ҳамин ки чилланишинӣ эълон ва дари мактабу корхонаҳо баста гардид, шавҳару духтарам аз хурсандӣ кулоҳ ба осмон партофтанд. «Боракаллоҳ, ана ин кори

оличаноб шуд! – мегуфт додояш бо рухи болида. – Сари вақт ширкатро таътил карданд, Илоҳӣ, ҳама баду бало зудтар гузашта равад!» Духтарам низ шодмониашро дар худ намехӯрд: «Чӣ қадар хуб шуд, ба гуфтаи устодамон, хавфи олуда шудан ба ин вируси балои ҷон паси сар монд. Аз ин пас дар хона нишаста дарс меомӯзем, муаллимон бо телегром вазифа медиҳанд. Аз каналҳои телевизион ҳам дарсҳои онлайн мегузаранд»...

Оре, ҳар ду хонашин шуданду дили ман дар хона нагунҷид. Намедонам чӣ ҷине маро зад, аз субҳ то шом ба ҳузури шавҳару духтарам дар манзил базӯр тоқат мекардам. «Мардаки беғам, рӯз то бегоҳ пушта ба курсӣ часпонда нишастанат нишастан, – ҳар гоҳе ба шавҳари «бекор» назарам меуфтод, гулуямро ингор панҷаи гург хафа мекард, – э, аз китобу газит хондан дили ту беҷо ҳам намешавад-е!» Сарборӣ ба ин, духтарам низ дар паҳлуяш беғаму бепарво бо қаламу дафтару роёнааш ишқу ҳол мекард: менавишт, мехонд, тасвир мекашид, соатҳо ба мағзи роёнааш даромада мерафт. Намедонам чаро, ин шуғлу ҳамроҳиашон маро ба марзи дилтангӣ расонд, дар сурате ки қаблан ҳар рӯзи Худо танҳо менишастаму доиман мамнуну сари ҳол будам!

Гоҳе ҳис мекардам, ки ба инсоф меоям: охир, инҳо ҷигаргӯшаҳои мананд, чӣ бадӣ дорад агар шабу рӯз бо ҳам бошем? Ба гуфтаи додояш, то гузаштани балоҳои рӯз беҳтар нест ҳама дар хона бимонем? «Эҳ нодон, умр ғанимат, чун фурсат даст додааст, ту ҳам аз дидору аз меҳрашон сер шав, – ба мисли барқ фикрҳое дар саҳни хаёл ҷарақа мезад, – ба дилашон роҳ ёб, хушҳолӣ кун, аз хӯроку ширинихоҳи аҷоибат бипаз, ба қадри азизонат бирас!» Вале, ин ҳиссиёт ҳамон як оташаки лаҳзаина буду бас. Мани хонанишине, ки аслан ба берун руҷуъ намекардам, акнун зиқ шудам. Аз чиллаи нобаҳангом наздик буд дилам торс кафад, ба хотири наҷот суроғи дугонаҳоямро гирифтам...

Дунё бо ҳамрозу ҳамдам сафо дорад! Дугонаҳои бо-

вафо бо як ишора дарди бандаро фаҳмиданд. Шинаки навбатиро Гулсара ба уҳда гирифт. Пас аз даҳ-дувоздаҳ рӯзи дар хона мондану саршор шудани косаи сабр ба димоғам ҳавои тоза расид, барои рафтан ба меҳмонӣ омодагӣ дидам. Оҳ, то чӣ ҳад лаҳзаҳои рухбахше буд он дам! Хурсандиам дар дил ҷо намешуд, охир, фурсате ба ман даст медод, ки аз зиндону маҳбусони дамдардаруни он раҳоӣ меёфтам! Аммо...

– Ҳа, ба куҷо даррав шудӣ? – ғайри чашмдошт овоз баланд кард додояш аз ҳамон ҷойи нишасти худ. – Ба меҳмонӣ меравӣ?

«Ҳама гуфтугузорро шунидааст, номард, – шуввӣ дилам рехт, – худро бо китобхонӣ вонамуд карда ба ҳама сухан гӯш медодааст!» Суоли ӯ чун сӯзане буд, ки пуфаки тоқатамро пора кард.

– Чӣ буд, дастамро нигаҳ медорӣ, ба поям ишкел мезанӣ? – бо инод гуфтам ман. – Ҳақ надорам ба меҳмонӣ равам?

Ба наздам омад. Сураташ ба андозае шигифтзада менамуд, ки гумон мекунӣ дар умраш бори аввал маро бо ин ҳолат мебинад. Чашмони аз мутолиаи зиёд сурхшудаи ӯ чун пиёла боз ва лабу даҳонаш ба ду ҷониби фак мисли кеш таранг шуда буд. Бо азобе ғазабашро ба дарун хӯрда гуфт:

– Дар берун карантин, ин ҳама сарусадои пулисҳоро намешунавӣ?

– Ба ман чӣ? – якравӣ кардам рост ба чашмонаш нигариста. – Аз куруно гурехта дар хона бимирам?

– Ё тавба, ин сухан аз куҷои ҷонат баромад? Магар касе зулм мекунад ба ту?

– Ман дар ин зиндонат девона мешавам! Пеши роҳамро нагир, маро гузор ба назди дугонаҳоям равам, то вақти шом бармегардам.

– Ба ҳеч ҷо намеравӣ! – садо баланд кард ӯ, дар ҳоле ки наметавонист ғазаби худро нигаҳ дорад.

– Меравам!

Ёзиду аз банди дастам гирифт ва дод зад:

– Ба хона даро!

– Не! – бо зарб дастамро кашида худро аз дар ба берун задам ва ба пушт нигоҳ накарда, бо ҳавлу ҳарос аз зинаҳо ба поин давидам.

Вақте ки ба кӯча баромадам, додояш сар аз тиреза нишон дода бо таҳдид гуфт:

– Агар балое ба сарамон биёварӣ, зинда-зинда гӯрат мекунам, ин суханам аз ёдат наравад!

Ман даст афшонда ба роҳи худ идома додам. Бо орзуи дидани ҳамтабақони улфат ҳамонанди мурғи озоде ба сӯйи мақсад бол мезадам...

Бе муҳобо, баҳори зиндагӣ суҳбати дӯстон аст! Аз ин дару аз он дар хонаи гап метафсаду дилат сард намешавад. Касе аз доми ҳангома берун намемонад – на арӯсу модаршӯ, на ҳамсояву ҳамхоба, на фалону на бисмадон. Он рӯз гӯё як пуд ғам аз танам рехт, нисфи гапро ба шинаки дигар вогузошта, бо хушҳолӣ ва бӯсу канор ҳамдигарро тарк кардем.

Вақте ки ба хона омадам, аллакай ҳама ҷоро торикӣ фаро гирифта буд. Дарро оҳиста тиқ-тиқ задам. Духтарам кушод. Ба дохил по гузошта чанд муддат сари ҷо мех шуда истодам. Фикр мекардам ҳамин дам шавҳари ошуфта ба пешвозам метозаду ё ҳарфи сарзаниш мезанад, ё мушт ба сарам. Вале ҳодисае рух надод, фазои ҷиму ором ва зиқизойи манзил дубора маро ба оғӯш гирифт.

Бори аввал дар хонаи хобам шабро танҳо то саҳар расонидам. Намедонам барои чӣ, ҳамон шаб хеле мехостам додояш ба наздам ояд, мисли айёми ҷавонӣ бо меҳр маро ба оғӯшаш гирад, тану ҷонамро бисояду оташи видоду хуллатро дар вуҷудам ҷо кунад. Мижа таҳ накарда то хеле вақт ин лаҳзаро мунтазир мондам, аммо мурод ҳосил нашуд. «Аз дасти ман нороҳат аст, чун ба гуфтааш гӯш надодам, мехоҳад қаҳрӣ гардад».

Субҳ аз хоб хеста ба корҳои зиндагӣ андармон шудам. Мисли ҳамеша сабуку сари ҳол набудам, тамоми

ҷонам хаста менамуд, гӯё дасту поям дармон надошт. Пас аз сарфи субҳона дубора ба рӯбучини хона пардохтам. Кам-кам беҳолиам бештар мешуд, ҳатто чизе пеши гулуямро гирифта, ҳолати таҳаввуъро ҳис мекардам. Бо ин ҳол то зуҳр расидам. Ҳамроҳи духтарам наҳор дуруст кардем. Пас аз хӯроки пешин пай бурдам, ки дасту поям ҷон надорад. Ба хонаи хоб даромада дароз кашидам. Ногаҳон дар ҷойи хоб дарунам шуррӣ гузашт. Давида ба дастшӯйӣ баромадам. Оре, дарунравӣ доштам, мисли зардоб меомад, исҳоли сахте гирифта будам.

Додояш эътиноe надошт, духтарам низ дар олами дарсҳои худ фурӯ рафта, бепарво тамрин мекард. Дарди шикам маро ором нагузошт. Гӯё лӯлае аз дарунам ҳаво мекашид, атрофи шушам месӯхт, ҳалқам хорише дошт, мисли ин ки ба он сихе халида меистод. Дилам сахт беҷо шуду парида сари по хестам, ба дастшӯйӣ гузаштам. Ҳарчанд қай кардан мехостам, аммо чизе аз гулу набаромад. Бехаёл ангушт дар ҳалқ андохтам. Аз чашмонам ашки сӯзон баромаду андак зардоби қирмизранг аз даҳон, қариб нафастанг шудам. Базӯр ҳаво аз гулу бароварда, сар бардоштам, ҳалқам хорид, кам-кам сурфа кардам. Бо мурур нафасгириам мушкил гардид, мекӯшидам аз ин азоб бо сурфаи хушки канда-канда раҳоӣ ёбам...

Он рӯз ҳам ба поён расиду пардаи тираи шом ба ҷойи равшанӣ нишаст. Сари вазнину тани беҳоламро базӯр бардошта ба ошхона гузаштам. Духтарам ба ёрӣ омад. Ҳанӯз ба омода кардани ғизо напардохта дубора сурфаам хуруҷ кард. Духтарам ҳайратзада пурсид:

– Чӣ гап, оча, дар чиллаи баҳор сармо хӯрдӣ?

– Намедонам, тамоми ҷонам дард дорад, – дар ҳоле ки аз нав дар худ таҳаввуъу дилбеҷойиро ҳис мекардам гуфтам ман, – аз димоғам гирифта то шушу ҷигарам месӯзаду мехорад, назорати баданам аз даст рафтааст.

– Як лаҳза, ман илоҷашро меёбам, – чашмони духтарам барқ заданд, давида ба балкон гузашту як бандча ҳазорисгпандро ба рӯ гирифт, – дуд мекунем, ҳама микроб мемирад!

Бо ин ҳол кашол-кашол хӯроки шомро пухта ба дастор-

хон кашидам. Хеле гурусна будам, мехостам як олам ғизо бихӯрам, лекин пушти суфра нишастаму ҳеч коре аз дастам наомад. Танҳо як чумча аз таом хӯрдам, бемаза буд – на бӯе дошту на маза. Ҳарчанд шикам танбӯр менавохт, иштиҳо ғайб зад. Базӯр ду-се тикка нон фурӯ бурда, як пиёла чой нӯшидам ва хастаю беҳол ба ҷойи хоб гузаштам.

Дунё чӣ имтиҳонҳоеро ба сари одам намеоварад! Гӯё кӯҳи оташи Халилуллоҳ буд, ки маро дар коми худ фурӯ мебурд. Аз ғояти сӯзу гудози беохир парида аз ҷо хестам. Мисли ин ки тамоми баданам месӯхт, пешониам рӯяи танӯрро мемонд. Аз шиддати табу ҳарорати баланд тамоми вуҷудам меларзид, хир-хир базӯр нафас мекашидам, дар гӯшҳоям виз-визи муттасил хона мекард. Дар торикии нисфи шаб ба девору дар такякунон, по ёзонида то ҷойи хоби додояш омадам. Ҳамин ки малофаи болояшро кашида даст ба китфаш бурдам, ҷаста хесту сари ҷо нишаст. Ман дигар ҳоли сухан гуфтан надоштам, аз ғояти ларзиш лаб ба лабам намерасид, худамро гум кардам...

Илоҳӣ, хушк шавад решаи якравӣ, дар рӯзи равшан корашро кард! Нофармонӣ бароям гарон тамом шуд. Набуда монад он нишасту гапи дугонаҳо, бо пойи худ рафтаму ба оташи бало гирифтор шудам. Аблаҳию кавданиам маро бистарӣ карду беҳуш! Намедонам чӣ қадр дар дунёи тахаллулию рангоранг сабуку беруҳ мегаштам, яке ба ҳуш омадам, чашмҳоямро кушода худро дар хонаи бузурге дидам. Рӯ ба рӯям аз сақфи хона чандин чароғак милтас мезаданд. Ба суратам дастгоҳи танаффус ва ба ангуштону сари дилам низ чанд калидаку оҳанак зада буданд. Дар назди тахтхобам ва дуртар аз он одамҳое саросар сафедпӯш бо дасткашу дамобандҳо давуғеч доштанд. Яке аз онҳо дида боз кардани маро дид магар, ба пешам омад ва пурсид:

– Ба худ омадӣ? Садои маро мешунавӣ?

Ман «оре» гуфтанӣ будам, аммо ҳис накардам, ки забону даҳонам меҷунбад ё не. Парастор ба суханаш афзуд:

– Аз марг баргаштӣ, хоҳар, акнун зиндагӣ мекунӣ. Баданат ба эътидол омад.

Ман ҳарфҳои ӯро мешунидам, аммо худам ёрои ҳарф задан надоштам. Хеле мехостам аз ӯ суол кунам, ки ба ман чӣ шуд, чанд муддат беҳуш хобидаам, бемориам чӣ аст, барои чӣ асири ин ҳама дастгоҳу резинҳо ҳастам. Хушбахтона, парастор фикрҳоямро аз дидаҳои нигаронам хонд магар, сӯзану шишаи доруи қатраии болои сарамро ба мизон оварда, бо нармӣ ба ман шарҳи ҳол кард:

– Туро дар ҳолати бухронӣ ба дармонгоҳ расониданд. Дамои баданат чилро зер мекард, хишшоки қафаси синаат возеҳ шунида мешуд, аз нафасгирӣ уфтода будӣ. Озмоишҳо нишон доданд, ки вируси куруно қисматҳои болоию поёнии роҳҳои нафас ва ҳатто кисаҳои ҳаворо олуда кардааст, роҳҳои ҳавогузар варам дошт. Бо ин ҳол, ба ту сари вақт расидем, хушбахтона, ба худ омадӣ, вале бадии кор дар ин, ки беморӣ ба наздиконат ҳам сироят кардааст…

Ин ҷо сухани парастор чун теғе диламро сӯрох кард. Бо талвоса дар ҷойи хоб такон хӯрдам. Парастор китфҳоямро зер карда, бо изтироб гуфт:

– Ором бош, хоҳар, сӯзандоруҳо дармераванд. Пас аз як ҳафта базӯр ба худ омадӣ, ҳама саъю талошамонро ба бод надеҳ. Бубин, духтару шавҳарат низ дар зери дастгоҳанд, ба онҳо низ пайваста дору тазриқ мекунем, ҷойи нигаронӣ нест.

Гӯиё хун ба майнаам зад, сарам гиҷ шуду чашмонам сиёҳӣ рафт…

«Ҷиз-з» сӯхтани пӯсти дастамро ҳис кардам. Парастор ба вариди борик доруи мусаккин мефиристод. Дар ҳубобҳои тирафоми хаёл чошу пареш воқеаҳои пешин зинда шуданд. Ба дидаҳои ошуфтаи шавҳарам тоб наоварда, бо ҳисси изову пушаймонӣ чашмонамро пӯшидам. Нидое аз мағзи ҷонам ҷӯш зад: «Худоё, савганд ба иззатат, барои гуноҳонам ҷуз ту омурзандае намеёбам, бо хории тамом ба даргоҳат рӯй меоварам, тавба кардам, бо бузургиат азизонамро аз ин бало наҷот деҳу маро аз насими руҳафзои бахшиш ва омурзишат маҳрум нагардон!»

## БОРИ КАҶ БА МАНЗИЛ НАМЕРАСАД

*Тамаъ карда будам, ки кирмон хурам,*
*Баногоҳ хӯрданд кирмон сарам.*
***(Саъдӣ)***

Насим баробари ворид шудан ба шаҳри бузург худро ба тӯдаи мардикорон пайваст. Танҳо ҷойгоҳи ин тоифаи озодманиш дару дарвоза надошт. На саг буду на нигаҳбоне, ки пеши роҳи касро бигиранд, ав-ав кунанд ё шиноснома пурсанд. Кас дар ин тӯда хешро озод ҳис мекунад, ба аҳадунносе мутеъ нест, ба ҳеч гуна раҳбар гузориш намедиҳад. Дар тӯли рӯз танҳо коре, ки мекунад, ҳарисона ба самти роҳ дида дӯхтан аст. Ҷодаи бузург бошад, ҳамеша пури мошин, худравҳои ранг ба рангу хурду бузург пайи ҳам шуввас зада гузашта мераванд. Ҳеч кадоми онҳо аз чашмони бозикуни мардикорон дур намемонад, чун акси рӯйи об дар дарёи нигоҳҳои умедвору озманд нақш мебандад. Ба маҳзи ин ки мошине дар канори ҷойгоҳи мардикорон турмуз медиҳад, ҳамоно галаи бесаробон ба монанди селаи мурғони ҳаво, ки ба туъмаи пайдошуда як он фурӯ мерезанд, ба сӯйи он ҳамла меоваранд. Аз пайи талоши лаҳзаина толеи чанд кас механдаду бас. Бо вуҷуди ин, рӯбароҳон ноумед намешаванд, боз ҳам дидаи пурумед ба сӯйи корвони худравҳо медӯзанд.

Дар рӯзи аввал Насим ба нияти худ нарасид. Ҳамин ки корфармое меомад, мардикорони ботаҷриба дар як чашмпӯшӣ ӯро печонида мегирифтанд. Насим бошад, ҳар гоҳ аз ҳалқа берун мемонд, дасту бозувони таранг ва ҷуссаҳои гармухунукдидаи нерумандро тела дода, худро ба даруни тӯда задан кори осон набуд. Бо ин ҳол дар тӯли рӯз ҳатто як маротиба натавонист бо корфармое рӯ ба рӯ шавад, ҳар гоҳи талош туъмаи нохункашию дастандозиҳои ҷавонони ташнабакор мегардид. Вақте ки дид, пардаи шомгоҳон ба атроф нишаста, торикӣ рӯзи равшанро ҳарчи беш дар худ мебалъад, дилашро ваҳм зер кард. Дигар тӯдаи корҷӯён низ пароканда шуда, ноаён ҳама пасу пеш

ғайб заданд. Вай бошад, ҷойи рафтан надошт, намедонист ба куҷо сар гирад. Дар тану вуҷуди худ сардии бегоҳиро ҳис кард. Тугмаҳои камзӯлашро гузаронд, аз кӯлбори ба китф овезон кулоҳи гармашро гирифта пӯшид. Пай бурд, ки гурусна аст. Пулҳояшро аз киса дар оварда шумурд: даҳ ҳазор сӯм. «Ду дона санбӯса меояд», – забон хоид ӯ. Ба самти чойхонаи бағали бозор роҳ пеш гирифт…

…Ҳама чиз дар хона ғайриодӣ аст: кӯрпаю болинҳо паҳну парешон, қолини деворӣ аз як сӯ канда шуда андармони мехе кашол меистад, дастархон бо тиккаҳои сахтшудаи нон дар зери по, аз барқи хона хабаре нест магар, чароғе бо шишаи дудагирифтаи худ базӯр рӯшанӣ медиҳад. Аз ин бадтар, ҳоли модар ташвишовар менамояд, вай дар як гӯша дасту по дар бағал ҷамъ карда беист менолад, дард мекашад. Ногаҳон овози ҷонгудози ӯ аз зери гӯш шунида шуд. «Очаҷон!»-гӯён сар бардошт Насим. Чашм кушоду дар ҳавои нимторики саҳарӣ дар рӯ ба рӯйи худ ду ҷавони формадорро бо чӯбдаст дид. Яке дубора калтаки резинии худро ба болои сараш баланд кард.

– Не-е, назанед маро! – ба худ омада дод зад ӯ ва парида аз ҷо хест.

– То кай аз дунболи шумо бехонумонҳо мегардем, барои чӣ дар кӯча хоб рафтаӣ?! – аз задан худдорӣ кард ҷавони посбон. – Агар нахоҳӣ ба зиндон барем, тез лашулушатро ҷамъ куну аз ин ҷо дафъ шав!

Насим ҳамоно кӯлборашро аз замин бардошта ба дӯш гирифт. Дигар ҳарфе назада, пӯшт-пӯшт ба ҷониби ҷойгоҳи мардикорон шитофт. Роҳравон ҳис кард, ки бозуи росташ месӯзад. Хоби дидааш дубора дар сафҳаи зеҳнаш зинда шуд, дар худ ларзид. «Очаҷонам нола мекашид, дарди ҷонкоҳе дошт, – ба ёд овард ӯ. – Аммо дастам барои чӣ месӯзад? Ҳа, ман аз зарбаи посбони шаб бедор шудам ва шояд ҳам… аз оҳу фиғони очаам. Бечора ба чӣ ҳол бошад? Маро ба мардикорӣ фиристоду худаш чӣ мехӯрад?» Оҳи вазнин аз сина баровард. Боз ба хаёл рафт: «Агар дадоям моро партофта наме-

рафт, ман ҳеч гоҳ ба ин рӯзи сахт гирифтор намешудам. Очаҷонам ашкрезон мегуфт: «Маро фиреб дод ӯ. Ман дер фаҳмидам, ки дар шаҳр зану бача доштааст. Охири кор ду оила барояш вазнинӣ кард, аз ман даст кашид, ҷавобамро дода рафт», – оҳ аз сина бароварду зери лаб ғурунгид: – Номард...» Дар сурате ки бо панҷаи чап аз рӯйи шиками гуруснааш мекашид, мушти росташ гиреҳ хӯрд, дандонҳояш сахт рӯйи ҳам нишастанд. Як қулт оби даҳан ба дарун фурӯ бурд ва гуруснагиашро нодида гирифта аз нав ғарқи андеша шуд: «Бояд тоқат кунам, имрӯз ба ҳар қимате бошад кор мегирам, пул меёбам. Дар деҳа мехостанд коргари мағозаи тағоям бошам, ҳеч гоҳ! Намехоҳам дӯсту душман ҳаммолии маро дида мазоҳ кунад. Омодаам дар ин ҷойҳои ношинос ба ҳар гуна амал даст занам, вале дар деҳа не. Ман бояд бо пули пур баргардам, ба боли очаам дароям, вайро аз хиҷолати камбағалӣ раҳо созам»...

Ҳанӯз зуд буд, дар ҷойгоҳи мардикорон касе ба чашм намерасид. Насим чанд муддат дар канори ҷода ба ин сӯву он сӯ қадам ниҳода охирсар ба рӯйи кундае, ки аз дарахтҳои буридашуда ҷо монда буд, нишаста по ёзонд. Бо шукуфтани ғунчаи сапеди рӯз аз ҳар тараф сару тани мардикорон намудор шудан гирифт. Онҳо аксаран ҷуфт-ҷуфт ё се-чор нафарӣ меомаданд, мисли ӯ корҷӯёни танҳо кам буданд. Хеле мехост вай низ ҳамроҳе дошта бошад, аммо аз куҷо? Намедонист ба кӣ наздик шаваду киро ба худ шарик созад. То ҷое ҳама дар ин муҳит ба якдигар рақибанд, касе намехоҳад луқмаи даҳонашро аз даст диҳад. Ба сухбат кашидани корфармо кори осон нест, аз миёни ин қадар довталаб худро чӣ хел шинос мекунад?

– Дар фикри кадом ҷононаӣ, додар? – ногоҳ баланд шуд садои дағали марде, ки бо як рафиқи худ дар назди ӯ пайдо шуданд. – Ту ин ҷо бо мақсади кор ҷустан омадӣ ё барои хаёлронӣ? Қариб як соат аст, ки даст зери манаҳ гузошта нишастаӣ ё шалворат ба кунда часпида монд?

Насим нимҳазлу нимҷиддӣ бархӯрд кардани марди ношиносро пай бурда лабханд зад ва беихтиёр аз ҷо баланд шуд. Дар ҳоле ки ба дасти дарозкардаи мард даст медод, ба сухан омад:

– Рости гапро гӯям, бори аввал ба бозори мардикорӣ омадам. Ниятам пул ёфтан аст, аммо намедонам аз куҷо сар кунаму сарамро ба куҷо занам.

– Наход?! – афзуд ҳамон марди аввалӣ, ки аз зери гӯш то таҳи ҷоғ доғи захм дошт ва чашмони бузургаш гӯиё одамро фурӯ мебурданд. – Мехоҳӣ ба ману рафиқам шарик шавӣ?

Насим аввал ба марди ношинос, сипас бо хирагӣ ба ҳамроҳи ӯ дида дӯхту дудила нашуда гуфт:

– Оре, агар ба сафи худ қабул кунед, ман бо ҷону дил розиам, вале чӣ кор мекунем?

– Кор ёфтан ба зиммаи ман, додар, – бо қатъият гуфт марди ношинос, – фақат шумо ду нафар бояд бо чобукӣ ҳар чӣ мегӯям анҷом диҳед. Тезкорӣ ва сухандонии шумо силоҳи асосии мост!

Насим намедонист ба ин марди олиҳиммат, ки дар лаҳзаи ногувор ба ӯ дасти ёрӣ дароз мекард, чӣ гӯяд. Ба хотири пулёбӣ омода буд дасту пояшро ба ҳар гуна садду сангар, сарашро ба ҳар навъ сӯроху охурча занад. Ӯ, дар воқеъ, ҷавони чусту чолок буд, метавонист ҳар гуна кореро, ки ба уҳдаи мардикорон мегузоранд, анҷом диҳад. Чун парвардаи деҳа аст, аз мушкилие ҳарос надорад, метавонад ҳатто бо ҳар гуна амали сахту сангин дасту панҷа нарм кунад. Охир, барои кор кардану заҳмат кашидан омадааст! Дар нигоҳи аввал ду марди бегона то ҳадде зишту бадзот менамуданд, аммо барои ӯ ин бадгуҳарӣ аҳамияте надошт. Муҳим ин буд, ки барояш ёрӣ диҳанд ва ӯ аз муфлисӣ раҳо ёбад, таваккул ба Худо…

– Аз ман дилатон пур бошад, бародар, – бо умеди ин ки ҳамраҳони нав ба ӯ бовар кунанд бо оҳанги нарму умедвор гуфт Насим, – агар ҳаққамро сари вақт диҳед, аз ҳеҷ гуна кор сар намепечам.

– Номат чист?

– Насим.

– Маро Даҳшат меноманду ӯро Мормулак, – ба рафиқаш рӯ оварду хандид марди ношинос ва афзуд: – Вақте ки бо мо кор мекунӣ, зуд мефаҳмӣ, ки барои чӣ мо чунин исмҳое дорем. Шояд як рӯз ба ту низ ин гуна лақаб гузорем, нороҳат ки намешавӣ?

– Чӣ ҳам мегуфтам, агар кор тақозо кунад ба ҳамааш розиам.

– Хуб, Насимҷон, дигар вақти ҳангома нест, аз пайи кор шавем!

Ҳар се аз миёни корҷӯён баромада, аз канори ҷодаи бузурги мошинрав ба самти поин сарнишеб шуданд. Насим тасмаи кӯлборашро аз китф гузаронда, тез-тез қадамзанон аз дунболи ҳамраҳони нав роҳ мерафт. Онҳо аз ҷойгоҳи мардикорон хеле дур шуданд. Пиёдаравон Даҳшат ба Насим, ки ҳанӯз ба куҷо рафтану чӣ кор карданашонро намедонист, гуфт:

– Ҳар гоҳ амалиётамон сар шуд, гӯшу ҳуш ба ишораю дастурҳои ман бош. Ҳар чизеро, ки ба дастат медиҳам, фавран зери доман ё дар ҷайбу кӯлборат пинҳон кун. Ба ту дигар ҳеҷ гуна ҳаракати изофӣ лозим нест. Мефаҳмӣ чӣ мегӯям, Насим?

– Фаҳмидам, ин ки кори содаест.

Амалиёте, ки мебоист сурат гирад, барои Насим мубҳам буд. Бо ин ҳол, барои ӯ аҳамияте надошт, ки чӣ гуна фармоишро анҷом медиҳад. «Хари лӯлиро об деҳу пулашро гир» гуфтаанд, аз ин хотир, ду чашм ба амри корфармояш хоҳад шуд, уболу савоби амалаш бошад аз гардани ӯ соқит аст. Ҳарчанд бехаёл буд, дар ин лаҳза ҳавлу ҳаросеро дар худ ҳис кард, мехост ҳарчи зуд воқиф шавад, ки ҳамкоронаш чӣ каромате анҷом доданианд.

Пас аз чанд муддати роҳгардӣ, дар ҷое, ки аз пиёдараву кӯчагардҳо хабаре набуд, Даҳшат аз ҳаракат бозистод. Ҳар се нафас рост карданд. Аз канори онҳо дар роҳи сертараддуд пайи ҳам мошинҳои хурду калон шув-

восзанон гузашта мерафт. Дар ҳамин ҷо Даҳшат пештар баромада, бо тик кардани ангушти ишора барои нигаҳ доштани такси азм кард. Лаҳзае нагузашта як сабукрав суръати худро коста дар наздашон истод.

– Мо то сирк меравем, бародар, – гуфт Даҳшат ва бо як чашмандозӣ салону гирду бари ронандаро аз зери назар гузаронд, – чанд пул мегирӣ?

– Тибқи маъмул, даҳ ҳазор.

– Ӯ-ҳӯ! Аз роҳат намон, бародар! – хунсардона дари мошинро пӯшида худро канор кашид Даҳшат.

Насим медид, ки Мормулак фақат дар камин меистад, на ҷилав меояд, на ба кори сардор дахолат мекунад. Зоҳиран, пайтеро мепоид, ки барояш дастур диҳанд ва мисли бабре ба болои туъма хез занад. Пас аз каме интизорӣ сабукрави дигаре таваққуф кард. Даҳшат дари мошинро кушода, дар ҳоле ки чашмонаш ба ҳар сӯ бозӣ мекарданд, пурсид:

– Метавонӣ моро то бозори Паркент расонӣ?

– Бо ҷону дил, чанд пул медиҳед?

– Панҷ ҳазор.

– Эҳ?! Медонӣ то он ҷо чӣ қадар роҳ аст?

– Чӣ фарқе дорад, ту ба мо гӯй, мебарӣ ё не?

– Бародар, агар понздаҳ ҳазор диҳӣ, чашм!

– Аз роҳат намон! – садо баланд кард Даҳшат ва дарро баст.

Насим на аз оҳанги пурсупосу баҳси ду нафар, балки аз он ки сардорашон ин дафъа тамоман суроғаи дигарро мепурсид, сахт дар ҳайрат монд. Вақте ки мошин газ дода аз наздашон дур шуд, хост аз Даҳшат шарҳи ҳол пурсад, аммо асабонӣ шудани ӯро диду худдорӣ кард. Ӯ низ мисли Мормулак ба даҳон об гирифта, бепарво истодан гирифт. Даҳшат бошад, тез ба худ омад, оҳиста-оҳиста ба самти пеш қадамзанон аз нав ба сӯйи мошинҳои равон ангушт тик кард. Дере нагузашта як сабукрави нав сигнали кӯтоҳе доду дар канори ҷода истод. Ронанда шиму костюми сиёҳ ба тан дошт, ҳатто тавқи қаҳваиранги хат-хатие ба гардан

зада буд, ба назар мерасид марди зиёӣ аст. Ӯ баробари таваққуф кардан шишаи дари пешро поин овард. Даҳшат низ дигар дарро боз накарда ба дарича сар монд ва бо илтифот ба сухан омад:

– Монда набошед, бародар, ба кадом самт меравед?

– Ташаккур, Худо хоҳад, то Юнусобод.

– Ана ин гапи дигар! Ним соат боз такси медорем, чист ки мошине ба Юнусобод равад, – бо хушҳолӣ ба суханаш идома дод Даҳшат ва пас аз чорчашм дохили мошинро варандоз намудан як лаҳза қоматашро рост карду ба Мормулак чашмакӣ зад ва ба Насим низ ишора намуд, ки ба сабукрав нишинад. Худаш ҳамоно дарро кушода дар паҳлудасти ронанда нишаст ва афзуд: – Бародар, хоҳари дӯстамон сахт бемор шудааст, бояд рафта ӯро биёрем. То Юнусобод ҳар қадар мехоҳед аз ӯ гиред, – гуфт ва ба самти дигар ишора кард.

Мормулак аз тарафи чапи ронанда омада, мисли ин ки пул мебароварда бошад даст ба ҷайб бурда, ӯро ба суҳбат кашид:

– Гӯед, ака, дастмуздатон чанд сӯм мешавад?

– Аз ҳимматат, чун роҳам ба ҳамон ҷониб аст, ҳар чӣ диҳӣ розиам.

– Мошин аз они шумо, нашавад, ки ман пуле диҳаму баъдан дуои бад кунед?

– Он ҷо хоҳарат бемор будааст, ба одам савоб ҳам лозим аст, охир?!

– Раҳмат, ака, одами бафаҳм будаед, кош ҳама мисли шумо бошанд…

Дар ин лаҳза, вақте ки ронанда бо Мормулак машғули гуфтугузор буд, Даҳшат ду чашм ба сӯйи онҳо як ҳамёни чарминро аз поин ба қафо дароз кард. Насим баробари дидани дасти дарози сардор ба ёдаш маслиҳатҳои қаблии ӯ омад. Дигар ҷойи истиҳола набуд, бедаранг ҳамёнро гирифту дар кӯлбораш андохт ва гӯшу ҳуш ба амру дархости дигар шуд. Сардор гӯё аз суҳбати ронандаю Мормулак дилтанг шуда бошад, садо баланд кард:

– Ҳой, ин қадар ҷоғат тафсида рафт, пули роҳро медиҳӣ ё не? Ба мо дер шуд-ку?!

– Ҳозир, ҳозир, – ҳаросон шуд Мормулак ва ба кофтукови ҷайбҳояш пардохт, аммо чизе наёфта хиҷолатомез гуфт: – Ноомади корро бубинед, бо шитоб баромадему пулам фаромӯш шудааст. Эҳ, сад афсус...

– Марг ба он хотираат! – бо ғазаб бонг зад Даҳшат ва дарро кушода истода афзуд: – Пулат набудааст чаро такси нигаҳ медорӣ?! Марг ба ту, беҳуши склероз!

Мормулак бо ранги парида ва гуноҳкорона аз ронанда маъзаратхоҳӣ намуд:

– Моро бубахшед, ака, аз роҳатон намонед. Дигар илоҷе надорем, бояд ба хона баргашта пул гирам, узр...

Бо ишораи Даҳшат Насим низ ҷаста аз мошин фуромад. Дар ҳоле ки сардор доду ғирев бардошта ҳамкори «ношуд»-и худро сарзаниш мекард, ронанда мошинро ба данда зада пой рӯйи газ гузошт. Баробари дур шудани сабукрав Даҳшат амр кард:

– Нагурехта номард, ба самти муқобил мегузарем, зуд бошед!

Бо як чашмзанӣ аз пасу пеши сели мошинҳо роҳ ёфта, чапдеҳон ҳар се ба ҷониби дигар гузаштанд. Ҳамоно Мормулак мошинеро нигаҳ дошт ва бе пурсуҷӯ худро ба дохили сабукрав партофт. Даҳшату Насим низ аз қафои ӯ нишастанд. То чор истгоҳ омада ҳар се пиёда шуданд ва дартоз ба мобайни иморатҳои бисёрошёна даромада, дар охири мошинхонаи дарозе, дар як айвони болокушода нафас рост карданд.

– Роҳат шудем, – даст афшонда нафаси амиқе кашид Даҳшат ва ба Насим рӯ овард: – канӣ, ҳамёнро барор!

Устои касби худ будан, бешак, даричаест барои ворид шудан ба манзили мурод. Бо ин ҳадаф одамҳо надониста мемонанд, ки аз субҳ то шом ба чӣ корҳое даст задаанд! Ин зиндагӣ аст, ки лигоми инсонҳоро ба ҳар сӯ мекашад, якеро ба кӯйи саодат, дигареро ба вартаи ҷонгир ва савумиро ҳам ба оламе мубҳаму ноошно. Шояд иддае

аз пасоянди амали худ воқифанд, шояд амдану қасдан масири ноошноро тай мекунанд. Аммо ҳақиқати хол ин аст, ки онҳо балад нестанд ба куҷо мераванд, намедонанд фардо барояшон чӣ иттифоқе рух медиҳад. Магар фардоро дарк накарда имрӯзро сохтан мумкин аст? Ё амалкарди касоне дуруст аст, ки мегӯянд, имрӯз бароям хуш гузарад, фардо подшо!? Насими саргиҷ аз пайи ҳамкорони нави худ ба коре даст зад, ки ҳатто дар хоби шабаш надида буд. Пай мебурд дасту поҳояш ба куҷо мераванд, аммо на бо ихтиёри худаш. Дар ҳоле, ки нафаҳмида аз нахустин амали анҷомдода хушҳол буд, ҳамёни чарминро аз кӯлбор гирифта ба Даҳшат дароз кард. Ҳар се махмури ҳавасу умедворӣ бесаброна донистан мехостанд, ки ба чӣ дастбурде соҳиб шудаанд. Вақте ки сардор ҳамёнро боз кард, чашмони Насим аз косахонааш баромад. Даҳшат як дастгоҳи телефони Apple iPhone ва як баста пули миённашикастаро ба даст гирифт. Ӯ телефонро ба Мормулак доду бастаи пулро ба ҷайби шалвораш зад ва ҳамёнро қулоч кашида ба канали обе, ки аз бағали мошинхона ба поин ҷорӣ мешуд, ҳаво дод. Мормулак ҳамоно симкорти гӯшии ҳамроҳро дар оварда дур андохт, маълум буд, ки дар ин кор аллакай таҷруба дорад. Даҳшат бо мамнуният ду дасти худро ба дӯши ҳамраҳон гузошта арз кард:

– Пою қадами Насим нек будааст, сайдамон бобарор омад. Акнун зудтар аз ин маҳалҳо сояамонро бояд канем, – ва саволомез ба Мормулак нигоҳ кард.

– Ба вокзал! – рамуз фаҳмида дарҳол ҷавоб дод ӯ…

Чойхонаи «Бухоро» серодам буд. Дар роҳраву салонҳои ғизохӯрӣ таваҷҷуҳи муштариёнро бештар духтарони хушқадду қомат, ки бо либосу тоқии бухороӣ оро ёфта буданд, ба сӯйи худ мекашиданд. Онҳо аз ҳар як меҳмони расида бо илтифот пазироӣ намуда, ба самти мизҳои холӣ роҳнамоӣ мекарданд. Тараддуди беисташонро дида аз даҳони кас об меомад. Ғизо як тараф, тамошои духтаракони пешхидмат ба одам руҳу сафо

мебахшид. Насим низ фирефтаи ин манзараи чойхона шуда бо иштиҳо санбӯса мехӯрд, мехост тезтар қусури гуруснагиро, ки саҳарӣ ҳам ноништа накарда буд, барорад. Даҳшат пиёлаи арақро бардошта, аз бодиринги шӯр газак кард ва ба Насим рӯ овард:

– Чаро ту арақ намехӯрӣ?

– Одат накардаам.

– Намоз мехонӣ?

– Не.

– Дар деҳаатон масҷид ҳаст?

– Ҳасту аз он истифода намебаранд.

– Мулло надоред?

– Мулло дорем, аммо намозхон нест.

– Аҷаб?! Мебинӣ, масҷидҳои шаҳр чӣ хел гавҷуманд?

– Оре. Дар ин ҷо одамон ба якдигар коре надоранд, вале мардуми мо аз сояи худ метарсанд.

– Ҳеч кас намозхониро манъ накардааст, чаро ба масҷид намераванд?

– Намедонам... – забон хоид Насим ва дар идома гуфт: – Одамони мо ин қадар майпараст шудаанд, беҳтар аст масҷидамон фаъол нагардад, ҳалолу ҳаром дар ҳам меомезад.

– Як замон ман ҳам панҷ вақт намозхон будам, – паймонаи дигареро холӣ карда ба сухан даромад Даҳшат, – шабу рӯз тоату ибодат мекардам. Бо ҳар кӣ ошно мешудам ва ҳар касеро, ки дар гирду барам медидам, ба анҷом додани аҳкоми шариат фаро мехондам ва то аз дастам меомад, онҳоро ба масҷид мекашидам. Чунон фирефтаи тақводорӣ шуда будам, ки нафаҳмида мондам аз паям одам афтидааст. Як бегоҳӣ, пас аз намози шом, маро дар вақти дарси динӣ додан ба бачаҳои гузарамон дастгир карданд. Бо ҳамин саҷдаю ибодатам барҳам хӯрд. Маро суд кардаанду ба шаш сол бурианд. Дар зиндон ба хотири зинда мондан Худою расулро фаромӯш кардам. Хушбахтона, он рӯзҳои наҳс паси сар монд, имсол озод шудам. Акнун ҳар коре дилам хоҳад анҷом медиҳам, ба ҷуз намозу ибодат.

Чанд муддат хомӯшӣ ба миён омад. Насим бо ҳайрат ба даҳони Даҳшат нигарон монда буд. Чашм дӯхта, ӯро бо чандин ҳолат аз хатти зеҳнаш мегузаронд, кам-кам дарк мекард, ки бо чӣ гуна инсоне ҳамкор шудааст. Вале дар айни ҳол наметавонист ҳарфе беҷо занад, ӯ бо ихтиёри худ мутеъ ва фармонбардори ин марди роҳ аст. Баъд аз оворагиҳои чандрӯза бояд пул кор кунад, фақат бо пул мумкин аст ҳар гуна мушкилӣ ҳал шавад...

Дар чойхона зиёд намонданд. Пас аз он ки Даҳшат пиёлаи охири арақро хӯрду чаппа кард, ҳар се аз ҷо хеста ба берун баромаданд. Мормулак пеш-пеш мерафт, ӯ медонист амалиёти навбатӣ дар кучо бояд сурат гирад. Ин чобукдастии ӯро Насим пай бурда буд. Онҳо аз бағали чиғҳои оҳании майдони сабзи вокзал гузашта, ба самти рост, ба тарафи идораи почта печиданд. Се созмон – истгоҳи роҳи оҳан, идораи почтаю интернет ва шуъбаи бонки миллӣ канори ҳам ҷо гирифта, дар васат барои мошинҳои сабукрав як қароргоҳи умумӣ доштанд. Худравҳои саворӣ ба андозае бисёр буданд, ки на ҳамаи онҳо дар мошинработ ҷо мешуданд. Пасу пеш ду тарафи роҳи калон низ пури мошин буд. Вақте ки аз пиёдарави канори ҷода то охири мошинработ расиданд, ногоҳ Мормулак аз оринҷи Даҳшат кашида, бо ишора ба марде, ки дари худрави худро баста ба сӯйи шуъбаи бонк мерафт, гуфт:

– Ошамон пухт, нигоҳ кун сумкаашро дар мошин ҷо гузошт.

– Дуздгирашро равшан кард?

– Не, бо калид қулф карду рафт.

– Ман нигоҳ карда меистам, шумо аз тарафи девор равед. Ту аз пайи кори худат шав, зуд бош! – сипас Даҳшат ба тарафи Насим, ки ҳанӯз намефаҳмид чӣ карданианд, рӯ гардонда ба суханаш идома дод: – Ду чашм ба ҳаракатҳои Мормулак дӯз, ҳамин ки дари мошинро боз кард, сумкаро аз курсии ақиб бардору ба самти роҳи зерзаминӣ роҳ пеш гир. Фақат, бо дав нарав, посбонҳо бинанд шубҳа мекунанд.

– Чашм! – гуфт Насим ва бо шитоб аз дунболи Мормулак уфтод.

Лаҳзае фаро расид, ки дар пеши чашми Насими ларзону варақадор Мормулак ҳунари беҳамтои худро намоиш дод. Азбаски мошини саворӣ дар бағали девор буд, барои ӯ кушодани дар мушкилие надошт, зеро метавонист оромона, дар ҳоле ки касе ӯро набинад, амал намояд. Вақте ки ҳар ду пушт ба девор дар бағали мошин ҷо гирифта дузону заданд, Мормулак почаи шалворашро боло карда як сихи кабобпазиро берун овард ва ҳамоно милаи паҳнро аз бехи шишаи дар ба самти поин фурӯ андохт. Дари мошин «шириқ» овоз баровард. Мормулак дарҳол дарро кушода амр кард:

– Бардор!

Насими карахт як он ба худ омад, беихтиёр сумкаи бегонаро аз рӯйи курсӣ бардошт. Ҳарчанд дасту поҳояш меларзиданд, ваҳму ҳаросро дар худ хӯрда, сархаму босубот ба самти роҳи зерзаминӣ қадам ниҳод. Фурсати чашмпӯшӣ нагузашта, пасу пеш ба ҷониби дигари роҳи калон гузаштанд. Ҳамин ки ба канори ҷодаи автомобилрав баромаданд, худрави саворие омаду дар наздашон турмуз дод ва аз он садои Даҳшат шунида шуд:

– Савор шавед!

...Бар хилофи ҳамраҳони боҳунар, ки аз коркарди худ шоду масрур буданд, Насим нафас дар дарун, хомӯшу гирифта менишаст. Дар фазои дохили такси овози маҳини сароянда пахш мешуд:

*Эй дӯст, аз ҷаҳон бо худ чӣ мебарӣ,*
*Эй чун ҳама равон, бо худ чӣ мебарӣ...*
*Чизе агар барӣ пинҳон зи чашми халқ,*
*Аз чашми Ҳақ ниҳон бо худ чӣ мебарӣ?*[68]*...*

Насим оҳангро гӯш мекарду ҳанӯз ҳам кифи[69] мишкии дасташро муҳкам дошта меистод. Ҳарчанд маънии

[68] Мисраъҳои мазкур аз шоир Фарзона аст

[69] **Киф** – ҷузвкаш, сумка

сурудаҳои овозхон дигар буд, барояш чунин менамуд, ки ин оҳанг маҳз барои вай садо медиҳад, вале ӯ намедонист бо худ чӣ мебарад. Ҳатто дарк намекард, ки ин бурдан барои чӣ аст ва ин моли кафашро то куҷо мебарад. Гӯё сандуқи синааш месӯхт, дилаш мисли супопи[70] гардонаи мошин мезад. Оҳанги овозхон ҳарчи зиёд дар мағзи гӯшҳояш хона мекард, ҳаври сӯзоне димоғашро бештар фаро гирифта, дамида аз чашмон ба берун мезаҳид. То замоне, ки Даҳшат фармуд, «расидем, фуроед», худро натавонист ба даст гираду осудахотир гардад...

Ҳуҷрае, ки Даҳшат дар ихтиёр дошт, дар маҳаллаи дурдасти Сирғали воқеъ буд ва ҳар гоҳ бе дудилагӣ шарикони нави худро ба он ҷо меовард. Хонааш бо як ҳуҷраи хоб, ошпазхона, анборак ва айвони хурд тамоми имконоти зиндагиро доро буд ва ҳеч гоҳ аз оби гарму хунук, барқ ва гази табиӣ кӯтоҳӣ намекашид. Имрӯз баъд аз сайди бобарори дувум мустақиман ба манзилаш омаданд. Даромадан замон нахустин коре, ки кард, дастёфти асрорангезро аз дасти Насим гирифту бо шитоб онро кушод ва ҳар чӣ дар дохилаш буд бо хунсардӣ ба рӯйи хонтахтаи ғизохӯрӣ рехт. Пеш аз ҳама ноутбуки «Acer» ҳар серо ба ваҷд овард. Даҳшат он роёна ва як дона ҳофизафлеши бозёфтро гирифту бе мулоҳиза ба дасти Мормулак халонд. Ҳамкори «бодасту панҷа» дарҳол роёнаи китобиро равшан карду аз пайи тоза намудани иттилооти он шуд ва ҳофизафлешро низ барои зудудани навиштаҳо ба роёна васл кард. Насим ин ҳаракатҳои Мормулакро, ки ба ҳар гуна дастгоҳи замонавӣ ворид буд, дида ба шигифт меомад. Дар ҳақиқат, ӯ ба монанди сусморҳои чобук чунон серҳаракат буд, ки метавонист ба ҳар гуна сӯрохӣ сар занаду аз сӯйи дигар дар равад. Дар ин лаҳза хаёландешиҳои Насимро, ки сар дар гиребон фурӯ бурда побанд ба амалҳои Мормулак менишаст, садои дағали Даҳшат гусаст:

[70] **Супоп** – пулак, клапан (-и мотор)

– Ин коғазҳо ба ту, Насим! Ҳамин ки берун торик шуд, бароварда дар паси партовгоҳ оташ мезанӣ, – гуфт ӯ ва як баста коғази навиштадору чанд ҳуҷҷатро, ки аз сумкаи бозёфт баромада буд, ба наздаш партофт.

Насим ҳамоно ҳушёр шуда ба по хест ва коғазҳоро ҷамъ карда бар лабаи тиреза гузошт. Берун ҳанӯз офтобӣ буд, аз тиреза, ки ба пушти хона боз мешуд, партовгоҳи гузар маълум ба назар мерасид. «Ман чӣ хел ин корро мекунам, чаро ман бояд як бечораро бадбахт кунам? – дар худ андешид ӯ, – Ноутбук кам буд магар, ин ҳама ҳуҷҷаташро ҳам бояд нобуд созем?» Вале амри сардорро бояд иҷро мекард, сар печидан аз гуфтаи ӯ баробари маҳрум шудан аз ҳама чиз буд. «Хуб, ҳоло то сӯхтани коғазҳо вақт ҳаст, – дубора ба хаёл рафт Насим, – ба поин ки фуромадам шояд ҳилае ба мағзам ояд, то табар омадан кунда меосояд...»

Баъзан вақт чунон кунд мегузарад, ки кас ҳис мекунад гӯё дар чоҳи сиёҳи бетаҳе афтидаасту ба равшанӣ баромадан амри муҳол. Насим ба телевизор чашм дӯхта, дам дар дарун менишаст. Ҳар чӣ дар оинаи нилгун менамуд аз назари ӯ танҳо аксҳое буданд, ки рангу намои худро тағйир дода меистоданд. Ҳарчанд намехост, лекин амалҳои анҷомдодааш бо ҳамраҳони нав чун навори филм дар сафҳаи майнааш падид меомад. Аён буд, ки дилаш ба ҳавл меояд, мехоҳад чизе гӯяд, вале наметавонист нафас барорад. Аҳёнан дар пеши назар симои модараш намоён мешуд, дардмандӣ ва муҳтоҷии ӯро дубора ҳис мекард ва бо маъюсӣ дар худ мегуфт: «Ман бояд пул кор кунам». Хаёли ӯро Мормулак барканд:

– Сардор, ноутбук омода аст.

– Офарин! Фардо ба бозори Янгиобод мебароем, ин дастбурдҳоро обу лой мекунему дар ҳамон ҷо то бегоҳ дунболи сайд мегардем, – бар рӯйи кӯрпача ғел хӯрда гуфт Даҳшат ва ба Насим рӯ овард: – Ту ҳам коғазҳоро барору оташ зан, изаш намонад, сипас аз нонвойӣ дусето нони гарм биёр, – ӯ аз ҷайби худ бастаи пулро баро-

варду аз он панҷ ҳазор сӯмро ба рӯйи хонтахта гузошт.

Аз зинаҳо ба поин фуромадан барои Насим мушкил буд, поҳои худро вазнин мебардошт. Ӯ коғазу ҳуҷҷатҳоро рӯйи даст мебурд, вале ба назар мерасид, бори гароне гӯшаи қалбашро ба зер мекашад. Тоқат накард, ба санадҳо чашм давонд: шиносснома, дафтарчаи меҳнатӣ, зоднома. Дилаш таҳ хӯрд, роҳравон ба фикри пинҳон кардани ҳуҷҷатҳои марди ғариб сар хурд кард. Иттифоқан, аз дари  баромад по ба берун нагузошта нигоҳаш ба сари лӯлае бархӯрд, ки дуруст дар болои дар ба андозаи як ваҷаб ҷилав омада буд. Ҳамоно ин тараф он тараф гашта, аз назди дари зерзаминӣ қуттии холиеро дарёфт. Бо қатъият онро зери по гузошт ва аснодро дар сӯрохии лӯла қоим кард. Ҳамин ки қуттиро сари ҷояш ниҳода аз дар ба берун баромад, хеле осуда шуд, ҳис кард гӯё санги вазнине аз дӯшаш афтидааст. Дигар, бе он ки ба коғазҳои дасташ аҳамият диҳад, ба самти партовгоҳ роҳ пеш гирифт. Чанд қадам рафта буд, ки аз боло садои Мормулакро шунид:

– Куҷо гум шудӣ, Насим? – мегуфт ӯ пардаи тирезаро бардошта истода.

– Вақти фуромадан поям печиду ба рӯйи зинаҳо афтодам, – дурӯғе бофта гуфт худаш бехабар.

– Ягон барги коғаз ба замин наафтад, ҳамаро оташ зан!

– Хуб, ҳозир!

Насим қадаммониашро тезтар кард ва дар канори девори пасти партовгоҳ ҷой шуда, аз зери халтачаи пури коғаз гӯгирд зад. То охир ӯро Мормулак наззора мекард…

Шабе буд, ки барои Насим хеле сахт гузашт. Паҳлу ивазкунон корҳои кардаашро беохир аз мадди хаёл мегузаронд. Ӯ возеҳу равшан пай бурда буд, ки ба доми дуздҳои гузаро афтидааст ва имрӯз ба коре даст зад, ки ҳеч гоҳ ҳатто ба гӯшаи хаёлаш наомада буд. Кори кардааш гуноҳ аст? Дар ҳоле ки дигарон вайро ба ин гирдоб кашидаанд, ӯ гуноҳкор аст? Магар хаторо ӯ мекунад?

Барои худ чӣ баҳонае дорад, ки бегуноҳ бошад? Барояш мефармоянд ва ӯ иҷро мекунад, дигар, уболу савоби кор ба вай чӣ рабте дорад? Мардикор асту ба пул муҳтоҷ ва аз ин коре, ки пеш омадааст, бояд рӯй тобад, аз пуле, ки ба ивази заҳматаш медиҳанд, сарпечӣ кунад? Не…

Аз суолоти фаровон зеҳни Насим гиҷ шуд. Бар замми ин хастагии бадан ба пилкҳояш зӯрӣ кард, хобаш бурд…

Бозори Янгиобод хеле гавҷум буд. Дар роҳравҳои он анбӯҳи одамон чунон зич менамуд, ки сӯзан партоӣ замин намеуфтад, якдигарро теладеҳон базӯр по мебардоштанд. Насим ва ҳамраҳони ӯ аз бағали растаҳои тӯлонӣ гузашта, ба як павилони васеъ, ки дар зераш танҳо роёнаю гӯшиҳои ҳамроҳ ва қисмҳои эҳтиётии дахлдор хариду фурӯш мешуд, дохил шуданд. Даҳшат мустақиман ба назди ғурфае рафт, ки дар он ҷавоне бо рӯнамоии ҷинсҳои дӯконашон машғул буд ва дарунтар дар паси ӯ марди сиёҳҷурдаи шикамкалоне якпаҳлу бар рӯйи кат дароз мекашид. Насим бори аввал медид, ки сардорашон дар пеши касе миёнашро дуқат карда, бо даҳони паҳн ва тамаллуқомез сухан мегӯяд. Марди шикамкалон такон нахӯрда, мисли ин ки ӯро маҷбур мекунанд, даст дароз кард. Даҳшат пас аз ҳолпурсӣ бо овози кам гуфт:

– Мол ҳаст, хӯҷаин.

– Салим, пардаро каш! – як он гуфт мард ба навкари фурӯшандаи худ ва ба Даҳшат рӯ овард: – Канӣ, чӣ овардӣ ин дафъа?

Парда онҳоро пӯшонд. Чун бо овози кам ба гуфтугӯ даромаданд, дигар садояшон ҳам наомад. Насим ин ҷо дарёфт, ки ҳамраҳон дастбурдҳояшонро чӣ хел «обу лой» мекардаанд. Ниҳоят, ӯ низ пулдор мешавад, ба ҳар ҳол дастмузде хоҳад гирифт. Вале барояш ҳанӯз маълум нест, ки имрӯз чӣ корҳое хоҳанд кард, ин бор ба кадом «хазина» сар мехалонанд. Дар ин бора ҳамраҳонаш дамдузд буданд, чизе гуфтан намехостанд ва ё шояд худашон ҳам намедонистанд, ки чӣ коре пеш хоҳад омад. Мормулак бо чашмони бозикуни худ то сӯроху сунбаҳоро аз

пеши назар мегузаронд, вале ба Насим таваҷҷуҳе намекард, аслан фикру хаёли ӯро хондан намешуд. Ҳарчанд ҷуссаи хурду тану тӯши лоғари назарногире дошт, дар ҳушёрию зарангӣ ба ӯ касе расида наметавонист, устои кори худ буд.

Даҳшат дар ғурфаи хӯҷаин зиёд намонд. Насим ҳанӯз то поёни андешаҳои бесарунӯки худ нарасида, садои дағалу амромези ӯ баланд шуд:

– Рафтем, бачаҳо, кори муҳиму ширадор пеш омад, – хушҳолу мамнун берун омада гуфт Даҳшат, – бояд дер нашуда ба мавзеи Қуйлуқ расем, такси мегирем, Мормулак!

Насим медид, ки сардор чизе дар даст надорад, на роёна, на телефон. «Дастбурдҳоро гузарондааст, ки ин қадар хурсанд менамояд, – дар худ андешид ӯ, – зоҳиран аз хӯҷаинаш ҳам дастури нав гирифтааст, ки лахча ба рӯйи каф дорад. Бало ба пасаш, ман бояд пуламро гирам, то сармоя ба дастам наояд маҷбурам аз қафояш тор танам». Ҳар се пайи ҳам бо шитоб бозори пуриздиҳому серғавғоро тарк карданд. Баробари ба кӯчаи калон баромадан Мормулак як савориро нигаҳ дошт.

Мавзеи Қуйлуқ яке аз маҳалҳои қадими ин шаҳри бесару бун буд ва аксаран хонаҳои маскунии панҷошёна дошт. Дар воқеъ, он як шаҳракеро дар канори шаҳри паҳновар мемонд, ки бо хиёбонҳои мувозӣ ба ҳафт гузар тақсим мешуд. Тамоми шабакаҳои шаҳрӣ то ин мавзеи гӯшаӣ имтидод меёфтанд ва дар поён ба шоҳроҳи камарбандӣ расида қатъ мегардиданд. Бештар ба ин бахши шаҳр аз шаҳристону деҳоти атроф ва билкул, аз тамоми кишвар маводи кишоварзӣ ва анвои мухталифи меваро ворид мекарданд. Калонтарин бозори сабзавоту мева дар ҳамин маҳал қарор дошт. Барои кормандони умури тартиботӣ кор аз мӯйи сар зиёд буд, гӯё ҳама дузду авбошу безориҳои шаҳр дар гузарҳои Қуйлуқ будубош доштанд.

Ҳамин ки аз такси пиёда шуданд, Даҳшат аз ҷайби худ як коғазчаро бароварда чашм дӯхт.

– Қуйлуқ-5, бинои 10, хонаи 15, – гуфт ба Мормулак рӯ оварда ва як ҷуфт калидро ба ӯ дароз карда афзуд: – То бист дақиқа вақт доред, ҳар чӣ гаронқимату муҳим менамояд бардоред ва ба поён кашонед, то он замон як мошинро ёфта меорам. Ману Насим ба Сирғали меравем, ту калиди хонаро ба хӯҷаин пас дода бармегардӣ.

– Хуб шудааст! – ҷавоб дод Мормулак ва дигар ҳарфе назада, калидро гирифту бо шитоб ба самти гузари Қуйлуқ-5 ба роҳ даромад. Насим низ бо ишораи Даҳшат аз пушти ӯ уфтод.

Мормулак то ҳадде зирак буд, ки бо ҳар гуна ҳаракати худ Насимро лол мекард. Гӯё пештар ба ин маҳаллаҳо омада бошад, дар як чашмпӯшӣ бинои 10-ро ёфту беист бо зинаҳои морпеч ба ошёнаи сеюми он боло шуд. Баробари боз кардани дар, дар ҳоле ки аз ҳирсу ишқи молу неъмат пардае пеши чашмонашро гирифта буд, ба чизе таваҷҷуҳ накарда, ба самти анбораку ошхона сар зад. Аз он ҷо ду халтаро пайдо карда ҳамоно якеро ба дасти Насими гарангшуда, ки ҳанӯз дар роҳрав меистод, дод ва амр кард:

– Биё, ба дохил!

Онҳо ба хонаи пазирой гузаштанд. Мормулак аз як сар дару дарчаҳои ҷевони баланди девориро бозкунон ба кофтуков пардохт. Дар пеши назари Насим, ки бо чашмони мисли гурдаи гов алошудааш даҳонаи як халтаро кушода нигаҳ медошт, як-як ашёву амволи ҷолибу диданиро ба халта андохтан гирифт. Қуттичаи пур аз қошуқу чанголи тиллоӣ, зарфу ҷомҳои булӯрин, пиёлаю чойникҳои чинии нақшу нигордор, халтачаи гулбанду зеваролот, як тахтаи шоҳмот, ки донаҳои аҷоибу ғароиб дошт... паси ҳам ба чашми Насим тофта, дар халта нопадид мешуданд. Онҳо ба хонаи дигар гузаштанд. Он ҷо, зоҳиран, утоқи кори соҳибхона буд, ки дар як гӯшааш мизи мудавваре бо кашуҳои зиёд қарор дошт. Мормулак пеш аз ҳама аз болои миз ноутбукеро бо мушаку симҳояш ва як қаламдони

шишанамоеро, ки шабеҳи бурҷи Халифа буд, гирифту дар халтаи дигар андохт. Нигоҳе андак тӯлонӣ ба як телевизори ранга, ки дар бурҷи хона меистод, андохт. Маълум буд, ки сари рабудани он фикр мекунад. Вале, дудила нашуда пеш омада аввал тунери онро бо симҳояш дар халтаи дасти Насим андохт ва худаш телевизорро бардошту як он дастур дод:

– Рафтем!

Ба маҳзи ин ки аз дар мебаромаданд, Мормулак дусе дугма ва симҳоеро дар буни қоби дар диду ба ваҳшат омад ва тарсолуд садояшро баланд кард:

– Э вой! Бичунбу тез бош, ки ба даст меафтем, ин лаънатии дар дуздгир доштааст!

Насим бедасту по шуд, тамоми вуҷудаш ба ларза омад. Ду халтаро сахт дар бағал зер карда, аз зинаҳо бо ҳарос ба поин давид. Мормулак низ телевизор дар даст калиди қуфли дарро тоб дода, аз пайи ӯ дартоз шуд. Насим донист, ки ин дафъа ҳамкори чобуку зарангаш ба иштибоҳ роҳ дода, дар ниҳояти ҳирсу тамаъ занги ҳушмандро надидааст. Мисли ин ки дилаш аз таҳлука ба ҳалқ меомад, қадаммониашро тезтар кард. Ба назараш чунин намуд, ки гӯё аз қуллаи баланде сангу шаххҳоро дар пушт гузошта сар ба зер медавад ва гурге ӯро дунболгирӣ мекунад. Ӯ бо ҳавлу ҳарос, дар ҳоле ки арақшор шуда буд, ба берун баромад, аз дунболаш Мормулак ҳам расида омад. Ҳамон дам дар роҳрави назди бино Даҳшат бо як мошини сабукрав пайдо шуд. Ҳар се бо шитоб дастбурдҳоро дар сандуқи ақиб гузоштанд, вале...

На он чӣ дилҳо мехост, балки он чӣ Худо мехост, сурат гирифт. Ҳамин ки яғмогарон хостанд ба мошин нишинанд, ғайриинтизор, дар ҳачал уфтоданд. Ногаҳон садои ваҳмовари сигналҳои хатар дар осмони муҳит танин андохт, аз ду ҷониби бино ду мошини пулис роҳравро соҳибӣ карда ба сӯяшон омаданд. Дар як чашмпӯшӣ аз мошинҳо чор нафар марди формапӯш фуромаданду бо дав ба ҷавонҳо ҳамла оварданд. Насим бо чашми сар медид, ки

хеле осон дастгир мешаванд, на ҷойи гурез доштанду на талвосаи фирор. Ҳанӯз оби дока хушк нашуда, ба дастони ваю Мормулаку сардорашон кишан заданд ва ҳар серо силтаву теладеҳон ба мошини болобаланд савор карданд...

Фақат садои гур-гури мошин ба гӯш мерасид, ҳама хомӯшу дар худ гирифта менишастанд. Насим бо дили вайрону хаёлоти мағшуш ҳайрону лол монда буд, намедонист ба сарриштаи кадом як андешааш даст ёбад. Дар мағоки сараш чеҳраи ғамолуди модари яккаву танҳояш ҳувайдо шуд. Ӯ хеле дилозурдаю хаста менамуд, гӯё пешомади сахти фарзанди якраву гапнодарояшро ҳис мекард, бо дидаҳои ашколуду хира беохир пилки ҳарос мезаду лабҳои нимаҷони худро ҷунбондани̅ мешуд, то ҳарфе барои таскини дилҳо гӯяд. «Очаҷони ҳалиму меҳрубонам, маро бубахш, ин писари лаванду ҳарзагарди худро бубахш, – хаёлолуд забон ҷунбонд Насим, – дидаю дониста ба вартаи хатар по ниҳодам, таваккули̅ аз пайи пулу сармоя давидам, ҳама насиҳату гуфтаҳои туро, ки мефармуди̅ саломи гадо бетамаъ несту бори каҷ ба манзил намерасад, нодидаю ношунида гирифтам... Очаҷони бехабару дурафтодаам, ин писари дузду бевафоятро бубахш, бубахш...»

## «БОЗИҲОИ ЗИНДАГӢ»

– Рӯз ба поён расида буд. Домани торикӣ гирду атрофро дар худ фурӯ мебурд. Азбаски чӯпонбобо дар навбати осиёб монда дер мекард, гӯсфанду барраҳояш ҳанӯз дар гирду бари молхона мечариданд. Ин чорпоёни фориғбол сар ба зер сабзаю алафҳои атрофро кавшакунон на парвои торикӣ доштанду на ғами танҳоӣ. Баррачаҳои маст гоҳе дар зери дасту пойи модарони худ печида, гоҳе ба сӯйи охурчаҳо давида, гоҳе низ ба ҳамдигар сару гардан зада, аз нашъаи озодию беғамӣ сер намешуданд. Қазоро, дар ин ҳангом гурге гурусна,

ки шиками суфрамонанди пучаш аз он гувоҳӣ медод, чашмони тези аловиашро ба чор сӯ дӯхта, сари худро мисли ҷосусон ба дарун кашида, ҷуссаашро ба девори молхона часпонида, бо эҳтиёт по чида-по чида ба сайргоҳи гӯсфандон наздик мешуд. Аллакай бӯйи сайдро ҳис мекард ки, аз дами пӯзааш кам-кам оби даҳон мешорид. Ба назар мерасид, дар ин кор хеле таҷруба дорад. Чун донист чӯпонбобо дар ин наздикиҳо нест ва саги кӯҳҳайкали ӯ низ соҳиби худро дур дида, ба суроғи модасаги ҳамсоя рафтааст, бе таammул аз пайи шикор шуд... Гург то назди дари дулинга омад, мехост ҳамлаашро аз ин ҷо оғоз кунад, то гӯсфандони пахма натавонанд ба дохил фирор кунанд. Ногаҳон пайдо шудани соҳиб эҳтимол дошт, аз ин рӯ, ба даруни молхона даромадан хатарнок буд... Ниҳоят, фурсати муносиб фаро расид, гург сару гардан ба миёни поҳои пеш хам кард, тамоми неруяшро ба поҳои ақиб дод ва ҳаллос...

– Бихон, бихон, чаро хомӯш мондӣ? – ду даст аз рӯйи зонуҳои бародар, ки дар курсии сангин нишаста китоб мехонд, кашида гуфт Шаҳоб. – Гург ҳаллос зада барраҳоро гирифт?

Ба ҷойи посух дастони бародар ларзиданд, китоб ба замин уфтод, сари по хеста мисли шох хушк шуд. Шаҳоб низ дар ҳамон ҳолате, ки зону ба замин зада менишаст, аз пайи теғи нигоҳҳои бародар давр зада ба самти дарвоза чашм дӯхт. Манзараи хунук, наворе аз тараддуди ғашовару дилозор таваҷҷуҳи ҳар дуро ба сӯйи худ кашид: падари ҳамеша мағрур, ки аз бекорхӯҷагию майхорагӣ домани шуҳрат густурда буд, дубора бо сарутани хоколуду касиф, лабу даҳони каҷшудаи обрав ва поҳои ҳаштнамо як лингаи дарвозаро сахт ба берун тела дод, худро ба танаи тути даромадгоҳ зада, ба пеш по бардошт ва дудастаю бедаста аз нардаҳои зинапоя дошта ба боло ҳаракат кард. Оре, ҳарчанд ду қадам ба пеш мегузошту як қадам ба қафо, коре карда то погарди табақаи дуюм баромад. Ба маҳзи ин ки панҷааш даст-

гираи дари бози хонаро ёфт, дарро ба сӯйи худ кашида баст ва бо садои хирросӣ дод зад:

– Лаънатӣ, дара ба рӯям мебандӣ?! Кушо, кушо, гуфтам! – вале мунтазир намонда, сари ҷо тоб хӯрду мисли хари лингпарто лагад андохт. Дар шақаррос зада боз шуд. – Ҳа, намекушоӣ! Кучҷоӣ, ту коргар, ку ман бубинам башараи духтурашонро... Шон духтур будаанд, беномус!

Аз дохил бонуи хона давида ба пешвоз баромад. Остини куртаи чити гулдорашро то оринҷ бар зада, дастҳои хамиролудашро бо эҳтиёт ба пеш мебардошт. Ҳарчанд махмурию доду ғиреви шавҳарро борҳо дида одат карда буд, боз ҳам нахост ӯро маътал гузорад. Бе он ки аз ҳоли ӯ ғаш кунаду нороҳат шавад, гуфт:

– Ба ҳамин хонаи ҷойи шишт даро, ман хамирама бандам, чой дам мекунам.

– Ту ба ман пирказ нате! – сахт аз бозуи зан гирифт марди маст ва бо зарб аз дари ошхона ба дарун тела дода афзуд: – Шунидам, ки сӯзандоруҳои Султона ту мезадаӣ?!

Занро бо зӯр аз даҳлез ба дохил даровард ва дари ошхонаро аз дарун баст. Дар ин ҷо гӯё ҳушёр мешуд, ёзида аз гиребони ҳамсар гирифт ва ӯро ба девор танба карда, фуки бадбӯйи худро то зери бинии вай овард. Чашмони аловию хунинаш ваҳмангез намуданд. Зани ногаҳон дар дом уфтода бо сахтӣ овоз баровард:

– Корамон ҳамин...

– Духтури мард хушк шуда буд, ки ту ба ун ҳарифи ман менигарӣ?!

– Сардухтур ба ҳар кӣ фармояд... Дар кори мо зану мард гуфта ҷудо намекунанд...

– Ҳоло ҳамин тавр, ана ба ту! – мушти гиреҳхӯрдаи мард ба буногӯши зан фуромад. – Ту – беномуса мекушаму аз шармандагӣ раҳо меёбам, ана ба ту!! – мушти дуюму сеюм, чорум ва аз пайи он лагадҳои чун тароша хушку сахт ҷисму ҷони занро ба нишон гирифтанд...

Аз садои зӯргӯийиҳои падар ва зориҳои модар Шаҳобу бародараш ба худ омаданд.

– Ана, гург дар хонаи худамон аст, гӯш накуну бо чашми худ бубин, додар! – бо алам гуфт бародар ва давида ба даҳлез даромад, аз паси ӯ Шаҳоб низ шитофт.

Бародарон дари ошхонаро занҷирбанд дарёфта, ҳар ду дудаста ба кӯфтан пардохтанд. На дар боз мешуду на овозҳои имдодҷӯёнаи онҳо ба гӯше мерасид. «Додо, очама назанед...», гиряашро дошта натавониста илтиҷо мекард Шаҳоб. Бародараш низ ба такрор мегуфт: «Очаҷон, гурез! Коре куну гурез аз зери дасташон!»...

Бо шунидани овози бачаҳо модар ба худ омад, талвосае карду бо як неруи фавқулода зиёд аз зери дастони хунин раҳоӣ ёфт ва дастпоча ба самти дар фирор кард. Нарасид зулфини дарро боз кунад. Дар ин лаҳза ба мисли гурги хуношом ҳамла кардани марди ваҳширо дида, беихтиёр ба ҷониби тиреза тохт. Ваҳшии маст низ аз пасаш омад. Аз даричаи бози тиреза нигоҳе ҳавломез ба берун афканд. Дигар роҳеро барои наҷот надида, чашмонашро пӯшид ва ҳамчун оҳуе, ки аз сайёд рамида ногаҳон фирор мекунад, бе дудилагӣ ҷуссаи худро ба партгоҳ афканд...

«Гумс!» – садои нохушоянде аз берун ба гӯши бародарон нишаст. Ҳар ду ба пеши тирезаи даҳлез давиданд – чӣ манзараи даҳшатборе! Модари ба рӯйи ҳавлӣ сарнагуншуда сари по хеста наметавонист, тарсолуду парешон ба боло нигоҳ мекарду гаваккашон ба самти дарвоза мехазид. Ҳуш аз сарашон парид, беист пасу пеш аз дар баромада, бо як қадам аз рӯйи ду-се зина ҷаҳида ба ҳавлӣ фуромаданд. Модари беҳол ранг бохта, бо тамоми вуҷуд ларзида, аз партгоҳи худ дида барнамеканд. Шаҳоб наистода ба сари ӯ омад, дар паҳлуяш зону зада ба оғӯш кашид. Хаёли бародарро бошад, дар ин лаҳза, оре, дар як фурсати чашм баста кушодан модари ҳаросон ва падари махмур, ки дар пешайвони болохона бо як даст ба наълдаргоҳи тиреза такя дода писхандзанон манзараро тамошо мекард, ҷалб намуданд. «Ин ҳодиса чӣ хел рӯй

дод? – ба андеша рафт ӯ, – Оча аз тарс худашро ба замин афканд ё додо ӯро аз он баландӣ тела дод? Даҳшат!». Бар замми ин фалокат, ки ҳанӯз маълум набуд ба ҳамсараш чӣ иттифоқе рух додааст, марди маст оби даҳонашро пош дода, ба ҳақорат гузашт, гӯё ки зан дар роҳи равон пешпо хӯрда бошад: «Ту намемурӣ, қанҷиқ, туро бало намезанад... Боз ҳам ба дастам меафтӣ...» Ин хунсардӣ ва беэътиноӣ писарро сахт ба ғазаб овард, надониста монд чӣ сон ҳар ду панҷаашро мушт карду ба танаи дарахти дами роҳрав зад...

Хушбахтона, ба имдоди ду бародар ҳамсоязан расида омад. Ӯ дар даст як коса обу як кӯрпа дошт.

– Айнан ба монанди филмҳо буд, – бо шигифт сухангӯён кӯрпаро ба замин густурд ва аз оби коса ба зани бемадору гиҷшуда хӯронд ӯ, – Афтидани Маҳинаро аз болохона дидаму хун дар рагҳоям шах шуд! – ҳар се бо ҳам зани мазлумро озод бардошта ба рӯйи кӯрпача гузоштанд. – Ба хонаи ман мебарем, ту наистода ба суроғи духтурамон рав, Ромин! – гуфт ҳамсоязан ва ӯ бо Шаҳоб аз пеш ва бародар аз қафо кӯрпаро баланд карда, бо суръат ба ҷониби хонааш, ки дар самти муқобил, аз сой он тараф қарор дошт, шитофтанд...

* * *

Падаршӯйи Маҳина аз дари бемористон баромаду бо тамоми овоз нахва кард. Гирякунон китф ба сутуни соябони даромадгоҳ такя дода, шунаво гуфт: «Эй Худо, ин чӣ бераҳмист! Магар одам зани худашро ба ин ҳол меоварад?! Эҳ, бачаи аблаҳ, одам нашудӣ ки, нашудӣ! – бо алам ашк рехтану дард гуфтани ӯ аз чашми парасторону коруфтодаҳои дармонгоҳ дур намонд. – Ҳама барои сиҳҳатию аз дардҳо фориғ намудани ҳамсарони худ кӯшанд, ту бошӣ... эҳ, писари нодон, маҳраму бонуи хонаатро бо дасти худ маъюб мекунӣ?.. Ту кӣ ҳастӣ, ту чӣ ҳақ дорӣ, ки сунҳори ман, на, духтарамро ба ин ҳоли залил меафканӣ?!»

Марди солманди ришдор ду бари ҷомаи доманбаланди сиёҳашро рӯйи ҳам кашида, бо надомат сар ҷунбонд, қадамҳои вазнин ба самти дарвоза бардошт. Роҳ мерафту чеҳраи Маҳина аз зеҳнаш дур намешуд: нигоҳҳои маҳзун, рухсори рангпарида, лабҳои хушк... «Амакҷон, зиқ нашавед, ман ба худ меоям, – бо вуҷуди дардмандии худ ба ӯ дил медод сунҳораш, – ана, мебинед, ки ҳамин замон бо пойи худам ба пешатон меравам». Мард пушти даст аз рӯйи сурат кашид...

Падари дар худ шӯрида мустақим ба хонаи писар омад. Мехост ҳарчи зуд адаби нобакори майзадаву муштзӯрашро диҳад, ночорӣ ва гирифтории сунҳорашро талофӣ кунад. Ӯ Маҳинаро на танҳо ба хотири зиндагидории ороставу одоби ҳамидааш, ҳамчунин аз он бобат ки духтари таҳсилкарда, духтури дӯстдоштаи хурду калон буд, дӯст медошт. Дар деҳа ин гуна занҳо ангуштшуморанд! Ӯ бо доштани чунин сунҳоре, ки чеҳраи намоёну пешқадам дар миёни занони маҳалла буд, меболиду бо ғурур мегашт. Ба ӯ бо эҳтиром «шумо» мегуфт, сари ҳар даҳан «духтари ҳамадонам» гӯён таъриф мекард...

«Сӯзанро ба худат зан, дард накунад, ба ҷуволдӯз!», пархошу овози баланди марди солманд гузари Гаргинонро ба по хезонд. Аз ҳамон дару остона ва зинаҳои ошно пасу пеш падару писар – яке калтакзанону дигаре ба хотири ҳимояти худ сару рӯяшро бо даст пинҳонкунон ва бо як азоб чапдеҳон, ба берун баромаданд. Писар аз зери калтак даррафт, аз дасти падар фирор кард ва худро ба кӯча зад. Нобаҳангом омадани падар ӯро дар ғафлат монда буд. Нағз медонист, ки агар ба доми ӯ биуфтад, то мурдан чӯбкорӣ хоҳад шуд. Фақат аз падар метарсид, аз пайи озорҳое, ки ба ҳамсараш мерасонид, танҳо аз падар сухани сахт мешунид, ёрои рӯ ба рӯ истодан бо ӯро надошт...

Пирамард то поёни зинаҳо фуромад, таъқибро бефоида дида, чӯби адабро қулоч кашида дур андохт. Дар канори дарахти тути даромадгоҳ бари ҷомаашро ба боло таҳ карда, бо поҳои дароз ба замин нишаст. «Ту ҳам рафтӣ, Мади-

на, маро танҳо гузошта рафтӣ... Агар зинда мебудӣ, шояд худат пеши ин беақлиҳои писаратро мегирифтӣ. Ятимат авбош аст, сунҳорат гирифтор...», мӯйсафед аз набудани ҳамсар оҳи бадард кашид. Ҳамин вақт аз берун набераҳо омаданд – Ромин ва Шаҳоб. Ҳар ду аз ду ҷониб дар паҳлуи бобо нишастанд. Шаҳоб каф аз рӯйи риши баланду маҳини ӯ кашида, бо лаҳни ғамхори бачагона гуфт:

– Бобоҷон, ин қадар сурх шудаед, додом шумора хафа карданд?

Бобо ҳар дуро дар бағал кашид, натавонист ҳарфе занад, аз чашмҳояш ашк сарозер шуд. Ромин бо дарки озурдагии бобо гуфт:

– Дилгир нашавед, бобоҷон, мо акнун калон шудаем, очаама эҳтиёт мекунем... – ӯ низ ба риққат омад, бо зӯр суханашро ба поён расонд: – Биёед, ба хона дароем...

Аз ҷо баланд шуданд. Пирамард набераҳои худро аз қафои худ нигарон монда, даст афшонда, ба самти боло, ба хонаи худаш роҳ пеш гирифт. Дар сару буни кӯча аллакай тараддуди зану бачаҳои кунҷкоб зиёд шуда буд, барояшон тамошои муфт ҷолиб менамуд, яке аз тамошоҳое, ки марди мағрур бо зани мискину падари сахтгири худ мудом доир мекард...

* * *

Маҳина ин бор поёни корро бесаброна интизор шуд. Бо шитоб ҷойи корашро мураттаб кард, хилъату кулоҳи сапедро кашида овехт ва ба назди оина омаду даст аз рӯю мӯҳояш кашид. Чеҳраи поки ботароват аз даруни оина лабханд зад, чашмҳояш медурахшиданд. Худро хеле шод ҳис кард, баргашту сумкачаи сиёҳи чармиашро аз рӯйи миз ба китф овехт ва аз дар хориҷ шуд. Дар роҳрави дармонгоҳ сардухтур ду дасти худро ба қафо қуфл зада, оҳиста-оҳиста ба самти дари берун мерафт. Маҳина ӯро дида, каме бо хиҷолат таъзим ба ҷо овард, мудир бо мулоимат пурсид:

– Дастпоча менамоӣ, духтарам? Коре пеш омад?

– Устод, дар хонаи амакам маърака аст.

– Не-е?

– Имрӯз амакам таваллуд доранд. Бачаҳоям низ дар ҳамон ҷо…

– Оҳ-ҳо, Бобо Саврон боз як сол калон шуданд-гӯй?

– Ҳамин хел, ҳаштодсола мешаванд.

Сардухтури мӯйсафед даст ба дӯши Маҳина гузошта бо дӯстдорӣ тап-тап зад. Боз як бор ба садоқати корманди худ, ки ба падарарӯсаш ихлосу эҳтироми бемисл зоҳир мекард, қоил шуда, ба одати маъмул насиҳатомез гуфт:

– Аз тарафи ман ҳам бобоpo табрик кун, духтарам. Лекин, намефаҳмам, ба куҷо шитоб дорӣ? Рӯз дароз, ҳоло ба ҳама корат мерасӣ. Саросема нашав!

– Мамнун, устод.

– Хайр.

Аммо Маҳина метавонист шитоб накунад? Инсоне, ки ӯро аз фарзанди худ бештар дӯст дорад, марди меҳрабоне, ки аз ҳама бештар ҳавои ӯро дорад, имрӯз ҳаштодсола мешавад! «Амаки нозанинам, падари ҳамрозам, бобои дилкаши худам!», бо ваҷд аз дил гузаронд зан ва ҳарчи тез ба сӯйи бозорчаи деҳа қадам зад. «Ҳар гоҳ дар хонаамон нишасте дошта бошем, худат омада «културни» ташкил кун, духтарам, – роҳравон суханҳои падаршӯро ба ёд овард Маҳина, – ту набошӣ маъракаҳо бенуру фач мегузарад, на ғизои хуб мепазанду на ширинии бомаза ин бедаступанҷаҳо!»… Аз бозор чаҳорто нони гарм, сечаҳор кило мева ва аз Норбойи савдогар як пероҳани хат-хатии мардонаро, ки падарарӯс маҳз ҳамин рангу наморо дӯст медошт, харид. Сипас дар кӯчаи самти чап бо шитоб ба тарафи манзилаш раҳсипор шуд. Мехост либос иваз кунаду табақи чалпакашро, ки аз таомҳои дӯстдоштаи падаршӯяш асту дишаб хоб накарда, бо тозатарин равғани зард пухта гирифта буд, бо худ барад. Ин дам дар ҳушу хаёли ӯ танҳо як чиз па-

дид меомад: табассуми мӯйсафед, чашмони нуронии хандони ӯ ва лутфи ҳамешагиаш, ки «духтари худам» гӯён, ду даст ба дӯши ӯ мегузошту аз пешониаш бӯса мебардошт. Саъй мекард тезтар ба ин лаҳзаи дилосо расад, бо меҳру алоқаи хос зери лаб гуфт: «Таваллудатон муборак, амакҷон!»…

Маҳина аз дарвоза по ба дарун ниҳоду ногаҳон дар ҷойи худ, дар роҳрави ҳавлӣ шах шуд. Ғайри интизор, шавҳарашро дид, ки дар болотарин зина, дар погарди назди дари даромад бо пӯзханд ба ӯ нигоҳ карда меистод. Бо як даст аз нардаи болои зина медошт, бо гӯгирдчӯбе дар дасти дигар дандон мекофт. Гиребонаш боз, саридили пашминаш то дами ноф урён, мӯҳои жӯлидааш аз давру бари гӯш ва пешониаш номураттаб ба чашм мехӯрд. Аз истоди каҷукилебаш маълум буд, ки маст аст, чашмони махмур ва сурати қирмизранг дошт. Бо дидани ин ҳол гӯё теғе ба синаи Маҳина халид, дар ҳоле ки намедонист ба пеш қадам гузорад ё ба пас, шавҳар бо дуруштӣ садо дод:

– Чаро карахт шудӣ, коргар, маро бори аввал мебинӣ?

– …

– Биё, бубинам-чи, имрӯз чӣ каромате нишон додӣ…

Зан дудила як қадам ба пеш гузошт.

– Биё!

Дигар чорае надошт, по чида аз зинаҳо боло рафт. Ба маҳзи ин ки ба погард расид, марди махмур муҳкам аз гиребонаш гирифт ва ҷуссаи нозукашро бераҳмона сахт ба дар кӯфт. Халтачаи меваҳо ва нони Маҳина аз дасташ уфтод, пушти ҳам анору себу хурмолуҳо дик-диккунон аз зинаҳо ба атроф рехта сарозер рафт.

Шавҳар наистода муште ба гардани зан фуровард ва бо зӯр ӯро аз дар ба дарун тела дод. Зани бечора намедонист чӣ кор кунад, бо мушкилӣ ба зарбу латҳо тоб оварда, мазлумона гуфт:

– Боз чӣ шуд, додош, чаро мезанӣ?

– Ту коргариатро напартофтӣ ки ман дар кӯча сар

боло кунам! Акнун ки ба нағзӣ намефаҳмӣ, ин аст ҷазоят!

Лагади сангин ба босини зан сахт расид. Худро дошта натавониста ба замин уфтод, «оҳ, ҷонакам!» гӯён аз решаи дил садои дардомез баровард. Бо ин ҳол, пушт-пушт лағзида, рӯ ба шавҳари хунгирифта дӯхт ва илтиҷоомез арз кард:

– Охир, чӣ кор кунам? Ту бекор, ман ҳам аз як луқма нонамон маҳрум монам, зиндагӣ чӣ мешавад? Бачаҳо чӣ?

Кафши нӯктези марди ҷоҳил бо зарби навбатӣ ба камари зан нишаст. Бо ин ҳамла қонеъ нашуда, мард хам шуда аз бозувони зан гирифт ва ӯро сари по бардошт. Банди дасти рости зӯрманд чун тароша бар рӯйи гардани нозук нишаст, занро ба девор танба карда, оби даҳон пошида ғуррид:

– Рафиқам Сулаймони мараз дар миёни ду тӯда қартабоз аз ҳунари ту таъриф кард, «чӣ қадар дастакои маҳин дорад, Маҳина, мегӯяд нобакор, – шавҳар бештар ба гардани зан фишор овард: – Чунон дастҳоятро масаж дода фишори хуна мегирад, ки роҳат мебарӣ...» Ту лаини фоҳиша, маро дур дидӣ? То кай аз даҳони дигарон расвоията мешунавам?!

Маҳина бо вуҷуди ранҷҳои пайи ҳам, аз ин туҳмат чун мори дар оташ уфтода печид. «Ба рӯбоҳ гуфтанд, шоҳидат кист? Гуфт: думам... Ин марди бефаҳм то кай ба ҳарфҳои бехуди дигарон гӯш меандозад? Ё ин ҳама таҳқирро аз худ мебофад, бар қасд азият доданист? Чаро ба ман душманӣ дорад...» Аз дасти фишори сахт нафасаш дар дарун монд, бо азоб садо баровард:

– Ин гап дурӯғ, назан мана... Дар ҳаққи ман туҳмат кар...

Суханаш ба поён нарасида, мушти сахт ба шикам хӯрд. «Уъъ-ъ!», аз пайи зарби мушт садои дарддор баровард ва дар тану поҳои худ беҷонӣ ҳис кард, хост ба замин нишинад, вале... Дасти чун оҳан муҳками мард дубора маъсумаро ба девор часпонд ва мушти рости

гиреҳхӯрдаи ӯ мустақим бар болои чашми зан нишаст. «Оҳ-ҳ!», аз мағзи ҷон садо дардод зан, гӯё дар пешорӯяш оташак париду рагу пайи вуҷудаш аз ҳам гусаст... Пеши дидагонашро сиёҳӣ гирифт, сараш давр зад, каме муаллақ, бо вазни худ ба замин яксон шуд...

Садои кушодаю баста шудани дари даҳлезро пай бурд, саъй кард ӯ низ ба пеш хазад, аммо неруе надошт, тамоми олам гӯё дар атрофаш давр мезад, мисли хасе дар миёни гирдбод монда буд. Бо ин бехудӣ, аз лабаи сумкачаи чармӣ телефонаш ба чашм хӯрд, бо талвоса онро ба миёни ангуштон кашид. Гарчи телефон дар атрофи дасташ «мечархид», бо як азоб онро нигаҳ дошт ва равшан кард, бар хилофи ларзиши беҳадди ангуштон, охирин шумораи тамосро ба исми «Ромин-писарам» зер кард...

* * *

Палатаи дунафараи дармонгоҳ хомӯшу сокит аст. Дар тахтхоби самти тиреза бемори лакоту леҳшуда беҳуш мехобад. Ӯ бемори маъмулӣ нест, пизишк аст – дармонгаре, ки худ ба дармон муҳтоҷ. Дар рӯ ба рӯяш мӯйсафед менишинад, дастҳояшро аз такя барнамедорад, сархаму андуҳгин аст. Дилаш мисли сиру сирка меҷӯшад: «Эҳ писари нодон, зерандозат замин асту рӯандозат осмон, ба буда шукр намекунӣ, Худо туро мезанад-а, не, Худо туро аллакай задааст, аблаҳи беviҷдон! Сабр кун, туро чунон ҷазо диҳам, ки аз таваллуди худ пушаймон шавӣ! Сабр кун... дар пеши духтарам зону мезанӣ, ту ғирроми ношуд!»

Дари палата боз шуд. Раҳбари дармонгоҳ, ба одати маъмул, даст ба пушт ба дохил даромад, аммо аз чеҳраи шоди ҳамешагиаш ному нишоне набуд, ӯ низ гирифтору маъюс менамуд. Хомӯш омаду дар паҳлуи пирамард нишаст. Дасти худро ба китфи мӯйсафед гузошт, бо оҳанги ҳазин гуфт:

– Дирӯз хеле шитоб дошт. Корҳояшро сарусомон дода гуфта буд, ки ба манзили шумо меравад, аз ҳад зиёд хур-

санд менамуд.

– Ман ҳам вайро мунтазир нишастам, бо вуҷуди як хона меҳмон ҷойи ӯ холӣ буд. То вақти аср сад бор ба кӯча баромадам, аз вай дарак не…

– «Чашм соҳиб дорад», мегӯянд, аз як гӯшаи чашмаш хун метаровид, тарсидам. Дарҳол аксбардорӣ кардем, хушбахтона, аъзои дарунаш дарз нахӯрдааст, лекин гӯшти атрофаш сахт зарб хӯрда ҷо-ҷо кафидааст. Ҳоло дар зери доруҳои оромбахш аст.

– Ба бинояш зиён надорад, ба худ меояд?

– Меояд, албатта, ба худ меояд! Фақат дард мекашад, чашмаш бод мекунад, ранг ба ранг мезанад…

Дубора дар палата хомӯшӣ ҳукмрон шуд. Фақат аз болосари бемор садои ҷиззоси мураттаби косачаи обдор ва лӯлачаҳои ҳаво, ки ба биниаш халонида буданд, ба гӯш мерасид. Сардухтур ба сухан омад:

– Амак, ин писари мағруратон Маҳинаро абгор кард. Ҳама дардашро фаҳмидам, рашк мебурдааст, намехостааст дар дармонгоҳ кор кунад. Охир, чорае будагист, мо тамошобин шавем, фардо аз ин бадтар шуданаш мумкин аст.

– Ту, додар, маро намешиносӣ? Духтарам кор мекунад! Агар касе бояд канор равад, писари бевиҷдони ман аст. Аз ин пас рӯзашро барояш сиёҳ мекунам, – мӯйсафед асабонӣ шуд, шояд бори аввал буд, ки то ин ҳад дастонаш меларзиданд. – Одамеро, ки диду назараш танг аст, зеҳнаш ҳам тира мемондааст.

Сардухтур сахттар аз китфи ӯ дошт, бо оромӣ гуфт:

– Амак, ба ғазаб наоед, ба асабонӣ шудан намеарзад. Ман доиман дар паҳлуи шумо ҳастам, ҳар ёрие лозим бошад, анҷом медиҳам.

Пирамард нигоҳи маъюс ба сӯйи раис андохт, умедвор гуфт:

– Ту – додар, ҳавои духтарамро дошта бош. Ҷазои ин авбошро худам медиҳам!

– Чӣ кор карданиед?

Пирамард чизе нагуфта аз ҷо баланд шуд. Қомати хамидаашро рост накарда ба назди тахтхоби Маҳина омад ва дар курсии назди ӯ нишаст. Оҳиста мӯҳои парешони ба пешонӣ фуромадаи сунҳорро ба канор зад, се-чор бор то пушт сарашро молид. Маъсума ором мехобид. Аз даври чашми бодкардаи ӯ то зери буногӯш сурхтоб менамуд. Дар гарданаш низ доғҳои мишкию обиранг ба назар мерасид. Дили мӯйсафед об шуд, бо дасти дигар кафи дасти занро дошт, бесадо гиря кард, аз чашмони фурӯрафтааш беист ашк рехт.

Раиси дармонгоҳ ба ин алоқаи бесобиқа, ба сурати ҳазину риққатбори мӯйсафед тоб наовард. Ӯ низ даст аз зери пилкҳои нами худ кашида, сари по хест ва ба берун баромад.

* * *

Маҳина пас аз ду шабонарӯз ба худ омад. Гӯё аз ҳама ҷояш ба тахти беморӣ мехкӯб карда буданд, вазнинии кӯҳро бар рӯйи ҷуссаи абгшоршудааш ҳис мекард. Дар болои сар хира-хира шаклу шамоилеро дид, лекин дуруст дар мағзи худ нахонд. Чашмонашро баст...

Маҳина дубора ҳушёр шуд. Чун бар рӯйи пешонӣ ва банди дасти ӯ панҷаҳои бачагонаи нозуку мулоим мехобиданд, роҳати дилосоеро ҳис кард. Чашмонашро калон кушод, Ромину Шаҳобро дар назди худ дида, бо табассум гуфт:

– Азизони худам...

Писарон чизе нагуфтанд, ҳар ду пасу пеш сар ба бағали ӯ ниҳоданд. Хомӯшии роҳат ба миён омад. Дар ин дам дари палата боз шуд ва парастори ҷавон чун шамъе дурахшон чеҳра боз кард. Ӯ ба худ омадани Маҳинаро дида, бештар хушҳол гардид, бо хурсандӣ гуфт:

– Ҳама нигарониҳо дар ақиб монд, устод, акнун ҳамааш хуб мешавад.

Писарон бо наздик шудани парастор ба канор рафтанд, ҳамшира дар назди бемор нишаст. Билофосила, дар ҳоле ки дастгоҳи фишорро ба бозуи Маҳина мебаст,

гуфт:

– Шавҳари зӯратон ҳам дигар даст намебардорад, дардашба даво!

«Дардашба даво?», аз хаёл гузаронд Маҳина, яке ба бачаҳо ва дубора ба парастор чашм дӯхт, пурсид:

– Чӣ шуд? Ба балое печид?

– Э, писарон ҳанӯз нагуфтанд ба шумо? – парастор забон хоид, лекин нигоҳҳои тези Маҳина ӯро маҷбур кард идомаи суханашро гӯяд: – Аз ин пас на сояашу на суробашро дар деҳа мебинед, радди маърака шуд.

Маҳина баргашта сар ба болин ниҳод. Ду чашм ба шифт дӯхта дурудароз хомӯш монд. Аз гӯшаи чашмонаш пайи ҳам ашк сарозер шуд. Ниҳоят, хастаомез ба сухан омад:

– Барои чӣ? Кӣ ин корро кард?

– Бобо Саврон, – гуфт парастор ва нороҳатии Маҳинаро пай бурда илова кард: – шумо аслан ғам нахӯред, устод! Аҳли деҳа ҷонибдори бобо ҳастанд. Он кас дирӯз хонаатонро, ки иҷора будааст, ба соҳибаш супурда, қӯшу қулангатонро ба манзили худ бурдаанд. Дар назди ҳамдеҳагон ба писари худ рӯ оварда бо садои баланд гуфтаанд: «Ман намехоҳам писари ҷаллод дошта бошам! То одам нашавӣ, остонаи маро зер накун!» Ба наҳве, оқ кардаанд ӯро. Ҳоло шавҳаратон дар деҳа нест.

Парастор дар идомаи хабари худ «шумо ором бошед, осуда бихобед» гӯён аз палата хориҷ шуд. Дубора писарон ба назди модар омада нишастанд. Маҳина бо садои кам гуфт:

– Ин корро беҳуда кардаанд, чаро пеши species бобоятонро нагирифтед? Шарманда шудем...

Ромин дасти модарро дар байни дастони худ фишурд ва ором у равшан гуфт:

– Ин қадр бекору беғам ва масту аласт мегарданд, шуморо латукӯб карда дар миёни мардум мулзам мекунанд, шармандагӣ нест, оча? Чаро ҷазо гиранд айб будааст?

Шаҳоб илова кард:

– Бобоям гуфтанд, ки лаънат карданашон ба фоидаи додом будааст, эҳтимол бо ин ҷазо одам шаванд... Шумо зудтар ба по хезед, очаҷон, ҳеч чиза фикр накунед!

Чеҳраи Маҳинаро лабханд оро дод. «Бачаҳоям аллакай калон шудаанду ман бехабар, – аз дил гузаронд ӯ. Ҳар дуро дар оғӯш гирифт. Дар ҷойи хоб ба хаёлрониҳои худ идома дод: – Чи бозиҳои тунде дорад ин зиндагӣ... Косаи сабри падар лабрез шудааст барин, писари хонашерро аз хона рондаанд, хостаанд хиҷолат кашаду аз гуноҳу нобакориҳояш тавба кунад... Оқибаташ ба хайр ояд...!» Зан оҳи амиқ кашид, сар ба рӯйи болин гузошта дубора чашмонашро баст.

Модари хомӯшро дида, Шаҳоб ба бародар рӯ овард:

– Оча боз аз ҳуш рафт?

– Не, ин бор истироҳат мекунад. Бигузор бихобад...

## ҲАМОЛИЯК

Модарам ҳар яки моро аз таҳи дил нағз медид, вале аз миёни се писару ду духтар ба ман бештар алоқа дошт. Ман фарзанди миёнгин будам ва аз ду бародари дигар тӯлонитар дар назди модар мондаам. Вақте ки ба додари хурдӣ арӯс фуровардем, хонаю дари падарӣ ба ману оилаам низ танг шуд. Баръакси хоҳишҳои модарам, хонаи нав сохтаму бо оилаам ба он кӯчида рафтам. Бо ин ки ҷудо мезистем, ману ҳамсарам Тӯтӣ мудом ҳавои модарамро доштем, рӯз дар миён ба зиёраташ мерафтем. Азбаски падарам дунёи равшанро хеле зуд тарк карда буд, модари сабуру меҳнатиам ҷойи ӯ моро медид ва алалхусус, ба ман бештар такя мекард...

Чӣ гӯям, бо гузашти умрҳо ба сони оби рӯд, саранҷом, модари азизам ба доми солмандӣ тан дод ва бистарӣ шуд. Азбаски додари хурдӣ дар мардикориҳо мегашт ва ҳамсараш низ бо баҳонаи парасторӣ аз субҳ то шом дар

дармонгоҳ мемонд, ман ба имдоди модар расидам. Ҳама ташвиши рӯзгорамро ба дӯши худ гирифта, ҳамсарам Тӯтиро барои нигаҳбонӣ дар назди ӯ гузоштам. Чаро ки ғайр аз вай дар хонаводаамон бонуи заҳматкаш ва меҳрабоне набуд ва модарам ҳам дар миёни сунҳоронаш бештар ба ӯ эътимод дошту унс гирифта буд.

Камдармонӣ ва касолати қалби модарам, ки тез-тез хуруҷ мекард, расо як моҳ тӯл кашид. Дар ин миён хонааш, гӯйӣ, мӯрчахона шуд. Аз бародарону хоҳарон ва наберагон гирифта то холаю аммаю тағою амак – ҳама хешу нохеши деҳа ба дидорбинӣ меомаданд. Аксари вақтҳо Тӯтӣ маҷбур мешуд, ки ғамхорӣ ба модарро як сӯ гузошта, ба «меҳмонон» бирасад. Худо нахоста, агар ба яке бетаваҷҷуҳӣ мекард, дар балои неши суханҳо мемонд. Маҷбур буд ҳар як нафари ба аёдат омадаро қабул кунад, ба пешгаҳ гузаронад, аз чою нону мева ва дами гарм[71] таоруф намояд. Фарти омадурафтҳо, давуғеҷ ва шӯру валвалаи бачаҳо, бори рӯзгори манзили модарро таҳаммул кардан барои ҳамсарам сахт буд, вале ӯ ба рӯ намеовард, боре ҳам «уҳ» намегуфт, саъй мекард бар замми ин азиятҳо аз ҳар ҷиҳат ба модарам бирасад. Ӯ намехост ҳатту изҳои шодмонӣ ва ризоят аз чеҳраи модар нопадид шавад…

Он чиро намехостем – лаҳзаи эҳтизор[72] фаро расид. Ба гуфтаи Тӯтӣ, модарам тамоми шаб исми маро гирифта ҳазён кашидааст. Субҳи барвақт бо хабари писари додарам Сироҷ бо шитоб ба хонаашон омадам. Модар ба рӯйи бистари худ беҳолу бемадор мехобид, бо сурати рангпарида, лабони хушк ва дар ҳоле, ки даври чашмонаш ҷилои зардӣ медод, ба назарам бениҳоят хору залил намуд. Дар паҳлуяш нишаста дасташро миёни панҷаҳоям гирифтам, бо меҳрабонӣ овоз баровардам:

– Оча, очаҷон… ман омадам.

Ӯ чизе нагуфт, намехост дида боз кунад. Тӯтӣ ашки чашмонашро пок карда, андуҳгин гуфт:

---

[71] **Дами гарм** – ғизо, хӯрок

[72] **Эҳтизор** – ҷонканӣ

– Оча то омадани шумо чанд бор ҷон кандани̅ шуданд, вале ба чизе дилвопас буданд магар, то ҳол бо мо ҳастанд.

Ман даст ба пешонии модар бурдам, каме мӯйҳои барфгуни аз зери рӯмол ба берун таровидаашро молида, бо овози шунаво дар буни гӯшаш дубора гуфтам:

– Бо ман коре дошти̅, очаҷон, ман омадам.

Дар ин лаҳза дасти худро ҷунбонд, пилкҳояш оҳиста боло-поин шуданд. Ҳамин ки аз нав овоз додам, ӯ пурра чашмонашро кушод. Чун маро дар болои сари худ дид, дидагонаш нури шоди̅ пароканд, бо вуҷуди он беҳоли̅, лабонаш ба табассум моил шуд. Бо ишораи чашм ба самти болинаш, канда-канда гуфт:

– Ин ҷо… ҳамо-лиякам[73]… ҳаст…

Ман ёзида аз таҳи болишти ӯ халтачаи бо нахи дурушт миёнбандшударо, ки маъмулан барои нигаҳдории васоили дӯхтудӯз ба кор мерафт, ба даст гирифтам. Модар кафи дасти ларзонашро оҳиста ба пушти дасти ман гузошт ва беҳолона сухан ба лаб чид:

– Ҳар гоҳ… хилват шуди̅, кушо… ва аз он баҳра бар…

Дигар маҷоли сухан кардан надошт. Бо ангуштони лоғараш бештар ба пушти панҷаам фишор оварду суст шуд, чашмонашро пӯшид. Дар ин лаҳза Тӯти̅ бо ҳайрат ба ӯ нигоҳ мекард ва сунҳори хонаамон – ҳамсари додарам низ бо шигифти бештар гоҳе ба ман, гоҳе ба модарам дида медӯхт ва он дам чашмони алошудаашро аз ҳамолияк намеканд. Ман бо ирода ба ҳамсарам рӯ овардам:

– Тӯти̅, як пиёла об биёр!

Ба модарам об хӯрондам. Афсус, танҳо як қулт аз гулуяш гузашту дигар ҳеч. Азроил кори худро кард, бо як пуфи кӯтоҳ модари азизам ҷон ба Ҷонофарин супурд…

Пас аз гӯручӯби модар ҳама ба хонаҳои худ рафтанд. Ман ба сар тоқи̅, ба тан ҷомаи сиёҳ пӯшида ба азодори̅ нишастам. Баъд аз се рӯз маъракаи худоиро низ баргу-

---

[73] **Ҳамолияк** – халтачаи бандакдор, ки барои нигаҳдории лавозими дӯхтудӯз (сӯзан, ришта, ангуштпона, қайчи̅ ва ғ.) истифода мешавад

зор намуда, ба аҳли деҳа ош додем. Аз он пас бо Тӯтӣ ба манзили худам баргаштам. Қарор ба ин шуд, ки чиҳили модарамонро ман дар хонаам гузаронам.

Ману Тӯтӣ, ки ба модарам сахт унс гирифта, ҳаёти худро бе ҳузури ӯ наметавонистем тасаввур кунем, шабҳоро бо бедорхобӣ ва рӯзҳоро фурӯ дар гирдоби ғаму андуҳ мегузарондем. Ба кори омӯзгориам мерафтам, вале на дастам ба навиштан мерафту на даҳонам ба сухан. Даргузашти модари азизу ғамхорро ҳеч ҳазм намекардам, ба ҳар ҷо чашм меандохтам чеҳраю сурати ӯ дар пешорӯям падид меомад. Ҳамсарам аз ман бештар ғам мехӯрд, даври чашмонаш аз гиряи бисёр бод карда, ҷило медод, заррае ба суҳбат майл надошт, музтару хомӯш мегашт.

Болои мурда сад чӯб, ин доғу андуҳ кам буд магар, аз миён ҳафтае нагузашта Тӯтӣ хабареро бароям расонд, ки мӯйҳои баданам сих шуданд. Бино ба гуфтаи ӯ, аввал холаи калониам, аз пайи ӯ холаи миёнгин ва ҳамон рӯз тағои Баҳромам омада арз кардаанд, ки модарам ба ман як халтача пул дода будааст! Ва мани «пухтаи пишиқ» онҳоро харҷ накарда, бахши бародару хоҳаронамро надода, ба лаб кулӯх молида гашта будаам. Гиребон даст гирифтам, «он чӣ пуле будааст, ки ман руст кардаам?», ба такрор мепурсидам аз худ. Аслан ёрои таҳаммули ин туҳматро надоштам, ба ҳамсарам бо зарда гуфтам:

– Хуб, он пулро модарам ба ман додааст, ба онҳо чӣ? – зеро ҳанӯз ҳангоми зинда будани модар аз кинояю пичингҳояшон, ки гӯё «сари вақт ба модарам нарасидаам», «модарамро ба духтурҳо набурдаам», «дар таҳияи дорую дармонаш хасисӣ кардаам»... ҷонам ба ҳалқ омада буд.

Тӯтӣ гуфт:

– Тағою холаҳои дилсӯз, ғами хоҳарзодаҳояшонро мехӯранд-дия!

– Фикр намекунанд, бо ин фитнаю туҳматҳо миёни мо – бародару хоҳарон сардӣ меуфтад?

Ҳамсарам китф дарҳам кашид. Албатта, ӯ – бечора аз

куҷо донад, ки пушти парда чӣ гапҳо ҳаст? Дар воқеъ, барои ман хеле аҷиб менамуд, ҳанӯз оби чашмҳо хушк нашуда ҳаври ин носипосиҳо аз куҷо хест? Чаро маҳз ба ман, ки ҳама заҳмати тимордорию ғамхорӣ, шустушӯю муроқибат ва ҳама кори пазироии меҳмононашу хоксупориро бо ҳамсарам ба ухда доштам, туҳмат мезананд?

Бо ин ҳол, худро ба нодидаю ношунида задам. Ба хотири ин ки руҳи модари тозамаргам нооро нагардад ва мову хешони «меҳрабон» бо ин ҳангомаҳои аҷибу ғариб лақомаки даҳони мардум нашавем, об дар даҳон, хомӯш гаштам. «Ҳар чи ҳаст, – аз хаёл гузарондам ман, – пас аз чиллаи модар расидагӣ хоҳам кард». Вале сабру тоқат то он замон, ки вафо бар аҳдам кунам, осон нагузашт. Тӯтӣ қариб ҳар рӯз як хабари нав меовард. Ҳангомаи халтачаи пул аз тағою холаҳо ба бародару хоҳарон низ кӯчида буд. Ҳеч кас ошкоро ба ман ҳарфе намезад, вале пушти сар гапи бисёр радду бадал мешуд. Равшан ҳис мекардам, ки қадру қимати одамӣ то чӣ андоза арзише надорад, гӯё пару курки сабуке аст, ки бо як зарра бод аз ҷо беҷо мешавад. Ин ҳама рафтори наҳсу ҳарисиву тамаъҷӯйии хешон мақоли «мурдаро монда тутхӯрӣ»-ро ба ёд меовард…

Ниҳоят, рӯзи чиҳил фаро расид. Бо фаро хондани хешу табор ва солмандони деҳа ба хотири ёдбуди модарам маъракаи муҷази эҳсон доир кардам. Бо ҳузури муллои калон дуою салавотҳо хонда шуд. Бар заммии қанду қурсу меваҳои тар, аз гӯшти тозаи гӯсфанди нияткардаам шӯрбои бомазае ба ҳамдеҳагон таоруф кардам. Дар поён меҳмонон бо изҳори ҳамдардӣ ба ману аҳли хонаводаамон, сабри ҷамилу аҷри ҷазил хоста бадар рафтанд. Дар ин миён ман аз тағою холаҳо ва бародарону хоҳарон хоҳиш кардам, ки чанд муддат бо ман бимонанд.

Ҳама – худиҳо дар хонаи пазироӣ гунҷидем, дар пешгаҳ мардону поинтар аз онҳо бонувон ҷо хуш карданд. Ман аз пойгаҳ истода, бори дигар аз ташрифи хешовандон изҳори сипос намудам ва ҳаяҷони ботиниамро, ки чанд муддат дар вуҷудам хона карда буд, фурӯ нишонда, бо таваҷҷуҳ ба

тағои калон, ки дар кунҷ менишаст, гуфтам:

– Худоро шукр, бо ҳамдастӣ чили модарамро низ гузарондем, руҳашон шод, охираташон обод бошад. Вале ошкоро мегӯям, наздики чил рӯз аст, ки аз пичингу суханҳои аҷибу ғариби шумо азизон оромӣ надорам. Бо бесабрӣ мунтазири ҳамин рӯз будам, ки бепарда, рӯ ба рӯ сухан дар миён гузорем. Акнун бигӯед, ман чӣ хатое кардаам, чаро шумо аз дасти ману ҳамсарам нороҳат шудаед?

Маърака билкул хомӯш шуд, ҳама ба якдигар нигоҳҳои мармузу таҳайюрангез афкananд. Дар сурате ки нигоҳи аксари ҳамнишастон ба сӯйи тағои калонӣ дӯхта шуд, ӯ ҷуссаи худро ба ду ҷониб ҷунбонда, мӯйлабҳои баландашро миёни ду ангушт сила кард ва абрувони пурпушташро ба боло кашида ба сухан омад:

– Гап дар сари халтачаи пул аст, ҷиян, фаромӯш кардӣ?

Чун дар хусуси он халтача бисёр шунида будам, тааҷҷуб накарда пурсидам:

– Ман намефаҳмам, халтачаи пул чӣ аст?

Дар ин лаҳза аз ҳар ҷойи хона садои қиқир-қиқири масхарадору писхандҳо баланд шуд, хешон бо ҳамдастӣ ба ман нигоҳҳои тамасхуромез меандохтанд. Гарчи гуноҳе надоштам, ин назарандозиҳо маро саросема карданд, сuratам гӯё доғ мешуд, беирода дастонам ба ларза омаданд. Дигар, ба ҷойи тағо холаам риштаи суханро ба даст гирифт:

– Додар, ҷойи пинҳон кардан нест. Тӯтӣ ҳам медонад, келини хона Руқия ҳам бо чашми худ дидааст, ки апаамон ҳамолияки пулро ба ту бахшидааст. Пули пасандози апа ҳаққи ҳалоли ҳама фарзандонаш аст, наход ки муаллим шуда насибаи дигаронро ҳам азхуд кунӣ? Айб нест магар?

Дар ин ҷойи сухан ба худ омадам. Қоматамро рост карда, нафаси амиқ кашидам. Шоду масрур гуфтам:

– Ҳамолияк! Ҳаминро зудтар намегӯед?! – хурсандии ман хешонро ба шигифт оварда буд, ҳанӯз намефаҳмиданд,

ки ман аз чӣ хушҳолам. – Оре, дар вақти ҷонканӣ оча ҳамолиякашонро ба ман дода гуфта буданд: «Ҳар гоҳ хилват шудӣ, кушо ва аз он баҳра бар». Вале, бовар кунед, то имрӯз фурсати холӣ наёфтаам ва он ҳамолияк ҳам дар сандуқчаи оча аст, ки ҳанӯз даст назадаам!

Ғалоғула дар байни ҳамнишастон бештар шуд. Ҳар кӣ чизе ба бағалдасти худ мегуфт. Дубора Бахромтағо ба сухан пардохт:

– Хуб, биёр онро, бубинем чӣ аст дар дохилаш!

– Тӯтӣ, – ба ҳамсарам амр кардам, – зуд бош, ҳамон ҳамолияки амонатиро аз сандуқча биёр!

Худам низ хеле мехостам, ки ҳарчи зуд аз муҳтавои ҳамолияк воқиф шавам. Модарам дар халтачаи асрорангези худ чиро ба ман супурдааст? Вақте ки ҳамолияк ба дастам расид, ҳамзамон чашми ҳама чун неши хор ба сӯйи ман дӯхта шуда буд. Дар ин лаҳзаи ҳассос кушодани ҳамолияк осон нагузашт. Раҳматӣ модарам онро ду қабат дӯхта сипас бо бандакаш баста буд. Лозим шуд, ки ҳамсарам қайчиашро низ биёварад. Пас аз талошҳоям, билохира, халтачаи сеҳрнок боз шуд. Аз дохили он чанд қабат коғази ҷудогонаи таҳхӯрдаро ба рӯ гирифтам, ғайри чашмдошти ҳама, он коғазҳо на пул, балки номабаргҳое бо нигоштаҳои шеърӣ буданд! Чӣ гӯям, дар ҳоле, ки ҳавсалаи хешу ақрабо пир шуда буд, нахустин коғази таҳхӯрдаро боз кардам ва шунаво ба хурду калон хондам: «Нури дидаам, писари муаллимам! – менавишт модарам. – Дарди дили маро фақат ту мефаҳмӣ, танҳо ту будӣ, ки ба ман ҳамрозӣ мекардӣ, ба шеърҳоям гӯш медодӣ, маро ба хондану сароидани сурудҳои мардумӣ водор мекардӣ. Чанд бор хоҳиш намудӣ, ки сурудҳои дар ёдам бударо бароят навишта диҳам, вале ин кори ман ба ақиб уфтод. Ниҳоят, гуфтаатро ба сомон расондам, вале як ҳафта боз аз ту дарак не. Агар дидор ба қиёмат монад, сурудҳои навиштаамро дар ҳамолияк монда ба дасти Тӯтӣ месупорам. Писарам, рӯзу соати ман пур шудаст барин, худатро, бачаҳоятро саришта кун, аз шабу рӯзи

додарат бохабар шав... Хайр, нури дидаам!»

Намедонистам хешовандон чӣ ҳоле доштанд, маро хӯриам омад. Ёди модари гӯяндаам, ки бо оҳангҳои доира ва рақсу сурудҳои ранг ба ранги худ арӯсию ҷашну маъракаҳоро обод мекард, маро ба риққат овард. Беихтиёр номабарги дуюмро боз кардам, ашк рехта, бо ҳаяҷон шеъри аввалро хондам:

*Дарди сари ман зи дарди дандон батар аст,*
*Оҳи дили ман зи кандани ҷон батар[74] аст.*
*Э вой, чӣ кунам хешаки бевиҷдона,*
*Ҳирсу тамааш аз ину аз он батар аст...*

## «МАЗА»-И ШАРОБ

Шуҳрат намехост кам биёрад. Магар дасташ кӯтаҳ аст ё пулаш кам аст, ки кам биёрад? Дод, ҳар чӣ дошт – дод!

Ҷӯраҳои майпараст аз ӯ розӣ шуданд, таърифашро то осмони ҳафтум карданд: «Ана, ба ин мегӯянд зиёфат! Хокӣ ёд гирад аз Шуҳрат!»

Дар воқеъ, рафиқашон Хокӣ ҳафтаи пеш суфраи ҷашн густурда буд. Аз улфатони ширакайф дигаре афзуд: «Ҳама нозу неъмати дунёро рӯйи дасторхон рехт, вале аз як шиша арақ гурехт, Хокии номард!». Дигаре бо чашмони нимапӯш омад ба хурӯш: «Э, Хокии мумсик! Нон ки доданӣ бошӣ, дурусттар бидеҳ, чӣ суд аз куштани чандин бузу гӯсфанди фарбеҳ?! Ана, ёд гир аз Шуҳрати ҷон – шароби ноби разон, арақҳои корикалон... Баҳ-баҳ, чӣ коняке дод марди майдон!»

Бодӣ ҳам дар канори улфатон буд, дар ин ҷашни таваллуд. Ҳар чӣ аз машрубот буд, хӯрд ба ду даст! Ва ҳамроҳи ҷӯраҳои майпараст то буни шаб нишаст. Охирсар, вақте ки нисфи улфатон каҷу макаҷ уфтода ба хурпуф даромаданд ва нисфи дигар ҳам чорпою дупой худро ба дару девор зада бадар рафтанд, ӯ низ алангу маланг аз пушти онҳо

[74] **Батар** – бадтар

баромад ва ба самти хонааш ба роҳ даромад…

Кӯчаашро ёфт Бодӣ, дар куртааш нагунҷид зи ҳою шодӣ. Ҳанӯз рӯшании саҳар надамида, истод дар назди дарвоза: гӯё ҳама чиз дар гирдаш давр мезад – дару девор, маҳтоби бедор, ҳатто сутуну симчӯбҳои пур аз маҳор. Худро ба дастгирае зад, дар боз шуд. По ба дарун ниҳоду фалаки даввор кард корашро: ҳамчун лоша уфтод ба пилаҷо.

Ду-се по зад, даст афшонд, аммо барои хестан мадоре дар ҷонаш намонд. Ба мисли золу дар рӯйи замини нам хазид, чунон хазид, ки аз зӯри беҳуда ҳар чӣ «омода» буд, дар эзораш шорид! Ҳамин дам ба суроғаш саге омад, дар ҳоле, ки аз иштимоми ғайриодӣ ҳавои гандро зери бинӣ мебехту аз забон оби даҳон мерехт. Саг эзори ӯро бӯйиду ба маънии «ӯфу-у…» яке сар бардошт ва ҳамоно ба ҷониби каллаи майзада по гузошт. Забони меҳр ба сурату даҳони бодахор зад, лесид ва дар ҳамин ҷо Бодӣ ба худ омад:

– Гардам худата, ту яктои манӣ, бо ин бӯсаҳот ҷони манӣ!

Саг забон аз лесидан кашид ва пойи чапи пушташро боло карду ба сурати Бодӣ шошид. Бодӣ обу адо шуд, бо хушҳолӣ илҳомаш ҷӯш зад:

*– Ба оби ҷӯ расидан ба ман шуд маҳол,*
*Ту рӯямро бишӯйӣ ба оби ҳалол.*

Саг аз Бодӣ ҳазар карду рафт.

Субҳи козиб пардаҳои худро шикаст, рӯшании саҳар ба олам нишаст. Кадбонуи хона ба одати маъмул аз хоб хесту ҷорӯб гирифт ва барои рӯбучин ба ҳавлӣ баромад башаст. Чун ба назди дарвоза омад, марди ҳамсояро дид, ки алағдаю палағда симое дошту олуғда ғур-ғур мекард. Ҳамин ки шинохт, наистода бо ҷорӯб ба сараш тохт:

– Ҳе, беимон, чӣ кор мекунӣ дар ҳавлии бегонагон?!

Бо зарбҳои паёпайи дастаи ҷорӯб, Бодӣ базӯр сари по хест, ба ҳуш омада дарёфт, ки ҷуз фирор ӯро чорае нест. По ёзониду худро ба дарвоза зад ва сарашро ба қоби оҳанин, ки гӯё ҷарақа зад. Пешпо хӯрд, аз дарвоза ба бе-

рун уфтоду пешониаш сахт бар замин бархӯрд. Дубора хост ба по хезад, аммо натавонист рост шавад, ночор, маҷбур шуд чаҳорпо равад.

Аз сару рӯяш хун мерехт, сурataш сахт месӯхт, чаро ки хуну обу шоша бо ҳам меомехт. Ин дафъа дастгирарo дуруст ёфт, бо ҳавли ҷон чун шағоли рамида ба ғори худ шитофт...

## СИРҚАТУ ЗИЛЛАТ

Ҳамсоя аз ангурҳои ангуштии шаҳдбораш як лаган овард ва аз он дам ба пас ҳаваси ангурдуздӣ дар сари бародарон хона кард. Хеле мехостанд худро ба кӯйи дуздӣ андозанд, вале сахтгириҳои модар буд, ки наметавонистанд ба ин кор пардозанд.

Рӯзҳо паси ҳам гузашту тоқати бародарон аз каф раҳид. Чӣ кор кунанд, ки токзори ҳамсоя бо шилшилабори худ кӯки чашмонро дарид. Ҳарчанд ин ризқу рӯзиро нодида мегирифтанд, ниҳоят, лаҳзаи деринтизор барояшон фаро расид...

Бародарон дар камин нишастанд. Мунтазир буданд, ки Нисомомои нигаҳбон хоб монаду ҳар ду чорпоя аз девор ба самти токзор биҷаҳанд. Офтоб сари худро ба нӯки найза шинонд ва каворaи момо дар рӯйи тахти дидбонӣ аз ҳаракат бозмонд.

Насрӣ амр кард:

– Фахрӣ, бипар!

Додари хурдӣ чун оҳу парид, бо шаст хез зада аз девор ҷаҳид ва ба зери хиргаҳи раз хазид. Аз пасаш Насрӣ ҳам парид. Дукаса ҳарчи саракҳои баланду бузургтар буд, чиданду ба доман рехтанд. Чун доманҳо сангин шуд, бо ҳуштаки бародар баргаштанд ба ақиб, даст ба даст дода аз девор гузаштанд ва фирор карданд ба нишеб. Бо доманҳои пуршуда аз хӯшаҳои ноб паҳлуи ҳам нишастанд дар лаби ҷӯйи об. Насрӣ миёнбанди порчаияшро густурд, ҳар ду ангурашонро рехтанду Фахрӣ шумурд: расо давоздаҳ сар ангури калону хурд!

– Баҳ-баҳ! Нахӯрда аз даҳанат об меод, – бо ситоиш саракҳои ангурро ба об зада, донакҳои лоҷвардию мишкиранги хушобу шаҳдборро ба даҳон мебурд Насрӣ. – Ин қадар хушмаза аст, ба ёдат кашкобу шакароб меод!

Вале ин мазаю ин шодмонӣ дер напоид, гӯё ки аз осмони сиёҳ борону жола борид. Модар аз дуздии бачаҳо огоҳ ёфт, онҳоро бо дастбурдашон дар лаби ҷӯй дарёфт ва бо халачӯби бодомӣ ба сарашон тохт, бо ниҳебу ғазаб ба задану кӯфтан пардохт.

Фахрӣ се-чор чӯб ба пушти худ хӯрду бо фиғон шӯрида рафт, чун оҳуи раҳоёфта аз даҳони шер, ба самти боло боғашонро бурида рафт. Насрӣ бошад, ба дасти модар дармеуфтод, то сари халачӯбро бигирад ва арзи дил кунад:

– Оча-а, сахт мерасад, ду-се сар ангура гирифтим чию нагирифтим чӣ?

Чун Насрӣ бо илтиҷо монд, модар чандин бор адабчӯбро ба дасту поҳояш тапонду чапонд. Ниҳоят, бо амр дод зад:

– Мегӯйӣ, ду-се сар ангур? Ҷувонимарг, хасдузд ҳам дуздасту шутурдузд ҳам!

– Оҳо-о, бо як доман ангур боғи Момонисо кам мешавад?

– Ҳеч дуздиата намехоҳӣ тан гирӣ-а, нобакор?! – модар бештар ба ғазаб омад ва чӯби дасташ дубора ба сари писар фуромад. – Магар намебинӣ, момо худаш медиҳад, ин ба шумоён басӣ намекунад?

Насрӣ ҷуз фирор чорае надошт, бо як силтав аз дасти модар раҳоӣ ёфту по ба гурез гузошт. Медавиду чун оругазида меғурунгид:

– Моён дуздӣ накардаем!

Модар адабчӯбро бо зарб ба замин халонд ва худ бо дилтангӣ дар канори ҷӯй нишаста монд...

* * *

Аз миён чанд сол гузашт, аз пешорӯйи модару бачаҳо якчанд фасли гармою сармо сипарӣ гашт. Бачаҳо бузург-

тар мешуданду дурушттар ва майдадуздиҳояшон рӯз ба рӯз бештар. Модар ба дод меомад: як сӯ наметавонист ятимонашро назорат кунад, сӯйи дигар, таҳаммул надошт доду фиғони ҳамсоягонро тоқат кунад. Аз дасти бачаҳои худсар мурғдорон ҳам ба сараш тохтанду боғдорон ҳам, хавозадорону мағозадорон ҳам... Ҳатто як рӯз Момои Хазина афтону хезон ба дараш омаду арз кард:

– Ин сағиронат балои ҷон шудан, Дилпазир, на ҷурғот мондан дар ҷонам, на шир. Ту ки медонӣ, фақат ба як коса ширу ҷурғот мондас рӯзи мани пир.

Модар ҳарчи дошт аз ширу ҷурғоту панир, бо дасти адаб дод ба кампир.

Намедонист бо ин бачаҳои якрав чӣ кор кунад: на ҳарфи хуш барояшон мекард кора, на насиҳату заданҳои ҳамвора. Онҳоро медиду мукаррар падари авбошашон ба ёдаш меомад, чаро ки ӯ низ пайваста дуздӣ мекард. Ва он дуздиҳо охирсар ба сари худаш бало овард! Ҳамин ки даст бурд ба рамаи бойбача Меҳрон, ӯро бурданд ба кунҷи зиндон. Охир, сирқаташ на яку ду дона, балки буд як рама! Ҳамаро пеш андохта бурда буд ба бозори Осмонсой, вале ҳангоми фурӯхтан «хараш ғӯтид дар даруни лой». Инак, панҷ сол аст, ки на гӯшаш менамояд, на думаш...

Ниҳоят, омад ба сари модари муштипар он чӣ аз он метарсид. Дар рӯзи равшан бачаҳояш коре карданд, ки ангушти ҳайрат газид. Писарони шикамсеру чашмгурусна ногаҳон ҳаваси пули бисёр кардаанд, аз чӣ бошад, ки онҳо низ Меҳрони бойбачаро дур дида, сандуқи пулашро рабудаанд. Бо дилхушӣ таронаи пул сурудаанду як манзил нагузашта ба дасти пулис уфтодаанд. Насрӣ дар банд, Фахрӣ ҳам баста бо дастбанд...

Додгоҳ. Модар ба фарзандони пушти қафаса чашм дӯхта, аз таҳи дил мекашад оҳ. Равшан дарк мекунад, ки ба сараш омадааст рӯзи сиёҳ. Нигоҳаш ба нигоҳи писарон бармехӯрад, дилаш хун мешавад, мисли Маҷнун мешавад, вале ғаму ғуссаро дар дарун мехӯрад. Ногоҳ

садои додрас ӯро ба худ меоварад:

– Бону Дилпазир, шумо модари бачаҳо ҳастед?

Модар сарашро ба маънии тасдиқ ду бор ба поин таконид, додрас бо нигоҳи ҷиддӣ пурсид:

– Рафторашон аз меъёр гузашта, модар, ба ҳар ду ҷазои сахт аст муқаррар. Бифармоед, ҳар чӣ арзе ҳаст, баён доред!

Модар андуҳгину ғамгин бо овози кам изҳор кард:

– Инҳо чун падарашон аз хасduздӣ ба шутурдуздӣ расиданд, ҳар чӣ гуфтаму кардам, ба додам нарасиданд... – Модар хомӯш шуду мӯйҳои ба сураташ шоридаро ба канор зад, дар толори додгоҳ паша пар намезад. Бо ҳис кардани сукут дубора афзуд: – Бигзор ба назди падарашон раванд, шояд ки дар ҳамон ҷо одам шаванд...

Модар, аз зиллат буд ё аз хиҷолат, бо рӯмоли калон чеҳраашро пӯшонд. Ба ақиб гашту тез-тез қадам монд ва худро аз қафаси додгоҳ раҳонд.

## ХУНБАҲО

***(Ҳикояи воқеӣ. Ин достони кӯтоҳро соли 2008 дар Шероз аз забони ошнои афғониам Башир шунида будам...)***

– Наҷумб, писарам, наҷумб...

– О-о, поям да гил монд... не-е, ин гу будас, бобоҷон!

– Садоята баланд накун, хафа шав!

– Дастама ҳам лағат кардед, дард мекунад... Боз мегӯед, хафа шав?

– Тоқат кун, писарам, як дамак... Лаънатиҳо гузашта раванд, мебуроем.

Каҳдони тангу тори канори собот, ки муддатҳои тӯлонӣ ҷойи парвариши гӯсолаҳои Ҳабиб буд, дар айни ҳол ба соҳибхонаю писараш тангӣ мекард. Ҳабиби қадболо пушти сарашро ба шифти мағорбаста часпонида, бо тамоми неру дари куҳнаи нимашикастаро дошта меистод, то чашми касе ба дохил науфтад. Дар пушти ӯ

писари наврасаш Башир пушт ба девор дода дар охурча менишаст ва наметавонист аз дардҳои ноҳинҷор худро ором кунад…

Фурсати хушк шудани дока нагузашта, садои помонии бисёр шунида шуд. Дастаи калоне буд магар, аз пайи тапар-тупури зиёд гарду хоки сиёҳ фазоро фаро гирифт ва Башир дигар натавонист дам дар дарун монад. Бе ирода, сарашро аз зери панҷаи сахт ба берун кашид ва се бор баланд атса зад. Падар базӯр бо кафи як даст даҳони писарро баст, аммо дер шуд. Дастаи туфанг ва дар пай зарбаи по дари шалақро ба замин яксон кард. Марди девсурате бо ришу мӯҳои дар ҳам печидаи баланд чашмонашро чун нимкоса боз карда, бо садои хашин ғуррид:

– Оҳ-ҳо, кофирони лаин, мушхонае муҳкамтар наёфтед?! – ӯ ба ҳамроҳи туфангдори худ амр кард: – Ин беriши беимонро дасту по баста ба истинтоқ кашед!

Тӯдаи марди девбашара дар паскӯчаҳои шаҳри ғуборолуд нопадид шуда буданд. Панҷ-шаш нафар ҳамроҳи ӯ, ки яқинан аз қафо меомаданд, дарҳол ба сару кӯли Ҳабиб дарафтиданд. Мардро аз по дар оварда, дастҳояшро рӯйи ҳам ба пушт гиреҳ заданд ва дубора ба по шудану роҳ гаштан маҷбур карда, милазанону муштзанон ба тарафи кӯчаи асосии шаҳр давиданд.

Башир пойи худро аз касофат раҳо кард, наистода худро ба марди девсурат расонд ва бо ду даст муҳкам ба банди пойи ӯ часпид. Мард пояшро ба боло бардошт, писар ӯро раҳо накарда дар ҳаво алвонҷ хӯрд. Бори дуюм боло кард, боз ҳам писар алвонҷ хӯрд. Бори сеюм пойи баланди болошуда ба сутуни гӯшаи собот бархӯрд…

– Бобоҷон!!! – садои дардомез дар фазо печид, писарак парида се-чор қадам дуртар ба лаби ҷӯйи хушк уфтод.

Осмони обиранги абрӣ аз миёни гарду ғубор кам-кам пайдост, гӯё ки дар атрофи сараш давр мезад. Абрҳо дар хонаи обии худ ёрои истодан надоранд. Писарак дар худ печида сарашро байни дастҳояш гирифт. Аз ду буногӯш гармии хун ба кафи панҷаҳояш гузашт…

Вақте ки Башир ҳушёр шуд, дар атроф на пай буду на Ҳайдар. Ҳамоно сари по хест, бо шаст ба самти хона давид. Мехост аз модару хоҳар мадад ҷӯяд, вале дару даричаҳои нимабози хонаи гилин, таноби аз ходаҳо кандашуда бо чанд либоси шустаи хоколуд, рӯйиҳамрафта, ҳавлию дарупилаи ҳайҳотро диду ба шигифт омад, дилаш таҳ хӯрд. Бо як чашмпӯшӣ давида ба ду дар хона ва кулбаи пазирой даромаду баромад. Касеро наёфта бо алам фиғон бардошт:

– Момонам, хоҳарҷон, куҷоед?! Момо…

Башир сутуни фарсудаи қоқ-қоқшудаи айвонро оғӯш кард, лағзида, ба сутун такя зада дар замин нишаст. Ногаҳон воқеаҳои дирӯз аз саҳни хотираш гузашт, «муҷозот»-и Бобо Латифи беришу Марямхолаи беҳиҷоб ба ёдаш омад. Мардум хунхории Толибонро дида чизе намегуфтанд, ҳама гирёну нолон бо чашми сар медиданд, ки як тӯда ваҳшӣ Бобо Латифи «кофир»-у «суннатношинос»-ро сангсор мекарданду Марямхолаи бефаранҷии аз дин «бегонашуда»-ро дар гулхани ҳезумҳои хушки бодому шибдор месӯхтанд. Ваҳшат тамоми вуҷуди писаракро фаро гирифт, ҷонсарак ба самти майдони истинтоқ дартоз шуд…

Башир то ба майдон расид, ҷон дар танаш намонд, бо даҳони боз беист хир-хир нафас мекашид ва он чӣ тавонашро бештар мекост, ҳоли низори хоҳаракаш буд, ки беҳолу бемадор дар пушти девораки сангине поҳояшро ба пеш дароз карда менишаст. Худро ба ӯ расонд, панҷаҳои хурдаки хоҳарро рӯйи даст гирифт, умедворона пурсид:

– Момон куҷост, Нисоҷон?

– Ҳуйло… – бо лаҳни озурдаи давомдор бо сар ба ҷониби аробаи чархшикастаи канори майдон ишора кард духтарак ва канда-канда ба суханаш афзуд: – Момонамро бе сарбанд гӯён то ҳаминҷа кашолакунон оварданд, аз он тараф бобора ҳам дастбаста… Ҳар дура ба пушти мутурашон бастанду ҳай давр заданд, ҳай давр заданд, то замоне ки лоқу парашон аз ҳам пошиду гӯшту устухонашон реза-реза шуд…

Башир дар худ ларзида сари по хест. Гиҷу виҷ, калавида то назди ароба омад. Дар паҳлуи он ду наъши тикка-тик-

кашудаи хоку хунолудро диду ҳуш аз сараш парид ва беихтиёр ҳик-ҳиккунон ба гиря даромад, беҳолона худро ба болои ҷасадҳои кӯфтаю хурдшудаи беҷон афканд…

* * *

Манзили Ҳабиб ба радифи мотамсароҳо пайваст. Аммо, ба ҷуз модарарӯсашу хоҳари хурдиаш касе набуд, ки азо бигирад. Дигар хешовандон ё фирорӣ буданд, ё хусбида дар хонаи тарс, ё ки мубтало шуда ба марг…

Дар он шабу рӯз Баширу Нисо ҷомаи ғам дариданд, бо он ҳама андуҳ мушт гиреҳ карданд. Ҷони ба лаб омада онҳоро аз пайи интиқом бурд. Ҳар ду ба маҳзи даст додани шаби дувум, дар дили торикӣ дунболи тарҳи кашидаашон уфтоданд. Башир аз куҷое ду дабба керосин овард…

Субҳи зуд. Ҳанӯз хурӯсҳои шаҳр бонг назада, алангаи азиме аз нишемангоҳи душманон ба фалак печид. Тавилаи бузурге, ки саду анде сарбози ғосибро дар каф мегирифт, бо ҳама ҳайбату бузургии худ ба коми оташ рафт!

## ЧАШМИКОРДОН
***(ҳикояи воқеӣ)***

«Худоро шукр, офати куруно дар қафо монд, сари вақт ба ҳама кор мерасем, – дар пушти мизи корӣ нишаста аз хаёл мегузаронд Исо. – Беҳуда нагуфтаанд, ки оҳанро дар гармиаш кӯб,  агар мисли паймонкорони дигар беғам гашта расани корро суст мекардам, яқинан ҳоло ман ҳам ба доми курунои фарогир меуфтодам ва чизе дар даст надоштам…»

Аз қаҳваи финҷон як қулт хӯрд. Андешаҳо пасу пеш дар саҳни зеҳнаш давр мезаданд. Чизе ҷуз муҳтавои тарҳи нави корҳои обрасонӣ, ки зери досташ буд, ба хаёл намеомад. Гӯё дирӯзакак ҳамроҳи ҳайати боздидкунанда шароити зисти рустоҳои дурдасти минтақаи саҳроиро бо чашми худ дида баргашта буд. Зиндагии сахт, имконоти кам ва бештар аз ҳама, набудани оби тоза ӯро ба риққат овард. Албатта, ҳар як оила дар ҳавлии назди дарича чоҳи

об дошт ва аз он ҳам барои хӯрдан, ҳам барои шустушӯ истифода мекарданд, аммо чӣ обе?! Шӯру часпанда, тираю гилолуд! «Мо сӣ сол боз аз ҳамин об мехӯрем», мегуфт зани муштипаре, ки аз ҳама пеш ҳолати зисташро нишон медод... Он замон дар назди ҳайат ҳокими вилоят қавл дода буд: «Якуним соли дигар ба дари ҳар яки шумо оби тоза меояд, ин рӯзҳоро фаромӯш хоҳед кард!»

Исо қаҳвaашро то охир нӯшид. Яксола корҳои анҷомдодаи ширкати худро чун навори филм аз мадди назар гузаронд. Қариб ки ба ҳадафи ниҳоӣ расидааст, дар ҳама бахш – чи барқию механикӣ, чи лӯлагузорию махзансозӣ, чи эҳдоси манбаъҳои ҳавоӣ ва лӯлакашиҳои иншообот то хонаҳои маскунин рӯйи ғалтак аст, аммо... Кори сохтмонӣ мелангад! Паймонкори[75] дасти дувум, ки бо хоҳиши корфармо[76] ба кор ҷалб шуда буд, сари ӯ кулоҳ гузошт. «Эҳ Муҳаммад, то чӣ ҳад одами бадқавл ҳастӣ ту! – Исо дандон газид, базӯр ғазаби худро фурӯ бурд. – Шаш моҳ аст, ки имрӯзу фардо мекунӣ. На коргарони дуруст дорию на дастгоҳу мошинолоти рӯ ба роҳ, кошикорию, ҳисорсозию нозуккориҳо ҳеч, ҳатто роҳравҳоро анҷом надодаӣ!» Беирода гӯшаки телефонро ба даст гирифт ва рақам чид.

– Бале, оқои Баҳодур, бифармо, – дарҳол шунида шуд садои сарпарасти коргоҳ Ҳадод.

– Муҳаммад чӣ кор кард?

– Ҳамон, Аҳмади порина, – ҷавоб дод Ҳадод, – ҳафт коргоҳ аз дасти вай бечора аст, на коргар изофа кард, на мошин. Ҳатто масолеҳи сохтмонии овардааш кофӣ нест. Вазъият хароб, оқои Баҳодур, бояд корро аз ӯ бигирем, вагарна ҳама талошамон бар ҳадар меравад, иҷрои тарҳ ба ақиб меуфтад.

Исо бо тааммул гуфт:

– Бо ӯ суҳбат накардӣ, барномааш чӣ аст?

– Суҳбат фоида надорад. Худат медонӣ, даҳ бор тааҳҳуд дод, шифоҳӣ ҳазор бор қавли мардонагӣ дод,

---

[75] **Паймонкор** – иҷрокунанда; ширкате ки анҷом додани коре, сохтани биное ва монанди инро ба уҳда мегирад

[76] **Корфармо** – супоришгар, ширкати кордиҳанда

вале аз сари ҳама ваъдаҳояш об рехт, ҳеч коре намекунад, – Ҳадод бо изтироб сухан мегуфт, равшан буд, ки аз дасти паймонкори сохтмонӣ сахт азият кашидааст. Яке бо садои баландтар афзуд: – Дар воқеъ, аз ман дархости пул карда буд, ман қабул накардам. Мехост ба офисамон ба Тошканд равад, наомад?

– Не. Ҳоло ту аз пайи нақшаҳоят шав, ба ҳама кор суръат диҳед. Вақт кам мондо-о, Ҳадод, беғам нагардед. Бубин, ба бахти мо зимистон ҳам мисли баҳор омад, биҷунбед тезтар! Мефаҳмӣ маро, то моҳи май бояд об диҳем ба мардум!

– Ҳатман! Фақат сохтмониро яктарафа кун худат, ба ӯ дигар ҳеч итминон намонд. Забони корфармо биуфтад, ки ба мо ин балоро таърифу рӯ ба рӯ кард!

– Ором, ором бош, Ҳадод, корфармо тақсире надорад инҷо. Худам ба ин мавзуъ расидагӣ мекунам, нигарон набош! Феълан, Худо ҳофиз!

– Хайр!

Исо гӯшаки телефонро нагузошта, муншӣ дари утоқашро боз кард. Гуфт:

– Оқои Баҳодур, меҳмонон аз Бухоро омаданд, бо шумо кор доранд.

Номаша гиру гӯшаша каш, Исо дарҳол пай бурд, ки ин меҳмонони нохонда ҳамон ташнаҳои пул ва бекорхӯҷаҳо ҳастанд – паймонкори дасти дувуми сохтмонӣ. Бе истиҳола гуфт:

– Бигӯ, дароянд.

Дар ҳақиқат, Муҳаммад буд. Ин дафъа ӯ танҳо намеомад, ҳамроҳаш марди миёнақадди сиёҳҷурда низ аз ӯ пештар қадам гузошта дохили утоқ шуд. Исо то ҳадде аз дасти онҳо дилхур буд, ки ҳатто аз ҷо наҷунбида, бо овози кам салом гуфт ва ишора кард, ки рӯ ба рӯ аз ду ҷониби мизи пазироӣ нишинанд. Дастони Муҳаммад меларзиданд, гирди чашмонаш бод карда буд, нигоҳашро гурезонда аз паси рафиқи худ ба курсии самти рост гузашт. Мисли ин ки базӯр лабханд мезад, худро хушҳол нишон дода ба сухан омад:

– Ин кас Зафарака, раҳбари мо ҳастанд. Аз ин пас масъулияти ширкатамонро ба уҳда мегиранд.

Исо тааҷҷуб кард. Дар нисфи кор ба ин қарор омадани паймонкор чӣ маънӣ дорад? Он ҳама додугирифте, ки ба исми Муҳаммад тамом шудааст, чӣ хел талофӣ мешавад?

– Барои чӣ? – пурсид ӯ.

Муҳаммад сар хам кард. Ба ҷойи ӯ марди ҳамроҳаш гуфт:

– Оқои Баҳодур, ин номард на танҳо шуморо, ҳатто маро низ фиреб дод. Мо бо ҳам шарик будем, аммо то имрӯз намедонистам, ки аз ширкати шумо ин қадр пул гирифтааст. Аз миён шаш моҳ гузашт, бо ин пул ман хеле зудтар корро ба сомон мерасондам, вале ин…

– Исто, бародар, – дар миёни сухан ҳарф зад Исо, – аввал бигӯ, ту бар чӣ асосе мехоҳӣ раҳбарии ширкати Муҳаммадро ба уҳда бигирӣ?

Зафар пӯшаи дасташро боз кард ва аз он як барг коғази муҳршударо берун кашида, дар назди Исо гузошту гуфт:

– Ин номаи муаррифии ман аст.

– Бубин, муҳлати қарордодатон ба поён расидааст, ту чӣ хел мехоҳӣ корро идома диҳӣ? Магар Муҳаммад нагуфт?

– Медонам, оқо, мо ки бародар ва аз як мазҳаб ҳастем! – хандаи нозебе кард Зафар ва Исо аз ин ҳарфи ӯ бештар ба ҳайрат омад. – Ман аз шиаҳои бухорой ҳастам, гузаштагонам аз Эрони шумо омадаанд. Дар мазҳаби мо фиребу дурӯягӣ нест, худат хуб медонӣ. Ё ҳарфам нодуруст аст?

– Бародар, ман на ба мазҳаб коре дораму на ба кишвар. Дар ин ҷо ҳам шараф ва ҳам номуси мо кор аст. Банда як уҳдадорӣ дар назди ин мамлакат дорам ва то се-чор моҳи дигар бояд ба мардуми саҳрой, ки чандин сол рӯйи оби ошомиданиро надидаанд, оби тоза диҳам. Ман номаи фасхи[77] қарордодро бароятон фиристода будам, акнун ки бо пойи худ омадед, баённома менависему қарордоди дуҷонибаро ботил эълон мекунем. Шумо ҳам осуда ба роҳи худ равед, ман низ корамро бо ягон ширкати дигар идома диҳам.

---

[77] **Фасх** – ботил кардан, бекор кардан

Муҳаммад дар ҷойи нишаст тоб мехӯрд, мисли саги сӯзанзада наметавонист ором бишинад. Чашмони сурхшудаашро, ки иллати он касолат мавҳум буд, ба Исо дӯхта, шигифтзада гуфт:

– Мо ҳанӯз кори ончунон анҷом надодаем, пулатонро аз куҷо пас медиҳем?… – Муҳаммад мехост бештар шарҳи ҳол гӯяд, аммо Исо дар миёни суханаш зад:

– Хуб, ин тақсири ман нест, бояд пас диҳӣ! Кори давлат ба шумоҳо бозӣ аст? Ҳар гузашт ҳадду меъёре дорад, ман дигар наметавонам бароятон фурсат диҳам, дигар бовар ҳам надорам.

Зафар аз ҷо баланд шуд, ду даст ба рӯйи сина гузошта, каме бо таъзим арз кард:

– Оқои Баҳодур, илтимос, аз хуни мо гузар. Ба хотири ҳамкешию ҳамшаҳрӣ буданамон ба ман як бори дигар имкон бидеҳ. Худо болои сарамон гувоҳ, агар корҳои сохтмониро то се моҳи дигар анҷом надиҳам, ҳар чӣ мехоҳӣ бикун! Ман омодаам ҳар гуна шарти туро бипазирам, фақат боз як бор бо мо роҳ биё, илтимос!

Исо ба Муҳаммад рӯ овард ва пайи ҳам суол кард:

– Ту симон дорӣ?

– Не.

– Шину моса[78] дорӣ?

– Не.

– Кошӣ харидӣ?

– Не.

– Ҷадвал[79] чи?

– Надорам.

– Барои сохтмонҳои идории ҳафт коргоҳ чиҳо дорӣ?

– Фақат тунукаю хишт.

Исо медонист аз ин маводу масолеҳ дар коргоҳ чизе нест, аммо ҳамеша бо он андеша буд, ки шояд таҳия карда дар анбори ширкаташон нигаҳ дошта бошанд. Чун ба асли қазия воқиф шуд, аз ниҳояти ҳайрат беихтиёр аз

---

[78] **Шину моса** – *масолеҳи сохтмонӣ*: сангреза (шағал) ва қум

[79] **Ҷадвал** – тири хурди бетонӣ, ки дар ду канори роҳравҳои пиёдагард, атрофи боғчаҳо ва ғ. насб мешавад

ҷо баланд шуд. Як нах сигорро равшан карда, дуди онро амиқ ба дарун кашид. Ғазаболуд ба Зафар гуфт:

– Пас он ҳама пулҳои додаи мо ба куҷо рафт? Ман аз чандин чақрим роҳ, аз Эрону Итолиёву Ҳинду Олмону Русия таҷҳизоти барқию механикӣ, тоблуҳо, абзори дақиқ, оҳанолот, лӯлаву иттисолоти он – ҳарчи лозим буд аллакай харида овардам, тархис кардам[80], бисёрашро насб ҳам кардам, шумо бошед масолеҳи дар таҳи бинӣ будаdo намехаред?! Оё ин аз рӯйи инсоф аст? Ман ба ғайр аз шумо наздики сито паймонкори дасти дувум дорам. Ҳама бамавқеъ кори худро анҷом дода пулашонро гирифта мераванд, бо касе на баҳс дорему на талош. Албатта, ҳар чӣ аз мо ёфтанд, ҳалолашон бод! Шумо чӣ?

– Оқои Баҳодур, моро бубахш. Ту бузургворамон ҳастӣ, аз ин хотир худам шахсан омадам ба пешат. Ту ба ман бовар кун, охирин бор ба ҳисобамон пул гузарон, дигар то охири кор як сӯм намепурсам!

Исо барошуфт, бо тааҷҷуби бештар пурсид:

– Чиҳо мегӯйӣ? Коре анҷом надодаед, масолеҳ ҳам харид накардаед, пас, пулҳоро муш хӯрд?

– Ин нобакор ҳисобу қарзҳоямонро насанҷида, аз ту дархости пул карда будааст. Кулли маблағи омадаро андоз аз ҳисобамон бардошт. Худат медонӣ системи инҷоро...

– Ба созмони андоз қарздор будед?

– Оре, ҳанӯз ҳам қарзамон канда нашудааст.

– Ин тавр бошад, боз ҳамон ҳолат такрор намешавад? Ё шумоҳо додарони падарам ҳастед, ки ман пуштатонро муҳкам карда гардам?

– Не, мо ҳисоби дигар кушодем, – Зафар як номаи дигарро, ки аз сӯйи бонк муҳр шуда буд, дар назди Исо гузошт ва афзуд: – Ин ҳисоби хусусии мост, ки маҳз ба хотири тарҳи шумо боз кардем. Агар пул бирезӣ, ман дарҳол маоши коргаронамро медиҳам ва дар зарфи як ҳафта тамоми масолеҳи лозимаро таҳия мекунам, дар ҳар як коргоҳ миқдори коргаронамро ба бист-сӣ нафарӣ мерасонам!

[80] **Тархис кардан** – аз гумрук озод кардан

Исо қадамзанон то назди тиреза омад. Дурудароз ба берун чашм дӯхта истод. Дар шохаҳои ягона дарахти хурмолуи ҳавлӣ се ҷуфт мино ҷоивазкунон ба ҷони ҳамдигар мерасиданд. Яке ба паҳлуи рафиқаш нӯл мезад, он нӯлхӯрда парида ба гардани ҳамтои дигараш нӯл мехалонд ва ҳамин тавр нӯлзаниҳо идома меёфту ҳеч кадом аз доираи бозӣ дур намерафт. Аз ин шӯхии мурғакон хушаш омад, чеҳраи ахмуяш боз ва бо табассум табъаш болида гардид. Дубора ба назди меҳмонҳо баргашт ва бо садои гиро гуфт:

– Зафар, ман дигар ба Муҳаммад як сари мӯ бовар намекунам, аз ин пас ҳама умедам ба туст! Бароятон на як ё ду ҳафта, балки як моҳ фурсат медиҳам. Дар ин муддат корҳоят бояд бичархад, тамоми масолеҳу маводи лозимро бихар ва ҳамзамон дар ҳафт коргоҳамон коратро ба пеш бар. Бубин, ман ба қавлу қарори ту бовар кардам, маро дигар фиреб надиҳед. Фардо ки ба Бухоро расидӣ, ба дафтари фаннии[81] мо даро, ҳисобу китобатро дақиқ кун ва ба миқдори пуле, ки ба ман бедеҳкор[82] ҳастед, як забонхат навишта фиристон, бо имзо ва муҳри ширкатат. Ба маҳзи ин ки ман он забонхатро дарёфт кардам, ба ҳисобат тайи муддати як соат пул ҳавола мекунам. Қабул?

Зафар хушҳол шуд, Муҳаммад аз ӯ бештар.

– Ин муҳаббати туро ҳеч гоҳ фаромӯш намекунам, оқои Баҳодур, ту ҷони одам ҳастӣ, ташаккур! – гуфт Зафар ва ҳар ду пушти ҳам бо эҳтиром дасти Исоро гирифта, ба такрор изҳори сипосу мамнуният намуданд ва бо хайрухуши кӯтоҳ офисро тарк карданд.

Исо умедвор аз пушти онҳо нигарон монд.

* * *

Гул бе хор намешавад ва шодӣ низ дар ин бозор бе ғам нест. Исо пас аз як моҳи накд яқинан донист, ки ҷомеаи одамон ҳам бе фиребкору ҳуққабоз буда наметавонад. Баробари гузарондани пули дархостнамудаи Зафар, Исо қарор кард рафти корҳои сохтмониро худаш

[81] **Дафтари фаннӣ** – шуъбаи истеҳсолӣ ва техникӣ *(ихтисори русӣ: ПТО)*

[82] **Бедеҳкор** – қарздор

пурра таҳти назорат гирад. Вале, сухани хона ба бозор рост наояд, чиро бояд назорат кунад, ки ду-се рӯзи аввал, ҳафтаҳои аввал ва ниҳоят, як моҳ аз байн гузашту на танҳо Зафару Муҳаммад, ҳатто коргарони башумури коргоҳии онҳо низ як-як аз миён ғайб заданд. Аз паймонкор на хабар монду на пай. Зафар ва ҳамраҳонаш на сару кӯли худро нишон медоданд, на ба телефонҳои Исову масъулони коргоҳ ҷавоб мегуфтанд… Вой дод, «омад ба сарам аз он чӣ метарсидам!»

Ҳадод мисли мурғи посӯхта буд, намедонист худро ба куҷо занад. Чун кораш дар замин монда, замони иҷрои тарҳ ба пушт меуфтод, сахт нигарон буд. Дар Тошканд истода, Исо аз ӯ ҳоли бадтар дошт. Гоҳе бо заҳр ба ҳоли худ механдид, ақли «норасида»-ашро мазаммат мекард, «дар тӯли бист сол ба ин шакл кулоҳ сари ман нагузошта буданд[83]! – бо ғазаб мегуфт ба худу ҳамкоронаш. – Зафар маро боб кард!» Суханҳои Ҳадод болои сӯхта намакоб мешуд: «Инҳо ба ғайр аз мо чанд ширкати хориҷаи дигарро ҳам гӯл задаанд. Корашон пулшӯйӣ будааст. Гуфтам, сари вақт берун кун, ба ҳарфам гӯш накардӣ…» Ин гапу дилсиёҳиҳо буд, ки одамони худу бегона ба ӯ машварат медоданд, то паймонкори бадқавлу беваформро ба додгоҳ диҳад. Аммо… Ӯ ин корро накард, гуфт, «шикоят ҳам вақту соат дорад».

Бо вуҷуди номардӣ ва лаинии паймонкори дасти дуюм, Исо иродаашро аз даст надод. Чун таҷрубаи хуби корӣ дошт, дарҳол маҳорати хешро барои сару сомон бахшидани коргоҳ сафарбар намуд. Дигар замоне барои ёфтани паймонкори нав ва аҳду қарор бастан бо ӯро надошт. Билофосила аз Эрон ду нафар саркоргари моҳирро оваронд ва бо кумаки ёварони худ ҳафт гурӯҳи кориро таҳти сарпарастии он ду саркоргар ташкил дод. Дар ҳамин лаҳзаи ҳассоси тарҳ сандуқи пулашро васеъ кушод ва ҳар чӣ мавҷудӣ дошт, барои анҷоми корҳои боқимонда масраф кард. Ҷон равад – равад, номусу обрӯ наравад!

---

83 **Кулоҳ сари касе гузоштан** – фиреб додан

Ҳадод ба истиқболи талошҳои бемайлони раҳбар баромад. Дар ҳар як муҳавватаи сохтмонӣ корро дар ду баст роҳандозӣ намуд. Василаҳои фаннӣ – мошинҳои борбару болобар, хокрезу хокбардор, бетонкашу бетонкор, таҷҳизот ва кулли абзори мавҷудро ба кор гирифт. Дар давоми се моҳи қуфлу калид коргоҳҳои ӯ бо шӯру мағали бесобиқа фаъол шуданд. Коргарии гурӯҳҳои сохтмонӣ, давуғечи беохири саркоргару сарпарастони коргоҳ, ҷӯшу хурӯши тозаи коргоҳҳо тамоми масъулони тарҳ, ба хусус, корфармоёни маҳаллӣ ва нозиронро лол кард. Ҳеч касро бовараш намеомад, ки инсон то ин ҳад бозуи тавоно дорад!

Дурри мақсуд сари вақт ба даст омад!

– Хуҷаста бод! Пирӯзӣ бар ақибмондагӣ муборак бод! Шумо мардонавор кор кардед, ба аҳди худ вафо намудед, халқи ташнакоми моро оби тоза додед! – сипосгузориҳои ҳокими вилоят ҳар соату ҳар лаҳза дар пушти гӯшҳои Исо taнинандоз аст.

Он замон, дар маъракаи супурдани тарҳи обрасонӣ ба корфармоён, Исо низ арз кард:

– Муборак ҳамаамон аст! Ман аз он шодам, ки сухани ҳокими бузургвор дар замин намонд – дуруст пас аз яку ним соли қавлу қарор ба манзили мардуми мискини биёбон оби хӯрданӣ расондем. Ин қаҳрамонии ҳар яки мост, бе шак, орзуи чандинасраи халқи пурбардоштy боирода аст!

Ва...

То як моҳи дигар бо даъвои Исо ҷаласаи додгоҳ доир гардид. Акнун Зафару Муҳаммад наметавонистанд ба ҷое фирор кунанд, чун моҳии лағзон ба қаъри гурезгоҳашон нопадид шаванд. Қонун аз гӯши ҳар ду кашида ба курсии ҷиноят нишонд, муфтхӯрон чун гурбаи дар об зада асрори луқмаҳои ҳароми худро яке паси дигар ифшо мекарданд. Бо нигоҳҳои имдодхоҳи худ ба Исо чашм медӯхтанд, вале хабаре аз силаи раҳм набуд, гӯё теғи чашмони Исо то ҷигаргоҳашон мехалид ва ба ҳар ду мегуфт:

– Носипосон, тиратон хато рафт, акнун ба ҷазоятон бирасед!

# НОВЕЛЛАҲО

## ОРЗУҲОИ НИМАРОҲ

***Руҳу равони марди олиҳиммат, дӯстдори миллату миҳан, зодаи шарафманди деҳаи Эҷи бостонӣ Ҷамоли Орзумурод шод бод***

– Додарат наомад, Ҷамолҷон?

– …

– Чаро ин қадар дер кард? Охир, гуфта будӣ, вақти хазонрезӣ меояд. Бубин, дар шохи дарахтон барг намондааст, рӯйи ҳавлиат ҳам заб-зард… Аз Комилҷонам бошад, ҳанӯз дараке нест…

Ҷамол гӯшу ҳуш ба модар, коғазҳои ҳисобдориро ҷамъ карда дар пӯшаи тугмадор андохт ва дар ҳоле, ки намедонист ин дафъа пазмонии модарро аз чӣ роҳе пасанда кунад, боди ғусса ба дарун кашид. Бо нӯки ангуштон пешониашро молида, аз ҷойи нишаст, ки поҳояшро ҷамъ карда дар пойгаҳи хона чорзону мезад, ба модар рӯ гардонд. Аз шишаи муҷаллои тиреза як даста нури хуршед оташгуна ба дарун меборид. Ин мавҷи нур дар роҳи нуфузи худ ба як қабза мӯйи парешони модар, ки сап-сафед менамуду аз чакаки рӯ ба поин мешорид, бархӯрда, ранги нуқраӣ мегирифт ва чеҳраи пур аз ожанги аз боду борони зиёд хӯрдашудаи сиёҳтобро ҷилои симин мебахшид. Чашмони нимапӯши модар ба берун нигариста, аз торикии хаёл ба сӯйи нишемангоҳи пайки тоза роҳ меҷуст. Ҷисми наҳифи худро ба лабаи тиреза часпонида менишаст, аз пайи бедармонии пою дастони кашола ёрои ҳаракат надошт.

Ҷамол аз ҷо хест. Ба назди модар омада часпида дар канораш нишаст, бо муҳаббат панҷа бар китфи ӯ гузошта ба бағал зер кард ва базӯр лаб ба сухан кушод:

– Меояд, оча… – гӯё хоре дар гулуяш халид, чеҳраи башшоши додари ҷавонмарг дар сафҳаи хаёл падид омад, бо пушти даст оби дидаи ба гунаҳояш таровидаро пок кард.

– Ту ҳам меравӣ, ҳеч кадомат ба ман коре надоред, – модар ба берун дида дӯхта менишаст, намехост аз баргу хазони заррин чашм бардорад, – аз дасти шумоён умрам хазон шуд.

– Ин хел нагӯ, оча, ман ҳамеша дар канорат ҳастам, ба ҳеч куҷо намеравам! – ҳарчанд модар як сари мӯ аксуламале ба ҳарфҳояш нишон намедод, Ҷамол гапзанон аз дӯшу сару гардани ӯ бо хумор бӯ кашида, лоилоҷ сари по хест ва барои расидан ба корҳояш хонаро тарк кард...

Ҷамол бо духтари хурдиаш ба маркази ноҳия – шаҳри Нурато рафтанӣ буд, мебоист пули донишгоҳи ӯро ҳавола кунад, вале ёди деҳа, тавофи хокҷойи бародари ҷавонмарг ба ҳушу зеҳнаш чира шуд. Чун фаҳмид духтари омӯзгораш ҳанӯз аз мактаб наомадааст, дасти фармонро  аз шаҳраки Авлиё ба ҷониби зодгоҳ тофт.

Худрав бо суръат ба пеш медавид. Дар моварои гӯш «гув-в-в» садои якмароми он менишаст. Ҷамол озод аз чамбараки фармон дошта, дасти хаёл перомуни духтараки асалаш гузошт. Рухсори гарму табассумҳои меҳрогини ӯ ба дилаш фараҳ бахшид, аз дил гузаронд: «Эҳ, Худоҷон, чӣ қадр меҳрубону карим ҳастӣ! Асалакам аз пайи бародари худ рафт, бо бакалавр қонеъ нашуда омӯзиши олиро низ пай гирифт. Магар осон аст донишҷӯйи донишгоҳи Сингапур шудан?!» Оре, бародараш низ Донишгоҳи иқтисоди ҷаҳонӣ ва дипломатияро хатм карда, омӯзиши олиро дар Малайзия фаро гирифта буд. Акнун дар Иморот машғули кор аст. Ҳамин дишаб аз тариқи интернет ҳамсуҳбат шуданд. «Ҷалолҷон, биё писарам, ҳамин қадар таҷриба ҷамъ кардӣ бас. Имсол бознишаста мешавам, ҳама соҳибкориро ба ту месупорам, ин тарафашро худат бин», гуфта буд ӯ. Вале посухи писар аз он ки «меравам» гӯяду хурсанд кунад, бештар дилхушкунанда буд: «Додоҷон, метавонед табрик гӯед, бароятон хабари хуш дорам! Имрӯз маро ба унвони мудири намояндагии ширкатамон дар Ал-Айн таъйин карданд. Мудириятро ҳам нағзакак ёд гирам, Худо хоҳад, ба наздатон бармегардам». Ҷамол нафаси роҳат кашид. Бо ҳисси ин, ки боғи муҳаббаташ меваҳои ширину ширадор ба бор

овардааст, дар худ болид. Шишаи чапро поинтар фуровард. Вазиши ҳавои сарди мулоим ба ҳаловати вуҷуди ӯ афзуд.

Худрав аз як сӯ дашти бепоёни хушку холӣ ва аз ҷониби дигар доманаҳои кӯҳии сарсарӣ пур аз сангро дар пушт гузошта бо суръат ба пеш медавид. Ана, аз самти рост деҳаи нозанини Сойхурд намудор шуд. Ба назар мерасид, нозу намои дилфиребиaон дар оғози поиз костааст, аз дасти фасли хазонрез боғу дарахтони сарсабзаш хушку сиёҳгунаву урён шудаанд. Танҳо он чӣ ҳусни деҳаро медорорад, чошу пареш хонаҳои деҳотиён аст, ки бо вуҷуди дурдастӣ аз шаҳрҳои ободдару дарвозаю бомҳои худро бо диди хос ва намоҳои ҳарранг оро додаанд. Ҷамол нигоҳе тӯлонӣ ба ин деҳаи дӯстдоштааш андохту беихтиёр аз надоштани нишоти баҳоронаи он дилтанг шуд. Дубора дида ба роҳ дӯхт, хаёлаш ба хотирот панҷа зад. Дар пеши назар симои андуҳгини духтари бузургаш падид омад. «Дилбанди озордидаам, – зери лаб пичиррос зад ӯ, – аслан ғам махӯр, ман туро аз дасти ҳар гуна дарду ранҷ наҷот медиҳам! Ҳама хушиҳои зиндагиат ҳанӯз дар пеш аст...» Аз як сӯ, номуросоиҳои оилавии духтари калониаш ва аз ҷониби дигар, бетобии вай Ҷамолро ба гирдоби хаёл афканд...

Худрав суръати худро камкунон то хамгашти калон омаду ба самти рост, ба сӯйи Эҷ печид. Садои гардонааш баландтар шуд, чун ба баландӣ мебаромад, бо «уххок»-и бештар зӯр мезад ба тезии худ биафзояд. Дар пешорӯйи Ҷамол ҳусни коҳидаи зодгоҳаш бо намои афсурдаи тирамоҳӣ намудор гардид. Бо ҳама коҳидагӣ ин зодбуми куҳнапӯш барояш бениҳоят азиз аст, ҳар як пайроҳааш, роҳҳои хокбодию мумфаршнашудааш, чашмаҳои камобу доманакӯҳҳои урёнаш, ҳар як инсони содаи дидадарояш бо узри тиҳидастию дасткушодӣ мукаррам аст. Дар ҳоле, ки дидори додарро ёд кардани модар ҳар як тору пайи пайкарашро ба раъша оварда буд ва аз субҳ инҷониб дар дили худ пӯкиеро ҳис мекард, хост ҳарчи зуд худро ба қабристони деҳа расонад. Аз гузари Пиритурк гузашт, теппаи Тепилелокро низ паси сар кард ва ҳамзамон бо дида шудани пештоқи нақшини гӯристон суръати мо-

шинро коҳиш доду аз роҳи дастрасӣ бағал-бағали ҳифози симин ба самти хокҷойи авлод сарболо шуд.

Гузари хомӯшон... Гӯиё паша пар намезанад, вале насими фороме аз дараи бағалдасти пушта сару рӯро пармосида мегузашт. Хӯша-хӯша алафҳои ёбой ва аҳёнан баргу шохаҳои ниҳолони бодоми сабзондаи Аҳмадбобо бо ноз алвонҷ мехӯранд. «Ассалому алайкум, ё аҳлал-қубури», дар дил хонд Ҷамол ва наистода то назди хокҷойи авлод омад. Як дам сари ҷо рост истода, бо нигоҳи сатҳӣ қабрҳои пасти сангин ва лавҳасангҳои сари онҳоро аз хатти назар гузаронд. Ба маҳзи дидани девору санги навтарин ба он ҷониб шитофт, катибаи лавҳи ёдгорӣ ба дидааш тофт, ки гӯё хуни дилу ашки азизон ба рӯйи санги хоро рехта, ба унвони рози ниҳон ҳак шуда буд. Дилаш таҳ хӯрд, таҳи мижгонҳояш лиқ-лиқи оби дида шуд, овозашро ба дарун хӯрда, рӯ-рӯйи девораки қабрро бо кафи даст навозиш дода монд. Чанд дона сангчаю хасу хори ба назар изофӣ намударо ҷамъ карда аз рӯйи гӯр ба замин андохт ва пушт ба қибла дар канори лавҳи ёдгорӣ нишаст. Бо садои каме ларзон, овоз бароварда сураи «Фотиҳа», чанд ояти сураи «Мулк»-ро хонд, савоби оятҳои раббониро ба арвоҳи ҷамиъи гузаштагон ҳавола кард ва бо имон ба Офаридгор даст аз рӯйи гунаҳояш кашид. Худро каме осуда дида, дубора ба лавҳи ёдгории додар рӯ овард, дар хаёл бо ӯ ба гуфтугӯ даромад: «Додарҷонакам, руҳат шод бод, даргузашти туро ба модарам гуфтаам, вале ҳанӯз ки ҳанӯз намехоҳад ба ин хостаи Парвардигор тан диҳад. Имрӯз ҳам туро ёд кард, ба роҳат нигарон аст, ман бошам лолу бечора мондаам, чӣ гӯям ба ӯ? Додарҷони мусофирам, аз пайи ризқу рӯзӣ ба як гӯшаи дури олам рафтӣ, ҳамон, оча танҳо аз хона баромаданатро медонаду бас, ҳанӯз ҳам чашм ба роҳи рафтаат аст. Бо ёди дидори ту дилаш хунобу дидагонаш хира шудаанд, ҳеч дармоне на дар дасту пояш дораду на дар камари ноустувораш. Додараки ҷавонмаргам, Худо мағфират кунад, имрӯз ҳам азмам бар ин аст, ки реҳлати туро ба очаҷон бозгӯй кунам, дигар таҳаммули интизориҳои ӯро надорам, сахт метарсам, ки

руҳаш коставу равонаш холӣ гардад. Маро бубахш, ором бихоб, азизам...»

Бо тавофи хокҷойи рафтагон Ҷамол сабук шуд гӯё, аммо ҳамин ки аз дарвозаи хурдаки қабристон пой ба берун мениҳод, дар вуҷуди хеш дилвопасиеро ҳис кард. «Эҳ Худоҷон, худат дар паноҳат нигаҳ дор», беихтиёр аз таҳи дил овоз баровард ӯ. Бо як ҷаҳиш ба мошин нишаст ва аз роҳи омадааш ба поин сарозер шуд. Ба роҳ афтиду яке ҳушдори додарарӯс ба хотираш зад, ки чанд рӯз пеш гуфта буд: «Анору беҳиҳоям тамом мешавад, тезтар омада баред, додӣ[84]. Нашавад, ки фардо намонаду «ман бенасиб мондам» гӯён маро айбдор кунед?!» Ҷилави мошинро дар роҳи пур аз дастандоз ба самти болооб гардонд. Мошин бо суръати кам ба самти фароз мехазид, хаёли Ҷамол побанди майдони бозии бачаҳо гардид, ки шавқуну ҳаёҳуйи бозикунон ҳатто аз он бари рӯд ба гӯш мерасид. «То Наврӯзи нав бароятон варзишгоҳи нав месозам, – аз қирраи чашм футболбозонро тамошокунон дар дил ба сухан омад ӯ, – бошад ки, аз соҳибкориам ин подоше барои ҳамдеҳагонам гардад! Майдони бозиро тахту ҳамвор карда, ба сатҳаш регу шағал мекашам ва рӯяшро бо рӯкаши сабзи футболӣ мепӯшонам. Дар самти рост барои тамошобинҳо радрад нишастгоҳҳо шинонда соябон ҳам дуруст мекунам. Албатта, гирдогирд, чор атрофашро бо тавораи баланди тӯрӣ мебандам...» Ҳангоми гузаштан аз канори чашмаи Дарифеҷак чанд кас ба сӯяш даст бардоштанд, ӯ низ ба маънии алейк бо лабханд сар хам кард. Як зани солманд ба тори сар як сатл ва дар канори ӯ арӯсаш буд, зоҳиран, ду сатл дар даст об бардошта мерафтанд. Ҳар ду вайро дида дар лаби роҳ воистоданд, бо изҳори сипос ба онҳо низ лабханд зада гузашта рафт.

Аҷаб падарарӯси олиҷанобе дошт Ҷамол! Бар замми он, ки муҳандиси аршади кулхуз буду вайро дар тамоми ноҳияву вилоят ҳамчун коршиноси ҳирфаӣ мешинохтанд, ӯ бо ҳазлу мутоибаҳои дилнишин доди суханро медод. Нишасту маъракаҳо аз лутфи шакарнамҳояш бони-

[84] Додӣ – бародари калонӣ

шоту тарабангез мегузашт. Гузашта аз ин, деҳқонӣ ҷону дилаш буд! Дар миёни боғбонҳои асили чашмикордони кӯҳпоя ӯро низ бо ангушт мешумурданд. Инак Ҷамол дар боғчаи ба мерос гузоштаи падарарӯс, ки дастикам ҳар фасли сол аз неъматҳои кишоварзӣ холӣ намегашт, қадамзанон руҳи тоза гирифт. Додарарӯси ширинкор аз ӯ қафо намонда, бо меҳр шохаҳои мевадорро сила мекард, аз таърифи анору беҳиҳои боғ даҳонаш доғ мешуд. Ҷамол дидаравон ба васфу ситоиши ӯ афзуда гуфт:

– Аз пухтан пӯсти ин анорҳои бечора чок шудааст!

– Чок шудан фақат пухтан нест, додӣ, – ҳамоно риштаи суханро ба даст гирифт додарарӯс ва ёзида як дона анорро канду аз маҳалли чокии пӯст ду қоқ кард, – шумо аввал ин донаҳои марворидиро бихӯред, баъд мефаҳмед дар зери пӯстҳои чок боз чӣ лаззате пинҳон будааст, бифармоед!

Рӯ ба рӯйи Ҷамол сиёҳдонаҳои муҷалло лахчасон рӯ боз карданд, беихтиёр аз даҳонаш об омад. Ин оби мазаро ба ҳалқ фурӯ бурда, андешаманд ба сухан пардохт:

– Додоят мегуфтанд, анор ёқути биҳишт аст. Таъми майхушу маласӣ[85] ва обдории он таку беҳамтост, дар устураҳои пешин онро мазҳари фаровонӣ ва борварӣ ва ҳатто муқаддас мехондаанд!

Додарарӯс ҳарфҳои ӯро тасдиқкунон як халтачаро бо анор пур кард ва ба самти дарахтҳои пурбори беҳӣ роҳ пеш гирифт. Ӯ дар назди нахустин дарахт истода, як шохаи пурбори онро, ки шояд ҳашт-даҳ адад мева дошт, ба поён хам кард ва гуфт:

– Гумон накунед ин меваҳо рангпаридаву хокианд! Бенурии беҳии бечора аз дасти ин пурзу патҳое аст, ки вайро пӯшондааст, – додарарӯс ду дона беҳиро оҳиста аз муғҷа ҷудо кард ва якеро ба дасти Ҷамол дода, дигареро худаш бо лабаи доман пок кард. Ҳамоно дар кафи дасташ гӯё як хафчаи[86] зар ҷило дод.

– Баҳ, баҳ! – дубора оби даҳон фурӯ бурда ба завқ омад

[85] **Маласӣ (малас)** – *таъм:* туршу ширин

[86] **Хафча** – шӯша, тикка

Ҷамол ва рӯмолчаашро аз киса берун кашида беҳии дасташро пок кард. – Ин боғи шумоҳо як гӯшаи биҳиштист, додар, ҳар кӣ ин меваҳоро таматтуъ кунад, бегумон, ба фирдавси барин меравад!

– Бихӯред, додӣ, натарсед шах намекунад, беҳии обдор аст, таъми асал дорад, – бо ин муҳобо додарарӯс ба пур кардани халтачаи дигар пардохт…

Ҷамол аз зиёрати боғу дари падарарӯс ҳаз бурд, дар ниҳояти хушҳолӣ бо додарарӯс, ки бо меҳр кӯлборҳои анору беҳӣ ва чанд дона кадуро дар сандуқи ақиб андохта монд, хайрухуш карда ба паси фармон нишаст. Садои худрав дигар кам буд, чун аз гузари Болоибохо ба самти поёни деҳа сарозер мерафт, азияти гардонаӣ надошт. Ҷодаи пур аз печу хами мошингард аз самти чап ба доманаҳои кӯҳии сангпӯш ва аз ҷониби рост саросар ба нишеби тезе, ки дар поён ба хонаю кулбаҳои шиферпӯшу пуштибоми гилӣ ва боғу ҳавлиҳои сокинони деҳа мерасид, часпида, роҳравии худравро мушкил месохт. Ба вижа, дар баъзе хамгаштҳои махуф ронанда маҷбур мешуд каме худравро нигаҳ дораду ба пеш таваҷҷуҳ кунад ва гӯш диҳад, ки рӯ ба рӯ мошин ё колаи дигар меояд ё не. Бо ин ҳол, ҷодаи шинос Ҷамолро нигарон намесохт, балки дар ин лаҳза санглохию дастандозҳои зиёдаш ӯро нороҳат кард. Бо ин эҳсос рафтаравон оғуштаи хаёл шуд: «Аз пайи варзишгоҳ ба навсозии ҳамин ҷодаи деҳаам хоҳам пардохт. То ин ҷо, ки расидаам, аз Худо мехоҳам, сармояи ғун кардаам барои аҳли зодгоҳам харҷ гардад. Аз даҳана то Болоибохо як фарсах бештар нест, душвор ҳам бошад, софу суф мекунонам, асфалт мерезам. Эҳ Ҷамол, ҳар гоҳ ба ҳамин ниятҳоят расидӣ, ту хушбахтӣ, беармон аз ин дунё рахт мебандӣ! Парвардигоро, аҳли азизи зодгоҳамро дар амонат нигаҳ дор!» Худрав гӯё илтиҷоҳои соҳибашро мешунид, беовоз, ба дуруштию ноҳамвориҳои роҳ гардан хам карда, гоҳе сусту гоҳе тезтар якмаром чарх медавонд…

Вақте ки дасти фармони худрав дар даҳанаи деҳа аз сари шоҳроҳ ба самти Авлиё печид, роҳи мумфарши софу паҳн дар назари Ҷамол чун тасмаи беохир намудор шуд.

Аз даричаи бағал ҳавои матбуи поизиро то мағзи ҷон нафасгирон худро хеле сабук ҳис кард, мисли ин ки чун мурғи озодболе андар самои беғубор пар мезад. Ӯ бо як чашмандозӣ дашту саҳрои бепоёнро бар рӯйи шабакияи дидагонаш мутаҷассим дид ва беихтиёр аз он, ки дар соҳибияти ин қитъазамини бекарон ширкати бузурги чорводориашон саҳмгузор асту ӯ ба ҳисобу китоби ин ширкат раёсат мекунад, аз таҳи дилаш ҳисси ифтихор туғён зад. Ба хотир овард, боре раиси ширкат Ҳазратҷон бо эътимод ба ӯ гуфта буд: «Дуруст, ки раҳбар манам, Ҷамолака, аммо фаромӯш накунед, ҳама мудирият ба уҳдаи шумост ва кори банда низ фақат пуштибонӣ аз шумо». «Аммо... ». «Ҷойи аммо нест, – сухан аз даҳонаш гирифта буд раис, – шумо шогирди ҳисобдори маъруф Мустафои Раҳим, аз дастпарварони қаҳрамони кор Зайниддини Амониддин ҳастед ва бо он ҳама донишу таҷрубае, ки андӯхтаед, ҳама корро роҳат тартибу сомон мебахшед. Ман дар ин ширкат танҳо ба шумо бовар дораму такя мекунам!» Ин эътимоди сарвар буд, ки чандин сол боз худаш дар нишасту ҷаласаҳои ноҳияву вилоят ва анҷуманҳои ҷумҳурӣ ширкат варзида, ба унвони намояндаи мардумӣ борҳо аз пайи ҳалли мушкилоту муаммоҳо дил сӯхтаву пой давондааст. Беихтиёр суҳбати ахираш бо Ҳазратҷон дар хусуси бузҳои Оренбург ба хотираш зад. «Буз ба кӣ вафо кардааст, ки ба мо кунад, – пешниҳоди ӯро шунида бо каме ханда гуфта буд сарвар, – харҷи овардан ҳаст, нигаҳбонӣ, баъд, оё ба шароити мо мутобиқат мекунад он ҷинси шайтон?» «Шумо ба ин фақири худ бовар кунеду иҷоза диҳед кофист, раис, – дар посух изҳор дошт ӯ, – он шайтоне, ки мегӯед, пеш аз ҳама бо тибити худ доди шуҳрат додааст! Касе нест, ки рӯмолҳои пухи русиро надонад, сарбанде, ки ҳанӯз аз охири асри нуздаҳ дастраси мардум гаштааст. Тибити бузҳои насли Оренбург бениҳоят нарму нозук ва кӯтоҳ аст, истиқомату[87] таниши[88] воло дорад, бо якрангиаш фарқ мекунад. Маҳсули бениҳоят гаронқимат аст, агар

[87] **Истиқомат** – муҳкамӣ ва муқовимат дар баробари фишор
[88] **Таниш** – муқовимат дар баробари кашиш

бовар кунед, арзиши тиллоро дорад!» Раис шир фуроварда пурсида буд: «Ҳар як буз чӣ қадар тибит медиҳад, ки шефтааш шудаед, медонед, барои суд гирифтан чанд сар бояд биёрем?». Дар воқеъ, ӯ бо огоҳие, ки аз ин ҷинси чорпо дошт ва бо тамоми вуҷуд мехост ба нияташ бирасад, дар идомаи суханаш афзуда буд: «Ҳар як буз то сесаду ҳаштод грам тибит медиҳад ва то се-чаҳорсолагӣ маҳсулдиҳиаш торафт меафзояд. Ғайр аз ин, бузҳои оренбургӣ пашму шири зиёд доранд, гӯшташон бомаза аст. Дар канори ин ҳама рамаҳои гӯсфанд барои парвои онҳо низ бошишгоҳ дуруст мекунем. Дар оғози кор ҳадди ақал ҳазор сар биёрем, корамон хуб роҳ меафтад...» Эҳ, Ҳазратҷон! Ман чокари шумоам! Аз пайи эътимоду дастёриҳоятон инак ҳазору чаҳорсаду ҳаждаҳ сар дар роҳ аст. Худо хоҳад, дар канори пӯсту пашмҳои қарокӯлӣ бо тибити бузҳоямон низ ном мебаровед, ман ба ин қавл медиҳам!..

Ногаҳон аз пешорӯйи Ҷамол калхоте башаст парида гузашт. Хаёлаш парешон шуд. Аз пайи калхот нигоҳе дурудароз ба осмони обиранг афканд. Ҷо-ҷо тӯдаҳои абр ранги обии фалакро сапедгун сохта, бо суръат ба муқобили ҳаракати худрав роҳ мепаймуданд. Офтоби заррин аз пешонӣ мезад, ҳарчи ба Авлиё наздик мешуд, чеҳраи нурпоши хуршед бештар пеши чашмро мегирифт. Бо ин ҷило роҳи васеи мумфарш ялтирос мезад, гӯё рӯди обе буду худрави ба ҳарос омада рӯ-рӯйи он лаппида шино мекард. Ҷамол ин ҳолати табиатро чандин бор мушоҳида карда буд. Бо гузаштани вақти аср офтоб дуруст дар уфуқи паси Авлиё камин мегирифт ва лашкари беҳисоби анвори худро то дами шом бераҳмона рӯ ба рӯйи роҳиёни бечора ба ҳамла меандохт. Ин бор туъмаи ин ҳамла Ҷамолу худрави безабони ӯ гашта буданд. Соябони ҷилавро поин кард, бефоида. Шуои чашмгир гӯё аз сатҳи ҷода ба дида мезад. Ҳамин ки пай бурд роҳу бероҳа ба назараш яке метобад, суръати худравро коҳиш дод. Дар ин лаҳза мошини бории бадҳайбате бо ғуввоси гӯшгир аз канораш гузашта рафт. Аз шамоли он худрав албонҷ хӯрд. Вале... Ҷамол ҳанӯз ҳавосашро ҷамъ накарда буд, ки ғайричашмдошт,

дар пешорӯяш сиёҳии девмонанде, ки гӯё уқобвор ба самти туъмааш шерҷаҳ[89] мезад, пайдо шуд. «Эҳ, Худоҷон, ин чӣ бало буд?!», як он зери лаб ғурунгид Ҷамол ва худро бе чораву роҳи халосӣ дида, бо шаст фармони худравро ба самти чап тоб дод… Вой дод!! Мисли ин ки кӯҳе таракиду дар зери гӯшпонааш садои гумбурросии баланд танин андохт, гӯё ки ӯро дар ғирболи оҳание баҳам мезаданд, тамоми сару танаш сахту пурозор ба ҳар сӯ зада-зада такон хӯрда рафт. Ҳамзамон болиштаки имании пурбод ҷаҳида ба сари синааш часпид, вале… Нохудогоҳ, зарбае аз қафои курсӣ ба пушташ нишаст, ки бениҳоят дардовару ҷонгир буд. Баробари баланд шудани садоҳои номураттаби гарсгурс, тақ-туқҳои бепоён хаёлаш гурехт, дар ҳоле ки замину осмон беист дар атрофи сараш давр мезад, пеши чашмонаш зим-зиё торик шуда рафт…

Як қадам ба Авлиё нарасида, дар миёни дашти синабирёни қоқ, дар зери пардаи хунолуди офтоб қитъае аз роҳи васеи мумфарш ҳоли дилозоре дорад. Худраве дар васати ҷода рӯ ба ақиб гашта, на, чӣ рӯе – фуки мачолашудае аз мушти сахти ситамгар ба саду ҳаштод дараҷа давр зада, фис-фис дуд мебарорад. Самти мусофирнишин низ ба дарун фурӯ рафта, тамоми шишаҳои ҷилаву канор реза-реза шуда ба замин рехтаанд. Дар гирду бари худрави ба сар хӯрда тиккапораҳои он, капсули гази ҳаштодлитра ва гардонаи беовози ятиммонда зору ҳайрон парешон мондаанд. Дар атроф чандин адад анори синачоку беҳии ҳайрон ва кадуҳои порашуда ҳам титу питу дамдардарун мехобанд. Ҷойи нишасти ронанда аз зарбаи капсул ба дарун тоб хӯрда шакли миёни букриро гирифтааст, фармони саршикаста аз мушти фармондораш каҷ шуда ба зери пешхони[90] таракида паноҳ бурдааст ва дар миёни курсиву фармони номеҳрабон ҷуссаи леҳшудаи марди бехабар аз хостаҳои беҷойи Худояш…, э вой (!), тани маҷруҳу фатилашудаи

[89] **Шерҷаҳ** – *ин ҷо*: парвози бениҳоят баланд ба сони хез ё ҷаҳиши шер

[90] **Пешхон** – панели пеши худрав дар рӯ ба рӯйи ронанда, ки дар он васоили амалкарди худрав (суръатсанҷ, таҷҳизоти савтӣ, фармон, ҳушдордиҳанда…) насб мешавад

Ҷамоли нокому беҳуш дар банд аст... Ду-се қадам онсӯтар аз ин манзараи хунобзой худрави дар ҳам фурӯрафтаи пачақшудаи дигаре низ бо ҳолу намои ҳузновар чаппагардон мехобад – ҳамон худрави нофармоне, ки ронандаи муътодаш дасти чилавдориро гум карда, бо ҳайбати девгуна рӯ ба рӯйи Ҷамоли оғушта дар ҳазору як орзуву хаёлҳои ширин баромада буд...

Ин манзараи хунук чанд тан раҳгузари савобҷӯйро аз роҳ нигаҳ дошт. Чун дарёфтанд имкони боз кардани дарҳои мачақшудаи мошин нест, даричаи сақфи онро шикастанд ва тани беҳолу бедармони Ҷамолро берун кашиданд. Ӯ ҳанӯз талвосаи ҷон мекард! То дармонгоҳи Авлиё оварданд, вале аз дасти фақирию ночории ин «бемористон» дубора тасодумдидаи лозабонро, ки намебоист тани озурдаву захмиашро ҷо ба ҷо кунанд, ба мошини дигар гирифтанд ва чаҳорчарх ба сӯйи шаҳри Нурато шитофтанд. Ҳамроҳи ӯ ҳамсари синабирёну писари дилреш, ки зарбаи нобаҳангоми тақдир онҳоро ангуманг сохта буд, низ буданд. Ҷамоли гоҳе ҳушёру гоҳе бехуд ҷонбозикунон то шифохонаи Нурато омад... Ба бахти бад, ҷавонмарди сахтҷону обутобёфтаи деҳотӣ бо ҳар қадар нерую тавони корой дар баробари дарди ноҳинҷору ҷонгудози муфоҷо тоб наовард, илтиҷоҳои азизонаш – тазарруъ ва хоҳишҳое, ки шояд ҳафтумин қабати фалакро сӯрох мекарданд, то гӯши фариштаи наҷот нарасид. Ҳамин ки ҷуссаи саропо маҷруҳу хунолудашро ба тахти муолиҷа хобониданд, беҳолона танҳо ду-се бор «оча...оча...» гуфта тавонисту бас. Дар талошу пайкори чандлаҳзаӣ Маликулмавт пирӯз омад, вай ба одати маъмул, пас аз як «пуф-ф»-и кӯтоҳи асираш қабзи руҳ карду қолаби беҷону беҳаракати Ҷамоли сарсахтро ба ҳоли худ гузошт...

*Ё Раб, ба фазли хеш бубахшой бандаро,*
*Он дам, ки озими сафари он ҷаҳон шавад.*
*Номе зи мо бимонаду аҷзои мо тамом*
*Дар зери хок бо ғаму ҳасрат ниҳон шавад...*

Инна лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун[91].

---

[91] *Ба тоҷикӣ:* Мо аз Худоем ва ба сӯйи Ӯ бозмегардем

# НОНИ БАШИР

Вақти нисфирӯз буду офтоби тобон аз домани тафсони худ сели анвори сӯзонашро бераҳмона ба сару рӯ мезад. Шодӣ пас аз қафо андохтани роҳи дурударози шаҳр дар истгоҳи деҳа пиёда шуда, ба самти боло вазнин-вазнин қадам мешумурд. Аз ниҳояти ҳавои гарм ёрои сар бардоштан надошт, ҳатто нафасгирӣ барояш мушкил буд. Гӯё боди мулоиму руҳбахше, ки ҳамеша таҳу болои деҳаи дӯстдоштаашро навозиш медод, имрӯз бо маҳбуби худ қаҳрӣ аст, намехоҳад дар рӯ ба рӯйи дамои доғи саратон истодагарӣ кунад. Бо ин ҳол, Шодӣ саъй кард зудтар аз доми ҳавои диму гирифта ва пардаи хомӯшии ба сари деҳа нишаста раҳоӣ ёфта, хешро ба манзили падарӣ расонад. Бо як ангезаи ботинӣ, аз даҳону бинӣ нафаскашон ба қадаммониаш афзуд.

Лаҳзае, ки Шодӣ ба ҳавлӣ даромад, наметавонист чашм боз кунад. Гӯё пӯсти рӯю дастҳояш аз ниҳояти сӯзиш гард шуда мерехтанд, зери пероҳану шалвор бошад, шип-шилта тар буд, аз чаккаҳои рӯяш низ беист арақи гарми бадан meшорид. Баробари ба дари даромад наздик шудан садо дардод:

– Саидҷон!

Ҳанӯз чашмонашро накушода, дарро ба рӯяш кадбонуи хона боз кард. Аз паси ӯ сару дӯши бародар низ намудор шуд. Меҳмонро дида ҳар ду мисли гул шукуфтанд, бо ҳаяҷону хурсандии беҳад ба ӯ бағал кушоданд. Ҳамзамон аз дохили хона боди сарди ҷонбахш ба сару димоғ зад, Шодӣ аз танӯри оташзо худро ба дарун гирифта, нафаси роҳат кашид ва гарму ҷӯшон бо азизон пурсупос кард. Ҳамин ки вориди хонаи ҷойинишаст шуданд, писару духтари Саидҷон низ худро ба оғӯши амак андохтанд. Маълум буд, ки касе роҳи ӯро намепоид, вале баногоҳ пайдо шуданаш ба мисли Офтоби само гармии руҳбахш ба фазои манзили бародар ато мекард. Саидҷон, ки дар деҳа хонаи падариро чароғбон аст, ҳамроҳи фарзандон бародарро ба пешгаҳи хона гузаронд...

Шодӣ субҳи зуд по шуда ба роҳ баромада буд. Бар замми он ки мошинҳоро ивазкунон хастаю кӯфта то деҳа расид, шикамаш низ нақора менавохт. Ҳарчанд чою нон мехӯрданд, гуруснагиаш рафъ намешуд, дилаш ба ғизои гарм кашол буд. Мехост ба ҳамсари бародар арзи дил кунад, аммо ба ин азмаш бо пайдо шудани хоҳари азиз зарурат намонд. Онҳо як хоҳар доранд, ки ҳамсояи наздики Саидҷон аст. Инак, ӯ бехабар аз ҳама чиз, дар сар лаълии дасторхонпече ба хона даромада омад. Чун бародари шаҳриро дид, бо як дилхушии бемонанд, дар ҳоле ки аз чашмонаш нур мебориду чеҳрааш бо лабханди ҷаззоб оро меёфт, ба сӯйи ҷигаргӯша бағал кушод. Дубора наботи суҳбати пайвандон шира баст. Хурсандии хоҳар бошад, аз ҳама бештар буд, ӯ дар идомаи ҳангома бо хушҳолӣ гуфт:

– Ман имрӯз диниста нону чалпак пухтаам, – ва ба зани бародар рӯ оварда хоҳиш кард: – янгаҷон, агар заҳмат набошад, бӯғчаи маро дароз кунед.

Вақте ки хоҳар гиреҳи лаълиро мекушод, ҳама ба ҳаракатҳои ӯ ва дастпухтҳое, ки оварда буд, чашм медӯхтанд. Дар ин миён Шодӣ бетоқат шуд, ӯ дигар сабру қарорро аз даст дода, беихтиёр ёзиду як нони баширро, ки ҳанӯз ҳавраш мебаромад, ба даст гирифт. Нонро бо эҳтиёт ба чашмони нимпӯшшудааш расонид, мисли як кӯкнорие бо кайфи беинтиҳо онро бӯй кашид, ду-се бор аз рӯйи сурхгуну гарм бӯса бардошт. Ҳама нишастагон ҳолату амалҳои ӯро дида тааҷҷуб карданд, ҳеҷ кас ба гӯшаи хаёл наоварда буд, ки бародар то ин дараҷа нони баширро пазмон шудааст. Ба хусус, вақте ки дар ду гӯшаи чашмони Шодӣ ашк ҳалқа зад, ҳама ба шигифт омаданд. Касе ҳарф намезад, хомӯшие ҳукмрон шуд, ки худ аз бародари ба риққат омада арзи ҳол талаб мекард, дидаҳо бо ин умед роҳ гузиданд.

– Агар хато накунам, сию панҷ сол аз миён мегузарад, ки он замон ману ду додарам дар як вақт донишҷӯ будем, – суханҳояшро чида-чида ба гап даромад Шодӣ. – Барои падару модаре, ки се хӯранда дар хонаву се донишҷӯ дар шаҳр доштанд, таъмини хӯрдухӯроку либосворӣ ва дигар ниёзҳои зиндагӣ хеле сахт буд. Ман ин ҳолро хуб дарк

мекардам ва чун калонтар аз додаронам будам, пайваста сари он меандешидам, ки маоши донишҷӯйиро аз моҳ ба моҳ расонему аз моҳонаи падар, ки он ҳамагӣ сад сӯм буд, умедвор нашавем. Раҳматӣ падарам бо вуҷуди неюнестони[92] ман гоҳ-гоҳ пул мефиристод ва таъйин мекард, ки ман агар бепул ҳам монам, қарз нагирам. «Қарз баракаи зиндагиро мепаронад, – мегуфт қиблагоҳам, – дидӣ, ки пулат кам мондааст, ба худам хабар кун, мо дар қишлоқ як роҳашро меёбем...» Боре маҷбур шудам дар рӯзҳои сармои зимистон ба худаму додаронам кафши гарму ҷемпер бихарам. Азбаски тамоми пасандозамро харҷ карда будам ва то гирифтани маоши донишҷӯйӣ ҳанӯз аз як ҳафта бештар вақт буд, бепулӣ маро ба ҳолати ногувор афканд. Ба харҷи хона ҷуз нону чой дигар чизе нахаридем, ҳар рӯз ба додаронам сию панҷ тинӣ медодам, ки дар ошхонаи донишгоҳ сарфи наҳор кунанд. То рӯзи якшанбе кисаам холии холӣ шуд. Боз се-чор рӯзи дигар мебоист тоқат кунем, вале чӣ хел? Ҳамон рӯзи таътил додаронро гирифтаму секаса ба истгоҳи роҳи оҳан баромадем, бошад ки коре ёбему бепул намонем. Ба бахти мо, ду вагони картошка ба боргоҳи истгоҳ расида будааст. Масъули бор розӣ шуд, ки ба ивази бист сӯм ҳар ду вагонро холӣ кунем. Ҳамоно ба кор часпидем, додарон дукаса халтаҳои картошкаро як-як гирифта ба канори вагон меоварданд ва ман онҳоро ба дӯш бардошта онсӯтар бурда дармечидам. Чоштгоҳ шуд, нисфирӯз омада гузашт, аср ҳам фаро расид ва ниҳоят, сурхии офтоб аз байн рафту мо корамонро адо кардем. Дар ҳоле, ки худамон ҳам обу адо шуда будем, бо сару сурати сиёҳу чиркин, пойкашолу дилбеҳузур ба коргоҳи мутасаддии бор рафтем. Аммо, бо чӣ забон гӯям, он марди корфармо дар ҷояш набуд. Нигаҳбон гуфт, ки ҳаққамонро фардо медодааст. Чорае ҷуз сари итоат надоштем, димоғсӯхта роҳи хонаро пеш гирифтем. Бештар аз се истгоҳи автобус пиёда омадем ва то ба манзил расидем, дигар на дармон доштему на мадори ба по рост истодан. Ҳар се баробар худро ба рӯйи намад афкандем. Аз фарти хастагӣ ва шиками холӣ дилҳоямон

[92] **Неюнестон** – *лаҳҷ.* норизоӣ; дудилагӣ

беҷо шуда қай кардани̅ мешудем, вале чизе набуд, ки берун ояд. Чанд муддат дароз кашида ҳис кардам, ки каме ба худ омадаам, аз ҷо хестам. Чашмам ба додаронам уфтод, ҳар ду ҳоли табоҳ доштанд, ба хусус, додари хурди̅ ду пояшро аз зону ба шикам ҷамъ карда, сарашро ба даруни гиребон кашида буд ва дастонашро муҳкам ба рӯйи сандуқи дил часпонда дарақ-дарақ меларзид. «Дигар чорае надорам, аз амакам қарз мегирам» – гуфтам зери лаб ва аз тиреза ба берун чашм дӯхтам. Ҳамин нигоҳ карданам буд, ки дар ҳавлии нимаравшан аз чароғи камнури айвон симои касеро дидам. Ӯ якрост ба назди тиреза омада пурсишомез овоз дод: «Шоди̅?!» Ин овози дӯстам Сафо буд, ӯ аз деҳа меомад. Он лаҳза, худам медонаму Худо, як он бол баровардам ва чун кабӯтар ба сӯяш «паридам». Сафоро дар оғӯш гирифта раҳо намекардам, гӯё ки Бобои Хизр ба ман ҷон мебахшид, охир, ҳеч кадоми мо аз деҳа бе савғоти̅ намеомадем! Дар ҳақиқат, дӯстам раҳоварде бо худ дошт, ки модарам аз деҳа дода будааст. Медонед, чи̅? Нони башир! Оре, нони башире, ки он дам барои ману додаронам ширинтар аз сад кулча ҳалвою лазизтар аз сад ман асал буд! Ҳамоно ҳар дуро ба по хезонда, ба иттифоқи Сафо нону чой хӯрдем. Пас аз сер шудан дидам, ки модарҷонам дар канори талқони себу як баста набот номае низ бо дастхати зебои худ гузоштааст ва ин суханҳояш ҳанӯз ки ҳанӯз аз хотирам намеравад: «Нури дидаам, ҳамин си̅ сӯмак ҷамъ шуда буд, ки бароят мефиристам. Ин аз пули додоят нест, чунки медонам ту намехоҳи̅ ба мо мушкили̅ афтад, инро бар ивази намадпазию гилембофиҳоям ғун кардаам. Ками маро ба ҷойи пур бин, бо додаракот ҳар чи̅ дилатон хоҳад, харида хуред. Ман шумоёнро дуо мекунам...»

Шоди̅ аз нақл бозистод. Гиря гулугираш карда буд магар, беовоз ва бо сари хам нони башири хоҳарро порапора карду чанд ҷо ба рӯйи дасторхон гузошт ва як тиккаро худаш ба даҳон бурд. Ҳама нишастагон беихтиёр ба пораҳои нон даст дароз карданд. Хоҳар мехост чизе гӯяд, аммо чашмони ӯ низ кӯл-кӯли об буду гулуяш дар банд шуда ки, наметавонист лаб ба сухан кушояд...

# ЛАВҲАЮ ҚАЛАМИҲОИ КӮТОҲ

## ПИСАРАМ, ШИКАМАТ СЕР АСТ?

Рӯзҳои тобистон буд. Ману модарам аз як қитъа замини боғамон ҳосили сабзиро бардошта дар ӯра[93] рехтем. Чун замин нарм буд, ман дарҳол бели нӯктезро гирифта шуруъ кардам ба побел кардани он. Модарам гуфт:

– Писарам, ту замина бел кун, ман ҳам зардолуи дугонара меафшонам, баъд бо ҳам ош мехӯрем.

– Не-е, шумо набароед! – яке аз бетоқатиаш нороҳат шуда гуфтам ман. – «Дугона» баланд аст, хавфнок, ҳамин ки корама тамом кунам, худам меафшонам.

Модарам хандид... Оҳ, чӣ лабханди мулоиму нозанине дошт он лаҳза, ҳеч аз ёдам намеравад. Дар воқеъ, ба касе мисли модарам, ки дар кӯҳгардию дарахтбарой беҳамто буд, «ба дарахт набароед» гуфтани ман бас хандаовар менамуд...

Дар ҳоле ки боди нафиси тобистон аз миёни буттаю дарахтони боғи сарсабз вазида тану тӯшамро бо меҳр пармосида мегузашт, ман хастагиро ҳис накарда бо тамоми неру бел мезадам, қитъазамини холишударо барои коштани себзаминии дубора[94] омода месохтам. Дар дили ин шуғли писандидаам ногаҳон сарусадои гӯшгире баланд шуду гӯё осмон ба замин фурӯ рафт. Ба маҳзи шунидани овозҳои дилхароши қарс-қурс ва шақар-шуқури шоху навдаҳои шикастаи дарахт ва нидои баланди модарам, ки «писарҷон!!!» гӯён садо дардода буд, бандаи ба ваҳм омада белро ба як сӯ дур андохтаму бо қадамҳои баланд хез зада ба самти «дугона» дартоз шудам.

---

[93] **Ӯра** – чолаи махсусе, ки дар як гӯшаи боғ ё ҳавлӣ кофта мешавад ва дар он сабзавотро нигаҳ медоранд

[94] **Себзаминии дубора** – картошкаи мавриди кишт, ки дафъаи дуюм кошта мешавад

Э вой, бо чӣ забон гӯям! Модари бечораам дар канори шохаҳои уфтодаи дарахти болобаланди зардолу беҳушу безабон наҷунбида якпаҳлу мезад. Бо шитоб худро ба ӯ расонидам, аз зери китфонаш дошта, каме сарашро бардошта бо тарсу ҳаяҷон сухан ба лаб чидам:

– Очаҷон, чӣ шуд, ба худ оед…

Аммо аз модарам на садое буду на ҳаракате. Миёнбанди ловдонамро аз камар кушода, лӯла карда дар зери сараш гузоштам, сари дӯшу танашро кам-кам молидам. Дасту поҳояш каме ҷунбиданд, пилкҳояш ба рӯйи чашм боло-поин шуданд. Бо шаст ба сӯйи хона давида бо обхӯрӣ обу дастмолчаеро гирифта ба пас баргаштам. Модарам ба худ омад, ду-се қулт об хӯрд, базӯр лаб ҷунбонда гуфт:

– Писарҷон, натарс… Ман малча[95] шудам, тез ба савхез[96] бар…

Чун дидам кори дигаре аз дастам намеояд, дастмолчаро тар карда ба пешониаш гузоштам ва бо шитоб ба самти хонаи акаи Муродулло давидам. Эшон «Жигули» доштанд ва хонаашон дар фосилаи ду чақрим аз манзили мо воқеъ буд. Дар ёдам ҳаст, он дам чунон бо суръати бод медавидам, ки агар Элиуд Кипчугеи ҳабаш ҳам мебуд, ба ман намерасид!..

Модарамро озод бардошта дар курсии қафои мошин хобонидем ва акаи Муродулло низ он дам ҳунарашро намоиш дод. Масофаи ҳаждаҳкилометрии байни гузари Доничак ва дармонгоҳи совхузамонро ӯ дар тӯли даҳ-понздаҳ дақиқа тай кард! Хушбахтона, ҳама духтурон сари кор буданд ва ба хусус, сарпизишки дармонгоҳамон киё Ҷумъабойи Йӯлдошро дидаму ҳушёр шудам. Бо дили пур худамро бовар кунондам, ки ин табиби ҳозиқ модарамро аз дардҳо наҷот хоҳад дод.

[95] **Малча шудан** – леҳу абгор шудан *(аз зарбу лат ва ғ.)*

[96] **Савхез** – шакли гӯйишии «совхоз»

Ҳоли модари ба шиканҷа дучоршудаам хеле нигаронкунанда буд, гоҳе ба худ меомаду гоҳе аз ҳуш мерафт. Вақте ки духтурони дигар ба маркази ноҳия (то он ҷо 110 км аст!) бурдани ӯро дархост намуданд, киё Ҷумъабой ҳама масъулиятро ба уҳда гирифт ва сахту сифт гуфт:

– Дигар илоҷи ҷо ба ҷо кардан нест, агар як бори дигар ӯро савору пиёда кунед, ҷонаш меканад, беморро бой медиҳем...

Модари «малчашудаам» он шабу як рӯзи дигар беҳуду беҳол дар зери доруҳои оромбахш хоб рафт. Мани дар худ гирифта, дар ҳоле ки дарунамро занбӯрҳо мехӯрданд, ҷойи нишаст намеёфтам. Духтурон ҳар чӣ мефармуданд муҳайё карда, бо тамоми вуҷуд аз Офаридгор офияту сиҳҳатии модари азизамро илтиҷо мекардам.

Шаби дуюм фаро расид. Бо орзую умеди чашмкушоии модар, дар канори тахти хобаш сари дузону нишаста будам. Ҳарчанд бо ҳар роҳе хобамро гурезонда ҳушёр мондани мешудам, хастагию бемадорӣ ба ин имкон намедод ва посе аз шаб гузашту надонистам ки хобам бурдааст. Гӯё дар руъё буд, гармии ҷонбахше ба рӯйи пешонӣ ва буногӯшам нишаст, гарчи намехостам ин ҳарорату нафосат қатъ шавад, чашм боз кардам. Рӯ ба рӯям модари азиз аз ҷойи хобаш лабханд мезад, бедор шудани маро дида гуфт:

– Писарам, шикамат сер аст? Рав, ягон чиз хӯр...

«Эҳ, модарҷон, аҷаб фариштае ҳастӣ ту! Худат ҷон меканӣ, вале намехоҳӣ фарзандат ҷон канад, худат ду рӯзу ду шаб чизе ба даҳон набурдаӣ, аммо намехоҳӣ нури дидаат гурусна бимонад...» Ҳамон як дасти озодашро миёни ду кафам гирифта, бо меҳр, бо чашмони руст бӯсидам, бӯйидам ва ... ҳаз бурдам.

# МОДАРАМРО ДИГАР НАЁФТАМ

Агар гӯям, ки нисфи умрам дар сафар гузашт шояд хато бошад, зеро ин нисфи умрро дар мусофириҳо гузарондаам. Бешак, ҳама дар ин дунё мусофирем, вале бо тақозои сарнавишт ба кӯйи мусофирӣ афтидан чизи дигар. Ман берун аз манзили падар, дур аз ватани бобоӣ маскан гузидаам ва ноилоҷ шабу рӯз ранҷи ҳиҷрону фироқ мекашам. Ин ранҷ дарди пазмонӣ аст: муштоқӣ ба дидори модар, ки шабу рӯз дар интизори ҷигарбанди худ роҳ мепояд; орзуи дидани ёру дӯстони ҷавонӣ, ки барои ҳамрозу ҳаммаслаки худ суфраи суҳбатҳои ширин мероянд; умеди расидан ба табиати биҳиштосо, ки сари ҳар қадам бо чеҳраи ноз истиғно мекунад ва бо роиҳаи дилангези худ фараҳу ҳаловат мебахшад.

Ба ҳар навъе, ки хоҳам, зиндагӣ мегузарад ва ҳар манзили гузидаам барои ман ватан аст, аммо зодгоҳ талъату накҳати дигар дорад. Намедонам, шояд оҳанрабоест, ки тамоми торҳои мағзу вуҷуди маро ба худ ҷазб кардааст, шояд баҳри беохири руҳониест, ки ҳушу ҳавоси маро дар худ фурӯ бурдааст. Ман зуд-зуд ихтиёр аз даст медиҳам ва беихтиёр роҳи зодгоҳ, роҳи деҳаро пеш мегирам ва ба хотири рафъи хумору кадом як ташнагие дар талош меуфтам...

Ин дафъа ҳолам гирифта аст. Ман қадамҳои вазнин дар ҷодаҳои сахти деҳа мебардорам. Ёрои ҳарф задан, ҳатто сар боло кардан надорам. Ҳар қадар ба хонаи падарӣ наздик мешавам, дилам бештар ба ҳавл меояд, нобаҳангом буғзе гулуямро мегирад, мадори дасту поям мекоҳад. Ба сӯйи арзак – суфачаи сангине, ки болотар аз хонаамон аст, хира мешавам, аммо касеро намебинам. Дигар он пайкари руҳбахше, ки ҳамеша маро он ҷо истиқбол мекард, ба назар намерасад. Ҳалқаи дарвозаро боз мекунам, ҳавлии холӣ ва орому сокит қалбамро мефишорад. Беихтиёр садо мебарорам: «Оча!» Мехостам акси садо шунавам: «Ҷони оча!» Ҳайҳот, на овозе, на акси садое. Худамро бо бехудӣ аз дар ба дохил мезанам. Дар пойгаҳ ҳамон пӯстаки зерипойӣ,

дар фарши хона ҳамон қолии дастбофти равонакӣ, ба рӯйи девор ҳамон сӯзании пурнақшунигори дастдӯз овезон... Ҳама нишона ҳаст, аммо худаш нест. Ӯро дигар намеёбам, ҷояш холист.

Рагу пайи поҳоям суст шуда, дузону нишаста мондам ва сар дар гиребон фурӯ рафтам. Модарам бо чеҳраи гарм ва ба ҳар ҳолат дар пеши назар ҷилвагар шуд: миёнашро бо рӯмоле баста буд ва як даста ҳезуми хушк ба сар гузошта меомад; дар чуқурчае, ки қолиби танӯр буд, истода, аз гили бо бузмӯй пухташуда танӯр месохт; бо шонаву мокую дастак калобаҳои рангбарангро дар тору пуд кашида гилем мебофт; рухсораш лолагун буду аз танӯри тафсида нонҳои хушбӯйи башир меканд; доиразанон бо мақомҳои дилнишину гуворо суруд мехонд... Дарвоқеъ, ӯ аз ҷумлаи беҳтарин гӯяндагони халқӣ буд ва таронаҳояш равшану возеҳ дар пушти гӯш садо медиҳанд:

*Кас кеча бурод сарҳатакаш дуру дароз,*
*Ҳар се хуҳарон шинем ба мейҳои дароз.*
*Ҳар се хуҳарон бозӣ куним меарзад,*
*Кокул ба миёни борикам меларзад.*

* * *

*Додарам аз Каттақерғон ханд-хандон омадас,*
*Уштуронаш дар қатору саллавайрон омадас.*
*Уштуронаш дар қатору саллавайрон, додарам,*
*Дар даруни ҷераҳош як даста райҳон, додарам.*

* * *

*Эй оча, назан, накеб, ман беморам,*
*Ман кабки рамида дар таги деворам...*

* * *

*Бом ба бом ча(р)х мезанам нарвон кати, нарвон кати,*
*Аз дари гер*[97] *медаром армон кати, армон кати.*

[97] Дар лаҳҷаи зодгоҳи муаллиф овози «ӯ» (вови маҷҳул) аксаран ба овози «е» табдил меёбад, тавре ки дар абёти боло дар калимаҳои кеча(кӯча), мей(мӯй), керғон(қӯрғон), ҷера(ҷӯра), гер(гӯр) мушоҳида мешавад

* * *

*Мурдани ман маълуму кай мурданам маълум нест,*
*Як кафанро бурдану нобурданам маълум нест.*

* * *

*Дар ғарибӣ нола кардам, ҳеч кас ёдам накард,*
*Дар қафас ҷон додаму як мард озодам накард.*

Танҳоӣ ҳузновар аст, гӯё бори гароне ба дӯшам гузошта бошанд, бо миёни дуқат ёрои сар бардоштан надорам. Ғарқи андӯҳу ҳоли гирифта ҳис кардам ба рӯйи шонаҳоям дасти мулоиме нишаст ва чакраи оби доғ пушти гарданамро сӯзонд. Сар гардондаму дар канори худ хоҳарҷонам – ягона хоҳарамро, ки нишона аз очаам аст, дидам. Ӯ ба ғуссаи ман шарик шуда оби дида мерехт. Хоҳарамро ба ҷойи модар дарёфта дар канор гирифтам. Пай бурдам, ки ҳар ду ҷон дар як қолабему месазад боз ҳам бо дили гарм ба зиндагӣ умед баст...

Ҳанӯз пардаи шом наафтида, он рӯз ба пушта, ба сари хоки модарам рафтам. Ӯ дар хонаи охиру абадии худ орому хомӯш мехобид. Қабрашро тавоф кардам, аз сураҳои Калом хондам. Санги мазор аз ҷинси мармар буду мураббаи баланд ва дар рӯяш пас аз дуруд ба Худою исми модар бо ҳуруфи зебо ин байти Шайх Саъдӣ низ ҳак шуда буд, ки фикр мекунам, беҳтарин ва муҷазтарин байти шеърӣ дар васфи зан-модар аст:

*Зани хубу фармонбари порсо,*
*Кунад марди дарвешро подшо!*

Валлоҳу аълам бис-савоб.

# ДИЛАМ СӮХТ

Бо баҳонаи ҷашни арӯсӣ бори дигар ҳамсинфон дар деҳа гирдиҳам омадем. Дидорбинӣ чӣ қадр сафо дорад, ба вижа, бо ёрони айёми ҷавонӣ!

Дар дили арӯсӣ ҳамсинфам Суҳроб маро ба канор садо зад. Аз дастам дошта, бо оҳанги узромез гуфт:

– Ҷӯраҷон, агар ёдат ҳаст, понздаҳ сол пеш маро сарзаниш карда, аз дастам сахт нороҳат шуда будӣ. Акнун ба қадри суханҳоят мерасам, шабу рӯз виҷдонам азоб медиҳад.

Оре, Суҳробро маломат карданам ҳанӯз ҳам чун оина дар ёдам ҳаст. Он замон бо дидани зодномаи фарзандонаш пеши чашмонам сиёҳӣ зада буд. Ӯ миллати ҳар ду писар ва духтарашро дар зоднома бо номи миллати бегона нависонда буд. Дар сурате ки Суҳробро аҷдодаш, падару модараш, худашу хонумаш – ҳама тоҷиканд ва ба тоҷикӣ хонда бузург шудаанд. Ҳамсинфам ба эроди ман бо писханд ҷавоб дода буд: «Мехоҳам фарзандонам дар ҷомеа мақоми худро ёбанд, агар ба курсӣ нишинанд аз тоҷик будани худ шарм накунанд…»

Он замон, ба назарам, як шиносамро гум мекардам ва ҷамъияти тоҷикон ба се нафар кам мешуд…

Суҳроб ба суханаш идома дод:

– Акнун фаҳмидам, ки агар дар худи бача ақлу фаросат набошад, аз миллаташро дигар кардан суде набудааст. Писарону духтарони шумоҳо ҳама соҳиби касбу кор ҳастанд, мақом ҳам доранд, иззат ҳам… – Суҳроб хомӯш шуд. Рӯмолчаашро аз рӯйи чашмонаш кашид, ҳис кардам гиряаш меояд. Бо овози хаста каломашро дунбол кард: – Вале писарони ман, бо вуҷуди «ғайритоҷик» шуданашон, ба ҷое нарасиданд… Ҳар ду аз дасти бекорӣ овораанд, се сол аст, ки мардикорӣ мекунанд, аз рӯйи шунидам, ғуломи дари кадом қазоқе будаанд…

Ба ҳоли ҳамсинфам дилам сӯхт.

## ТАРОНАИ ИШҚИ НУҲУФТА

Ман туро дар хаёлҳои бесару нӯки худ ҷустуҷӯ кардам. Туро гоҳу бегоҳ андаруни навозишҳои боди сабо ҷустуҷӯ кардам. Ҳамасола бо расидани фасли баҳор туро дар доманакӯҳҳои лолапӯши Феҷак, ғарқу мадҳуш дар миёни гулзори муаттари Доничак ҷустуҷӯ кардам. Оре, ҳар лаҳзаву ҳар дам дар моварои хаёлоти беохири худ чашмони пурхумору лабҳои гулгуну чеҳраи гандумгуни хандони туро ҷустуҷӯ кардам...

Ман туро дӯст медорам. Аз таҳи дил, бо тамоми вуҷуд туро дӯст медорам, зеро ҳанӯз дар кӯдакӣ меҳри ширини ту меҳркадаи ҷони маро гарм кардааст, суханҳои сеҳрангезат пардаҳои хаёли маро навозиш додааст ва гармии дастони нозуку нарми туро то ба ҳол дар лабалои тору пуди вуҷудам ҳис мекунам...

Аммо, аҳёнан танам сард мешавад, аз ту дилам мемонад. Вақте ки ба ёдам мерасад, ту дар ҷавонӣ маро гузошта ба оғӯши бегонае сар паноҳ бурдӣ, ҷону ҷигарам дармегирад, аз оташи рашк мисли мори ба алов афтида дар худ мепечам. Бо нафрати беҳадду канор ба ту лаънат мехонам ва хаёлан ҷисму ҷони туро дар васати панҷаю ангуштони оҳаншуда мефишораму ғиҷим мекунам. Ман туро бад мебинам, шаклу сумоти туро чашми дидан надорам!..

Эҳ ҷонам, чӣ кор кунам? Чӣ гуна бо ту канор оям? На бо ту ҳастам, на бе ту, на туро метавонам аз ёду хотирам зудуда партоям, на бо ту метавонам дарди дил кунаму хумори дил барорам...

Боре ба арӯсии писари тағоям рафтам. Аз рӯйи одат, мехостам дастҳоямро бишӯям, аммо ҳамон лаҳза хидматкори обрез набуд. Ғайричашмдошт, ту дар наздам пайдо шудӣ ва бо чеҳраи пуртабассум ба дастонам об рехтӣ ва сачоқро дароз кардӣ. Баъд аз сӣ соли дуриҳо ту бо муҳаббати хосса ба ман эҳтиром гузоштӣ, як дам аз илтифотат обу адо шудам. Бале, дар он ҷашн ту ҳам будӣ, чеҳраи латифи ту гӯиё мисли хуршед нур мепа-

роканд. Вақте ки чашмони оҳуият ба ман уфтод, худат нафаҳмида, бехаёл аз миёни занон берун омадӣ ва ба дасти ман об рехтӣ...

Деҳаи мо он қадар бузург нест, ҳама якдигарро мешиносанд. Натанҳо мешиносанд, ҳатто хабар доранд, ки ҳар як пир ё ҷавон чӣ шуғле дорад, чӣ гуна муомила бо дигарон дорад. Аз ин хотир, меҳру алоқаи мо низ пинҳон намондааст ва ба хотири орият, набояд касе моро якҷо бубинад. Мо оилаи ҷудо дорем, хатти сарнавиштамон мутафовит аст. Ту ин маъниро хуб дарк мекунӣ ва ҳар гоҳ бо ман рӯ ба рӯ шавӣ, мисли ғурми таннози кӯҳӣ рамида, худро гирифта мегурезӣ. Ту дар оғоз гурезпо набудӣ, аммо пас аз бадқавлии худ гурезпо шудӣ. Ман бояд туро ба ҳоли худ гузорам... Чӣ кор кунам, ин аз дастам намеояд, наметавонам қалби тилкапораи хешро ба ҳоли худ гузорам. Ман колбаде ҳастам бо дили хаста, бо рӯҳи аз ҷо раҳида...

Чӣ тазоде?! Ман туро дӯст медорам ё на?...

## СӮГВОРӢ

Мошини чоп зуза мекашад... Танҳо ҳамин нола ҳосили муҳаббатест, ки бо фурӯ омадани ангуштони нозук ба сари сию ду муҳра аз худ хабар медиҳад ва дар поён аз даҳонаи мошини чоп баргҳои пур аз рангу шираи дилосо берун мерезад...

Мавҷи ишқ аз дили ноором туғён мекунад ва субҳу шом, ҳар рӯзу ҳама рӯз дар тӯли бист соли ҷудоӣ аз ҳамрозу ҳамнишини ғамхор, баргҳои хотира тар ва косаи сабру таҳаммул пур аз оби дида мегардад.

Муҳаббат сафо дорад, пайғом аз садоқат дорад, ба хотири дидор дар қиёмат бо рӯйи сурх, талоши ҳастӣ мекунад ва дар ин хатти сарнавишт дурдонаҳое ба ёдгор гузоштааст пас аз сари ошиқаш: «Зангӯла», «Саховат», «Чароғи сухан», «Ширу шакар»...

Модари меҳрабону ҷонгудоз, олиҳаи меҳру дилдодаи заҳмат бо ранҷҳои фаровону дасттанҳо бист соли тамом меваҳои дарахти зиндагӣ – Баҳодуру Ҷаҳонгир, Нигинаю Фирӯзу Фирдавсро дар бағал гирифта бузург мекунад, дарси ҳаёт медиҳад ва пайваста сухани саробони ҷавонмарги худро вирди забон мехонад:

*Кош рӯзи вопасин ман пеши поят ҷон диҳам,*
*Ё бароят ҷон диҳам, ё ки ба ҷоят ҷон диҳам...*

Кимёи азиз мо, он кимёгари сеҳрофаре, ки иксири зузаву ишқу муҳаббат ва меҳри инсониро ҳадя кунад, дигар дар миёни мо нест, дилҳоро ғарқи хуни ҳасрату дарду надомат карду рафт...

Дигар, дасти дуо боло кунем:

Худованди мутаол руҳи покашро бо суруши Фотимаи Заҳро маҳшур намояд ва ба бозмондагон сабри ҷазил иноят фармояд.

*12.11.2020*

## ТАВАЛЛОИ МАРД

Укроин бароям ватани дуюм аст. Гарчи як гӯшаи қалбам пайваста бо ёди Эҷу кӯҳистони Нурато мезанад, Укроину Херсони он бароям маҳбубу дӯстдоштанист.

Аз рӯзе, ки ба Укроин қадам ниҳодаам, дар назарам он кишвар бо осмони обии бепоёни худ ҳамчун маҳди инсонҳои хушфикр таҷассум ёфтааст. Ҳеч ба хаёлам наомада, ки рӯзе ин осмони пок олуда ва мардуми хушзеҳни гирду барам гирифтор ва ба як тикка нону ба як фурсати осуда зор мешаванд...

Ман пас аз хатми омӯзишгоҳи хоҷагии қишлоқ дар Ленинобод (Хуҷанди имрӯза) ба сарбозӣ ба Укроин рафтам. Он замон нуздаҳсола будам. Рафтанам аз диёр ҳамон буду дигар барнагаштам. Яъне барои иқомати доимӣ пас наомадам. Аз ҳама бештар модари азизам ҳар бори дидан ашк мерехту илтиҷо мекард, ки ба оғӯшаш баргардам ва бародарам Абдусалими омӯзгор низ ду поро дар як мӯза карда,

маро дар деҳа нигаҳ доштанӣ мешуд. Мани якрав бошам, ба ҳарфи касе гӯш наандохтам ва тамоми муҳаббатҳоямро ба зодгоҳам лоя-лоя дар зери қалб таҳ карда, роҳи диёри дувумамро пеш мегирифтам.

Пас аз сарбозӣ ба факултаи агрономии Донишкадаи кишоварзии Херсон дохил шудам. Бо дарёфти дипломи муҳандиси кишоварзӣ хеле орзу доштам дар ноҳияҳои атрофи шаҳр машғул ба кор шавам, вале духтари дӯстдоштаам Людмила нагузошт. Бо ҳам издивоҷ кардему дар шаҳр мондем ва аз он пас ман куллан херсонӣ шудам. Хонаю дар, боғе калон бунёд кардем, оила сохтем. Дере нагузашта нахустин меваи ҳаётамон ба бор омад – Лола таваллуд шуд. Ва дертар боғи ишқам гули тозае ба армуғон овард – Татянаи хушлиқои малламӯям файзи оилаамро афзун намуд.

Ману азизонам зиндагии орому осуда ба сар мебурдем. Ба чизе дасткӯтаҳӣ надоштем. Бо гузашти айём дӯстони зиёде пайдо кардам, ҳамсоягон ҳама ҷони одам буданд. Ман кор мекардаму пул меовардам, боғи бунёдкардаам низ манбаи хуби даромад барои зиндагиамон буд. Ҳарчи аз хӯрдамон мемонд ба бозор мебаровардем. Чунончи, он солҳо танҳо аз ҳосили чаҳор бех чормағзи боғам як мошини сабукрав харида будем…

Сад афсус, он ҳама роҳату фароғат бароям дер напоид. Парвардигор ба сарам то ҳадде сахтиву азобҳоро овард, ки чандин бор хостам ҳама чизро ҷамъ кунаму ба зодгоҳам баргардам. Аввал ҳамсари меҳрубонам Люда, аз пайи ӯ духтари баҳортабиатам Лола мубтало ба маризӣ шуда, ин дунёи равшанро тарк карданд. Замину осмон ба назарам сиёҳ намуд, ҷомаи сиёҳ ба бар кардаму тоқӣ ба сар. Он рӯзҳои мотамдорӣ танҳо духтари хурдиам такягоҳи ман буд ва танҳо ба хотири ӯ алоқа ба зиндагӣ доштам. Ҳарчанд бо ӯ шуълаи умед дар қалбам зинда буд, бо мурури вақт ва бо фаро расидани синни издивоҷ дубора ба гӯшаи танҳоӣ уфтодам. Натавонистам духтари нозпарвардамро дар наздам нигаҳ дорам.

Таняи «калоншуда» низ маро дар Херсон гузошту худ бо шавҳараш ба Амрико рафт. Ӯро, ба хусус, набераи ширинакам Салимаро, ки номашро ба хотири доиман дар ёд доштани додарам Абдусалим гузошта будам, пазмон мешавам.

Бо вуҷуди ин ҳама сарнавишти талх, ман дар Украин мондам. Гарчи танҳоӣ вуҷудамро чун харзаҳра заъфу нотавон мекард, ба суроғи таҳаммул рафтам. Ба ин иродаю суботи ман баъзе ошноёни дерин ва ҳамсоягони ҳалиму меҳрабон ҳамдастӣ шуданд. Ранҷи бе ёру ҳамдам буданро бо шатранҷбозиҳои муттасил, бо шуғли кишоварзию боғдорӣ ҷуброн мекардам.

Рӯзҳою моҳҳою солҳо гузашту ин бор шарафи украинӣ будан ҳам барои мондагор шудан кифоят накард. Дуди сиёҳи нифоқ фарози кишвари азизамро фаро гирифт. Нобаҳангом набарду даргириҳои ҷонсӯз ҳама чизу ҳама ҷову ҳама касро муталошӣ сохт. Боми хонаҳо фурӯ рехт, боғу бӯстонҳо сӯхта хокистар шуд, дӯсту ошноён пароканда ва сабру таҳаммул аз даст рафт! Мани ҳайрону музтариб ҷуз фирор чорае надоштам. Ҳар чӣ дар каф буд раҳо кардам, буду набудамро ба ихтиёри Худо гузошта, сар гирифтам ба ватани бобоӣ.

Инак, дар пиронсолӣ маро мардуми кӯҳистониам, деҳаи биҳиштосои Эҷам, бародарону додарони ғамхору мунисам ба оғӯш гирифтаанд. Феълан бо оби Дарифеҷаку Мурғобак шикам сер мекунаму дасту рӯ мешӯям, зуд-зуд ба тавофи қабри модараму гузаштагонам меравам, сари роҳат бар остонаи падарӣ мегузорам. Бо ин ҳол, дилам боз ҳам ба Украин кашол аст. Бо тамоми вуҷуд дуо мекунам: «Эй Парвардигор, худат бузургиву тавоно! Дасти ҷангараҳоро кӯтоҳ бикун, сари кинагарию душманиро бишкан, азизону заминҳои дӯстдоштаи моро дар паноҳат нигаҳ дор! Ин фақир Абдулаҳади Ғафур, ки бандаи Худои якто ва ягона ҳастам, ба ростӣ шакебоиро пеша кардаам, маро дар ин дунёи равшан муҳтоҷ нагардон!»

*17.08.2022*

# ЭҲСОНИ ЯК ГИРЯ

***(Он рӯз барои нахустин бор дар зиндагиам аз пулиси роҳ хушам омаду барояш изҳори сипос намудам)***

Субҳи зуд баланд шудаму арӯси хонаамро, ки барои дидорбинии падару модараш роҳи сафар пеш гирифта буд, бо мошинам ба истгоҳи роҳи оҳан овардам. Дар бағали терминали қатор дидаам ба мошинработе уфтод, ки дар он автобусу худравҳои саворӣ меистоданд. Ҷойи хилвату амн пиндошта, ҳамоно фармонро ба он сӯ печ додам. Ҳамин печ доданам буд, ки аз садои ҳуштаки нозири роҳ як қад паридам. Даст ба канори сар ниҳода худро шиносонд:

– Фалонӣ писари Фалонӣ ҳастам, ҳуҷҷат!

– Оббо, ворид шудан мамнуъ буд? – асли қазияро дарк карда пурсидам мани мутаҳаййиҷ.

– Бале, бародар, «хишт»-ро зер карда гузаштед.

– Ба Худо, надидам, як бор гузашт кунед, дигар такрор намешавад, – асноди худраврo ба дасташ дода гуфтам ман, – ин ҷо ҳам барои чойи саҳарӣ…

– Бародар, аз гузашт ҳарфе нест, бубинед аз ду гӯша дидгар гузоштаанд, – арз кард нозир ва каме ба сарусуратам зеҳн монда афзуд: – Мебинам зиёӣ ҳастед, аҳли фаҳм, вале чойи саҳариро дафъаи дигар мехӯрем.

– Одам аз ризқи саҳарӣ намегардад…

– Ризқи моро Худо медиҳад. Чун ҳамсинну соли падарам менамоед, ҷаримаи сабуктаре бароятон менависам, ба ҷойи пули се моҳонаи камтарин танҳо дуторо пардохт мекунед.

– Додарҷон, ту низ аз аҳли фаҳм будаӣ, намешавад ба хотири ҳамин ожангҳои пешониам, ҳадди ақал як моҳона кунӣ?

Чеҳраи норизои нозир дасташро ба суратбарги ҷарима бурд. Дар ҳамин лаҳза дари мошинам боз шуду садои гиряи набераам баланд шуд ва арӯсам илтиҷоомез пурсид:

– Амакҷон, намеравем?

Мани парешонҳол ҳанӯз чизе нагуфта, нозири роҳ баргашту ҳуҷҷатҳоро ба дастам пас дод ва амри ширин кард:

– Сафаратон ба хайр, бародар, дигар ба «хишт» эҳтиром гузоред!

– Ташаккур, агар рост омад ҷонам садқаи сад хишт шавад! – бо нигоҳи сипосманд дур шудам аз ӯ ва ба мошин баргашта, аввал набераи ба ханда(!) омадаамро бӯсаборон кардам ва ӯро ҳамроҳи арӯси зарангам ба истгоҳи қатор бурдам...

## МАСАЛИ ҒИРРОМӢ

Шояд бовар накунед, аммо ман чунин харонро дидаам: яке бурут дошту дигаре буд тос!

Хари бурутдор бо фуки худ чеҳраи моҳро мехарошид ва аз ниҳояти гарданкулуфтӣ теғи табар ба ӯ корагар набуд. Аз ҷонваре хушаш намеомад, ба ҷуз як ҳамзоти худманиш, ки тоссар буду қадкӯтоҳ, вале хеле ҳангӣ. Аз ин ҳангӣ барои худ устоди беҳамтое дуруст карда буд, вайро чаҳор бор қат шуда «бузургвор» мехонд ва қадаме фаротар бидуни маслиҳату фармудаҳои ӯ намегузошт.

Қазоро, хари бурутӣ ба маснаде нишаст ва бо мансаби нав ба як пойгаи сартосарӣ раҳбарӣ мекард, ки дар кишвараш соле як-ду бор доир мегардид. Аз ин пойга дар ҳар мавсим даромаде ҳангуфт ба хӯрҷинаш мерехт. Албатта, роҳандозии кори пойга ба уҳдаи ӯ буд, вале барои амалҳои хуфиёна ва дарёфти суди бисёр ақлаш намерасид, аз ин рӯ, дар ин гуна мавридҳо аз «бузургвор» ёрӣ меҷуст.

Ҳар гоҳ кишвардор барои пойга маблағу ҳадяҳо ихтисос медод, фуки баланди хари дастбакор дар осмони кишвар бо ахтарон лаббӯсӣ мекард. Ӯ бо ғурур, гӯё шоҳи давру замон аст, пойгатозони ғолиби устонҳоро номнавис ва рӯзи оғози сабқатро эълом мекард. Қабл аз он

ки ба марҳилаи аслӣ иқдом кунад, дартоз меомад пеши «бузургвор». Тибқи маъмул, ҳангии оқил роҳи кор нишон медод ва дар байни онҳо ин муколама сурат мегирифт: «Бубин, бурутӣ, дар миёни ин давоздаҳ минтақа ду устон муътабар аст: яке он ҷо, ки зодгоҳи банда аст, дигар бахше, ки дар он ту ба дунё омадаӣ». «Мефаҳмам, бузургвор! Гуфтанӣ ҳастед, мақомҳои аввалу дувум ҳатман бояд насиби ин ду устон гардад, чаро ки ҳам ҷоизаи олӣ пеши мо монад, ҳам ришва бо суҳулат ба даст ояд ва ҳам шуҳратамон дар байни мардум доман афрозад». Ва, «бузургвор» тарҳи масири пойгатозиро мекашид, роҳҳои рустӣ нишон медод, сирри пирӯзиро меомӯзонд… Бешак, ӯ хеле заранг ҳам буд, мегуфт: «Бигузор, ҳама даҳтои дигар бо роҳи морпечи аслӣ пойга битозанд, мақоми севум ҳалоли барандааш бод!»

Ин нақшаю амалкардҳои пинҳонӣ буд, ки ҳар сол хари бурутдори фукдаросмон бо устодаш равған мелесид, хӯрҷинашро бар ивази пулу ҷоизаҳои давлатӣ аз ришва пур мекард ва ҳар сол ҳам ҳамшаҳриёни ваю бузургвори носеҳаш барандаи пойга мешуданд ва… бечораҳои бехабар аз ҳилаю тазвири маснаддорони «доною кордон» бо навбат ба ҷойи сеюм иктифо намуда, боқимонда бо сари хам, малулу озурда ба устону шаҳрҳои худ бармегаштанд…

Имсол ҳам чунин карданд, пойга то поён тибқи нақшаи он ду сар хари «зирак» сурат гирифт, вале…

Кишвардори нав ба пирӯзии ҳарсолаи ҳамшаҳриёни хари маснаддор ва «бузургвор»-и ӯ шак бурд. Аз ин хотир, пинҳонӣ пушти сарашон ҷосус гузошт ва дастур дод, ки ҳар як кору шинухези онҳоро ба навор гирад. Дар дақиқаи сад, ҳамон лаҳзае, ки ҳамшаҳриҳои «пирӯз» қарор буд ҷоизаро дарёфт намоянд, бо дастури кишвардор филми аъмоли хуфиёна намоиш дода шуд. Он намоиш буду замин натаракид, ки хари бурутии гарданкулуфт фуки болои худро пинҳон кунад! Хари тос бошад, яке ҷуфтак заду лагади муҳкаме ба гардани шогирди

ношуд фуровард ва бехаёл роҳи фирорро пеш гирифт. Аммо фирор куҷо?! Ҳанӯз аз остонаи ҳавлии арк берун нарафта, ҳар ду аз сӯйи неруҳои кишварӣ дастгир ва ба гарданҳояшон қилода андохта шуд…

Хари бурутдору «бузургвор»-и тоссараш шуҳрату орзуҳои хабиси худро ба сиёҳчол бурданд ва кишвардор бо садои баланд эълон кард:

– Иншоаллоҳ, аз соли дигар ғирромӣ намешавад, пойгаи софу орӣ аз фиреб баргузор хоҳад шуд!

Дунё ба умед.

## АЗ КӮЛБОРИ ДАРВЕШ

### (силсилаҳикоёти кӯтоҳ)

Шогирд дафтари дарсро боз карду ба Дарвеш рӯ овард:

– Устод, муаллими адабиёт ба мо фармуданд, ки хар, шайтон ва хукро тавсиф кунем…

Дарвеш бо тааммул гуфт:

– Дар ин хусус се ҷумла мегӯям ва ту дар атрофи гуфтаҳои ман бичарх:

«Марде, ки ба рухсори зани худ мушт мефурорад, хар аст».

«Зане, ки пушти сари шавҳари худ ғайбат ва бадгӯйӣ мекунад, шайтон аст».

«Фарзанде, ки дар пиронсолӣ дасти падару модарашро намегирад, хук аст».

Шогирд хурсанд шуд ва бо диду дарки худ шуруъ кард ба шарҳи суханҳои устод.

* * *

Реҳлати модар барои ҳар кас гарон меуфтад. Ошнои дерини Дарвеш, ки дар шаҳр зиндагӣ мекард, ҳар гоҳи суҳбатҳои телефонӣ бо ҳасрат мегуфт: «Модарам биҳиштӣ буд… Хеле ёд мекунам… Ҷояш доиман холист…»

Имрӯз Дарвеш ба дидорбинии фарзандонаш ба шаҳр омаду хост ошнояшро низ дида, ҳолу аҳвол пурсида равад. Чун дарвозаи ӯро кӯфт, писараки гандумгуни мӯҷингилаи ошно лингаи хурди дарвозаро боз кард:

– Салом, келинг бобо, – ба маҳзи дидан гуфт писарак.

– Додоят дар хона аст?

– Қабристонга кетган, анча вақт бӯлди, энди келса керак.

Дарвеш як даст ба дӯши писарак гузошта, ба дохил қадам ниҳод. Роҳравон гуфт:

– Ин хел бошад, то омадани додоят камтар суҳбат карда менишинем.

– Хӯп бӯлади.

– Номат чӣ буд?

– Менинг исмим Сашка.

– Э, ин чӣ хел ном шуд?

Писарак хандиду посух дод:

– Уйда шу ном билан чақирадилар.

«Ҳм-м...», ба андеша рафт Дарвеш ва беихтиёр пурсид:

– Шеър медонӣ?

Писарак бо завқ ба хондани шеъре пардохт:

*– Шундай қилиб, дӯстларим,*

*Айтсам юрак сӯзларим...*

Ҳамин вақт аз дарвоза худи ошнои Дарвеш даромада омад. Ӯ рафиқи худро дида хурсанд шуд ва бо ҳамон оҳанги таассуфомези шинос гуфт:

– Ба зиёрати гӯри модарам рафта будам, дуою фотиҳа хонда баргаштам...

Инҷо шишаи сабри Дарвеш шикаст. Рост ба чашмони ошнояш нигоҳ карда, ба ҷойи ҳамдардӣ бо лаҳни тунд гуфт:

– Рафиқ, агар хоҳӣ руҳи модарат шод бошад, ба фарзандат забони модарӣ ёд деҳ!

* * *

Боре Дарвеш дар яке аз рӯзҳои наврӯзӣ бо дӯстонаш ба табиат баромад. Ҳама канори чашма, бар рӯйи сабзазори навруста гирди ҳам нишаста, дами фароғат мезананд. Ғайриихтиёр, Дарвеш ба атроф чашм дӯхта, ба олами андеша фурӯ рафт. Пурсиданд:

– Чӣ хабар, устод, ин тафаккуру тааллум аз чист?

Дарвеш аз доманаҳои кӯҳӣ чашм наканда гуфт:

– Мои тоҷик ба андозаи ҳамин сабзазор худогоҳӣ надорем! Бубинед, ин сабзаҳо ҳар сол бештар реша зада, паҳнои густурдатарро фаро мегиранд, мо бошем... ҳарчи беш ба асли насл теша мезанему аз вусъати буда мекоҳему мекоҳем...

* * *

Дарвеш забонгумкардаҳоеро дар атрофи худ дидадида, билохира, ба хашм омад ва ғазабнок гуфт:

– Инҳо яқинан чун санги беҷону яхи сарданд ва ё ба мисли хари масте ҳастанд, ки бешуурона аз пайи модиён давад...

* * *

Дарвеш аз ҳаҷ баргашт. Пурсиданд:

– Аз Байтуллоҳ чӣ хабар?

Гуфт:

– Офаридгор фармуд, аз маҳалли сарзаминҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон бояд кишваре ба номи Варорӯд сохт. Халқҳои тоҷику ӯзбек сазовори як мамлакати дузабонаанд.

Ба шигифт омада пурсиданд:

– Ҳадаф аз ин амр чӣ аст?

Посух дод:

– Бо ҳам омадани тоҷику ӯзбек ба таҳқири ҳамдигарӣ завол мебахшад ва пояи давлати муқтадире хоҳад гардид, ки касеву дастгоҳе ба он дастдарозӣ нахоҳад кард!

* * *

Ман ба маъракаи устодам Ҳоҷӣ Дарвеш рафтам, рафиқам ба юбилейи Даҳрӣ. Дар бозгашт бо ҳам вохӯрдем. Рафиқам махмур буду мекалавид, чашмонаш сурху гирди лабонаш кафолуд. Даҳон каҷ карда, абрӯйи росташро ба боло кашида, бо садои хирросӣ пурсид:

– Ҳоҷӣ арақ дод?

Ман ҳайратзада гуфтам:

– Ё алҳазар, магар дар маъракаи эҳсон арақ медиҳанд? Албатта, не!

– Марг ба он Ҳоҷӣ, – маро бештар дар шигифт монда афзуд рафиқам. – Аз Даҳрӣ ёд гирад, чӣ хел ба халқ нон бояд дод!

* * *

Дарвеш лаб-лаби рӯди об ба боло мерафт, ки дар васати боғе чашмаш ба ҷамъе уфтод. Беихтиёр пушти дарахти бед қомат рост кард ва мутаваҷҷеҳи он ҷамъ шуд.

«Юбилей» дар авҷ. Як тӯда марди пиру миёнсол ширакайфу беғам, аз лабу даҳон каф пошида хушҳолӣ мекунанд. Зери оҳанги шод чанд нафар арғушт мераванд, ба ҳар навъ дасту по меафшонанд. Рақсу бозӣ фаротар аз ҳунари инсонӣ (гӯё дар сурати шайтонҳои чобуку чолок) идома дорад…

Аз миёни тӯда пирамарди зиёфат пӯзаи майолудашро мис кардаву молида «тост» мегӯяд, бо димоғи боло, ҳамчун носеҳи замон:

– Рафиқон! Як қисми одамҳо пул ҷамъ карда юбилей медиҳанд ва қисме дигар мераванд ба ҳаҷ. Бе шак, аз ҳаҷ дида юбилей маъқултар аст. Чаро ки дар юбилей халқаш мехӯрад, менӯшад, шодмонӣ мекунад. Ба ҳаҷ рафтаҳо бошанд, бо худашон мебаранд, ва агар маърака ҳам диҳанд, аз он ҳеч кайфу сафое нест. Имрӯзҳо сари ҳар қадам ҳоҷӣ! Худо медонад, аз дили онҳо чиҳо мегузарад, имоне, одобе доранд ё на…

Бо сухани пирамард ҷомҳо ба ҳам мехӯрад, нисфи маю шароб аз гӯшаи даҳон ба рӯйи чонаҳои каҷукула мешорад.

Дарвеш бо дидани ин ҳол даст ба гиребон бурд, шигифтзада дар худ гуфт: «Аҷаб қиёсе... Юбилей ба ҳаҷ чӣ рабте дорад? Ҳоҷӣ як фаризаи худро анҷом додааст, ту магар қозӣ ҳастӣ, ки аъмоли ӯро қазоват мекунӣ? Чи шаккокие!!»

* * *

Дарвеш ба шогирдони худ нақл мекард:

– Яке аз ошноҳоям барои оростани маъракае омодагӣ медид, мехост бо баҳонаи суннатӣ кардани писараш ба халқ «ош» диҳад. Барои суфраи маъракааш ҳай мекашонд: кило-кило меваҳои тару тоза, шириниҳои ранг ба ранг, нӯшобаю обмеваҳои хел-хел ва... се қассобро оварду як гӯсола, даҳ сар бузу гӯсфандро забҳ кард ва... албатта, танӯркабобу, мурғкабобу моҳии бирёнӣ низ аз феҳрист науфтод.

Гуфтам: «Ин ҳама омодагӣ, магар аз берун ҳам меҳмон меоянд?»

«Не, ҷӯра, фақат ҳамдеҳагон, – сар хорида гуфт ӯ, – лекин намехоҳам ягон каму костӣ шаваду одамон айб кунанд»...

То поёни маъракаи суннатӣ ҳоҷу воҷ мегаштам.

Ниҳоят, ҷашн ҳам гузашт, ҳама ба хонаҳои худ пароканда шуданд. Ман аз паси як гурӯҳ мард дар кӯча мерафтам. Лоҷарам, суханҳои онҳоро мешунидам:

«Аз ин бадтар маъракаро надидаам!» – мегуфт яке.

«Чизе надод, мумсик!» – меафзуд дигаре.

«Рост мегӯед! Шаробу арақ ки надоштаӣ, чаро тӯй медиҳӣ, номард?!» – хулоса мекард савумӣ...

* * *

Шогирд Дарвешро андӯҳгин дида пурсид:

– Устод, чаро ғамгин менамоед? Ё боз ҳам ранҷе ба сари миллат расида?

– Миллати мо ҳамеша дарду ранҷ дорад, азизам, – оҳи амиқ кашид Дарвеш, – медонӣ, ба чӣ монанд шудаем?

Шогирд китф дарҳам кашид, бо таҳайюр суол кард:

– Фикр мекунед ба чӣ?

– Мо мисли картошкаҳое ҳастем, ки аз ҳар сӯ ба ҳамлаи гамбӯсакҳои колорадоӣ рӯ ба рӯ шудаем. Ин гамбӯсакҳои бераҳму шилқин баргу навдаҳоямонро макида хушк карданд, акнун ба ҷисму ҷонамон часпидаанд.

* * *

Шогирдон аз Дарвеш пурсиданд:

– Устод, оё бадтарин рӯзи худро дар ёд доред?

Гуфт:

– Он рӯзе буд, ки намефаҳмидам модарам чӣ мегӯяд.

Шогирдон ба шигифт омаданд.

– Аҷабо?! Магар мумкин аст ҳарфи модарро нафаҳмид?

– Вақте ки ба курсии мансаб нишастам, модарам ба суроғам омад. Маро шоду хуррам ва хушсарувазъ дида гуфт: «Бале, писарам, ман бо ту мефахрам!» Гуфтам: «Мен бор кучим билан элимга хизмат қиламан!» Модарам бо чашмҳои алояш ба ман нигарон монд.

Шогирдон гуфтанд:

– Пас, модар чизе нафаҳмидаст, на шумо.

Дарвеш посух дод:

– На, он рӯз модарам наздиктар омад ва бо нигоҳҳои ҷиддӣ гуфт: «Ман туро намешиносам, бегона шудаӣ». Сипас, пушт дода рафт. Ман бошам, то ҳол дар андешаам: модарам чӣ гуфтан мехост?

* * *

Шогирд малулу дилшикаста ба сухан омад:

– Ба ин авбошон чӣ мегӯед, устод, наход ки ба сари муаллим мушт зананд?!

Дарвеш бо тафаккур гуфт:

– Инҳо мағзи хар хӯрдаанд... Ҳатто ба андозаи гӯшдароз шуур надоранд!

– Ба ростӣ...

Дарвеш афзуд:

– Хар надида линг мепартояд, инҳо дидаю дониста!

* * *

Дарвеш ҳар рӯз, ҳангоми баргаштан аз кор дар сари кӯча бо ӯ рӯ ба рӯ мешуд. Марде буд ҳамсинну соли худаш, вале ба маротиб лоғару чурукида. Ӯ ба маҳзи дидани Дарвеш калавидаю даст афшонда ба сӯяш медавид ва дар ҳоле ки оби даҳонаш даври лабҳояшро ҷило медод, дандонҳои зарди ҳар ҷо – ҳар ҷо кирмхӯрдаашро намоиш дода, бе саломү бе алейк пул талаб мекард. Аксаран намедод, чаро ки намехост бо як финҷон шароб мастии ӯ афзуда ва худ дар гуноҳаш монад. Баъзан чунон мечаспид, ки ҷуз чор-панҷ ҳазор дода раҳо шудан чораи дигар надошт...

Дирӯз дубора бо ӯ пеш омад. Бар хилофи рӯзҳои пешин, ин бор ҳушёр менамуд. Ӯ Дарвешро диду гӯё ки халтаи зар ёфтааст, бо шаст ба сӯяш давид. Дарвеш пурсид:

– Чӣ хабар, бародар?

– Медонӣ, имрӯз таваллуди духтарам аст, мехоҳам барояш як ҳадяи хуб бихарам.

– Хуб, чӣ мушкилӣ дорӣ?

– Аз бозе, ки туро мешиносам, бароят эътимод кардаам, ҳар чӣ фармоӣ ҳамонро мекунам!

Дарвеш дар дил хурсанд шуд. Аз эътимоди ӯ болида, даст рӯйи шонааш гузошт ва гуфт:

– Ту ин дам бо ҳамин ҳушёрӣ ба хонаат рав. Сари ҳол будани ту беҳтарин ҳадя барои духтарат аст!

*Аз май ҳазар кунед, ки ин душмани ҳаё,*
*Коре, ки аз адаб натавон кард, мекунад.*

*(Бедил)*

* * *

Шогирдон аз Дарвеш пурсиданд:

– Кадоме аз мушоҳидаҳоятон ба руҳияти шумо бештар таъсиргузор буда?

Дарвеш посух дод:

– Мардаке дар ҳамсоягӣ доштам, худхоҳу якрав ва бадхӯ. Дар ниҳоят, вай ба роҳи каҷ рафт ва бо пойи худ ба гандоб уфтод. Дигар, роҳи бозгашт наёфта гандиду мурд.

* * *

Дар ҳини суҳбати чортанг яке аз дӯстони Дарвеш гуфт:

– Гоҳе касонеро, ба хусус, занонеро мебинем, ки на аз сидқ, балки барои худнамоӣ ба умраву ҳаҷ мераванд. Онҳо ин «фариза»-и худро ошкоро аз пули дигарон ва бе он ки ба норасоии аҳли байту бечорагии фарзандони худ таваҷҷуҳ кунанд, анҷом медиҳанд…

Дарвеш бо андеша илова кард:

– Бешак, аъмоли бандагонаш ба Худованд аён аст, Вай гуноҳу савоби ин зумра «ҳоҷиён»-ро муқаррар менамояд. Аммо, дер нашуда, мебояд ба пештоқи дари ин гуна ҳоҷиҳо байти зерини Шайх Саъдиро навишта кард:

*Хари Исо гараш ба Макка баранд,*
*Чун биёяд ҳанӯз хар бошад!*

* * *

Аз пандҳои Дарвеш:

«Ман Ӯро надидаам, намешиносам, аммо шабу рӯз бо ёди Ӯ ҳастам. Ӯ бошад, маро мебинад, комилан мешиносад ва ҳар гоҳ амале беҷо ё гуноҳе аз ман содир шавад, аз гӯшҳоям гирифта чунон ба замин мезанад, ки чашмонам мош барин ҷаҳида мебарояд. Ӯро кам нагиред!».

* * *

«Ҳар маъракае, ки дар он арақу шароб диҳанд, орӣ аз фазилати эҳсон аст. Соҳибхон бо додани машруботи алкулӣ савоби корҳои хайри худро ба ҳеч мебарад ва ҳамроҳ бо шаробхорон муртакиби гуноҳи кабира мешавад».

# МУНДАРИҶА

## ҚИССАҲО

Қиссаи ҳоҷӣ....................4
Армон .................... 131

## ҲИКОЯҲО

Вафодор.................... 198
«Ба ман гап мерасад».................... 204
Кори савоб.................... 213
Якрав .................... 220
«Бозиҳои зиндагӣ».................... 246
Ҳамолияк.................... 260
«Маза»-и шароб .................... 267
Сирқату зиллат .................... 269
Хунбаҳо.................... 272
Чашмикордон .................... 275

## НОВЕЛЛАҲО

Орзуҳои нимароҳ.................... 284
Нони башир.................... 295

## ЛАВҲАЮ ҚАЛАМИҲОИ КӮТОҲ

Писарам, шикамат сер аст?.................... 299
Модарамро дигар наёфтам .................... 302
Дилам сӯхт.................... 305
Таронаи ишқи нуҳуфта .................... 306
Сӯгворӣ.................... 307
Таваллои мард .................... 308
Эҳсони як гиря .................... 311
Масали ғирромӣ.................... 312
Аз кӯлбори Дарвеш .................... 314

*Бадиий нашр*

Юнуси Имомназар

# Марзи умед

## *(Умид-истак сарҳади)*

Муҳаррир: **Н.Чориев**

Дизайнер: **В.Бурцев**

Техник муҳаррир: **Ф.Азизов**

Рассом: **К.Ҳамидуллоев**

“Muharrir nashriyoti”

8909

Теришга 2023 йил 13 декабрда берилди.
Босишга 2024 йил 16 февралда рухсат этилди.
Бичими: 84x108 1/32 “PT Serif” гарнитурасида
офсет босма усулида офсет қоғозида босилди.
10,2 шарт. б.т. 16,5 ҳисоб нашр. таб.
Адади 500 нусха. 15-сон буюртма.

“Муҳаррир нашриёти” матбаа бўлимида чоп этилди.
100011, Тошкент шаҳри, Чилонзор тумани, 20А-мавзеи,
Сўғалли ота кўчаси, 5-уй. E-mail: muharrir@list.ru